**Ҳайтаи тахририяи**
**маҷаллаи академии илмию оммавии**
**«Илм ва Ҷомеа»**

1. Ҳафиз Бобоёров – сармуҳаррир
2. Фирдавс Ниёзӣ – котиби масъул

**Ҳайати мушовараи**
**маҷаллаи академии илмию оммавии**
**«Илм ва Ҷомеа»**

1. Фарҳод Раҳимӣ
2. Абдуҷаббор Раҳмонзода
3. Акбари Турсон (сармушовири илмӣ)
4. Талбак Назаров
5. Мӯсо Диноршоев
6. Кароматулло Олимов
7. Саидмуҳаммад Одинаев
8. Муҳиба Яқубова
9. Саидмурод Фаттоев
10. Собит Неъматуллоев
11. Пӯлод Бобоҷонов

**ФЕҲРИСТИ**
**ШУМОРАИ 1-И МАҶАЛЛАИ «ИЛМ ВА ҶОМЕА»**


**ТАБРИКНОМАИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БА МУНОСИБАТИ НАШРИ МАҶАЛЛАИ АКАДЕМИИ ИЛМИЮ ОММАВИИ "ИЛМ ВА ҶОМЕА" ................4**

**ИЛМ ВА ЗАМОН ................................................................6**

Абдуҷаббор РАҲМОНЗОДА. Илм ва нақши он дар ҳаёти ҷамъият..........6

Саймумин ЯТИМОВ. Шуури ҷамъиятӣ ва амнияти ҷамъиятӣ *(Шуури муқаррарӣ)*..........8

Нуриддин САИД, Мумин НАЗАРОВ. Мақоми мафкураи миллӣ дар ҷомеа..........18

**ОЯНДАШИНОСИИ РАВАНДҲО ВА ХАТАРҲОИ ҶАҲОНИ МУОСИР**..........26

Акбари ТУРСОН. Мисли ойина машав маҳви ҷамоли дигарон... (Андар суду зиёни ҷаҳонисозӣ)..........26

Ҳафиз БОБОЁРОВ. Алтернативаҳо ва моделҳои рушди ҷомеаи инсонӣ дар ойинаи футурология (ояндангарии илмӣ)..........35

Меҳр СОБИРИЁН. Шаҳри илму хирад..........55

Оқибатҳои тағйироти иқлим..........59

Дастрасӣ ба неруи барқ бо истифода аз энергияи барқароршаванда..........61

Маҳмадшо ИЛОЛОВ, Раъно БУХАРИЗОДА. Научное сотрудничество ученых Таджикистана и Китайской Народной Республики в области возобновляемой энергетики..........63

**ҶАҲОН АЗ НИГОҲИ ДИГАР ................................................67**

Гуфтугӯ перомуни мақом ва нуфузи фалсафа дар аҳди Шӯравӣ..........67

**МАОРИФПАРВАРӢ ВА ҶАҲОНБИНИИ АЛТЕРНАТИВӢ..........................80**

Комил БЕКЗОДА. Бозгашти Ҷамшед..........80

Нуриддин ШАҲОБИДДИНОВ. Инсон ва иродаи озод дар «Авасто»..........84

Шодӣ АТОЙ. Ғаззолӣ, Ғаззолигароӣ ваояндаи мо..........90

Исомиддин ШАРИФЗОДА. Чаро хурофазадаем?..........98

Нозим НУРОВ. Бегонашавӣ ва фарҳанги миллӣ..........102

Фирдавс НИЁЗӢ. Баҳси забони тоҷикӣ дар шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ..........108

Номвар ҚУРБОНОВ. Ташаккули маорифпарварӣ ва равшанфикрии Аврупо..........114

Эдвард ВИЛСОН. Сохтор ва моҳияти динҳо..........120

Масъуди МИРШОҲӢ. Тоҷикони хурофотӣ ва эрониёни фарҳангӣ (Мусоҳиба бо ҳафтономаи "Тоҷикистон") .......... 121

Ҳушанг МУИНЗОДА. Таърифи Худо (Порае аз китоби «Васиятномаи Худо») .......... 126

**МАОРИФ ВА РУШДИ ИНСОН** .......... 133

Равоншиносии маориф чист? .......... 133

Зарурати таълими фалсафа дар мактабҳои миёна .......... 135

Ислоҳоти маориф дар Финландия .......... 136

**ДАСТОВАРДҲОИ ИЛМУ ТЕХНИКАИ МУОСИР .......... 138**

Шигифтиҳои сайёраи Уран .......... 138

Нишонаҳои зиндагӣ дар Кайҳон .......... 138

Кашфи молекулаҳои мураккаби органикӣ берун аз сайёраи Замин .......... 139

**БОЗЁФТҲОИ ҶАВОНОН .......... 141**

Меҳрдод ҚУРБОНИЁН. Ҷои уран дар бозори ҷаҳонӣ ва дурнамои он ба иқтисодиёти Тоҷикистон .......... 141

**ПАЖӮҲИШ ДАР АДАБ ВА ҲУНАР .......... 145**

Ҷамолиддин САИДЗОДА. Муборизаи Аҳмади Дониш бар зидди тақлиди Бедил .......... 145

Тоҷиддин МАРДОНӢ. Индийцы в произведениях Садриддина Айни .......... 151

**НАҚЛУ НАҚДИ МЕРОСИ ХАТТӢ .......... 157**

Кароматулло ОЛИМОВ. «Дастур-ул-мулук»-и Хоҷа Самандари Тирмизӣ ва аҳамияти он дар омӯхтани шеваи давлатдорӣ ва роҳбарӣ .......... 157

Ёрмаҳмад НИЁЗОВ. Бухрони улум ва ҳудудҳои он дар фарҳанги исломӣ .......... 160

**ПЕШНИҲОДҲО ВА ЭЪЛОНҲО .......... 171**

Рушди илму маорифи Тоҷикистон .......... 171

НИЗОМНОМАИ маҷаллаи академии илмию оммавии "Илм ва Ҷомеа" дар назди Раёсати Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон .......... 180

ОБУНА БА МАҶАЛЛАИ «ИЛМ ВА ҶОМЕА» .......... 184

# ТАБРИКНОМАИ

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибати нашри маҷаллаи академии илмию оммавии “Илм ва Ҷомеа”**



Дар арафаи ҷашни 25-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр оғоз кардани боз як маҷаллаи илмию оммавӣ бо номи “Илм ва Ҷомеа” падидаи нек ба шумор рафта, бешубҳа, барои баланд бардоштани сатҳи маърифати аҳли ҷомеа нақши муҳим хоҳад бозид.

Баъди ба даст овардани соҳибистиқлолӣ омилҳои гуногуни дохилӣ ва хориҷӣ боис гардиданд, ки Тоҷикистон ба гирдоби ҷанги шаҳрвандӣ кашида шавад. Оқибати ногувори он ҳаёти иқтисодиву иҷтимоии моро чанд даҳсола ақиб партофт.

Маҳз бо дастгирии халқи шарифамон мо дар муддати кӯтоҳ тавонистем сулҳу субот ва ваҳдату ризоияти миллиро барқарор созем ва барои рушди соҳаҳои иқтисоди миллӣ замина муҳайё намоем. Дар натиҷа, дар тӯли 24 соли истиқлолияти давлатӣ Тоҷикистон ба хеле дастовардҳо ноил шуд ва мувофиқи нишондиҳандаҳои Созмони Милали Муттаҳид ба қатори кишварҳои рӯ ба инкишоф ворид гардид.

Бо мақсади рушди нерӯи инсонӣ Ҳукумат пешрафти соҳаҳои илму маорифро дар сиёсати иҷтимоии кишвар яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ эълон кардааст. Муҳимтарин нуктаҳои ин сиёсат дар як қатор қонунҳо ва қарорҳои Ҳукумати Тоҷикистон ифода гардида, дар асоси онҳо барномаҳои давлатӣ, стратегияҳо ва консепсияҳо амалӣ шуда истодаанд.

Дар баробари се ҳадафи асосии Ҳукумат таваҷҷуҳ ба соҳаи маориф ва илми кишвар ниҳоят муҳим мебошад, зеро он ба рушди давлатдории миллӣ, ки дар асоси принсипҳои демократӣ ва дунявият бунёд меёбад, таъсири мустақим дорад. Дар робита ба ин яке аз вазифаҳои асосии муассисаҳои илмӣ ва таълимии мамлакат ташаккули тафаккури миллӣ ва ҷаҳонбинии илмӣ ба шумор меравад.

Бо дарназардошти хавфу хатарҳои глобалии ҷаҳони муосир, ки ба кишвари мо бевосита таъсир мерасонанд, Ҳукумати Тоҷикистон ба беҳтар гардидани фаъолияти марказҳо ва ниҳодҳои илмию таълимӣ мусоидат намуда, онҳоро ҳамаҷониба дастгирӣ менамояд. Бинобар ин, икдоми Раёсати Академияи илмҳои кишвар ҷиҳати таъсиси маҷаллаи илмию оммавии “Илм ва Ҷомеа” қобили дастгирӣ мебошад.

Шубҳае нест, ки ин маҷалла ба хотири ҳарчи бештар ба оммаи васеи мардум фаҳмондани равандҳои ҷаҳони муосир, моҳияти низоъҳои геосиёсӣ, сабабу омилҳои фаъол шудани ҳаракату ҷараёнҳои тундрав, афзоиши экстремизми динӣ, вусъат ёфтани хурофот ва амсоли инҳо нақши арзанда мегузорад. Ҳамчунин, ин маҷалла ҷиҳати ҳифзу ҳимояи давлатдории миллӣ, ташаккули тафаккури миллӣ, эҳёи арзишҳои фарҳангиву миллӣ ва таҳкими низоми ҷомеаи шаҳрвандӣ хидмати шоиста намуда, минбари озод барои зиёиёни мамлакат мегардад ва дар тарғиби ғояҳои давлатдории миллӣ, ҳифзи амнияти давлат ва ҷомеаи кишвар мусоидат менамояд.

Умед дорем, ки маҷаллаи мазкур инчунин дар ташвиқи дастовардҳои олимони тоҷик ва ҷаҳон, ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ, инкишофи тафаккури техникӣ, боло бурдани савияи донишу маърифати аҳли ҷомеа, бедории шуури миллии ҷавонон ва

дарки дурусти муносибатҳои ҷамъиятӣ таъсири амиқ мегузорад.

Тамоми аҳли илм ва маърифати Тоҷикистонро ба муносибати оғози нашри боз як маҷаллаи илмиву оммавӣ табрик гуфта, ба ҳайати таҳририя ва кормандони он барори кор орзу менамоям.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон — Эмомалӣ Раҳмон

# ИЛМ ВА ЗАМОН



Абдуҷаббор
РАҲМОНЗОДА
академик

## Илм ва нақши он дар ҳаёти ҷамъият

Дар шароити имрӯза инсоният аз ҳама бештар ба илму фан эҳтиёҷ дорад ва дар раванди босуръати техника ва технологияи муосир қисми зиёди ниёзмандиҳои худро тавассути ин соҳаи ҳаётан муҳим ҳаллу фасл менамояд. Аз ин рӯ, кишварҳои мутараққӣ ба рушди илм диққати махсус дода, барои инкишофи он маблағҳои зиёдеро аз буҷети давлат сарф мекунанд. Ба ин васила илм дар хидмати доимии инсоният қарор гирифта, мушкилоти онҳоро осон мегардонад, барои пешрафти ҷамъият ёрӣ мерасонад, рушди истеҳсолотро таъмин намуда, зиндагии мардумро беҳтар месозад. Ҳамзамон илми муосир дар худ чунин таъсирҳоро таҷриба менамояд:

- талаботи инкишофи ҷамъиятро, ки омили асосии муайянкунандаи проблемаҳои тадқиқоти илмӣ мебошад, таъмин менамояд. Яъне дархости иҷтимоиеро, ки ҷомеа ба олимон медиҳад, амалӣ месозад.
- вазъи тадқиқоти илмиро бо заминаи моддию техникии ҷамъият алоқаманд дониста, аз ҳисоби он воситаҳое, ки барои рушди илм ҷудо мегардад, пеш меравад.

Омилҳои мазкур ҳамчун роҳи муҳим барои таҳким ва ташаккули илм хидмат намуда, ба рушди ҷамъият таъсири мусбат мерасонанд. Бе ин омилҳо ҷамъият пеш рафта наметавонад ва илм ҳам соҳиби дастовард намегардад. Барои ҳамин илмро яке аз воситаҳои таҳкимбахши фарҳанги ҷамъият медонанд ва онро ҳамаҷониба дастгирӣ менамоянд. Зеро илм шакли олии тафаккур ба шумор рафта, низоми донишҳоро доир ба табиат, ҷамъият ва инсон мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Бо шинохти ин **мақулаҳои фалсафӣ** илм рушд мекунад ва соҳиби дастовард мегардад. Дар ин раванд барои илми муосир дарки дурусти ҷаҳонбинии фарҳангӣ муҳим буда, он вазифаи қувваи истеҳсолкунандаи ҷамъиятро бар уҳда гирифта, дар ҷараёни муттасили навсозии истеҳсолот ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ фаъолона иштирок менамояд.

Дар баробари ин нақши илм дар ташаккули шахсият муҳим буда, тавассути аз бар кардани донишҳои муосир, таълиму тарбияи дуруст илм метавонад ба ҷаҳонбинии инсон таъсири амиқ расонад. Дар ин ҳолат ҷанбаи ҳастии илмро маърифат ташкил намуда, бо ин роҳ шахс на танҳо моҳияти таҳаввулоти табиату ҷамъиятро дуруст дарк менамояд, балки барои дигаргун намудани онҳо қодир гардида, дар раванди ташаккул ва таҳаввули ҷомеа ҳиссаи худро мегузорад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба рушди илм диққати ҷиддӣ дода мешавад. Бахусус, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ин соҳаи афзалиятнок ва муҳим ҳамаҷониба таваҷҷуҳ зоҳир карда, дар суханрониҳояшон нақши илмро дар пешрафти мамлакат арзишманд мешуморад ва гаштаю баргашта таъкид месозад, ки кишваре, ки ба рушди илму маорифи худ диққат медиҳад, дар оянда ба пешравиҳо ноил мегардад.

Ҳукумати ҷумҳурӣ бошад, ҳамасола аз буҷети давлат барои пешрафти илм, таҳкими заминаҳои моддию техникии муассисаҳои пажӯҳишӣ ва чопи асарҳои олимон маблағи алоҳида ҷудо менамояд. Дар баробари ин ҷиҳати рушди илм дар мамлакат якчанд барномаи давлатӣ, стратегия ва консепсияҳо амалӣ шуда, онҳо имкон медиҳанд, ки илм боз ҳам тараққӣ намояд ва самаранокии кори

олимон дар ҷамъият беҳтар гардида, навгониҳо ба истеҳсолот роҳ ёбанд.

Сарвари давлат, инчунин ташаббусҳои созандаи олимони кишварро дастгирӣ намуда, барои амалӣ шудани пешниҳодҳои онҳо аз Фонди захиравии худ маблағҳои алоҳидаро ҷудо менамояд. Ҳамчунон, барои дар сатҳи баланд доир гардидани симпозиумҳо, конфронсҳо ва дигар чорабиниҳои илмӣ маблағҳои заруриро ҷудо намуда, назару андешаҳои олимонро вобаста ба ҳалли масъалаҳои мубрами ҷомеа, рушди истеҳсолот, беҳтаршавии сатҳу сифати зиндагии халқ шунида, дар асоси пешниҳодҳои олимон хулосаҳо қабул мекунад ва ҳамеша меҳнати олимони мамлакатро қадр менамояд. Ҳамин дастгириҳои Роҳбари давлат аст, ки илм дар ҷумҳурии мо пеш рафта, мақому мартабаи олимонамон боло меравад.

Таъсис ёфтани маҷаллаи «Илм ва Ҷомеа» ҳам ибтикори навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҳсуб меёбад. Сарвари давлат ба ин восита мехоҳад ҷаҳонбинии аҳли ҷомеа нисбат ба дарки моҳияти ҷамъият ва нақши созандаи инсон дар он васеъ гардад ва хонанда доир ба қимати илм ва таъсири он ба табиату ҷамъият маълумоти бештареро соҳиб шавад.

Дар шароити имрӯза дарки дурусти моҳияти назариявию фалсафии илм, эҳсоси нақши он дар раванди дигаргуниҳои истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ, маълумоти зиёдтар гирифтан доир ба мафкура ва ҷаҳонбинии аҳли ҷомеа, инчунин шинос шудан бо дастовардҳои илму техника ниҳоят муҳим мебошад.

Олимони мамлакатро зарур аст, ки тавассути ин маҷалла пеш аз ҳама аҳамияту моҳияти илмро барои наврасону ҷавонони кишвар дуруст шарҳ диҳанд ва онҳоро ба комёбиҳои илми муосир шинос намуда, дар қалбашон эҳсоси муҳаббат ба илмро ҷой намоянд. Ҳамчунон беҳтар аст, ки муштариён ба навгониҳои илм, ҳамгироии илму инноватсия, бозёфтҳои илми ватанӣ ва хориҷӣ ошно шуда, доир ба нақши илм дар истеҳсолот, пайванди он бо инноватсия ва дигар соҳаҳои иқтисоди миллӣ маълумоти заруриро ноил гарданд.

Дар баробари ин масъулони ин маҷалларо лозим меояд, ки доир ба амнияти давлатӣ, ҳифзи манфиатҳои миллӣ, эҳтиром гузоштан ба муқаддасоти миллӣ ва дӯст доштани марзу буми Тоҷикистони соҳибистиқлол, боло бурдани ҳисси худогоҳиву худшиносӣ, арҷ гузоштан ба таъриху фарҳанги миллат мақолаҳо нашр карда, дар таҳкими тафаккури миллӣ нақши арзанда гузоранд.

Дар ин вазъи ҳассоси зудтағйирёбандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ ва зиёд гардидани проблемаҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ, маҷаллаи мазкур бояд халқи Тоҷикистонро ба ваҳдати миллӣ, сулҳу субот даъват намояд, онҳоро аз ҳар гуна таъсирҳои манфӣ ҳифз созад, пеши хатарҳои тундгароӣ, ифротгароиро гирифта, ба муқобили терроризм, экстремизми динӣ мубориза барад ва дар баробари ин арзишҳои фарҳанги миллиамонро, ки дар тӯли ҳазорсолаҳо, бахусус 25 соли Истиқлолият боз ҳам устувортар гардиданд, бештар тарғиб карда, ҷиҳати боло бурдани ҷаҳонбинии ҳар як шаҳрванди мамлакат ёрии амалӣ расонад.

Бовар дорем, ки маҷаллаи мазкур барои ташаккули тафаккури аҳли ҷомеа хидмат намуда, беҳтарин ғояҳои ватандӯстонаро тарғиб менамояд ва дар пешрафти ҷомеаи демократӣ, дунявӣ ва ҳуқуқбунёди Тоҷикистон саҳми арзанда мегузорад.

Бо эҳтиром,

Абдуҷаббор Раҳмонзода,
Ёрдамчии
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа



Саймумин
ЯТИМОВ
доктори илмҳои
сиёсатшиносӣ

**Шуури ҷамъиятӣ ва амнияти ҷамъиятӣ**
***(Шуури муқаррарӣ)***

**Муқаддима**

Бозтоби воқеаҳои глобалӣ, минтақавӣ ва баъзе процессҳои диалектикӣ - идомаи мантиқии равандҳои геополитикӣ, ки аз ҷумла дар Тоҷикистон рух медиҳанд, ниёз ба таҳлил, арзёбӣ ва хулосабарории дақиқ доранд.

Ба назар муҳим мерасад, агар хосият, муносибот ва қонуниятҳои ин зуҳурот дар вобастагӣ бо омилҳои хориҷӣ ва дохилӣ аз нигоҳи илмӣ равшан гарданд. Эътимоди қавӣ он аст, ки чунин муносибати илмӣ ба воқеият - тафсири ҳақиқии реалияти объективӣ, амалияи таъмини манфиатҳои миллиро осонтар мекунад. Албатта, рақибони геополитикии Тоҷикистон дар ин кор манфиатдор нестанд. Гарчанде, **«нест чизе, ки камтарин эътимодро дар ҷавҳар дорад, дар мисоли он, ки гӯё савод, маърифат … мушкил эҷод мекунад, ба ҷойи расонидани кӯмак»[1].** Ҷонибдорони чунин ақида ба падидаҳои мусбии кишваре, ки ҷанги сангини дохилиро паси сар карда аз он бо сарбаландӣ баромадааст, мамлакатро дар масири тараққиёти устувори иқтисодӣ ва иҷтимоӣ гузоштааст, бо доштани тӯлонитарину мушкилтарин марз бо Афғонистон ва дигар маҳдудиятҳои хатарнок амният ва сулҳу суботро дар қаламрави хеш таъмин намудааст, зиёд алоқамандӣ нишон намедиҳанд. Зеро эътирофи падидаҳои рушди устувори системавӣ- намунаи иқтидор, обрӯ ва потенсиали миллат аст.

Бозигарони геополитикӣ мушкилоти мансуб ба рафторҳои хиёнаткоронаи баъзе аз гурӯҳ ва афродро падидаи манфии зуҳуроти сирф миллӣ нишон доданӣ мешаванд.

Дар оламе, ки бунёдаш таърихан бар рақобати носолим асос ёфтааст, чунин муносибат байни давлатҳо боиси тааҷҷуб нест. Падидаи оддӣ, маъмулӣ ва дар доираи қонуниятҳои муносиботи байналмилалӣ мебошад. Инро доимо интизор бояд буд.

**Яке аз сабабҳои аслии рӯйдод ва тағйироти сифатӣ дар самти кӯшиши инкори падидаҳои мусбии рушди устувори давлатҳои миллӣ, вазъи шуури ҷамъиятӣ, аз ҷумла шуури муқаррарии қишрҳои муайяни аҳолии он кишварҳо маҳсуб мегардад.**

Аммо масъалаи кор бо шуур, сохтани ҷаҳонбинӣ, акнун аз доираи салоҳият ва вазифаи як давлат берун рафтааст. Агар пештар самти таъсиррасонӣ ба шуури инсонҳоро ҳамчун муборизаҳои идеологӣ, синфӣ, ҳизбии ду система тафсир мекарданд, ҳамакнун ин мубориза ба ҳадди ниҳоии худ расидааст. Хосияти тарғиби экстремистӣ – террористӣ гирифтааст. Давлатҳои мушаххас дар ин самт, бо роҳу василаҳои гуногун манфиати хешро амалӣ месозанд. **Барои муваффақона роҳандозӣ кардани нақшаҳои муайян, рақибони геополитикӣ тарафҳо, структураҳо, дараҷаҳо, гуногунии типологӣ, соҳа, шакл, вазъият, раванди шаклгирии шуури муқаррариро ба инобат мегиранд. Дар самтгирии он бевосита ва бавосита таъсир мерасонанд.** Ин амали онҳо, мутаассифона, тавре мушоҳида мегардад, дар ҳоли хозир пешрав ва барои аҳли башар фоҷеабор аст.

Сохтани «Давлати исломӣ», ҳодисаҳо дар атрофи Ироқ ва Сурия, ширкати ҷавонони тоҷик дар амалиёти террористӣ,

---

[1] Бэкон Ф. Сочинения,-Москва, «Мысль», 1977, саҳ. 91

пурра ба марзҳои Тоҷикистон наздик шудани толибон, ҳодисаҳои марбут ба дастаи террористии Х. Назарзода ҳамчун раванд ғайричашмдошт нестанд. Аъмоли охирин, натиҷаи кори навбатии мақсадноки душманони давлати миллӣ, сулҳу субот ва оромӣ дар кишвар аст. Ин рӯйдодҳо ҷузъи оддии системаи нақшаҳои бозигарони геополитикӣ мебошанд. Ва иштироки фаъоли назарзодаҳо, кабириҳо дар ин ҷараён характери инструменталӣ, бозичагӣ, абзорӣ дорад. Қисмати бозии шоҳмоти геополитикӣ аст. Ҳатто дар хулосаи **«Пажӯҳишгоҳи байналхалқии сулҳ»**-и Амрико чор сол қабл хотиррасон карда буданд: **«гарчанде Тоҷикистон, мардумро сарҷамъ ва масъалаи сулҳу суботро дар қаламрави кишвар муваффақона ҳаллу фасл карда бошад ҳам, ба таҳдидҳои нав рӯ ба рӯ мебошад. Чунин таҳдидҳо метавонанд ба ду қисмати муассир ҷудо шаванд – дохилӣ ва хориҷӣ»**[2]**.** Поёнтар нуқтаи ҷолиб таъкид карда мешавад: **«Ин ду таҳдид ба ҳамдигар дар алоқамандии зич қарор доранд»**[3]

Дар ин шароит, ҳушёрии миллӣ дар мадди аввал меистад.

**Масъалаи асосии амнияти миллӣ – шуури худшиносии миллӣ, пойдевори он, шуури муқаррарӣ аст. Дар мусобиқа ва рақобати байни миллатҳо он муассиртарин омил мебошад.** Мавзӯи баҳси ин мақола кӯшиши **наздикшавӣ ба фаҳми шуури муқаррарӣ** ва таъсири он ба амнияти ҷамъиятӣ маҳсуб мегардад.

### Воқеият ва инъикоси он дар шуури муқаррарӣ

Рақобати байни миллатҳо маҳсули «корнамоиҳо»-и майнаи инсон нест. Рақобатҳо зуҳуротеанд, ки аз воқеияти иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва вобаста ба онҳо манфиатҳо сарчашма мегиранд. Асоси моддӣ, заминӣ доранд. Майнаи инсон онро эҳсос мекунад, дарк менамояд, мавриди коркарди мақсадноки тафаккур қарор медиҳад. Дар асоси манфиатҳои реалӣ муносиботашро муайян месозад.

Ҷараёни эҳсоси воқеият, дарк ва мавриди андеша, таҳлил, баррасӣ ва хулосабарорӣ қарор додани он, фазо ва замон мехоҳад. Ҳодисаҳои 04.09 – и Тоҷикистон, фоҷеаҳои мансуб ба терроризми байналмилалӣ дар дигар нуқоти олам, нишонгари он аст, ки ҳастӣ ҳама вақт муайянкунандаи шуур нест. Муҳим он аст, ки ин ҳастиро: Кӣ? Чи тавр? Бо кадом роҳу воситаҳо? ба «омма» мерасонад. «Муайянкунӣ»-и шуур аз фард, сифати шуури миллӣ ё гурӯҳҳои иҷтимоӣ, инчунин санъати кор бо чунин шуур, аз бозигарони геополитикӣ вобастагӣ дорад. Тафсир ва эътирофи «ҳақиқат» дар ин шакли муносибат характери субъективӣ мегирад, аз ҷумла мансуб ба худсарии инсон аст. Хиёнат нисбати сарзамини аҷдодӣ ба фоидаи аҷнабиён аз тарафи ашхоси маълуми сарватманди ҷомеаи мо ва шаҳрвандони ҷаҳони ғарб, ки аз ҷиҳати молӣ (ҳастии ҷамъиятӣ) дар пояи чандин маротиб зиёдтар аз қаноатмандӣ қарор доштанд, ниёз ба тадқиқ ва тафсири илмӣ дорад.

Андешаҳо мавриди ташаккулёбии шуури инсон, махсусан ҷавонон, дар ин замина ба намоиш гузоштани рафтори иҷтимоии аъзои ҷомеа, ки дар ниҳояти кор муассир ба тақдири таърихии давлати миллӣ мебошад, талаботи аслии амалияи иҷтимоӣ аст.

Боиси таассуф аст, ки дар таҳлил, баррасӣ ва баҳо додан ба рафторҳои иҷтимоӣ, ки гоҳо фоҷеабор ҳастанд, маҳз аз зуҳурот думболагирӣ карда мешавад. Чунин шакли муносибат – танҳо давидан аз паси зуҳурот, нарасидан ба сабаби аслӣ, умқ, умуман моҳияти масъала, фаъолияти сохторҳои марбутаро мунҷар ба нокомӣ

[2] Security and Development, Searching for Critical Connections, edited ву Tschirgi N. And others, Colorado, USA, 2011, p. 366.
[3] Ҳамон ҷо

мегардонад. Илмро зарур аст, пеш дарояд. Мардумро аз зоҳир то ба дарки решагии масъала барад. Системаи ташаккули ҷаҳонбинӣ, шуури гурӯҳҳои муайяни иҷтимоиро омӯзад, роҳиислоҳи камбудро ошкор созад, маслиҳат бидиҳад: чӣ ва чи тавр бояд кард? Чунки **«шуур, албатта, предмет (мавзӯъ, мушаххасот – С.Я.)-и худро дорад»[4].** Мавҳум нест. Воқеият аст. Қувва ва имконоташ материалӣ мебошад.

Фоҷеаҳои сатҳи глобалӣ, минтақавӣ ва миллӣ, ки характери субъективӣ доранд ва маҳсули аъмоли худи инсони мақсаднок амалкунандаанд, нишонгари сохт ва муҳтавои шуури муқаррарии ҷамъиятӣ мебошанд.

Аз нигоҳи умумӣ, фаҳмиши моҳияти шуур, аз ҷумла шуури муқаррарӣ, эҳтимол дорад, то андозае мушкил бошад. Аммо аз ин соддатар гуфтан мумкин нест, ки **«дар рӯҳи инсон шуур бедор мегардад; шуур худро ҳамчун ақл, хирад тасаввур мекунад, мустақиман бедор мешавад, ки хешро монанд ба ақли донанда муаррифӣ намояд, тавассути рафтори хеш то дараҷаи воқеият худро озод кунад»[5].** Ба тарзи дигар, далели тасдиқи шуури муқаррарӣ дар амал, ҳаракат, кӯшиш, мақсадгузорӣ ва албатта нутқ, ҳамчун ҷузъи фаъолияти инсонҳо зуҳур меёбад. Аммо ягона меъёри баҳо додан ба сохт, муҳтаво ва сифати шуури муқаррарӣ, натиҷаи фаъолияти инсон, рафтори гурӯҳҳои иҷтимоӣ аст. Ба тарзи оддӣ, материализатсияи шуури муқар-рарӣ, структура, вазифаҳо, сифат, мундариҷа ва самтгирии онро таҷриба тасдиқ мекунад. Хусусан дар сиёсат - шеваи фаъолияти инсон, ки муносибатро ба мақсад, вазифа ва фаъолияти давлат муайян месозад.

[4] Гегель В.Ф., Философия духа, М., «Мысль», 1977, саҳ. 253

[5] Ҳамон ҷо, саҳ. 38

**Структураи ҷаҳонбинии муқаррарӣ**

Ҳангоми таҳлил, баррасӣ, арзёбӣ ва хулосабарорӣ нисбати шуур, дар бораи **ягонагии мутлақи шуури ҷамъиятӣ, аз ҷумла шуури муқаррарӣ,** сухан гуфтан ба ғайр аз хаёл чизи дигаре нест. Таркиби ҷамъиятӣ, гурӯҳҳои ҷамъиятӣ, ки аз ҷиҳати фазои ташаккулёбӣ, дастёбӣ ва имконот ба сарчашмаҳои иҷтимоӣ, маърифатӣ, фарҳангӣ ва омилҳои дигари муҳим бархӯрдор мешаванд, наметавонанд яклухт ва воҳид бошанд. Ҳам дар дохил ва ҳам дар байни онон рақобатҳо ногузиранд. Ин зуҳурот, бешубҳа, дар асоси зиддият ба вуқӯъ меояд. **«…дуруст, ҳатто дар куҷое мо зиддиятро намебинем? - Ва дар натиҷаи ин ба андозаи кофӣ муборизаҳоро мушоҳида мекунем, азият, бадиҳоро; фақат он, ки ҳамин зиддиятҳо ногузиранд, ин муборизаҳо табиатан асосноканд, ҳамин азият ва бадиҳо табиӣ ва ҳатмӣ мебошанд»[6].** Барои тақвият бахшидан ба мантиқи раванди диалектикии шуур Л. Фейербах (1804-1872) ин хулосаро дар асоси таҳлили масоили фалсафии дин пешниҳод мекунад. Хотирнишонии он нуқта ҳам зарур аст, ки олими ниҳоят муассир дар таърихи инкишофи фалсафаи Ғарб, вобаста ба масъалаи зикргардида таъкид месозад, модоме, ки дар дохили худи динҳои монотеистӣ ва политеистӣ ин қадар зиддиятҳо вуҷуд дорад ва рӯи кор омадани ин таноқуз наметавонад ба бахти аҳли башар созгор бошад (ба мисли низоъҳои хунини мазҳабии суннӣ, шиа ва ғ.), **пас набояд ба бадиву зиддиятҳое, ки дар ниҳоди ҳар як мазҳабу дин ҳаст, боз чизи аз ин ҳам бадтар илова сохт.** Нимаи дувуми асри XX ва аввали асри XXI, мисли он, ки ин таъкид ва бонги хатари олими забардастро фаромӯш карда бошанд. Воқеоти солҳои навадуми Тоҷикистон, акси

[6] Фейербах Л., История философии, М., «Мысль», 1967, саҳ. 2.

садои он то имрӯз, ҳаводиси Сурия, Ироқ, Миср, Париж ва дигар нуқоти олам аз чунин фориғболии бошуурона, сохташуда ва бешуурона қабулгашта дар асоси исломи сиёсӣ, шаҳодат медиҳанд.

Дар адабиёти илмӣ-фалсафӣ мафҳуми шуури муқаррарӣ ва структураи он то охир коркард ва равшан нашудааст. Мо қасдан аз таҳлили муқоисавии ин назарияҳо худдорӣ мекунем. Фақат таъкид карданӣ ҳастем, ки **шуури муқаррарӣ - маҷмӯи тасаввурот, дарк, фаҳмиш, андеша ва муайян кардани муносибат ба зуҳуроти табиат, ҷамъият ва тафаккур аст, ки дар майнаи инсон аз овони наврасӣ, ҷавонӣ, балоғат, аз таҷрибаи зиндагӣ, рӯзгор, дар муносибат бо атрофиён, аҳли ҷомеа ва муҳит шакл мегирад.**

Вобаста ба хамин омилҳо, муҳтаво ва структураи шуури муқаррарӣ метавонад аз дидҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, ҳуқуқӣ, динӣ ва ғайра иборат бошад. Зуҳуроти сохтори шуури муқаррарӣ дар асоси муносиботи системавӣ ва структурӣ – функсионалӣ ниёз ба таҳқиқ, баррасӣ, хулосабарорӣ ва тасмимгирӣ дорад.

**Муҳим ба назар мерасад, ки шакли классикии таърифдидаи шуури рӯзмарра ва муносибат ба он, вобаста ба таҳавуллоти замон, бозбинӣ ва мукаммал карда шавад.**

Дар структураи шуури рӯзмарра, ҳамакнун беш аз пеш ҷузъиёти хориҷӣ, бегона қувват мегирад. Аз бозе, ки асбобе бо номи радио, баъдан телевизион, хамакнун васоити ахбор ва алоқаи электронӣ пайдо гаштааст, шаклгирии ҷузъиёти шуури рӯзмарра мансуб ба ононест, ки аз маблағҳои ҳангуфти нафту газ ва ононе, ки аз ин хазинаҳо дар ҳар шакл бархӯрдоранд, инчунин имконоти ба ҳамин монанд вобастагӣ доранд.

**Дар таҳдидҳои воқеӣ, таъмини амнияти миллӣ дар доираи шуури рӯзмарра аз душвортарин ва масъулиятноктарин вазифаҳост.**

Системаи таъмини амнияти иттилоотӣ дар тавозун бо тахрибкорӣ нисбати шуури миллӣ, натанҳо баробар, балки зарур аст чанд зина болотар биистад. Ҳадафи ҳуҷуми иттилоотии душман маҳз ба шуури муқаррарӣ ва психологияи ҷамъиятии давлатҳои миллӣ равона карда шудааст. **Боиси таассуф аст, дар ҷомеаи мо, ки ҳанӯз шуури назариявӣ – систематикунонидашуда дар оғози шаклгирист ва ҷавҳари онро бояд илм, маърифат, такмил, тарғиби илмҳои дақиқ ва гуманитарӣ – дар асоси он рушди рақобатпазири миллӣ ташкил кунад, ҳатто дар байни зиёиён ва мансабдорон ҳисси парастиши афкори теологӣ – догматикӣ, ғайриилмӣ боло мегирад. Чунин хосияти ақибнишинӣ ва бетарафӣ, ҷомеа, махсусан ҷавононро дар ҳолати ногувор мемонад. Дастовардҳои ҳазорсолаи ақлсолорӣ, баҳспазирӣ, тақдирнописандии сарбаландонаи миллиро зери суол мебарад. Шуури рӯзмарраро фарогири ғояҳои бегонагон мегардонад. Амалкарди анъанавӣ - позитивии онро заиф месозад. Давлати миллиро рӯз ба рӯз осебпазир мекунад. Ин аз хатарноктарин равандҳои ҷомеаи имрӯз мебошад.**

Расидан ба моҳият, сохтор ва қисмҳои шуури муқаррарӣ аз он ҷиҳат муҳим аст, ки сатҳи маънавиёти аҳолӣ, мардум, қишрҳои ҷомеа, пеш аз ҳама маданияти сиёсии он, ташхис карда мешавад. Дар натиҷаи донистан, масъалаи пешгӯӣ кардани равандҳои ҷамъиятӣ – сиёсӣ дар ояндаи наздик ва дур нисбатан осон мегардад. **Инро ҳадди ақал аз таҷрибаи созмонҳои ба ном ғайридавлатие, ки дар Тоҷикистон озодона, муваффақона амал ва миллионҳо доллар барои фаҳми шуури рӯзмарраи мо сарф мекунанд, бояд омӯхт.** Структура, муҳтаво ва вазифаҳои функсионалии шуури рӯзмарраро зарур аст тарзе ташкил кард,

муайян намуд, ки арзишхои миллӣ, умумибашарӣ асоси идеявии онро дарбар бигирад.

**Хусусияти худкифоии миллӣ дар вобастагӣ ба вазъи интегралӣ, кумулятивӣ ва маҳсулнокии шуури рӯзмарра – танзими муваффақонаи ниёзҳо ва амалияи ҷомеа таҷассум меёбад**.

### Муҳтавои шуури муқаррарӣ

Моҳияти функсионалии шуури муқаррарӣ ҳангоми таҳлилҳои академӣ, мутаассифона, на ҳама вақт ба назар гирифта мешавад. Бисёре аз муаллифон барои манзалати таҳқиқ, таъкид кардани мухиммияти предмети илмӣ, ба таъриф ва тафсири пояи баландтари шуури ҷамъиятӣ – шуури назариявӣ – систематикунонидашуда таваҷҷуҳ мекунанд. Ин муносибат чандон аз рӯи инсоф нест. Ҳатто олимони дунёи қадим таъкид бар он доштаанд, ки **«Амалия бе назария қимматтар аст, нисбати назария бе амалия»** (Квинтилиан М. Ф., файласуфи римӣ).

Муҳтавои шуури муқаррарӣ маҷмӯи алоқамандии тарафҳои гуногуни структура, хосият ва вазифаҳои он мебошад. **Ин муҳтаво чизи хаотикӣ, номуназзам, бидуни шакл нест. Гарчанде муқаррарӣ, оддӣ, тоилмӣ, оммӣ ҳам бошад, муташаккил аст. Дар зуҳурот устувории он аён мегардад.** Ҳамчун шакли муайян худро ба намоиш мегузорад. Инро ҳар рӯз мо дар амал ва рафторҳои шаҳрвандон ва гурӯҳҳои муайяни ҷамъиятӣ мебинем, мушоҳида мекунем. Хурсанд мешавем. Дар ҳолати ғайри қобили қабул сазовори мазаммат мешуморем. Зеро эътиқодмандем, ки моҳияти шуури муқаррарӣ, ҷаҳонбинӣ дар рафтор, кирдор, муносибат ба манфиатҳои миллӣ, аз ҷумла амнияти ҷамъиятӣ, зуҳур меёбад.

**Мо бовар дорем, ки шуури муқаррарӣ бо тамоми хосият ва имконоте, ки дорад, асос ва пойдеври суботи давлати миллӣ ва умуман ҷомеаи башарӣ мебошад ва баръакс.** Ба тарзи дигар, фаъолияти субъектҳое, ки ҷомеа, гурӯҳҳои иҷтимоиро таҳрик ба амал мекунанд, ба шуури муқаррарӣ нигаронида шудаанд. Ба хотир оред, шиорҳои тамоми инқилоб, табодулот, ҳаракатҳои сиёсӣ- иҷтимоии дунёро. Магар муаллифони ин даъватҳо - «Пролетарҳои ҳамаи мамлакатҳо, як шавед!», «Ба хотири пирӯзии мустазаъифин бар мустакбирин» ва ғ., ки хосияти ба шӯру қиём овардани қисми поёнии ҷомеаро доранд, ба принсипҳои назариявӣ-систематикунонидашудаи шуури ҷамъиятии ҷомеа такя мекарданд? Ҳаргиз. Ҳатто мухотаби онҳо – пролетариат, мустазаъфон – омма, мардуми одӣ мебошанд. Охиринҳо дар бораи шуури назариявӣ-систематикунонидашуда - нақша ва мақсадҳои аслии тарроҳони воқеоти Сурия, Ироқ, Ливия, Яман, Тунис, Афғонистон, Покистон ва ғ. ҳеҷ чизро намедонанд. Донистан намехоҳанд. Донистан ҳам наметавонанд. **Рефлексияи миллатбадбинӣ тавассути сиёсӣ кардани дин, абадан, ё дарозмудат дар майнаи онҳо маҳв ё карахт карда шудааст.** Айнан хамин тавр, қисмате аз мардуми тоҷики фирефтаи бегонагон, муздурони онон, дар дохили кишвар ба муқобили қотеъияти маъниофаринии хирадмандонаи шоир: **«Оташ назанад, ҳеҷ касе хонаи худро»**[7] дар ишқи дигарон афсонаҳоро хостанд амалӣ кунанд, манзили худро оташ заданд.

Шуури назариявӣ-систематикунонидашуда фақат ба шуури муқаррарӣ, рӯзмарра, оммӣ ва оддӣ такя мекунад. Структураи онро медонад. Вобаста ба он, муҳтаво ва функсияҳои ин зинаи шуурро хуб тасаввур мекунад. Аз он истифода, аниқтараш суистифода менамояд. Хулосаи мазкурро нисбати созмондихандагони ташкилоти террористӣ – экстремистии

---

[7] Лоҳутӣ А. Куллиёт, ч.2, Сталинобод, 1961, саҳ.149

байналхалқӣ, ки ҳамакнун дунёро меларзонанд ва ҷавонони тоҷик ҳам дар ин падида ба ҷои обод кардани Ватан, ҳимояи марзу бум, зану фарзанди хеш дар биёбонҳои аъроб «шаҳди шаҳодат» мечашанд, гуфтан мумкин аст.

Боиси тааҷҷуб нест, ки тамоми кӯшиши бозигарони глобалӣ, «ғамхории падарона»-и онҳо барои дар сатҳи муайян, ба манфиати онҳо нигоҳ доштани муҳтавои шуури муқаррарии ҷомеаи ҷаҳонӣ, пеш аз ҳама кишварҳои мусулмоннишин равона карда шудааст. Ҳеҷ кас набояд умед бандад, ки қаҳрамонони тахтаи шоҳмоти геополитикӣ, рӯзе ҷиҳати дар иқлими мавриди таваҷҷуҳашон, аз ҷумла сарзамини мо - тоҷикон, сохтани шуури назариявии систематикунонидашудаи ватанпарастӣ, миллатдӯстӣ, илмсолорӣ ғамхорӣ менамоянд. Маҳз ба он маблағгузорӣ мекунанд. Баръакс. **«Хубӣ»-и ҳолати ба бозигарони минтақавӣ ва глобалӣ муҳими шуури муқаррарии ба манфиати онҳо ташкилёфта, иборат аз он аст, ки маҳз дар доираи ҳамин шуур**, дар майнаи инсон, гурӯҳҳои ҷомеа, ҳолате ба вуҷуд меояд, ки дигар шахсро оила, авлод, сохторҳои марбут ба давлат наметавонанд аз он берун созанд. Вобастагии пурраи рӯҳӣ, маънавӣ, зиддимиллӣ дар фард, гурӯҳҳои иҷтимоии ҷомеа шакл мегирад. **Новобаста аз мансаб, боигарӣ, ҷоҳу ҷалол, манфиати миллии ин гурӯҳ дар вобастагии кул ба маводи мухаддири навъи сиёсӣ - динӣ мемонад. Дар либоси дӯст ҳам кори душман мекунад.**

Қудратмандони оқили шуури назариявӣ-систематикунонидашудаи сатҳи дунёӣ вазифаи худ мешуморанд, натанҳо бо ташвиқи одӣ, тавассути васоити ахбори умум ва гумоштагонашон, муҳтавои ин навъ шуурро шаклдеҳӣ кунанд, балки сохти давлтдории кишварҳоро ба манфиати хеш тағйир диҳанд. Зуҳуроти гуногуни режимҳои теократиро рӯи кор оранд. Ҳамин тариқ, **дар муддати наздик ба ним аср мешавад, ки шуури назариявӣ-систематикунонидашудаи геополитикӣ хеле мақсаднок, пай дар пай, зина ба зина бо иваз кардани сохти давлатҳои миллӣ, давлатҳои теократӣ - системаи устувори минтақавӣ, байналмилалиеро ба вуҷуд овардаанд, ки онҳо «мустақилона», ҳамчун «фарзанди болиғ» аз нақшаҳои бозигарони геополитикӣ ҳимоя мекунанд. Кори қудратмандони ҷаҳони сиёсат, сарфи ҷисмонӣ, моддӣ ва молии онҳоро камтар намудааст.** Стратегияи ним аср ва беш аз ин коркардшуда натиҷаҳои мушаххас медиҳад. Чунин таҷриба – шикасти рӯҳияи миллӣ, ҳамчун натиҷа шикасти давлати миллӣ – сохтани «давлати исломӣ», ё бе истифодаи ин истилоҳи террористӣ, хеле фаъолона идома дорад.

**Ҳангоми таҳлили омилҳое, ки ба муҳтавои шуури муқаррарӣ таъсиргузор ҳастанд, набояд материяро дар шакли хушку холӣ, дар дараҷаи тафсири назариявӣ ба инобат гирифт.** Зеро реалияти объективӣ - вазъи оила, мактаб, алоқаҳо, миёнҷигариҳои ҷамъиятӣ, муассисаҳои эътиқодӣ, муҳити маънавӣ, ҳатто ҷуғрофиёӣ, дар шаклгирии муносибат ба воқеияти объективӣ нақш мебозад. Онҳо аз ҷумлаи ашёе ҳастанд, ки бевосита ё бавосита барои муайян кардани шуури муқаррарӣ хизмат мекунанд. Вақте ки Ф. В. Гегел дар бораи нақши омили ҷуғрофиёӣ, релеф, муҳити атроф дар шаклгирии шуури ҷамъиятӣ (хонда шавад шуури муқаррарӣ) ҳарф мезанад, сухани Ҳаким Фирдавсии Тӯсӣ ба хотир меояд, ки мудом **«зи шири шутур хӯрдану сусмор»** - ро омили ба **«ҷое расидан»**-и кор (андешаи ботил) дар талоши тоҷи Каён мепиндорад. Бо ин, шахсияти бузурги миллатпарвар тафаккури соддагӣ, хаёлпарастии он бодиянишинони сарсону саргардонро таҳқиромез, аммо барҳақ бо каломи бадеӣ, бо истифодаи умдатарин категорияҳои фалсафӣ – сабаб ва натиҷа, нишон доданӣ мешавад.

**Ҳамзамон нақши пеш аз ҳама инсони болиғ дар доираи масъулият ва манзалати гурӯҳии хеш, ҳушманд, барои ворид кардани дигарон, махсусан ҷавонон ба муқаддимаи зиндагӣ, шаклгирии шуури муқаррарӣ – аз ҷумла муайян кардани муносибати ӯ ба равандҳои иҷтимоӣ, муассир мебошад.**

Дар зуҳуроти ҷамъиятӣ, аъмоли шахсе, ки мадди назар меафтад ва ӯ ҳамчун фард аз мавқеи худшиносӣ рафтор мекунад, онро чун падидаи индивидуалӣ, якка ва ҷудо аз гурӯҳ ё худи ҷамъият шуморидан иштибоҳ аст. Зеро **«мафҳуми худшиносӣ дар шахсе, ки зуҳур меёбад ва дар воқеъ объективона арзи вуҷуд кардааст, ишора ба ҳолате мекунад, ки барои ин худшиносӣ, худшиносии дигаре вуҷуд дорад»[8].**

Чунин хулоса боис мегардад, андешаи умқи масъалаҳои ҷамъиятӣ, махсусан ҷараёни шаклгирии шуури индивидуалиро ҳамчун ҷузъи шуури ҷамъиятӣ, рӯйдоди такроршаванда омӯхт. Тамоми нафароне, ки таҳти таъсири назарияи террористӣ мегарданд, ба ин ташкилот ворид мешаванд, зери таъсири «худшиносӣ»-и дигаре боқӣ мондаанд. Ин силсила ҳадди аввалу охир дорад. Оила, авлод, кӯча, маҳал, деҳа, умуман тамоми сохторҳои ҷомеаро, ки барои солимгардонии тақдири хеш манфиатдор ҳастанд, зарур аст аз паи ҳамин «худшинохта»-е бошанд. Онро муайян созанд. Ислоҳ намоянд. Вагарна, ин вабо метавонад ҷомеаро пурра сироят кунад. Ба нестӣ орад.

Системаи идеологии геополитикӣ ақл, дониш, касбияти олӣ ва чи тавре, ки аз як лаҳзаи ошкоршудаи маблағгузории Кабирӣ ба дастаи террористии Назарзода мебинем, арзҳои хориҷии ҳангуфти беҳисоб, ҳамчунон стратегияи расидан ба мақсадҳои ниҳоии илман коркардшуда низ дорад. Мақсади асосӣ ҳамчун натиҷаи коре, ки интизор аз он меравад, аллакай муайян гардидааст. Ҳадафи аслӣ - шаклгирии шуури муқаррарӣ аст. **Инро ба инобат нагирифтан, аз дараҷаи мувофиқат кардани он ба мақсадҳои таъмини амнияти ҷомеа огоҳ набудан, оқибат бо заволи низоми давлатдорӣ ва худи давлат анҷом хоҳад ёфт.**

Ба ҳангоми тағйир ёфтани ҷузъиёти аслии шуури ҷамъиятӣ ба нишондоди миқдорӣ, табдили сифат ва самтгирии структураи ҷаҳонбинӣ ногузир мегардад.

Дар ҷомеае, ки қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолӣ, рушди муайяни дараҷаи индустриявӣ ва сатҳи маърифати аҳолӣ ҳадди мавриди назарро надорад, дар бораи пешгӯишаванда будани ҳолат ва раванди шуури ҷамъиятӣ, зуҳурёбии он дар муносибат бо воқеияти реалӣ аз вазифаҳои мушкилтарин маҳсуб мегардад. Дар ин ҳолат, мутаассифона, ҷузъиёт ё типи конкретӣ - таърихии шуури ҷамъиятӣ мавриди суистифода қарор мегирад. Ононе, ки тавони бозиҳоро бо ин ҷузъиёти сохти шуури чамъиятӣ доранд, тавре мебинем, аз он устодона ва устокорона истифода мекунанд. **Мардумони бехонумони кишварҳои ҷангзадаи маълум, ҳадафи истифодаи ана ҳамин гуна ҷузъиёти сохти шуури ҷамъиятии худ гаштаанд.** Ваъда ва даъвои илмӣ оид ба таҳаввулоти диалектикӣ дар структураи шуури ҷамъиятӣ дар ин ҷомеаҳо ба фоидаи манфиатҳои миллӣ кор намекунанд. Зиддиятҳои беохири абадии мавриди назар дар шуури муқаррарии ҷамъиятӣ аз ҷониби оқилони геополитикӣ, ҳамчун воситаи таъмини манфиатҳо истифода мегарданд.

Субъект, объект ва ҳамчун натиҷаи муносиботи онон - мундариҷа ва самти ҳаракати шуури рӯзмарраро зарур аст омӯхт. **Офарандагон, омилҳои муассир, шарт ва шароити таъсир, структураи манбаъ ва ҳадафҳои мавриди назар, дараҷаи**

---

[8] Гегель В.Ф. «Философская пропедевтика», 1976,«Мысль», М., саҳ.87.

**рефлексияи ҳақиқат ва ё вуҷудияти лофу газофро дар сиришти сарчашмаҳои ташаккули ҷаҳонбиниҳо, аз нигоҳи стратегӣ бояд мавриди баррасӣ қарор дод.** Нафароне, ки имкони таъсир ба ҷаҳонбинӣ ва шаклгирии шуури рӯзмарраро доранд, **аз лиҳози таъмини идеявии манфиатҳои миллӣ зарур аст, ба он ҳуқуқи маънавӣ дошта бошанд. Эҳсоси бузурги масъулият кунанд.**

Шуури инфиродӣ аз шуури ҷамъиятӣ албатта фарқ дорад. Аммо онҳоро ба тарзи мутлақ ҷудо кардан мумкин нест. Такрори зуҳуроти номатлуб аввал дар шакли индивидуалӣ, баъдан гурӯҳӣ бояд ҷомеаро ба ташвиш орад. **Ҳодисаҳои иштироки ҷавонони тоҷик дар Сурия ва дигар манотиқи доғ дар шакли зуҳуроти террористӣ, боиси ташвиши ҷиддӣ ва эълони бонги хатар барои ҳар як оила, деҳа, ноҳия, шаҳр, вилоят ва албатта ҷумҳурӣ бошанд.** Ҳамакнун, ин кор аз ҳадди шуури инфиродӣ гузашта, ба доираи шуури гурӯҳӣ (коллективӣ) ворид гаштааст. Пӯшида нест, ки **«хомиву соддадилӣ шеваи ҷонбозон нест»**. Аммо дар роҳи бозгардонии ҷавонон аз ин раҳи хатар ва хиёнат, кам касоне ҳастанд, ки **«бар мунтаҳои мақсади худ комрон»** гашта бошанд (таъбирҳо аз Ҳофиз).

Барои ҷомеа ҳаётан муҳим аст, ки нисбати шаклгирии шуури оддӣ – рӯзмарра саъйу кӯшиши беандоза кунад. **Айни вақт аст таъкид гардад, ки омилҳои аслии таъсиргузор, маҳз дар ҳамин пояи шуури ҷамъиятӣ барои манфиатхоҳони зидди манфиатҳои миллӣ истифода мешаванд**.

Дараҷаи одии (рӯзмарраи) шуури ҷамъиятӣ, дарвоқеъ «майдони навкорам»-и майнаи инсон барои коштани ҳама гуна тухми маънӣ, мафҳум ва ҷаҳонбинии мувофиқ ва мутобиқ ба мақсади гузошташудаи гурӯҳҳои ҷамъиятӣ мебошад. Ин хосияти дар шакли олӣ ташаккулёфтаи материя - майнаи инсон, ҳама вақт мадди назари олимони шинохтаи сатҳи ҷаҳонӣ буд ва ҳаст. Аз ҷумла, Гегел В.Ф. қотеъона таъкид мекунад: **«Дар шуури одӣ (рӯзмарра) проблема оид ба масъалаи ҳақиқати муайянкунии тафаккур, умуман намеистад…. Дар шуури одӣ шаку шубҳае оид ба истифодаи маъниҳои аслӣ, решагӣ ҷой нест. Он (шуури муқаррарӣ - С.Я) бе ворид гаштан ба умқи масъала, дар ҳар маънӣ муҳиммиятро мебинад»**[9]. Ин хулоса, масъулияти илмӣ ва зиёиёни миллиро дар самти кор бо ҷаҳонбинӣ ва шуури рӯзмарра даҳчанд мегардонад.

### Шуури муқаррарӣ ва муносибатҳо

Дар структураи аввали шуури ҷамъиятӣ – «моли тоза»-и ҳар фард заминаи аслии муносибат ба Ватан, Миллат, Падару Модар, дӯстон, эътиқодот, умуман муҳити ҷисмонӣ ва маънавии атроф шакл мегирад. Ва муҳимтар аз ҳама, мундариҷаи муносибат ба моҳияти ин истилоҳот муайян мегардад. Рафторҳои иҷтимоӣ аз онҳо вобастагӣ пайдо мекунанд.

Фаъолият ва муносибат аз ҷумлаи категорияҳое ҳастанд, ки аз мавзӯъҳои баҳси фалсафӣ мебошанд: кадоми онҳо мавқеи ибтидоӣ, аввалӣ дорад? **«Ба хотири он, ки тамоми фаъолияти инсон, ҳамзамон муносиботи байни одамонро дар назар дорад ва дар доираи системаи муайяни муносибот ба вуқӯъ мепайвандад…»**[10]**.** Худи муайян кардани муносибат ба зуҳуроти физикӣ, ахлоқӣ, маънавӣ ва эътиқодот чизи оддӣ нест. Агар дар сухан касе аз муносиботи худ ба ҳар ҷузъиёти олам, аз ҷумла он чизе, ки дар охир зикр гардид, фосилагирӣ ба намоиш гузорад, бояд дониста бошад, ин кори саҳл нест. Алоқаҳои байни инсонҳо, инсон ва дигар зуҳуроти олам, сарфи назар аз доштани мундариҷаи

---

[9] Гегель В.Ф., Наука логики, М., «Мысль», 1974, саҳ. 127

[10] Ковальченко И., Методы исторического исследования М., «Наука», 2003, саҳ.74

мусбӣ ё манфӣ масъулият дорад. Зеро худи ҳамин муносибат «**яке аз шаклҳои ягонагии предмет, зуҳурот ва хосиятҳои он мебошад. Асоси онро умумияти муайяни ду ва зиёда предмет ташкил мекунад ва байни онҳо муносибат пайдо мешавад»[11].**Гузашта аз ин, яке аз файласуфони бузурги асри гузашта қатъиян таъкид кардааст: **«Алоқаҳо, муносибат, миёнҷигариҳо - ана аз чӣ чизҳо ҳақиқат иборат мебошад».** Бе донистани ин аломат, натанҳо фаҳмидани фард, гурӯҳҳои ҷамъиятӣ мушкил аст, балки равандҳои шаклгирии шуури фард, гурӯҳ ва умуман шуури ҷамъиятӣ дар ҳар зинаи тараққиёти инсонӣ номумкин мебошад. Ин талабот шароит фароҳам меорад, ҳарчи тезтар ташхиси равандҳои ифротгароӣ, махсусан дар байни ҷавонон, дигар гурӯҳҳои ҷамъиятӣ ошкор ва ислоҳ гардад.

Ҳамзамон, **«зарур даниста мешавад, ки вуҷуд доштани қочоқи (контрабандаи) шуур дар мавриди ҳар гуна тамоюлоти манъгашта, «символҳои куллан солим» низ эътироф гардад»[12]**. Ин падидаро натанҳо эҳтиёткорона, мисле, ки муаллифи китоби мазкур изҳор медорад, балки хеле қотеъона иброз бояд дошт. Қочоқи анъанавӣ ва таърихан шаклгирифтаи шуури зиддимиллиро аз бузургтарин фоҷеаҳои таърих номидан мумкин аст. Шикасти давлати бузурги Сомониён ба манфиати хулафои араб, падидаҳои босмачигарӣ ба манфиати сулолаи манғитиҳо, зери хатари ҷиддӣ гузоштани мавҷудияти давлати тозаистиқлоли тоҷикон дар солҳои навадуми асри гузашта ба хотири бозигарони маълуми геополитикӣ, ҳамакнун кӯшишҳои ҳаррӯзаи ташкилоти террористӣ, ки аз кишварҳои муайян пуштибонӣ ва маблағгузории бебаркаш карда мешавад, дар заминаи «қочоқи шуур»-е сурат мегирад, ки онро муаллифи китоби «Асотири сиёсӣ» муваффақона номниҳод кардааст.

Алоқа, муносибат ва миёнҷига-риҳоро дар чаҳорчӯби ин навъи қочоқ лоиқи омӯзиш, арзёбии рӯзмарра ва албатта бо роҳҳои гуногун, аммо на камтар аз қочоқи силоҳ ва маводи мухаддир бояд эътироф кард. Онро пайгирӣ намуд.

**Шуури муқаррариро зарур аст, ҳамчун пойдевори давлати миллӣ шинохт. Сифати матоъи он - сифати матоъи давлати миллӣ аст.** Ҷаҳонбинии миллие, ки дар асоси ин шуур шакл мегирад, мустаҳкам мешавад, дар хотира нақш мебандад, ҳамчун иммунизатсияи аҳолӣ аз бадбахтиҳое, ки ӯро дар уқёнуси пурталотуми бозори ақлҳо интизор аст, эмин нигоҳ медорад. **Тақвияти шуури оддӣ ба манфиати давлатдории миллӣ, бояд аз ҷараёни оғози аввалин нишонаҳои пайдошавии ақл то нафаси охирини фард идома ёбад.** Барои он ки айнан дар ҳамин муддат ва тамоми умр, инсони ҳушманд зери таъсири равандҳои некӣ ва бадӣ мебошад. Муҳиммияти ин масъаларо олимони шинохтаи Амрико ҳаргиз аз мадди назар дур накардаанд. Дар ин маврид Дж. Брунер таъкид месозад: **«Тадқиқоти шашсолаи мо дар соҳаи рушди пертсептивии (қобилияти эҳсос, идрок, фаҳмиш) бачаҳои то се сола мунҷар ба нашри китоби «Тадқиқоти инкишофи қобилияти дарк кардан» ба анҷом расид. Ҳангоми ин тадқиқот муайян гардид, ки дар оғози соли сеюми ҳаёт, дар бачагон стратегияи хоси коркарди маълумот пайдо мешавад»[13].** Агар ба ин заҳмати чандсолаи олими амрикоӣ эътимод кунем, ҳадди ақал аз ҳамин синну сол майнаи инсонро аз афкоре, ки барои худи ҷомеа зараровар аст, эҳтиёт бояд кард.

---

[11] «Краткий словарь по философии», М., 1979, саҳ. 22
[12]Кольев А.Н., «Политическая мифология», М., «Логос», 2003, саҳ. 14

[13] Брунер Дж., «Психология познания», М., изд. «Прогресс», 1977, саҳ. 274

Маълум аст, ки барои шаклгирии дарачаи болои нисбатан муташаккили шуур - шуури систематикунонидашуда, шароити мукаммал ва фарогири иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маърифатӣ ва фарҳангӣ зарур аст. Ин гуна шароит на ҳама вақт ва на дар ҳама ҷо мавҷуд аст. Одамон бештар бо нияти нек фарзандони худро аз хурдсолӣ ба таълими ғайриқонунии диниӣ ҷалб мекунанд. Бо қисме аз пасандози ночизи худ онҳоро барои гирифтани таълимоти динӣ ба хориҷи кишвар мефиристанд. Дар назари волидайн ин иқдом безарар менамояд. Баъзе аз намояндагони кишварҳои хориҷӣ дар ин самт супориши махсус доранд. Онро ба навъи аҳсант иҷро менамоянд. Фарзандони мардумро ройгон ба ин тарзи омӯзиш (на техникӣ, технологӣ, тиббӣ, муҳандисӣ, ҳатто омӯзиши забону адабиёт) ҷалб мекунанд. Аммо маълум мегардад, ки ин мактабҳо ва ин ақидасозиҳо натанҳо барои як оила, балки барои ҷумла мусулмонони дохил ва ҳатто берун аз кишвар, мусибат эҷод мекунад. Исломро бадном месозанд. Эҳтимол меравад, ки Абӯалӣ Ибни Сино ҳангоми таҳлили категорияи сабаб ва оқибат, зуҳуроти онтологии ин падида – принсип, структура ва қонунмандии онро омӯхта, аз ҷумла хотирнишон мекунад: **«Эҳтимол дорад, сабабе ҳаст ва моҳияти он иборат аст аз он, ки аз вай ногузир натиҷа бар меояд, аммо на он натиҷае, ки ба хотири он мақсадгузорӣ шуда буд. Ин гуна сабабнокӣ берун аз мақсадгузорӣ ва саволи «чаро?» аст. Сабаб духӯра мешавад: якеаш ҳақиқӣ, дигараш вонамудӣ»[14].** Барои пешгирии ҳама гуна таъсири номатлуб ба структураи шуури муқаррарӣ, муайян кардан, донистани муносибатҳои фардӣ, гурӯҳӣ ва дигар омилҳои муассир дар доираи манфиатҳои миллӣ аз муайянкунандаҳост.

[14] Ибн Сина, «Избранные философские произведения», М., «Наука», 1980, саҳ.129

## Хулоса

Масъалаҳои шуури ҷамъиятӣ, аз ҷумла шуури муқаррарӣ дар маҷмӯъ, аз мураккабтарин самтҳои таҳқиқоти илмӣ, омӯзиш, баҳодиҳӣ, хулосабарорӣ ва дар ин асно тасмимгириҳост.

Манфиатҳои бегона дар атрофи шаклгирии шуури муқаррарӣ, вазъиятро боз ҳам мушкилтар мекунанд.

**Вазифаи шуури рӯзмарраи солим интихобан, эҳтиёткорона, мақсаднок ва тибқи масъулияти ватанхоҳона амал кардан аст. Ин ҷараён бояд дар атрофи рӯҳияи беҳтар, хубтар кардани зиндагӣ дар доираи ҳимояи манфиатҳои миллӣ, тибқи имконоти фардӣ, гурӯҳӣ ва худи ҷомеа сурат бигирад. Кӯшиши бегонагон, ҳадди ақал, барои хунсо кардани ҳамин ҷузъиёти муҳим дар структура ва муҳтавои шуури муқаррарӣ равона карда шудааст.**

Донистани паҳлӯҳои структураи шуури муқаррарӣ, омилҳои шаклгирӣ, мундариҷа, рушд ва оқибатҳои он барои шахс, ҷомеа ва давлат, системаи давлатдорӣ ҳаётан муҳим мебошад.

Дар ин раванд, пурра муайян ва баҳогузорӣ кардани субъектҳои муассир ба шуури ҷамъиятӣ, дараҷаи мувофиқат кардани сифат ва муҳтавои кор дар шароити кунунии сохтмони давлати миллӣ, метавонад барои ислоҳи равандҳои хатарнок дар ҷомеа хизмат намояд. Вобаста ба ин, таҷрибаи таърихии миллати тоҷик аз замони истиқлолият то имрӯз, бо назардошти собиқаи ҳазорсолаи бедавлатӣ, сабаб ва оқибатҳои он, маводи муҳим барои ташаккули шуури рӯзмарра ба манфиати таъмини амнияти ҷомеаи мо хохад гашт.

Амнияти шуури муқаррарӣ, муҳимтарин ҷузъи таъмини амнияти ҷамъиятӣ аст.



Нуриддин САИД
профессор,
Мумин НАЗАРОВ
дотсент

## Мақоми мафкураи миллӣ дар ҷомеа[15]

**Таълифоти мазкур ҳануз моҳи майи соли 2012 таҳия шуда буд. Бинобар сабаби номусоидии вакт, ки берун аз ирода ва мақому манзилати мо аст, ба чоп супорида нашуд. Акнун пас аз интишори таълифоти профессор С.Н.Наврӯзов «Духовенство и потребительство», Душанбе-2014 - 48 саҳ., таълифоти профессор С.С.Ятимов «О политической идеологии», Душанбе-2014 - 72 саҳ., таълифоти профессор А.Н.Маҳмадов «Муқаддимаи идеяи миллӣ», Душанбе -2013- 73 саҳ. ва мақолаи дотсент М.Давлатов «Озодандешӣ ё таассуб», ҳафтаномаи «Тоҷикистон» 22 майи соли 2014 №21, ҳамин мақола дар партави онҳо ба чоп супорида шуд. Орзумандем, ки мақбули донишмандон ва хонандагон мегардад.**

Дар ҳама давру замонҳо вобаста аз шароити мавҷуда ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ ва ё гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ ба раванди ҳаёти ҷомеа таъсири назаррас мегузоранд. Ба ишора метавон аз даврони Шӯравӣ ёдовар шуд, ки ҳизби ҳукмрон бо мафкураи марксистии худ ва ё ба истилоҳ «идеологияи коммунистӣ» дар сари қудрат қарор дошт ва тамоми паҳлӯҳои рӯзгори мардумро зери назорат ва таъсири пурраи маънавӣ гирифта буд. Мафкураи мазкур бо таъкид бо андешаи фаромиллӣ манофеи аслии миллатҳои ҷумҳуриҳои иттиҳодро сарфи назар намуда бошад ҳам, бо вуҷуди ин талқин ва асоснок мекард, ки ягонагии пролетарии миллатҳо бо таҷассуми он дар миллати ягонаи Шӯравӣ ва ё худ халқи Шӯравӣ мурод ва орзуи ниҳоии миллатҳо мебошад. Гӯё маҳз дар заминаи чунин ягонагӣ дар ҷомеаи коммунистӣ, аз рӯи принсипи «аз ҳар кас мувофиқи қобилияташ ва ба ҳар кас мувофиқи талаботаш», адолати иҷтимоии ҳақиқӣ, саодати ҳамешагӣ, озодии комил, баробарии мутлақи моддӣ ва маънавӣ ҳукмрон хоҳанд гашт. Чунин даъвоҳои мафкуравӣ тамоми аҳли ҷомеаро фаро гирифта, боиси мафкуравигардонӣ ва сиёсисозии яктарафаи ҷомеа, азхудбегонашавии миллатҳо, аз ҷумла тоҷикон, аз асолат ва арзишҳои миллии худ гардида буданд. Ба хотири аз байн бурдани чунин сиёсати ғалати мафкуравӣ дар охири солҳои 80 ва ибтидои солҳои 90-уми асри XX ҷунбишҳои миллӣ-озодихоҳӣ дар тамоми ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ сар заданд. Бо мақсади идора кардани раванди эҳёи арзишҳои миллӣ ва заиф гардонидани нуфуз ва иқтидори мафкураи коммунистӣ тасвиб ва татбиқи қарорҳои ҳукумати ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ дар масъалаи ғайрисиёсӣ ва ғайримафкуравӣ гардонидани ҳаёти давлат ва ҷомеа амри зарурат ва тақозои замон шуд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ чунин қарорҳо аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ ба тасвиб расида, мавриди иҷро қарор гирифтанд. Якум, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ғайрисиёсигардонии ҷомеа» ва дуввум, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ғайриидеологигардонии ҷомеа», ки дар шоҳроҳи эҳёшавии арзишҳои миллӣ дар Тоҷикистон қадамҳои нахустин гардиданд. Бо назардошти он ки арзишҳои миллии мардуми мо дар тӯли зиёда аз 1300 соли охир дар омезиш бо арзишҳои динӣ рушду такомул меёфтанд, барои арзишҳои

[15] Бознашр аз рӯзномаи Тоҷикистон № 32 (1074) аз 07.08.2014, саҳ. 12-13

динӣ, хосатан арзишҳои исломӣ, ҷойгоҳ ва нақши муносиб ҷустуҷӯ мегашт. Ҳатто баъзе ҳизбу гурӯҳҳои алоҳидаи одамон кӯшиш мекарданд, ки дар муқоиса бо арзишҳои миллӣ бештар ба эҳёи авлавият ва арзишҳои исломӣ, хусусан, сиёсигардонии ислом тавағҷуҳи бештар ва яктарафа диҳанд. Ҳақиқати ҳол он шуд, ки миллати тоҷик аз ифротгароии мафкуравии коммунистӣ раҳо наёфта, мубталои ифротгароии динӣ-сиёсӣ гашт. Зиёда аз ин, зиёиёне, ки солиёни зиёд зери таъсири мафкураи коммунистӣ зиндагиву фаъолият мекарданд ва рӯҳияи миллӣ надоштанд, беихтиёр, аз лиҳози маънавӣ мавқеъ ва ҷойгоҳи андешаи миллиро дар мафкураи давлатӣ холӣ гузоштанд. Ба ин васила, фазо ва зарфияти маънавии холиеро, ки ба иллати оҷизии мафкуравии зиёиён ва донишмандон дар ҷомеа ба миён омад, рӯҳониёни қудратхоҳ ва исломиёни сиёсӣ бо арзишҳои фаромиллии динӣ ва бегонапарастӣ босуръат фаро гирифтанд ва пур карданд. Ҳамзамон, бо чунин дигаргун шудани фазои мафкуравӣ дар ҷомеа ташаннуҷи сиёсӣ-ҷамъиятӣ ба вуҷуд омад.

Дар натиҷа, дар ҳаёти ҷомеа муттасил ва пай дар пай ҷараёни сиёсисозии исломӣ шиддат гирифт, хусусан, дар забон, илм, фарҳанг, тарзи ҳаёт, сарулибос, рафтор, кирдор, гуфтор, симои зоҳирии одамон ва ғайра хусусияту тобишҳои динӣ-мафкуравӣ намоён гаштанд. Ҷараёни сиёсисозии исломӣ рафта-рафта чунон тезу тунд гашт, ки дар бисёр ҳолатҳо пайравони тундрави он табиат, моҳият ва таъйиноти ахлоқии умумиинсонии дини мубини исломро тағйир доданд. Акнун кас гумон мекунад, ки Худованд одамонро барои тундравии динӣ офаридааст, на дини мубини исломро барои одамон. Ё ба ибораи дигар, гӯё мардуми мусулмон бояд дар хидмати рӯҳониёни сиёсии ислом бошанд, на, баръакс, ходимону рӯҳониёни дини мубини ислом дар хидмати мардум. Маҳз сиёсисозии исломии ҷомеа, ки як шакли нави мафкуравикунонии ифротӣ буд, боиси пайдоиши даҳҳо равияҳои тундрави динӣ, ба истилоҳ «Таҳрир», «Таблиғ», «ал-Қоида», «Аҳмадия», «Салафия» ва ғайраҳо гардид, ки ин пасомади нохуш дорад. Вале, агар масъала дар сари пойдории асосҳои анъанавии ҷомеа, хосатан ҳифзи амнияти мафкуравӣ ва аз ҳама асосӣ бақои сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона равад, он гоҳ вазъият хеле нигаронкунанда хоҳад буд.

Дар робита ба масъалаи мавриди назар саволе ба миён меояд, чӣ бояд кард? Кадом мафкураро метавон ба ҷараёни сиёсисозии дин ва теократисозии ҷомеа муқобил гузошт, то пеши роҳи чунин равандҳои ифротӣ гирифта шавад ва дар баробари ин ҳисси бегонапарастиро, ки дар ҷомеа тавассути мафкураи динӣ ба вуҷуд омадааст, аз байн бурда, ба давлат ва ниҳодҳои он характери миллӣ бахшида шавад. Ба фикри мо ин мафкураи миллист. Танҳо рушду нумӯи мафкураи миллӣ метавонад пеши роҳи ҳар гуна гароишоти тундравии динӣ-сиёсиро дар ҷомеа гирад ва бақои сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин намояд. Гузашта аз ин, дар сохтори ин мафкура бояд ҷойгоҳи Ватану миллат ҷиҳати хидмат ба давлатдории навини тоҷикон ба хотири хунсо гардонидани ғаразҳои бегонапарастонаи ҳокимиятхоҳии онҳо муайян гардад ва рисолати маънавию ахлоқии ин дини муқаддас барқарор шавад. Ёдовар мешавем, ки аз ҷумлаи динҳои ҷаҳонӣ дини мубини ислом ҳамчун дини ҷавонтарин дорои ҷавҳари бузурги фарҳангии умумиинсонист. Чунин характер доштани ин дин ҳодисаи тасодуфӣ нест ва аз ягонасозии асли инсоният манша мегирад. Гузашта аз ин, дини мубини ислом дар миёни динҳои ҷаҳонӣ ягона динест, ки дар пояи инсонмеҳварӣ рисолати абадӣ дорад. Асосгузори дини ислом Паёмбар Муҳаммад

(с) дар як вақт роҳбарӣ уммати бузург низ гардида буд. Зиёда аз ин, таъйиноти дини ислом ва Паёмбар Муҳаммад (с) дар баробари ҷаҳонгир кардани дини мубини ислом ва мутамарказ гардонидани қабилаҳои парокандаи араб аз таъсиси уммати ягонаи исломӣ дар миёни қавму қабила ва халқияту миллатҳои (дар фаҳмиши исломии истилоҳ) мухталиф аён мегардид. Аз ин рӯ, дини исломро аз рисолати умумиинсонии он ҷудо намудан, ё худ пайравони онро бе ормони расидан ба ҷомеаи одилона ва ваҳдати умумиинсонӣ амрест муҳол. Албатта, роҳу усули эҳёи ҷавҳари инсонмеҳварии дини ислом дар Тоҷикистон зиёд мебошад, ки инҳо ҳам бошанд, пеш аз ҳама, бунёди кохи муҳташами мафкураи миллӣ, зиёда аз ин, миллисозии арзишҳои фарҳанги ислом ва аз ин тариқ аз худ кардани арзишҳои инсондӯстонаи он мебошанд. Ҳамзамон, андеша ва амалияи давлатдории исломиро аз ҷавҳари динӣ-ахлоқии он то абад ҷудонопазир донистан, эҳёи фарҳанги инсонмеҳварии онро маҳз ба давлат алоқаманд сохтан муносибати ҳакимона бо ин дини бузург нахоҳад буд. Зеро бисёр хилофатҳо ва давлатҳои исломӣ аз байн рафтаанд, вале ислом ҳамчун дини фародавлатӣ ва фаромиллӣ побарҷо боқӣ мондааст. Дар ин маврид аз таърих бояд ибрат гирифт, ки баҳс дар атрофи он албатта, мавзӯъ ва таҳқиқоти алоҳидаро талаб менамояд.

Мафҳуми мафкураи миллӣ ҳамчун низоми назариявии том дорои сохтори хеле мураккаб аст. Ҳарчанд ин низом моҳият ва мазмуни махсуси худро дошта бошад ҳам, вале он аз доираи арзишҳои умумиинсонӣ берун буда наметавонад. Он дар асоси мафҳумҳои илмҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ таҳия шуда, аз онҳо босамар истифода мебарад. Ҳама гуна мафкура, алалхусус мафкураи миллӣ, маҷмӯи ақидаю тасаввуроти фалсафӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, таърихӣ, ҳуқуқӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ, эстетикӣ ва динӣ мебошад, ки манфиати муайяни давлати миллиро ифода намуда, фаъолияти ҷамъиятиро ҷиҳати татбиқи онҳо роҳнамоӣ месозад.

Азбаски мафкура ҳамеша низоми муайяни ақида ва ғояҳо мебошад, дар он дар асоси манфиат муносибати одамон ба воқеияти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ, инчунин, нисбат ба ҳамдигар дарк ва баҳогузорӣ мешавад. Бинобар ин, ба сифати шаклҳои зоҳирии ифодаёбии он як зумра таълимоту консепсияҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ баромад мекунанд. Мафкураи миллӣ новобаста аз он ки дар шакли як таълимоти бонизом ба қайд гирифта мешавад, ё дар намуди ғояҳои парешон ва мухталиф қобили қабул мегардад, бояд ба сифати таълимоти бонизом ва мақсаднок шакл гирад ва рушду нумӯ ёбад: монанди мафкураи миллии амрикоӣ, фаронсавӣ, британӣ, русӣ, яҳудӣ ва ғайра. Албатта, мавҷудияти намудҳои дигари мафкураҳо аз воқеъият берун ва истисно нестанд.

Қобили зикри махсус аст, ки мафкураҳо, хусусан, мафкураи миллӣ дорои қонунияти хоси инкишофи худ мебошанд. Ҳама гуна сохтори мафкуравӣ мафҳум ва ғояҳоро, ки дар дин, илм, санъат, фарҳанг, тамаддун, таърих, ҳуқуқ, ахлоқ ва ғайра мавҷуданд, дар шакли назариявӣ ба низом, дароварда, ба онҳо рушду нумӯи ба худ хос мебахшад. Вобаста ба сохтори ҷомеа мафкура ба се гурӯҳ тасниф мешавад: иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ ё худ гуманитарӣ. Ҳамзамон, намудҳои дигари таснифи мафкура низ дар илми ҷомеашиносӣ маълуму машҳур мебошанд.

Ҳарчанд донишмандони маъруф, аз қабили К.Манхейм, Р.Михелс, Г.Моска, В.Парето ва даҳҳо назариячиёни дигар роҷеъ ба ин масъала нуқтаҳои назари мухталиф доштанд, аммо восита ё олоти амалӣ ва нотакрори иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ будани мафкура, хусусан мафкураи миллиро инкор накардаанд. Баръакс, бар он андеша

буданд, ки бо ёрии мафкура, хусусан, мафкураи миллӣ ҳадафи инкишофи ҷомеаи миллӣ коркард, умумияти иҷтимоӣ сарҷамъ, нерӯи иҷтимоии одамон, нерӯи сиёсӣ ва иқтисодӣ муттаҳид ва самтгир карда мешавад. Аз ин бармеояд, ки мафкура, аз ҷумла мафкураи миллӣ, вазифаи мақсадгузорӣ, муттаҳидгардонӣ, ваҳдатсозӣ ва сафарбаркуниро иҷро намуда, дар ҳаёти ҷомеа нақши фавқулодда ва ниҳоят муҳим дорад.

Мафкураи миллӣ чунин зуҳуроти ҷамъиятие мебошад, ки бидуни истифодаи он, фаъолияти пурсамари давлати миллӣ (давлат агар характер ё моҳияти миллӣ дошта бошад) имконнопазир аст. Моҳиятан ва амалан давлати миллӣ ва мафкураи миллӣ ҳамрадиф ва ҷудонопазир мебошанд.

Як мушкилоти мафкураи миллӣ дар ҳама давру замон новобаста аз тафовути давлату миллатҳо ин «давлатӣ» будан ё набудани он аст. Бояд изҳори назар намуд, ки дар ин росто дар илми ҷомеашиносӣ ду истилоҳ, ё худ ду мафҳум мавриди истифода аст. Коршиносон дар атрофи ин ду мафҳум баҳсу андешаронӣ мекунанд, ки онҳо мафҳумҳои «мафкураи давлатӣ» ва «мафкураи давлат» мебошанд. Ба назар чунин мерасад, ки ин ду мафҳумро танҳо пасванди калимасози «ӣ» аз ҳам ҷудо мекунад. Дар асл, ин ду мафҳум аз лиҳози маъно ва мазмун айниятдор набуда, аз якдигар тафовути ҷиддӣ доранд.

Хотиррасон мекунем, ки мафкураи давлатӣ ҳамон замон моҳиятан характери давлатӣ мегирад, агар ба сифати мафкураи давлатӣ дар банди махсус дар Сарқонуни (Конститутсияи) кишвар қайд шавад: чи тавре дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ дар моддаи 6-и Сарқонуни (Конститутсияи) он сабт гардида буд. Давлатӣ гардидани мафкураи миллӣ, чуноне таҷрибаи таърих нишон дод, зуҳуроти чандон хуб нест. Дар ниҳояти кор, он метавонад ба гуногунандешӣ, плюрализм ва озодиҳои фитрии инсон монеа эҷод кунад. Зиёда аз ин, сабабгори якандешӣ, якбинӣ, тафаккури қолабӣ гардад ва дар ҷомеа манзилати «доварии ақлҳо»-ро иҷро кунад. Дар натиҷа, мафкураи давлатӣ ғалбери мудҳишеро мемонад, ки ҳама ашё аввал аз он гузаронида шуда, сипас «қобили қабул» мегарданд. Маҳз аз ин хотир шахсиятҳои бузург ва коршиносони варзида ҳамин паҳлуи мафкураи давлатиро написандида, муқобили он мубориза мебаранд ва ҷомеаи дунявиро, ки дар он ҳеҷ як мафкура ва дин дар назди қонун нисбат ба мафкура ва дини дигар афзалият ва бартарӣ надорад, мепазиранд ва барои ҳастии чунин ҷомеа талош меварзанд. Мафҳуми мафкураи давлат бошад, дорои мазмуни дигар аст. Маълум аст, ки давлат бе мафкура буда наметавонад, чунки мафкура ҳамрадифи давлат аст. Мафкураи давлат маҷмӯи ғояҳо, назарияҳо ва таълимоти ҷамъиятии шахшуда, барҷомонда ва догматикӣ нест. Он як шакли низоми тактикии бахшҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии фаъолияти давлат дар зинаи таърихан муайяни инкишофи ҷамъият мебошад. Давлат метавонад вобаста ба зинаи муайяни инкишофи худ онро тағйир диҳад, мукаммал созад, ба он характери миллӣ бахшад ва аз он дар пиёдасозии барнома ва ҳадафҳои миллии худ истифода барад, ҷомеаро муттаҳид созад, ягонагии шаҳрвандонро ба вуҷуд орад, сохтори конститутсиониро пойдор гардонад, бехатарии сиёсии ҷомеаро таъмин намояд. Давлати миллӣ бе мафкураи миллӣ вуҷуд дошта наметавонад, чунки мафкураи миллӣ ва давлати миллӣ ҳамрадифанд.

Мафкураи миллӣ чунин воситаи иҷтимоӣ мебошад, ки бидуни истифодаи он фаъолияти пурсамари давлати миллӣ имконнопазир аст. Воқеан, тавре ки гуфтем, давлат ва мафкура таърихан ҷудонопазир ҳастанд. Ғайримафкуравигардонӣ ё худ деидеологизатсия (кӯшиши бартараф кардани ҳама гуна мафкура), ки солҳои 90-уми асри XX дар фазои пасошӯравӣ вусъат

гирифт, барои заиф гардонидани мафкураи коммунистӣ мусоидат мекард. Агар баҳои воқеӣ дода шавад, худи «ғайримафкуравигардонӣ» ин дар асл як навъ ивазкунии як мафкура бо мафкураи дигар аст. Ҷойи баҳс ҳам нест, ки агар фардҳо, гурӯҳҳои одамон ҳеҷ ягон тасаввуроти ғоявӣ надошта бошанд, пас онҳо ба сифати субъекти иҷтимоӣ баромад карда ҳам наметавонанд.

Мафкураи миллӣ аз донишу арзишҳо бунёд гардида, ҳадафу тамоюли инкишофи ҷомеаро равшан месозад. Мафкураи миллӣ ба низоми давлатдорӣ марбут буда, фаъолияти ошкорои сохторҳои ҳокимиятии онро таъмин месозад. Мафкураи миллӣ нисбат ба сохти минбаъдаи ҷамъият, ки шаҳрвандон ҳақди барпо кардани онро доранд, тасаввуроти некбинона пешниҳод менамояд, рафтору амали шахсро муташаккил ва танзим месозад. Аз ин нигоҳ, мафкураи миллӣ ҳамчунин ба фаъолияти ҳокимияти давлатӣ самт мебахшад ва рафтори одамонро ба манфиати миллат ва давлати миллӣ идора менамояд.

Мафкураи миллӣ низоми донишу арзишҳои ҷамъбастӣ ва таърихан мушаххаси фалсафӣ, илмӣ, эстетикӣ, ахлоқӣ, ҳуқуқӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ доир ба миллат, ҷомеа, инсон, мавқеъ ва нақши фард дар он ва дарки воқеии маънии ҳаёт мебошад.

Ташкилотҳои мафкуравӣ таълимоти мафкуравиро коркард ва онҳоро дар шуури омма «татбиқ» менамоянд, фаъолияти сохторҳои иҷтимоӣ ва шохаҳои гуногуни ҳокимиятро дар ҷомеа зери назорати худ қарор медиҳанд. Гузашта аз ин, мафкурачиёни миллӣ дар давоми асрҳои гузашта омили инкишофи маънавии ҷомеа буданд. Арзишҳои мафкуравӣ таърихан ташкилшавии сохтору ниҳодҳои нави иҷтимоиро муайян мекарданд: дар ибтидо таълимоти мафкуравӣ рӯи кор меомаданд ва дар асоси онҳо муносибатҳои иҷтимоӣ дигаргун мешуданд. Мафкураи миллии давлат натанҳо воситаи самараноки идоракунӣ, ҳамчунин силоҳи пуркудрат, воситаи нерӯманди таъсиррасониҳои давлат мебошад. Вай қудратеро дорост, ки нисбат ба қувваҳои ҳарбӣ, тавоноии иқтисодӣ ва дипломатӣ матинтар аст. Агар ҷомеа ё давлат аз мафкураи миллӣ умуман рӯ гардонад, ё мафкураи миллӣ надошта бошад, ё худ мафкураи миллии худро насозад, пас, ҳатман аз воситаҳои пурқуввати таъсиррасонӣ бебаҳра мемонад.

Мафкураи миллӣ яке аз воситаҳои пурсамари идора ва рушди ҷомеа, давлат ва миллат буда, манбаи тавоноест, ки истифодаи оқилонаи он метавонад ба хотири ҳадафҳо ва идеалҳо натиҷаи пурбор диҳад. Дар ҳолати муайян ва равшан набудани ҳадафҳо ҳама гуна мафкураи миллӣ аҳамияти худро аз даст медиҳад ва ба ибораи дигар, чунин мафкура амалан бе манфиат хоҳад буд. Аз ин нигоҳ, эҷоди мафкураи миллӣ ё худ ташаккули он масъалаи ҳаётӣ буда, дарки зарурати он тақозои замон аст. Ҷомеа ва давлате, ки мафкураи миллӣ ва ормонҳои созанда надоранд, ҳастӣ ва рушди он амри муҳол аст. Ҳар як миллат бояд дорои мафкураи миллӣ бошад ва он мафкураи давлат, алалхусус давлати миллӣ қарор гирад. Ҳатто миллатҳое, ки «намояндагони соҳибмаърифаташ» мехоҳанд зуҳуроти мафкураи миллиро инкор кунанд, ногузир бояд мафкураи миллӣ дошта бошад. Ҳарчанд дар сатҳи муайян ташаккул додани мафкураи миллӣ дар тафаккури чунин «соҳибмаърифатон» кори осон нест, вале рӯҳияи созандаи миллат мафкураи онҳоро ба хотири рушду камолоти худ ҳамеша тағйир медиҳад ва аз онҳоислоҳи назар талаб мекунад.

Шоёни зикр аст, ки дар меҳвари ҳама гуна мафкураи миллӣ инсон, шахс дар назар аст. Намудҳои мафкураи миллӣ гуногун бошанд ҳам, ҳадафаш инсон мебошад. Зиёда аз ин, маҳз дар марҳилаи кунунӣ беш аз пеш

равшантар мегардад, ки мубориза барои инсон, пуштибонии манофеи сиёсӣ, таъмини бехатарии ӯ дар маркази муборизаҳои мафкуравӣ қарор гирифтааст. Дар ин марҳила, ҷаҳду талошварзии доимии давлати миллӣ, нақши ҳалкунанда хоҳад дошт.

Мазмуни муборизаи мафкураҳо танҳо бо рақобати мафкураҳо ё муборизаи андешавии сиёсӣ маҳдуд намешавад. Бояд иқрор шуд, ки ин ҳамчунин муборизаи миёни тарзи ҳаёти миллатҳо, истиқлолиятҳо, стратегияҳои миллӣ ва ҳатто миёни пешгӯиҳо, лоиҳа ва нақшаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебошад, ки дар чорчӯбаи мафкуравӣ то андозаи лозима ҷойи худро пайдо карда натавонистаанд.

Ҳамин тавр, мафкураи миллӣ ҳамчун низоми ғояҳо ва назариёти мукаммал, дар навбати худ, пояи сиёсати мушаххас мебошад. Дар чунин ҳолат, сиёсати ҳақиқӣ, ин татбиқсозии ҳадафу афзалияти мафкуравӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёт аст.

Аммо бояд қайд намуд, ки дар таърих ҳолатҳое ҳам ба назар мерасад, ки «соҳибмаърифатҳои зеҳнӣ» (интеллектуалҳо) бо машғул шудан ба мафкураҳои парешону аз истеъмол дурмонда саргарманд. Масалан, аъзои ҳизби коммунист. Ҳарчанд ин иродаи хоси онҳост, вале ҳеҷ кас иҷро нагаштани ҳадафҳои онҳоро аз эшон намепурсад ва онро ҷуброн намекунад.

Воқеан, имкон надорад, ки ҷомеа ягон ғояи барои замони худ муҳимро «саривақт офарида натавонад» ё нисбат ба ягон мафкураи нав беэътиноӣ зоҳир намояд. Назариячиёни мустақил дар ҳар ҷомеа мавҷуд мебошанд ва ғайриҷоиз аст, ки онҳо андешаҳои назариявии барои инкишофи кунунӣ ва ояндаи ҷомеа зарурро пешниҳод нанамоянд. Табиатан ин гуна андешаҳо дар шуури ҷамъиятӣ каму беш дар шакли пӯшида ё ошкоро ҷой доранд.

Ҷомеаи мо низ дар қатори ҷомеаҳои дигар, то андозае барои тақвияти беш аз пеши заминаҳои мафкуравӣ ва маънавии раванди дигаргунсозиҳои демократӣ ниёз дорад. Таҷрибаи мамлакатҳои ҷаҳон нишон медиҳад, ки агар дар мамлакат мафкура ё худ низоми арзишҳои барои мардум боэътимод, боварибахш мавҷуд набошад, пас дар рушди соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ ва маънавӣ ба пешравиҳои назаррас сазовор шудан мушкил аст. Зиёда аз ин, мафкураи миллӣ нисбат ба дигар омилҳо дар демократикунонии ҷомеа аҳамияти беназир дорад. Комёбиҳои ИМА, Шветсия, Ҷопон ва чандин кишварҳои дигар аз омилҳои муайян, ҳамзамон аз мавҷудияти мафкураи миллӣ, эътирофи волоияти арзишҳои миллӣ ва манфиати миллӣ вобастагии калон доранд.

Дар ин ҷода, аҳамияти мафкураи миллӣ дар он аст, ки низоми арзишҳо, тамоюли арзишмандӣ ба ташаккулёбии камолоти ҳар як шахс, гурӯҳи иҷтимоӣ, синфҳо, гурӯҳҳои этникӣ, миллат, давлат мусоидат мекунад. Албатта, дифоъ намудан аз ягонагӣ, инкишоф додан ва ғанӣ гардонидани он, аз қабили вазифаҳои асосии фаъолияти сиёсӣ ва мафкуравӣ ба шумор меравand.

Ҷавҳари умумимиллии давлатро мафкураи миллӣ ташкил медиҳад. Масъалаи ба тасвиб расонидани мафкураи миллӣ вазифаи ниҳоят мураккаб аст. Дар ҷомеаи мо низ аз давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон коркард ва тафсири мазмуни мафкураи миллии тоҷикон оғоз ёфтааст. Ташаккулёбӣ ва рушди мафкураи миллӣ тақозо менамояд, ки созишу ҳамдигарфаҳмии субъектҳои фаъолияти сиёсӣ дар мавзӯи арзишҳои волои ҷомеа, майлгирӣ ба барномаҳои инкишофи иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат ва таҳкими давлатдории миллӣ авлавият дошта бошанд.

Таҷрибаи рушду нумӯи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 90-уми асри XX нишон дод, ки ваҳдати миллӣ, муросою ҳамдигарфаҳмӣ дар байни субъектҳои сиёсӣ, ба осонӣ ба даст намеоянд. Ин кори осон нест.

Таҷрибаи як қатор кишварҳо аз он

шаҳодат медиҳад, ки арзишҳои бунёдии миллиро аз таърих ва фарҳанги хеш бояд ҷуст. Аз таҳлили ҳамаҷонибаи мазмуни мафкураи миллӣ худдорӣ намуда, танҳо қайд менамоем, ки дар асоси ташакулёбии сохтори мафкураи миллӣ ва арзишҳои он, чунин унсурҳои умда бояд ҷой дошта бошанд: анъана ва зеҳнияти (менталитети) миллии тоҷикон ва дигар халқҳои хешовандшудаи маскуни ҷумҳурӣ; аз тарафи халқҳои хешовандшудаи маскуни ҷумҳурӣ эҳсос шудани ҳисси соҳибдавлатӣ, ифтихори ватандорӣ, шаъну шарафи шаҳрвандӣ, худдорӣ аз бегонапарастӣ; қабули демократияи намояндагӣ; эътирофи иқтисоди бозоргонӣ ва ғайра. Мафкураи миллӣ, инчунин, арзишҳои зеринро бояд фарогир бошад: дарки тақдири муштараки ватандории намояндагони тамоми халқҳои Тоҷикистон; хотираи нек аз ниёгони халқамон, ки дар инкишофи илму фарҳанг саҳми босазо гузоштаанд; эҳтиром ба калонсолон, ки бо ҷаҳду ҷасораташон неруи иқтисодӣ, илмӣ-техникӣ, зеҳнӣ ва фарҳангии кишвар созмон ёфтааст; масъулиятшиносӣ, қавииродагӣ ва ташаббускорӣ баҳри ташаккули давлати демократӣ, иқтисоди мутараққӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистони муосир.

Мафкураи миллӣ натиҷаи ихтироoти сиёсатмадорон набуда, чуноне ки олими рус Н.Н.Моисеев қайд менамояд, маҳсули истеъдоди олимон ва муҳаббати сиёсатмадорон нисбат ба халқи худ мебошад. Барандагони мафкураи миллӣ одамонанд. Мафкураи миллӣ ва барандагони он аз тарафи ниҳодҳои давлат идора мешаванд. Ниҳодҳои давлат дар самти корҳои мафкуравӣ бояд бо мутахассисони аз нигоҳи маънавӣ ва мафкуравӣ рақобатпазир, тавоно, хирадманд, устувор, мулоҳизакор, баномус, ҳамадон, дорои сифати баланди худшиносии миллӣ, ифтихори ватандорӣ, шаъну шарафи шаҳрвандӣ таъмин бошанд. Зиёда аз ин, мутахассисони ниҳодҳои мафкуравӣ бояд дорои қобилияти эҳсос кардан, шунидани орзую омоли халқ ва ифодагари манофеи онҳо ба хотири накусозии зиндагонии шаҳрвандон бошанд. Бояд тазаккур дод, ки корбарии мафкуравӣ аз вазифаҳои муқаддастарин маҳсуб меёбад. Онро ба ашхоси бетаҷриба, нохалаф, хусуматҷӯй, бемаърифат ва хусусан ба онҳое, ки ҷаҳонбинии илмии муосир, техникӣ ва технологӣ, инноватсионӣ надоранд, хулоса «аз рӯи пӯсти сафед» бовар кардан мувофиқи матлаб нест. Амалигардонии чунин фаъолият меҳнати фидокоронаест, ки аз ҷониби мутахассисони шоиста таҳти роҳбарии оқилонаи сиёсатмадори сатҳи ҷаҳонӣ сурат мегирад.

Мафкураи миллӣ ифодаи субъективии манфиати танҳо миллати тоҷик набуда, он бояд манофеи тамоми халқҳои маскуни кишварро новобаста аз мансубияти динӣ, мазҳабӣ, синнусолӣ, равонӣ, этникӣ, касбӣ ва ғайра фарогир бошад. Мафкураи миллӣ ҳеҷ гоҳ асоси шовинизми миллӣ, ё худ мухолифати миллатҳо ва паст задани шаъну эътибори халқияту миллатҳои дигарро надорад. Дар ин маврид сухан дар бораи ифтихори ватандорӣ, номуси шаҳрвандӣ ва муҳаббати аҳли ҷомеа нисбат ба якдигар ба хотири саодати ояндасоз меравад. Махсусан, дар оғози асри XXI, ки ҷаҳонро бухронҳои шадиди иҷтимоию ахлоқӣ, сиёсӣ ва иқтисодию молиявӣ фаро гирифта, проблемаҳои глобалии ба осоиштагии тамоми бошандагони кураи замин таҳдидкунанда, фарорӯи инсонҳо ва кишварҳо қарор дошта, экспансияи тарзи ҳаёт, хусусан экспансияи (ҷабран интиқолдиҳии) мафкураҳои мухталифи динӣ ва ғарбгароӣ, ки ба манфиати миллӣ ва бақои давлати миллӣ, хатари ҷиддӣ ворид месозанд, ба хотири рақобатпазирӣ дар муқобили чунин мушкилот мардуми кишвар бо тафаккури созанда ва ғояҳои мафкураи миллӣ омода карда шаванд ва мусаллаҳ бошанд.

Бо заҳматҳои пайвастаи Сарвари миллат, Ҳукумати ҷумҳурӣ ва халқи азизу меҳрубонамон дар тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ дар кишвар бо омезиши ҷаҳонбиниҳои мухталиф, тафаккури арзишманду пешрафта фазои устувори сиёсӣ, маънавию ахлоқӣ ва иҷтимоие, ки барои тавлиду густариши мафкураи муттаҳидсоз ё худ мафкураи миллӣ мусоидат намояд, шароит фароҳам оварда шудааст. Инкишофи ҳаёти ҷомеаи солим аз ватандӯстӣ ва гуманизми ҳамаи ходимони давлатӣ, аз ҷумла пешвоёни давлатӣ, динӣ ва дигар субъектҳои фаъолияти сиёсӣ дар пояи мафкураи миллӣ ва татбиқи амалии ормонҳои асилу олии халқи кӯҳанбунёди тоҷик вобастагии калон дорад ва он рӯз дур нахоҳад буд, ки мардуми шарафманди Тоҷикистони азиз, бо ҳадафҳои олии мафкураи милии хеш, ба муроди худ хоҳанд расид.

# ОЯНДАШИНОСИИ РАВАНДҲО ВА ХАТАРҲОИ ҶАҲОНИ МУОСИР



Акбари ТУРСОН
академик

**Мисли ойина машав маҳви ҷамоли дигарон...**
**(Андар суду зиёни ҷаҳонисозӣ)**

*Олимони ҷомеашиноси моро зарур аст, ки ба таҳқиқи масъалаҳои умумиинсонӣ вобаста ба таҳаввулоти ҷаҳони муосир ва проблемаҳои рӯз, ки ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш овардаанд, таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намоянд.*

**(Эмомалӣ Раҳмон)**

Дастури Сарвари давлат вокуниши саривақтист дар баробари даъвату бархӯрдҳои ичтимоию фарҳангие, ки дар оғози ҳазораи сеюми милодӣ на фақат дар пеши ҷомеаи тоҷик, балки сартосари фазои пасошӯравӣ сар баровардаанд. Бинобар ин дигаргуниҳои куллиеро, ки дар кишвари мо оҳиставу пайваста ба амал меоянд, аз дидгоҳи васеътару баландтар мавриди таҳлили илмӣ ва таркиби фалсафӣ қарор додан мебояд.

## 1

Тамаддуни тоҷикон дар чорраҳаи васеи таърихи ҷаҳонӣ, дар раванди таъсири мутақобил бо фарҳангу суннатҳои мардумони гуногуни Ховару Бохтар ба камоли маънавӣ расидааст – бар асари вокуниши бороваре, ки дар менталитети суннатии онҳо нақши равшан гузошта. Яке аз сабабҳои рӯҳонию равонии дар шуури иҷтимоию маънавии қавми тоҷик реша нагирифтани *нажодпарастӣ, миллатгароӣ* ва *бегонаҳаросӣ* барин хислатҳои худгаронаю худнигарона ҳамин аст. Ва ҳол он ки моро таърихи аҷаб сахту сангин насиб шуда: роҳамон хеле печида буду худамон басе печидадаст. Аҷдоди пасосомонии тоҷикон, чун инони ихтиёри сиёсиашон дар дасти худашон набуд, тайи ҳазор соли ахир ба зулму ситаме гирифтор шуданд, ки дар таърихи одамизодагон камназир будаст. Аз қавли шоири миллиаамон шодравон Лоиқи Шералӣ гӯям,

*Ҷабри торих ягон қавм надидааст, ки мо,*
*Заҳри торих нажоде начашидаст, ки мо!*
*Миллате зери фалак бо ҳама фарҳанги сутург*
*Ин қадар зилату хорӣ накашидаст, ки мо!*

Ва агар бо вуҷуди ин ҳама беадолатиҳои таърихи дуру наздик дар дилу дидаи мо, тоҷикон, нисбат ба ягон халқ – чӣ аврупоӣ (юнониён ва русҳо) Эмомалӣ Раҳмон ва чӣ осиёӣ (арабҳо, муғулон ва туркон) – нақши кину адовате намонда, ин аз файзи ҳамон «*фарҳанги сутург*» аст, ки дар таҳтуззеҳни таърихию психологиамон нақш баста...

Ягон халқи дунёро наметавон ном гирифт, ки дида бар равзани хеш надошта бошаду дигаронро дар баробари худаш дӯст дорад. Зарбулмасали “*аввал хеш, баъд дарвеш*”, бар хилофи гумони баъзе эрониёни берунмарзӣ (онҳо ба устод Айнӣ эрод гирифта мегӯянд, ки эшон “*аввал хеш, баъд дарвеш*” гӯён хусусияти забони тоҷикиро дар қиёс бо забони форсии Эрон ба мадди назарашон гузоштаанд), муҷассамаи хулқу хӯйи як худи тоҷикон нест! Гароише чунин аз сиришти азалии фарзандони Каюмарс бармеояд, ки ҳуснашон яксон набошад ҳам кубҳашон муштарак будаст. Аз ҷумла,

мардуми мо, ки дар тӯли таърихи дуру дароз ва пурпечу тобаш аз зулму ситами бегонагон ба дод омада буд, байни худу бархуд мегуфт: "*Обе, ки барояд аз миёни хона, худмон ҳар ду хӯрем, санга хӯрад бегона!*" Аммо баъд... бегонагон ҳам ба якдигар айни ҳамин гапро мегуфтанду мегӯянд.

Ин падидаи муштараки маънавӣ решаҳои чуқури таърихию фарҳангӣ дорад. Дар воқеъ, сароғози хештаншиносии инсон тазоди инфиридоии "**Ман**" ва "**Ту**" ва муқобалаи гурӯҳии "**Мо**" ва "**Онҳо**" буданд, ки басе, ҳатто миёни бародарони ҳамхуну ҳамтан, ҳамчун бархурди **дӯсту душман** талаққӣ мешаванд. Ба масал ба ёд оваред ҳадиси бархурди хунини Ҳобилу Қобилро аз "*Қуръон*" ва ё ҷанги ҷаҳоншумули Эрону Тӯронро аз "*Шоҳнома*". Аз ин рӯ тасодуфӣ нест, ки дар таърихи гурӯҳҳои иҷтимоӣ, қавмҳо, халқҳо, миллатҳо, давлатҳои миллӣ, империяҳо ва тамаддунҳо *фаслгароӣ* (дифферентсиатсия) аз *васлгароӣ* (интегратсия) дида пешӣ доштаасту минбаъд ҳам пешӣ хоҳад дошт.

Ва агар имрӯз "*Глобализатсия*" ном тамоюли ваҳдатгароӣ ҷаҳоншумул вирди забон шуда истода бошад, сабабаш фақат зуҳури технологияи навини иртиботию иттилоотие нест, ки ҳамагонро аз қаъри гили сиёҳ то авҷи Зуҳал ба ҳам баста дар арафаи барқарор гардидани робита бо *тамаддунҳои кайҳонӣ* (ин орзуи чандинасра низ ба шарофати дастовардҳои беназири технологияи навин ҷомаи амал хоҳад пӯшид), зарурати ҳамойиши ҷумла халқу кишварҳоро дар қаламрави маънавии як ташкилаи таърихию фарҳангӣ мавсум ба *тамаддуни заминӣ* тақозо мекунад.

Дигар сабаби умда низ ҳаст, ки қавитару мушаххастар буда сурату сирати *сиёсию идеологӣ* дорад: ба иллати худкушии таърихии Иттиҳоди Шӯравӣ Иёлоти Муттаҳида ба ягона абарқудрати ҷаҳон табдил ёфта ҷараёни ҳамон "*Глобализатсия*"-ро таҳти назорати худаш гирифт ва ҳам акнун онро муғризона ба воситаи муассири ҳамойиши байналмилалӣ табдил дода истодааст.

Агар ба аслу асоси ин падидаи ҳамагонӣ назар афканем, онгоҳ пай мебарем, ки сухан дар бораи **як** *раванди таърихӣ* меравад, ки ҷиҳати ҳадафу маромаш **дугуна** бувад: яке ҳамон ***ҷаҳонишавист***, ки нахуст бо истилоҳи фаронсавии "***mondialisation***" ифода ёфта буд, дигаре ***ҷаҳонигардонист***, ки мазмунашро истилоҳи амрикоии "***globalisation***" баёнгар бувад. Аввалӣ асосан воқеияти иқтисоди бозаргонист, ки бефосила васеъ намудани бозорҳои миллӣ ва байналмилалии хариду фурӯш қонуни инкишофи ӯст. Дувумӣ, асосан падидаи тарғиботию ташвиқотӣ буда ҳадафаш талқину таҳмили арзишҳои иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангии Ғарб ба сойири халқу кишварҳои дунёст.

Бояд низ зикр карда гузашт, ки бар асари нуфузи торафт афзояндаи расонаҳои иттилоотии англисизабон истилоҳи амрикоӣ (*глобализейшн*) истилоҳи фаронсавиро (*мондиализасён*) танг карда бароварда истодааст.

Сухан танҳо аз тағйироти терминологӣ намеравад; аслан **парадигмаи рушди ҷаҳонӣ** *иваз шуда истодааст*. Ғарази умдаи парадигмаи нав бошад, майли табиию таърихии **ҷаҳонишави**ро бо **ҷаҳонигардонии** маснӯии идеологиязада ҷойгузин кардан аст. (Минбаъд ба унвони мафҳуми куллӣ "**ҷаҳонисозӣ**"-ро ба кор хоҳам бурд, ки бирин҇ҷи семантикааш оби ҳар ду маънои "глобализейшн" – "*ҷаҳонишавӣ*" ва "*ҷаҳонигардонӣ*"-ро бардошта метавонад.) Чунин раванди таҳаввули ҷаҳон, ки аз як марказ ҳадафмандона идора карда мешаваду манфиатҳои миллии дигар халқу кишварҳоро дидаю дониста ба назар намегирад, хусусан барои халқу кишвардҳои хурд ва рӯ ба тараққӣ оқибати зиёновар дорад.

Ба парадигмаи нави ҷаҳонисозӣ ҳатто аврупоиёни мутараққӣ, чандон ки мебоист, ҳусни назар надоранд. Се сол пеш вақте ки дар Порис будам, дар рӯзномаи бонуфузи пойтахт "*Фигаро*" мақолае дарҷ шуд, ки он ҷо дар бораи имкони вокуниши акс, ба истилоҳи фаронсавӣ *demondialisation,* сухан мерафт. Албатта, яке аз минбарҳои иттилоотии бизнеси калони Фаронса қатъ кардани ҷаҳонисозиро таблиғ намекард; баръакс, чунин даъвою даъватҳоро рад мекард, вале худи воқеияти ба майдони баҳс кашида шудани "*деглобализатор*"-ҳо ҷолиб буд...

Бо вуҷуди ин, ҷаҳонисозӣ ба маънии ҷаҳонишавӣ аз худи мантиқи тараққиёти таърихии одаму олам бармеояд ва ба куллияти хеш гароиши *ногузир ва барнагарданда* аст; бастани дару дарвозаи кишвар ба мавҷҳои уқёнуси шӯридаи ҷаҳонисозӣ дар баробари кӯшиши бебарор будан мушкилоту масъалаҳои наву сангинтарро пеш меоварад. Аз сӯйи дигар, бояд дар назар дошт, ки ҷаҳонисозӣ як падидаи мураккаб бувад: аз ҷанбаҳои *иқтисодию молиявӣ, сиёсию идеологӣ, коммуникатсионию информатсионӣ, илмию технологӣ, ҳуқуқӣ, фарҳангӣ, равоншинохтӣ* (психологӣ) ва ҳатто *равонкофтӣ* (психоаналитикӣ) иборат аст, ки нуфузу натиҷаашон яксон нест. Хусусан ки онҳо ба ҷумлагӣ бо торҳои ноаёни *манфиатҳои миллӣ, минтақавӣ* ва *глобалӣ* систембандӣ шудаанд.

Як хусусияти барҷастаи дунёи муосир ин аст, ки акнун ҳадди аксари бахшҳою бӯъдҳояш ба ҳам ***вобаста****анд*. Инро дар оғози чоряки охирини садаи XX коршиносони аврупоӣ (аъзои "*Клуби Рим*" ном як маҳфили илмию фарҳангӣ) ҳангоми баррасӣ кардани модели математикии тараққиёти ҷаҳон ба куллияти хеш дарёфта буданд. Ҳамон вақт олимон синфи комилан нави муаммоҳои илмиро кашф карданд, ки "**проблемаҳои умумиҷаҳонӣ (глобалӣ)**" унвон шуданд. Дар чорчӯби ин проблемаҳо ҳамбастагию вобастагии рӯйдодҳо ва мушкилиҳои ҷаҳонӣ баррасӣ шуд ва ҳамзамон таъкид гардид, ки онҳоро давлатҳои ҷудогона худашон *ба танҳоӣ* ва ***якҷониба*** ҳаллу фасл карда наметавонанд. Намояндагони барҷастаи илму фарҳанги ҷаҳонӣ (аз ҷумла Президенти "*Клуби Рим*" Александр Кинг), ки соли 1986 бо даъвати шахсии Чингиз Айтматов дар пойтахти Қирғизистон ҷамъ омада дар нахустин **Форуми Иссиккӯл** ширкат доштанд, дар тайину таъкиди ҳамин хулосаи куллӣ ба ҳусни тафоҳум расиданд, ки худам шоҳидаш будам.

Ҷаҳонисозӣ ба маънии пурраи истилоҳ пас аз барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ сар шуд. Дар ин шоҳроҳи нави таърихӣ ғалтонидани ба ном "*Девори Берлин*" (1989), ки дар айёми Ҷанги Сард миёни ду давлати олмонии пасоҷангӣ ба мисли Садди Чин сохта буданд, як воқеаи фавқулода ва рамзӣ дар шумор меояд. Аз байн ду сол нагузашта садсутуни Иттиҳоди Шӯравиро ҳам ба ларза оварданд ва як давлати тавоно, ки дар Ғарб ба унвони яке аз ду *абарқудрати ҷаҳонӣ* эътироф карда буданд, бо суръати мавҷи зилзила пош хӯрд. Дар натиҷа барои ҷомаи қаднамои амал пӯшидани лоиҳаи ҷаҳонисозӣ замина ва шароити мусоиди таърихӣ фароҳам омад.

Ҳамон замон сиёсатшиноси маъруфи Амрико Фрэнсис Фукуяма эълом дошт, ки назария ва амалияи либерализми ғарбимаоб сартосари гетӣ пирӯз шуд! Ва ин пирӯзии идеологии Ғарб омили муҳимму муассири ваҳдати умумиҷаҳонӣ будаст. Агар мантиқи хулосабарории профессори амрикоиро аз оғоз то анҷом барқарор кунем, ба чунин натиҷа мерасем: модом, ки акнун иқтисоди бозаргониро ҳамагон пазируфтаанд, аз ин ба баъд рангу раванди тараққиёти ҷаҳониро нерӯҳои қаҳҳори бозори байналалхалқӣ муайян мекунанд, ки худ ба худ ҷараён гирифтаву густариш ёфта ҳамаро муттаҳиду

яксон мегардонанд. Натиҷаи умдаи ин тамоюли куллиро Фукуяма аз ташаккули **маданияти ягона ва якҷинсаи ҷаҳонӣ** иборат дониста буд, ки хулосаи беасос нест, вале баҳснок аст, чаро ки худи меъёри ягонагӣ ва якҷинсагии фарҳангро муайян накарда буд.

Замоне, ки ҳувияти динӣ ягона заминаи худшиносӣ буд, Инсони соҳибақл худашро "*зубдаи офариниш*" ё "*ашрафи махлуқот*" хонда худаш ба худаш фахр мекард. Акнун чӣ? Акнун вай медонад, ки аз қавли манзуми Иқболи Лоҳурӣ гӯям,*"ҳар ситора ҷаҳон аст ё ҷаҳоне будаст"*. Бино ба маълумоти то кунун андӯхтаи илмҳои кайҳоншиносӣ, дар Коинот сайёраҳое, ки дар онҳо ҳаёти зинда ба вуҷуд омадааст, ҳатто дар ҳудуди Роҳи Каҳкашон бисёранд ва низ дур нест миёни чунин сайёраҳо "заминҳое" низ ҳастанд, ки он ҷо ҳаёти зинда то дараҷаи олӣ тараққӣ карда ба ҳадди тамаддунсозӣ расида бошад.

Гузашта аз ин, моделҳои космологие тарҳрезӣ шудаанд, ки мавҷудияти аҷаб як Фавқулкоинотро пешгӯӣ мекунанд: вай ададӣ бешумори Оламҳои Кабирро дарбар мегирад, ки ба ҳисоби миёна ҳар яке мисли ҳозира Коиноти астрономӣ ҳаҷму андоза дошта метавонад. Агар миқдори имконпазири тамаддунҳои кайҳониро дар чунин миқёси фавқулодда бузург баррасӣ кунем, онгоҳ дармеёбем, ки шумораи тамаддунҳои ҳаммонанди тамаддуни заминӣ ва ҷиҳати рушду камоли таърихӣ аз он ҳам пешрафтатар беҳадду ҳисобанд. Ва гарчанде ки сарфи назар аз ҷустуҷӯи қариб нимасраамон ному нишони бародарони кайҳониамонро ҳанӯз наёфтаем, умеди комил ҳаст, ки рӯзе онҳоро мо меёбем ва ё онҳо моро меёбанд. Ва одами заминзодаро нашоястӣ ба арсаи воҳӯриҳои фалакӣ ба дасти хушк баромадан. Одоби муоширату муомилаи тамаддунҳо дар Коинот аз ӯ тақозо хоҳад кард, ки дар сафҳаи поки даҳр фақат рақами хайр кашаду нақши нек боқӣ гузорад.

Барои ин Инсонро даставвал лозим аст, ки ҷараёни амру амали худро дар ғояти масъулиятшиносии таърихӣ ба маҷрои созандагӣ равон карда бехатарии ҳаёти зиндаро дар сайёраи Замин таъмин намояд. Охир, ба иллати рахнае, ки миёни илми пешрафта ва одоби пасмонда ба вуҷуд омадааст, Инсони оқилу одил (ба қавли Абдуқодири Бедил ва Аҳмади Дониш, "*адл аз камоли ақл хезад*"!) акнун ба хатарноктарин душмани ҷумла махлуқоти зинда табдил ёфтааст – то дараҷае, ки таърихи тамаддуни худашро ҳам бо худкушии кайҳонӣ хотима дода метавонад!

Зиёда аз ин, тавони технологии Инсон акнун ба ҳадде расида, ки қудрат дорад тухми ҳаёти зиндаро дар сайёраи Замин несту нобуд карда маҳсули тараққиёти чормиллиардсолаи Коинотро барбод диҳад. Аз ин ҷиҳат, зарурати боз ҳам васеъ кардани доираи мавзӯи илми экология пеш омадааст. Аввал **экология** илме буд андар муносибати мавҷудоти зинда ба якдигар ва ба муҳити зисти табииашон, хоса зарурати ҳимояи табиат аз таҷовузи тамаддуни инсонӣ,аз ҷумла ҷиҳати ваҳшиёна истифода бурдани сарватҳои табиӣ. Сонӣ мафҳуми **экологияи фарҳанг** пайдо шуд, ки ҳимояи муҳити маънавии одамро ба мадди назари антропология гузошт.

Акнун бошад, дар бораи зарурати ташаккули **экологияи кайҳонӣ низ** масъала гузоштан мебояд: дар айёми вусъати ҷаҳонисозӣ бармало шуд, ки *экологияи табиат* ва *экологияи тамаддун* ду тарафи ҷудоинопазири *экологияи Коинот* аст.

**2**

Ҷаҳонисозӣ падидаи хоси замони мо нест; зойидаи ҳазорсолаи ахир ҳам набуд. Агар хостем, таърихи онро аз аҳди густариши қавми ориёӣ аз Урупо то Осиё (ё баръакс) сар карда метавонем, ки ба ҳазораи савуми пеш аз солшумории мелодӣ рост меояд. Вале аз назари сиёсӣ оғози таърихи ҷаҳонисозиро

ба замони шаклгирии Империяҳо мансуб донистан илман дурусттар аст. Ба ин маънӣ Куруши Кабир ва Искандари Мақдунӣ нахустин глобализаторҳо буданд. Ҳарду ҷаҳонисозиро аз ҷаҳонигардонии сиёсию фарҳангӣ сар карданд, вале роҳу тариқи амру амалашон як сон набуд.

Худи ҳамон вақт ду гунаи ҷаҳонисозӣ шакл гирифт, ки онҳоро метавон "***тариқи Куруш***" ва "***тариқи Искандар***" ном дод. Шоҳаншоҳи эронӣ ба мардумони кишварҳои забткардааш иҷозат дод, ки тариқи зиндагӣ ва фарҳанги суннатиашонро ҳифз кунанд, аз он ҷумла, эътиқодашонро ба худоҳои маҳаллиашон нигоҳ доранд. (Аз ин рӯ баъзе донишмандони тамаддуншинос Куруши Кабирро нигорандаи нахустин дар таърихи ҷаҳон матни "*Эъломияи ҳуқуқи башар*" унвон мекунанд, ки таърифи хушку холӣ нест.)

Императории юнонӣ, баръакс, баъди истилои Эрон аз пайи шикастани сутунмухраи маънавии халқу кишвари мағлуб шуд: сарафшонони Искандар, ки ӯро таърихнигорони мухлисаш шогирди Арасту мехонанд, иҷрои фармони "*шоҳи оқилу одилашон*"-ро аз **китобсӯзӣ** сар карданд. Ва пеш аз ҳама нодиртарин дастхати Авесторо, ки дар чандин пӯсти гов бо оби тилло навишта монда буданд, аз хазинаи Дорошоҳ берун оварда оташ заданд!

Шоҳроҳи Абрешимро, ки аз Ховар то худи қалби Бохтар тӯл мекашиду қад-қади он корвонҳои бешумор ҳаракат доштанд, метавон ҳамчун пайки таърихии ҷаҳонисозӣ пазируфт - ба маънии на танҳо тиҷорию иқтисодӣ, балки инчунин фарҳангӣ; корвонҳо аз Шарқ ба Ғарб фақат *абрешиму порча* ва *Лаъли Бадахшон* намебурданд; *китоб* ҳам моли бозоргир буд. Ҷо-ҷо ва гоҳ-гоҳ, ҳангоме ки барои назорати ин Шоҳроҳи тиҷорати ҷаҳонӣ ҷанг мерафт, дар паси ҷангу гарди ғализи аз набардгоҳ бархоста тарафҳои даргир асиронро ба китоб иваз мекарданд!

Дар таърихномаи ҷаҳонисозӣ хусусан истилои араб нақши равшан боқӣ гузоштааст. Дар кишварҳое, ки саҳронишинони Арабистон забт карданд, аҷнабиёни ғолиб на фақат дини қабилавиашон, балки забонашонро ҳам ба зӯрӣ ҷорӣ намуданд. Дар натиҷа бобулиён ва қибтиён (аҳли Мисри Қадим) барин мардумони мутамаддини бостонӣ ҳувияти хоси хешро гум карда на фақат *мусулмон*, балки *араб* низ шуданд! Аз ин ҷиҳат арабҳои мусалмон сиёсати ҷаҳонисозии антропологиро ба миқёсе ва ба ҳадде ба амал бароварда тавонистаанд, ки аз ҷаҳонисозиҳои искандарӣ ҳам бузургтару амиқтар буд.

Дигар барномаи ҳамагонии ҷаҳонисозиро болшевикони Русия амалӣ кардан мехостанд, ки хушбахтона нотамом монд. Дар замони Шӯравӣ идеологияи ҷаҳонисозие ҳукмфармоӣ мекард, ки низ ҳамонанди "*тариқи Искандар*" буд. Дар воқеъ, ҷаҳонисозӣ ба гунаи марксистию ленинӣ яку яксон шуда рафтани ҷумла забону маданиятҳои миллӣ ва дар ниҳояти кор худи халқу миллатҳои мухталифро амри қонунӣ, яъне таърихан воҷиб ва ногузир, ҳисоб мекард, ки дар анҷоми пирӯзмандонаи "*Инқилоби пролетарии ҷаҳонӣ*" амалӣ мешуд. Мақсади ниҳоии ин барномаи давлатӣ, ки зери ливои "*интернатсионализми ҳақиқӣ*" тарҳрезӣ шуда буд, бо истифода аз истиораи шоири шӯравии Доғистон Расул Ғамзатов гӯям, аз ҳамаи ситораҳои осмон як Моҳи Бузург сохтан буд. Ва ба хотири расидан ба ин ҳадафи идеологӣ ҳукуматдорони комунистимазҳаб сиёсати торафт ба ҳам "*наздику қарин*" кардани маданиятҳои миллиро пеш гирифтанд, ки ба зоҳир ихтиёрию дар ботин зӯроварона буд.

Чунончи, ҳар гуна ҷустуҷӯи асолати миллӣ аломати "*маҳдудияти миллӣ*" ва ҳатто ***натсионализм*** (ба мазмуни ҳамонвақтаи сиёсӣ, яъне ба маънии хештанпарастии қавмӣ ва бегонаситезии иртиҷоӣ) пиндошта мешуд, ки барои тарафдоронаш оқибати

сангини сиёсӣ ва ҳатто ҷиноӣ дошт. Аз ин рӯ, тасодуфӣ нест, ки аз болои муносибати забонҳои миллӣ ба забони русӣ назорати сахти идеологӣ барқарор шуд.

Масалан, **ягонагии истилоҳот** аз мафҳуми **филологӣ** ба категорияи **сиёсӣ** табдил ёфт: забонҳои миллиро маҷбур мекарданд, ки истилоҳҳои сиёсию иҷтимоӣ ва ҳатто илмию техникиашонро дар заминаи ба истилоҳ терминологияи русӣ-интернатсионалӣ созанд. Он вақт ин амр як кори табиӣ буд, вале ҳамзамон талаб мекарданд, ки ному истилоҳҳои русӣ ба шакли аслашон, яъне бетағйир, бе риоя кардани қонуну қоидаҳои худи забони иқтибоскунанда, қабул карда шаванд. Аз ин ҷумла, дар Тоҷикистон дастандаркорони ҳизби ҳукмрон иҷозат намедоданд, ки ба тоҷикӣ "*съезд*"-ро "*анҷуман*" гӯем ё "*спутник*"-ро "*радиф*" ва ё ҳатто "*ракета*"-ро "*мушак*" нависем. (Инро ман аз таҷрибаи навишторӣ ва тарҷумонии худам мегӯям.)

Дар "*Тоҷикистони советӣ*" пешрафти маданиятро дар ҳошияи шиорҳои «*аз дутор то оркестри симфонӣ*» ва «*аз ҳофизи яккахон то театри опера ва балет*» тасвиру тавсиф мекарданд. Ва азбаски болшевикон Осиёи Миёнаро ба унвони як навъ намоишгоҳи дастовардҳои таърихии сотсиализм барои тамоми "Шарқи пасмонда" ойинаи ибрат медонистанд, онҳо пеш аз ҳама тариқи зиндагии мардуми минтақаро тағйир дода онро ба «*тарзи советии ҳаёт*» ном як қолиби муштарак кашидан мехостанд. Мақсаду мароми идеологии ин амру амали сиёсию иҷтимоӣ бошад, аз байн бардоштани худвежагиҳои миллию фарҳангии "*халқҳои таърихан қафомонда*» буд.

### 3

Хулосаи Фукуяма дар бораи ба вуҷуд омадани маданияти яксону якҷинсаи ҷаҳонӣ, ки инро ба оҳанги неоҳегелӣ "*анҷоми таърих*" мехонд, дар замони зуҳураш (соли 1989) чунон бармаҳал менамуд, ки мақоли тоҷикӣ "*пеш аз тӯй нағора*" баёнгари таассуроти онвақта бувад. Вале ташаккули чунин маданияти ҷаҳонгир ҳамеша идеали таърихии иқтисоди бозаргонӣ бувад, ки анҷомгаҳи Иттиҳоди Шӯравӣ оғозгаҳи амалӣ шудани он буд. Аз ҳамон вақт сар карда маданияти оммавии Ғарб, пеш аз ҳама азони Амрико, ба нерӯи пешоҳангу пешбарандаи ҷаҳонисозӣ табдил ёфт.

Чунончи, пурсидан баҷост, ки "*маданияти ягона ва якҷинсаи ҷаҳонӣ*" худаш чист ва ба кадом маънӣ ягонаву якҷинса бувад? Он ҳосили ҷамъ ё таркиби фарҳангҳои миллист ва ё зотан маданияти фаромиллист? Фақат аз маданияти дунявӣ иборат аст ё арзишҳои ба истилоҳ "динҳои ҷаҳонӣ"-ро низ дарбар мегирад? Махсусан насроният ва исломро, ки худашон бо истифода аз тавони технологияи навини кампутарӣ барои ҷаҳонӣ кардани аҳкому арзишҳои диниашон пайваста мекӯшанд? (Масалан, дар ҳамон Амрико, ки барои Фукуяма ватани дувум аст, ба истилоҳ **этикаи протестанти**ро яке аз сарчашмаҳои маънавии ташаккули капитализм медонанд). Агар дарбар мегирифта бошад, аломату андозаи ваҳдати онҳо чист? Ва агар дарбар нагирад, маданияти мазкурро ба кадом маъно *ягона, якҷинса ва ҷаҳонӣ* хондан бояд? Балки танҳо ба маънии тиҷорати озоди ҷаҳоншумул, ки кока-колаю ҷинсҳо ва Макдоналдсу блокбастерҳои Ҳолливуд барин молҳои бозоргираш қариб дар тамоми кишварҳои дунё паҳн шудаанд?!

Яъне ки маданияти ҷаҳонии Фукуяма мегуфтагӣ ҳамон маданияти оммавӣ будаст - фарҳанге, ки саногустари низоми озоди сармоядорӣ бувад. Ва низ ба туфайли ҳамин озодии лаҷомгусехта аст, ки маддоҳони капитализм *кубҳи* маънавии ин сохти иҷтимоиро *ҳусн* хонда онро ба унвони "*арзиши умумибашарӣ*" ба сойири аъзои хонаводаи Одам талқин ва таҳмил мекунанд!

Як ҷиҳати хоси марҳилаи кунунии ҷаҳонисозӣ ба ҳам пайванд шудани шабакаи

хабаргустарӣ ва дастгоҳи намоишу тамошост. (Шоҳиди ин дигаргунӣ истилоҳи навбаромади англисӣ ***infotainment*** мебошад, ки аз ***info*** - хабар ва ***entertainment*** - тамошогарӣ таркиб ёфтааст.)

Ҷавононе, ки шабу рӯз дар пеши экрани телевизиони кайҳонии 24-соата нишаста иттилооти воситаҳои хориҷии ахборро мешунаванд ва ё филмҳои Ҳолливуди Амрико ва ё Болливуди Ҳиндустонро бо шавқу ҳаваси тамом тамошо мекунанд, албатта ба ҷиҳатҳои нозуки ташвиқоти ҷаҳонгир эътибор намедиҳанд. Ва ҳол он ки заҳри ҳамон зарқҳои ростмонанд ва қалбҳои зарандуд дар таҳтуззеҳни бинандаю шунаванда ноаён таҳшин мешавад.

*Ҷаҳонисозӣ* ба маънии *ҷаҳонигардонӣ* фақат ба ҳамагон дастрас шудани нӯшокии *пепси-кола*, туркҷӯши «*фаст фуд*», *шими «ҷинс»* ё *смартфон* нест; ба воситаи дастгоҳҳойи навини технологӣ даставвал филмҳойи Ҳолливуд, суруду рақсҳои Мадоннаю Шокира (зимнан, арабзода будааст!) ва дигар намунаҳойи «маданияти оммавӣ»-ро паҳн мекунанд, ки оганда аз заҳри маънавист.Чаро ки мақсаду мароми «маданияти оммавӣ» хароб кардани бунёди маънавии ҷомеаи суннатист, ки ҳанӯз ҳам (!) ба *шарму ҳаё* ва *ору номус* барин арзишҳойи маънавие бовар дорад, ки ба назари насонавгароён (постмодернистон) “*архаистӣ*”менамоянд!

Дар баробари ин хулоса ба дигар як нуктаи муҳим дидаи эътибор дӯхтан мебояд. Маданияти оммавӣ аз назари иқтисодӣ муҷассамаи гӯёи идеологияи **масрифгароӣ** (консюмеризм) бувад. Мутафаккири барҷастаи Эрони асри XX Алии Шариатӣ хатари маънавии ҷаҳонигардониро замоне дарк карда, ки худи ин падида ҳанӯз мавриди таҳқиқу тааммули илмӣ қарор нагирифта буд; худи истилоҳи «*глобализатсия*» ҳам вуҷуд надошт. Ҷомеашиноси ҳассос ҷараёни ғарбӣ шудани ҷомеайи эрониро дар аҳди шоҳ мушоҳида намуда нияту мақсади ҳамагонӣ кардани фарҳангу тамаддунҳоро, ки нерӯҳои истеъморгари Ғарб пеш гирифта буданд, бо обу ранги бадеӣ қаламӣ кардааст: «*Миллатҳои доройи ҳар нажод ва ҳар таъриху ҳар тамаддуне, ки ҳастанд, бояд ба сурати кӯзаҳойи холии шабеҳ ба ҳам дарбиёянд, ки ҳеҷ чиз надошта бошанд ҷуз як халқуми ташнайи боз ва ҳуфрайи* (замини кофташуда) *холӣ баройи ин ки фақат ва фақат ба дами ин мошини тавлиди фикрӣ ва тавлиди иқтисодии Ғарб васл бишаванд ва онро бимаканд ва омили масраф шаванд, на омили тавлид. Пас, ҳар кас, ки масрафи ғарбӣ бикунад, мешавад мутамаддин. Ва барои ин ки масрафкунандаи тавлиди ғарбӣ бишаванд, бояд ҳама муътақид бошанд, ки фарҳанги бумии худашон ё шахсияти мустақили худашон мафҳуме надорад ва худашон наметавонанд тамаддун ва фарҳанг бисозанд ва бояд барои шудан абзор ва қолабҳо ва арзишҳои ғарбиро бипазиранд. Ва барои ҳамин аст, ки дар ҳамин ҷомиайи худамон мебинем, ба одаме мегӯянд мутамаддин, ки масрафаш боло рафтааст, на шуураш*».

Дар воқеъ, доираи вазифаи эҷодию иҷтимоии адабу ҳунари оммагарои амрикоӣ васеътар аз он аст, ки менамояд; тарғиби *идеологяи сиёсӣ* ҳам аз рукнҳои муҳимми ӯст. Ба ин маънӣ маданияти оммавӣ як тиру ду нишон дорад: “*номаълум тарбия кардани бинанда ва шунаванда ҳангоми хушҳолона машғул будани ӯ*”. Лекин тарбия ба маънии *ахлоқӣ* нест. Баръакс, *тарбияи идеологӣ* аз тариқи тарғибу ташвиқи *бадахлоқӣ* сурат мегирад – пеш аз ҳама *зӯригарӣ* ва *шаҳватпарастӣ*, хоса ба воситаи густариши сериалҳои *хонаводагӣ* (саршор аз фоҷиаҳои сохтаю бофта), *детективӣ, фантастикӣ* ва *“фалокатӣ”* (catastrophic) таблиғу ташвиқ мегарданд, ки зимнан бо эпизодҳои эротикӣ обуранг дода шудаанд.

То чӣ андоза самарабахш будани ин навъи харобкории ахлоқии идеология-задаро

таҷрибаи худкушии таърихии СССР баръало собит кард. Горбачёвиёни чаласаводу худдонам "*Перестройка*"-и омиёнаашонро аз ҷустуҷӯйии ба истилоҳ "***арзишҳои умумиинсонӣ***" оғоз намуданд. Вале азбаски меъёру мизони куллӣ надоштанд, дар ниҳояти кор худи ҳамон арзишҳои фасодомезро пазируфтанд, ки пешаҳдонашон ҳамчун арзишҳои *"ахлоқи буржуазӣ*" рад мекарданд!

Боиси хавотирии ҷиддист, ки дар раванди *ҷаҳонисозии фарҳангӣ* маҳз ҳамин арзишҳои фасодомез ба воситаи Интернет, телевизиони кайҳонӣ, инчунин кинематографи лаҷомгусехта дар муҳити кишварҳои Осиёи Марказӣ низ шабу рӯз паҳн шуда зистгоҳи маънавии мардуми содалавҳу зудбоварро бадқасдона заҳролуд мекунанд.

Ҳангоме ки дар маросими ёдбуди Чингиз Айтматов ширкат доштам, духтараш Ширин (узви Парламони Қирғизистон) байни гап гуфт: "*Аз касофати Интернет, ки дар таблиғу ташвиқи фасод акнун бо телевизиони кайҳонӣ рақобат мекунад, наврасони қирғиз аз ахлоқи хонаводагиашон торафт дур мешаванд. Ман аз минбари Парламон Ҳукуматро даъват кардам, ки минбаъд пеши ин таназзули маънавиро бигирад...*"

Дар ёд надорам, ки касе аз минбари парламони мо ҳам аз ҳамин боб изҳори ташвиш карда дар такмили қонунгузории ҷумҳурӣ ягон ташаббусе нишон дода бошад. Азбаски сухан аз ҳифзи маънавиёти миллӣ, хусусан ахлоқи поки аҷдодӣ меравад, пеш аз ҳама намояндагони дини исломро мебоист ибтикорро ба дасти худ гирифтан...

Дар омади гап гӯям, дар худи кишвари мо ҳам рӯзномаву маҷаллаҳои кӯча-бозорӣ ё булварӣ пайдо шуданд, ки мисли матбуоти "озоди" мағрибзамин хабару маълумоти ба рӯҳи одоби суннатии халқамон бегонаро паҳн мекунанд. Вале ин ҳама аввалин кӯчатҳои ҳамон низоми худкоми сармоядорист, ки ба рӯҳи "демокрасипарвараш" мафҳумҳои "**танзим**", "**назорат**" ва ҳатто "**ахлоқ**" тамоман бегонаанд. Дар таъбири чунин пайомадҳои нохуш як ҳикмати мардумиро ба ёд овардан низ айни муддаост: ҳавзро, ки сохтӣ, қурбоққа худаш пайдо мешавад!

Ҳамзамон бояд низ афзуд, ки маданияти оммавӣ маҳсули истеҳсолоти маънавие нест, ки онро як гурӯҳ соҳибкорони корчаллон танҳо бо мақсади ба даст овардани фоидаи солафзуни тиҷорӣ ташкил карда бошанд. Албата, вай низ ҳамчун санъати тиҷорӣ ба қоидаи асосию азалии хариду фурӯши бозаргонӣ ("*талабот-пешниҳод*" ё "*арза-тақозо*") тобеъ бувад, аммо дар ин маврид ҳам *усул дар дасти нақорачӣ* аст – ба гунае, ки нақорачӣ худаш дар ташаккул ва ба маҷрои матлуб равон кардани ҳамон "*талабот*"-и бозор аз тариқи қолибрезӣ кардани завқу салиқаи харидор (ва фурӯшанда!) фаъолона ширкат меварзад.

Гузашта аз ин, ҳатто рангу раванди тафаккури иҷтимоӣ ҳам дар дасти ҳамон нақорачӣ аст. Ин ҷо мафҳуми бозорро ба маънии *васеъ* кор мефармоям: аз ҷумла ба маънии **бозори маънавӣ**, ки он ҷо маводи хариду фурӯш маҳсулоти *ақлонист.* Ман худам дар Амрико дар арафаи ҷанги Ироқ одату одоби хариду фурӯши як навъи бозоргири чунин маҳсулотро омӯхтам, ки воситаи муассири мағзшӯӣ буда дар фабрикаҳои махсуси ресандагию бофандагии идеологӣ мавсум ба "*мағзи муфаккир*" истеҳсол мекунанд.

**4**

Ҳангоми гуфтугӯҳое, ки дар ҳошияи **Форуми Иссиққӯл** бо нависанда Артур Миллер ва олими ояндашинос (футуролог) Олвин Тоффлер доштам, боре пурсидам: "*Чаро Амрико ба таблиғи дастовардҳои алабиёту санъати волояш напардохта, пеш аз ҳама ва беш аз ҳама маҳсулоти бадалии*

*“маданияти оммавӣ”-ро дар дунё паҳн мекунад?”* Тоффлер кинояомезона гуфт: “*Инаш сирри олами бизнес аст, ки агар ҳатто медонистам ҳам, намегуфтам - ҳамонанди сирри истеҳсоли нӯшокии машҳури Кока-кола...”*

Артур Миллер, ки худаш бо киностудияҳои Ҳолливуд ҳамкории тӯлонӣ дошту намояндагони маъруфи маданияти оммавиро шахсан мешинохт, зимнан афзуд: “*Дар ин бора метавон соатҳое чанд нақл карду нақд шунид. Ба ақидаи худи ман, чизи аълосифат ба таблиғот (реклама) ниёз надорад. Вале агар муродамон чакидаҳои адабу ҳунари воло бошад, онҳо моли бозоргир нестанд; онҳоро ба ҳадде ки бояду шояд, фақат ҳадди аққали одамон қадр карда метавонанд. Агар оркестри симфонии Филаделфияро ба кишвари Шумо оварда муаррифӣ кунанд, гумон намекунам, ки консерташ мисли консерти Майкл Ҷексон серодам шавад! Аз афташ, завқу салиқа низ мисли рангу шакли чашм ирсист, яъне ки худодод. Ин дунёро бо тамоми ҳусну кубҳаш, чунон ки ҳамшаҳриатон Умари Хайём мегуфт, пеш аз мову шумо офаридаанд. Дастандаркорони маданияти оммавӣ равоншиносони мумтозанд; онҳо ҷиҳатҳои сусти олами рӯҳонию равонии оммаро моҳирона истифода мебаранд...*”

**(Давомаш ҳаст)**



Ҳафиз
БОБОЁРОВ
доктори фалсафа
(PhD)

## Алтернативаҳо ва моделҳои рушди ҷомеаи инсонӣ дар ойинаи футурология (оянданигарии илмӣ)

### Муқаддима

Ин мақола дар асоси чанд сарчашмаи навтарини илмӣ, аз он ҷумла “Футурология. XXI век: бессмертие или глобальная катастрофа?”,[16] “Философия общего дела”[17] ва маҷмӯаи мақолаҳои 18 олим бо номи “The scinetific conquest of death” (“Пирӯзии илмӣ бар марг”)[18] ва дар муқоиса бо адабиёти дигариояндашиносӣ навишта шудааст.

Футурология ё худ оянданигарии илмӣ соҳаест, ки татбиқи сенарияҳои гуногуни ояндаи инсонро меомӯзад ва баррасӣ мекунад. Он на фақат раванди таҳаввули ҳодисаҳо ва падидаҳоро дар оянда пешгӯӣ, балки бо истифода аз методу усулҳои илмӣ ба нақша гирифта, идорапазир месозад. Истилоҳи “футурология” дар миёнаи солҳои 40-уми асри гузашта аз тарафи профессори олмонӣ Осип Флехтҳайм (Ossip K. Flechtheim – 1909-1998) пешниҳод гардида, солҳои 1960-ум бо кӯшиши олими амрикоӣ Ҳерман Кан (Herman Kahn – 1922-1983) ва дигар олимон аз ширкати RAND ба соҳаи алоҳидаи илм табдил ёфт.[19]

Бояд гуфт, ки футурология ҳеч рабте ба утопия, чунон ки дар “Давлат”-и Афлотун ва “Утопия”-и Томас Мор тасвир мешавад, надорад. Методу усулҳои пешбинии утопистҳо бештар ба методу усулҳои динӣ монанд ҳастанд, чунон ки мо инро дар афсонаҳои Масеҳ, Маҳдӣ, пешбиниҳои Нострадамус ва дигарон мушоҳида мекунем. Ояндабинии динӣ ва мифологӣ асоси илмӣ надорад, балки ба авторитет ва эътиқоди ғайриақлонӣ такя мекунад. Ҳамчунин, дар асри XX дар адабиёт ва ҳунар соҳаи фантастика ташаккул ёфт, ки бештар ба тасаввурот ва эътиқодоти динӣ такя карда, оянданигарии илмиро то андозае бадном кард. Аммо чунон ки Чингиз Айтматов бо ишора ба Ф. Достоевский дар муқаддима ба “Рӯзе дарозтар аз аср” (“И дольше века длится день”) мегӯяд, фантастикае, ки заминаи илмӣ дорад ва метавонад ояндаи инсонро дуруст пешгӯӣ кунад, яке аз методҳои марказии адабиёти бадеӣ мебошад.[20] Чунин усули ба асосҳои илмӣ ва фалсафӣ наздикро метавон дар лоиҳаи технологияи инноватсионии Жак Фреско бо номи “Лоиҳаи Венера” мушоҳида кард.[21]

Бо вуҷуди дастовардҳои азими илму техника, як қатор сабабҳо ва омилҳое ҳастанд, ки барои ташаккули футурология ҳамчун соҳаи алоҳидаи илмӣ монеа эҷод мекунанд. Ду сабаби асосӣ ба таври зер мебошанд:

1) Каҷфаҳмиҳои когнитивӣ, ки ба мавқеъҳои ғайриилмӣ ва идеологии тасвири олам асос ёфтаанд. Масалан, идеологияҳои динӣ, комунистӣ ва либералистӣ, ки айни ҳол дар ҷаҳон ҳукмронанд, зидди зиндагии бардавоми одамон мебошанд.

---

[16] Турчин Алексей и Михаил Батин, *Футурология. XXI век: бессмертие или глобальная катастрофа?* Москва: БИНОМ. Лаборатория знания. 2013 – 216 с.

[17] Федоров Николай, *Философия общего дела.* Москва: Эскмо. 2008

[18] Immortality Institute, *The scinetific conquest of death: Essays on Infinite Lifespans.* Buenos Aires: LibrosEnRed. 2004

[19] Турчин ва Батин 2013. – Саҳ. 24

[20] Айтматов Чингиз, «От автора» // *Роман, повести.* Ленинград: Лениздат. 1982. – Саҳ. 174-175

[21] www.thevenusproject.com

2) Мақоми иҷтимоии олимон ва нафароне, ки дар бораи ҳақиқат ҳукм меронанд. Барои онҳо танқид ва инкор шудани ҳақиқати хоси онҳо ба маънои инкор шудани мақоми иҷтимоӣ ва ҳатто ҳастии онҳо мебошад. Бинобар ин, барои ҳимояи ҳақиқатҳои худ онҳо мубориза мебаранд ва соҳаҳои алоҳидаи илмро ба васила ва майдони чунин мубориза табдил медиҳанд. Онҳо омода нестанд, ки мавқеъ ва ҳақиқатҳои маҳдуди соҳавии худро бознигарӣ кунанд.

### Оянданигариҳои ғайриилмӣ

Ин ду омил, бахусус каҷфаҳмиҳои когнитивӣ боис мешаванд, ки баъзе донишмандон оянданигариҳои идеологӣ ва ғайриилмӣ пешниҳод намоянд. Ба ин шумор метавон назарияҳои Томас Малтус (1766-1834), Освалд Шпенглер (1880-1936), Ҷорҷ Оруэлл (1903-1950), Самуэл Ҳантингтон (1927-2008), Эдвард Корниш (зод. 1927), Збигнев Бжезинский (зод. 1928), Франсис Фукуяма (зод. 1952) ва дигаронро мисол овард. Ба назари Малтус, афзоиши аҳолӣ боиси кам шудани сарватҳои табиӣ ва аз ин рӯ, авҷ гирифтани ҷангҳо мегардад. Шпенглер дар «Ғуруби Аврупо» («Закат Европы») дегуманизатсияи фарҳанги аврупоиро пешгӯӣ мекунад.[22] Герман Кан дар китоби худ бо номи «Дар бораи ҷанги термоядроӣ» (1961) ҷанги термоядроиро ногузир медонад. Ҷорҷ Оруэлл дар романи худ бо номи «1984», ки онро соли 1949 ба чоп расонда буд, терроризмро таҳдиди асосӣ барои тамаддуни башарӣ меҳисобад. ВАО онро яке аз беҳтарин китобҳои асри 20 мешуморанд ва ба ин восита бадбиниро дар байни мардумони гуногун тарғибу ташвиқ мекунанд. Дар солҳои 1990-ум ВАО ва ниҳодҳои расмӣ чанд сенарияи дигареро тарғиб ва қуввати расмӣ бахшиданд. Ин сенарияҳоиояндасозӣ «фарҷоми таърих»-и Франсис Фукуяма, «бархурди тамаддунҳо»-и Самуэл Ҳантингтон, «бесарусомонии идорапазир»-и Збигнев Бжезинский, «ҷанги нанотехнологӣ»-и Эдвард Корниш ва ғайра буданд. Фукуяма дар «Фарҷоми таърих ва охирин инсон» мегӯяд, ки тамаддуни инсонӣ дар мисоли демократияи либералӣ ба марҳилаи охири инкишофи худ расидааст. Намунаи ин Иттиҳоди Аврупо мебошад. Тамоми кишварҳои ҷаҳон бояд ин моделро татбиқ кунанд. Монеаҳо ва муқовиматҳо боқӣ мемонанд, вале онҳо характери гузаранда доранд. Ҳантингтон мегӯяд, дар ҷаҳон 7-8 тамаддун вуҷуд дорад – ғарбӣ, православӣ, буддоӣ, исломӣ, конфутсианӣ, японӣ, лотинӣ ва шояд африкоӣ. Дар байни ин тамаддунҳо ҳамеша мубориза ҳаст, ки масалан дар низоъҳои Балкан, Ҳиндустону Покистон ва Алқоида зоҳир мегарданд. Ҳар як тамаддун, махсусан конфутсианӣ, ғарбӣ ва исломӣ, худро дуруст ва универсалӣ дониста, барои пирӯзӣ бар дигар тамаддунҳо мубориза мебарад.[23] Збигнев Бжезинский ва Эдвард Корниш сенарияи ҷанг бо истифода аз ҳавопаймоҳои бесарнишин ва наномеханизмҳоро пешбинӣ мекунанд.[24]

Айни ҳол шахсон ва ниҳодҳои бисёре ба эҷоду паҳнкунии тасаввуротҳои ғайриилмӣ ва нифоқангез машғуланд. Аз ҷумлаи чунин сенариясозиҳо ҳисоботи соли 2005-и Шӯрои миллии иктишофии ИМА мебошад, ки тибқи он хилофати ягонаи исломӣ дар муқобили ИМА таъсис ёфта, системаи бехатарии ҷаҳониро аз байн мебарад. Дар натиҷа, таназзули саросарии иқтисодӣ рух дода, ёроқи қатли ом ба дасти террористҳо меафтад.

Чунин оянданигарии бадбинона ва зиддиинсонӣ замина дар тамаддуни инсонӣ,

---

[22] Шпенглер Освальд, *Закат Европы.* Москва: АСТ, 2000. – 1376 с.

[23] Hantington Samuel, “The Clash of Civilizations?” // *Foreign Affairs.* Summer 1993; http://www.hks.harvard.edu/fs/pnorris/Acrobat/Huntington_Clash.pdf

[24] Бжезинский Збигнев, *Великая шахматная доска: господство Америки и его геостратегические императивы*. Москва: АСТ, 2014

чи шарқӣ ва чи ғарбӣ, дорад. Дар асрҳои XVIII-XIX таълимотҳои алоҳидаи фалсафӣ ташаккул ёфтанд, ки қонунҳои иҷтимоиро ба қонунҳои табиӣ монанд ва ҳатто яксон медонистанд. Чунончи, файласуфи олмонӣ Фридрих Нитше (1844-1900) мегӯяд, инсон ба абармард табдил меёбад. Ба назари математики америкоӣ Ҷон фон Нейман (1903-1957), ҳама гуна тамаддунҳои инсонӣ, пеш аз он ки ба дараҷаи "мавҷи тавонои хирад" (дараҷае, ки бо истифода аз хирад худро ҳифз карда тавонад) расанд, аз байн мераванд. Сабаби ягонаи универсалие вуҷуд дорад, ки пеши роҳи хирадро мегирад. Тамаддуни илмӣ ва технологии муосирро системаҳои мураккаб ва таҷрибаҳои хатарнок бо коллайдерҳо метавонанд аз байн баранд.[25]

Яке аз заминаҳои асосии бадбинӣ (пессимизм) ба ояндаи инсон дар ҷаҳони моддӣ тасаввуроту эътиқодоти динии одамон мебошад. Дар бисёр китобҳои муқаддас фалокатҳои табиӣ ва фоҷиаҳои иҷтимоӣ, ки боиси марги одамони бешумор, аз он ҷумла кӯдакон мегарданд, чун ҷазо муайян карда мешаванд. Алқоида дар ҳуҷуми худ ба Амрико бо рабоиши ҳавопаймоҳо ва Таҳрики Толибони Покистон бо террори кӯдакони мактабӣ куштори кӯдаконро ҳамин гуна асоснок кардаанд. Яке гуфт: қатли кӯдакон савоб аст, чун ба "синни гуноҳ" нарасида мемиранд ва ба биҳишт мераванд. Дигаре гуфт: мо аз ҳукумат ва онҳое, ки бар зидди мо меҷанганд, қасос гирифтем. Ҳамин гуна фаҳмиш ва мавқеъро масеҳиёни ортодокс ва бунёдгаро низ доранд. Як роҳиби америкоӣ иддао кард, ки заминҷунбӣ дар Ҳаити ҷазои илоҳӣ ба сокинони он аст, ки бо Шайтон паймон бастаанд.[26] Дар китоби муқаддаси масеҳиён ва мусулмонон – Инҷил ва Қуръон заминҷунбӣ ва дигар офатҳои табиӣ чун ҷазо барои итоат накардан ба фармудаҳои Худо ва намояндаҳои он дар замин муайян гардидааст.

Чунин тасаввурот дар зеҳни одамон қолабҳо, эҳтимолиятҳо ва сенарияҳои динӣ ва фаталистӣ (тақдирпарастона)-ро дар бораи оянда низ ба вуҷуд меорад. Яъне, тарҳи он пешакӣ аз тарафи Худо рехта шудааст, ки саҳми инсонро дар сохтани оянда камранг ва камфаъол тасвир мекунад. Дар таълимоти ортодоксии динӣ ҳатто пешгӯӣ кардани равандҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ғайра "ширк", яъне шубҳа овардан ба қудрати мутлақи Худо диниста мешавад. Чанд сол пеш додгоҳе дар Афғонистон як таҳлилгарро барои сенариясозии панҷ соли оянда ба ҳабс маҳкум карда буд. Ҷанбаи дигари ояндангарии ортодоксӣ қиёмат мебошад, ки тибқи Масеҳият ва Ислом дар рӯйи замин шурӯъ мегардад. Ояндангарии ортодоксӣ дар образи қиёматро имрӯз ДИИШ (Давлати Исломии Ироқ ва Шом) амалӣ мегардонад.[27] Барои ҳамин, намояндагони динҳои гуногун дар симои якдигар душман мебинанд ва ба ҷангҳои эҳтимолӣ омодагӣ мегиранд. Дар натиҷа, имрӯз аксарияти давлатҳо аз сар то по бо яроқи оташфишон ва қатли ом мусаллаҳ шудаанд. Фантастикае, ки дар китобҳои бадеӣ, кино ва дигар намудҳои ҳунар тасвир мешавад, ба ҳамин идеяи қиёмат марбут аст. Аз ҷумлаи киноҳои апокалиптикӣ (асосёфта ба таълимоти динии қиёмат) «Терминатор», «Матриса», «Ақидаи хос», «Элементи панҷум» ва ғайра мебошанд, ки мувофиқи онҳо дар оянда инсониятро катастрофа ё худ қиёмат интизор аст, ки барои корҳои неку бади худ ҷавоб хоҳад дод. Ҳамин биниши динӣ боис шудааст, ки дар меҳвари адабиёти бадеӣ ва ҳунари филмофарӣ қаҳрамонсозии неку бад қарор дорад. Онҳо тасаввуроти хатоеро паҳн кардаанд, ки як инсон комилан нек ва дигаре батамом бад мебошад. Маҳз ҳамин тасаввуроти ортодоксии динӣ дар

[25] Турчин ва Батин 2013. – Саҳ. 251
[26] Ҳамон ҷо. – Саҳ. 45
[27] Вуд Грэм, "Чего на самом деле хочет ИГИЛ", http://www.centrasia.ru/newsA.php?st=1424728140; 24 феврали 2015

бораи табиати инсон боиси афзоиши нофаҳмӣ ва ҷангу куштор дар байни одамон гардидааст.

Инсоне, ки ҳам нек ва ҳам бадро, пеш аз ҳама, дар ботини худ ҷустуҷӯ намекунад, дар нисбати ҷиҳатҳои мусбати шахсияти худ танбал, бепарво, беҷуръат, бетараф ва нобовар мешавад. Ӯ шахсияти худро такмил намедиҳад, то ин ки ба дараҷаи истиқлолияти маънавӣ ва моддӣ рушд кунад. Дар айни замон, ӯ бадиро дар худ нодида гирифта, барои такмили фикру андеша ва рафтори худ намекӯшад. Ӯ тамоми камбудиҳо, норасоиҳо, нокомиҳо ва мушкилоти худро ба шахси дигар вобаста мекунад ва дар нисбати ӯ душмантарошию девсозӣ карда, ҳам ҳастии худ ва шахси дигар ва ҳам субот ва дигар манофеи ҳамагониро дар зери хатар мегузорад. Ҳамин гуна тақдирро як миллат низ дошта метавонад, ки имконият ва тавоноиҳои худро амалӣ намесозад, вале дигаронро дар нисбати мушкилоташ гунаҳкор меҳисобад. Мутаассифона, тоҷикон дар чунин вазъияти равонӣ қарор доранд.

Чунон ки бармеояд, ҳолати равонӣ ва тасаввуроти мо дар бораи тақдири худ асосан аз ҷаҳонбинии динӣ реша мегирад. Онҳо образи дурӯғини ояндаро месозанд, ки барои тарғиботи идеологияҳои муайян хизмат мекунанд. Аз ҷумлаи ин оянданиганиҳои бадбинона ва ғайриилмӣ фундаментализмҳои динӣ ба шумор мераванд. Исломгароии радикалӣ тарҳи сиёсии таъсис ва таҳкими хилофат ё худ ҳокимияти теократии умумиҷаҳонӣ буда, аҳкоми шариат ҷойгузини қонунҳои дунявӣ мебошанд. Барои ба даст овардани ин гуна ҳокимият, ки сулолавӣ буда, ба авлодҳои алоҳида маҳдуд мемонад, лашкари даҳшатафкани ҷангандаҳо лозим аст. Радикализми динӣ ба онҳо афсонаҳои хатарноки шаҳодат, ҷиҳод, ғанимат ва биҳишт бо 72 ҳурро ваъда медиҳанд, то ки аз ҷангу куштори мардуми бегуноҳ ва нобаробарию беадолатӣ дар байни онҳо ва пешвоёнашон дилсард нашаванд. Фундаментализми масеҳӣ дар бораи апокалипсис, яъне қиёмат ривоят мекунад, ки дар оянда фаро мерасад. Ин гуна ояндабиниҳо бадбинона ва зиддиинсонӣ мебошанд, ки пеш аз ҳама, идеяи ҷангро тарғиб мекунанд. Як қатор файласуфон, олимон, ҳунармандон ва сармоядорон низ аз ин идеяҳо пайравӣ ва барномаҳои муайянро пешниҳод ва амалӣ мекунанд. Масалан, Билл Гейтс ва аксарияти миллиардерҳо мушкилии асосии ояндаро чун зиёдшавии аҳолӣ медонанд ва барои ин даҳҳо миллиард доллар сарф мекунанд.[28]

Ҳамин гуна эҳтимолиятҳо ва ё сенарияҳои гуногуни ҷаҳони оянда, ба монанди моделҳои теократӣ, нажодпарастӣ, тарҳҳои комунистӣ, утопияи либералии демократия ва иқтисоди бозорӣ, табиатгароии “сабз” ва натуралистӣ (Жан Жак Руссо – 1712-1778, Бҳагван Шри Раҷниш Ошо – 1931-1990) вуҷуд доранд. Новобаста ба он ки ин оянданиганиҳо асоси сусти илмӣ доранд, одамони бисёр ва қувваҳои бузурге вуҷуд доранд, ки омодаанд барои амалӣ кардани онҳо мубориза баранд.[29] Аҷоибаш он аст, ки ба ҷуз олимони алоҳида оянданиганиҳои илмӣ дар ҷомеа ва ҳатто мақомоти расмии кишварҳои ҷаҳон тарафдорони кам дорад. Сабаби асосӣ дар он аст, ки илм ҳақиқатро бепарда мегӯяд, хатарҳоро ошкор месозад ва бисёре аз чашмдоштҳо ва ваъдаҳо, аз қабили қиёмат ва охиратро рад мекунад.

## Зарурат ва имкониятҳои оянданиганиҳои илмӣ

Фарқияти оянданиганиҳои илмӣ аз тасаввуроти динӣ ва ғайриилмӣ дар он мебошад, ки он пеш аз ҳама, хатарҳои воқеиро шинохта ва аз онҳо огоҳӣ медиҳад. Дар қадами минбаъда

[28] Ҳамон ҷо. – Саҳ. 232-233
[29] Ҳамон ҷо. – Саҳ. 234

роҳҳои ҳал пешниҳод карда мешавад. Бояд гуфт, ки муассиртарин роҳи ҳал алтернативаҳои рушд дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ мебошад. Аз ҷиҳати назариявӣ тахия ва пешниҳоди алтернативаҳо вазифаи илмҳои соҳавӣ ва байнисоҳавии ояндашиносӣ мебошад. Масалан, барои ҳалли мушкилии ифротгароӣ фақат мубориза тарғиботӣ ва идеологӣ кифоя нест. Балки омилҳои ин падида бояд омӯхта ва дар ҷавоб ба ҳар яки он алтернатива пешниҳод карда шавад. Яке аз омилҳои маркази ифротгароӣ бесаводӣ, ҷаҳонбинии ғайриилмӣ ва дигаре бекорӣ ба шумор меравaнд. Барои ҳамин, дар мавриди ҳар яки ин омилҳо бояд роҳи ҳалли алоҳида пайдо карда шавад. Алтернатива барои рафъи бесаводии ҷавонон баланд бардоштани мақоми мактабу маориф ва барои бекорӣ ва муҳоҷирати корӣ ташкили ҷойҳои нави корӣ дар соҳаи истеҳсолоти донишасос ва нанотехнологӣ мебошанд. Дар ҷаҳони муосир муҳоҷирати корӣ ба хатари бисёрҷониба табдил ёфтааст: аз як тараф, он боиси коҳиш ёфтани сатҳи саводнокии аҳолӣ гардидааст, чунки ҷавонон ояндаи худро фақат дар муҳоҷирати корӣ мебинанд; аз тарафи дигар, дар дарозмуддат ин падида ҷомеаи тоҷикро, чи аз ҷиҳати сиёсию иқтисодӣ ва чи аз ҷиҳати ахлоқӣ, ба ҷомеаи дастнигар ва истеъмолӣ табдил медиҳад.

Аз ин рӯ, вижагии маркази ояндашиносии илмӣ шинохти хатарҳое мебошад, ки дар ояндаи наздик ва дур дар пешорӯйи як инсон, як миллат ва тамоми инсоният қарор доранд. Бо дарназардошти ин хатарҳо алтернативаҳо коркард карда мешаванд. Шинохти хатарҳо дар сурате имконпазир мегардад, ки як инсон ва ё миллат ба ҷаҳонбинии илмӣ такя кунад ва бо истифода аз афзорҳои илмӣ равандҳои муосир ва заминаҳои таърихии онҳоро омӯзад.

Падидае объекти таҳқиқи илмӣ буда метавонад, ки хусусияти универсалӣ дорад, яъне маҳдудиятҳои замонӣ, маконӣ ва ғайра надошта бошад. Аз ин нуқтаи назар, хатарҳои вуҷудӣ характери глобалӣ доранд. Физик ва файласуфи англис Ник Бостром, ки консепсияи "хатарҳои вуҷудӣ" ("экзистенциальные риски")-ро пешниҳод кардааст, онҳоро чун хатарҳои глобалӣ муайян мекунад.[30] Ӯ хатарҳои вуҷудиро фарогири ҳама гуна ҳодисае меҳисобад, ки метавонад хиради дар рӯйи Замин бавуҷудомадаро аз байн барад ва ё ба потенсиали он зарари ҷиддӣ расонад. Ӯ ин хатарҳоро аз рӯи миқёс (scope) ба категорияҳои (1) шахсӣ (personal), (2) маҳаллӣ (local), (3) глобалӣ (global), (4) фароnaслӣ (trans-generational) ва (5) кайҳонӣ (cosmic) ва аз рӯи шиддату таъсиргузорӣ (severity) бошад, ба (1) ғайримаҳсус (imperceptible), (2) давомнок (endurable), (3) ҳалокатбор (terminal) ва (4) несткунандаи зиндагӣ (hellish) ҷудо мекунад (ниг. ба ҷадвали зер).[31]




Ҷадвали миқёс ва шиддати хатарҳои вуҷудӣ аз рӯи тасвири Ник Бостром

[30] Bostrom Nick, "Existential Risks: Analyzing Human Extinction Scenarios and Related Hazards". In: *Journal of Evolution and Technology.* Vol. 9, March 2002
[31] Bostrom Nick, "Existential Risk Prevention as Global Priority". In: *Global Policy* 4: 15-31, 2013

Шинохти ин гуна хатарҳо объекти мустақили таҳқиқиояндашиносии илмӣ мебошанд. Агар мо онҳоро нодида ва ё хурд гирем ва тадриҷан бартараф накунем, метавонанд тамаддуни инсонӣ ва умуман мавҷудияти инсонро дар ҷаҳон дар зери савол гузоранд. Турчин ва Батин бо такя ба донишҳои соҳавӣ ва байнисоҳавӣ сарчашмаҳои асосии таҳдидҳои глобалиро чунин тасниф мекунанд: 1) интеллекти сунъӣ, 2) нанотехнология, 3) биотехнология, 4) яроқи ядрой, 5) заҳролудшавии химиявии глобалӣ, 6) экспериментҳои хатарноки физикӣ, 7) астероидҳо, 8) абарвулқонҳо, 9) гамма-афканишҳо ва 10) бухрони системавӣ.[32]

Вазифаиояндашиносӣ аз он иборат аст, ки бо таҳқиқи соҳавӣ ва ҷамъбасту моделсозии байнисоҳавии ин хатарҳо сенарияҳо ва алтернативаҳо пешниҳод кунад. Дар шароити муосир таҳлили байнисоҳавӣ бисёр муҳим мебошад, пеш аз ҳама, аз он сабаб ки хатарҳо хусусияти маҷмӯӣ мегиранд. Чунончи, рамзкушоии генетикии гриппи испанка (генетическая расшифровка гриппа испанки), ки дар гузаштаи наҷандон дур то 100 миллион одамро кушта буд, метавонад дар интернет паҳн шавад ва ба дасти террористҳо афтад. Ҳамин гуна, дар ояндаи наздик технологияи яроқи ядрой ба таври экспонентсиалӣ арзон шуда, барои гурӯҳҳои ифротгаро метавонад дастрас гардад. Агар одамон роҳҳои мусолиматомези ҳамкорӣ ва ҳамзистиро пеш нагиранд, террористон метавонанд дар ояндаи наздик қудрат пайдо кунанд, ки астероидҳоро ба сӯйи замин равона созанд. Баъзе олимон сенарияеро пешниҳод мекунанд, ки микродастгоҳҳои нанотехнологӣ аз идораи инсон берун баромада, дар як муддати кӯтоҳ ҳама биомассаи заминро меҳӯранд. Ба ҷуз ин, хатарҳои табиӣ, аз қабили абарвулқон, заминҷунбии сахт ва ғайра боиси харобии саросарии зиндагӣ дар сайёра мегарданд.

[32] Турчин ва Батин 2013. – Саҳ. 196

Пешбинии чунин эҳтимолиятҳо ё худ сенарияҳо истисно нестанд. Танҳо он миллатҳое чунин эҳтимолиятҳоро нодида мегиранд, ки ба оянда бо диди ғайриилмӣ менигаранд ва ё ба ҷуз ҷангу мубоpизаи носолим алтернативаи дигареро дида наметавонанд.

Аммо ин маънои онро надорад, ки инсоният ҳамаи шансҳояшро аз даст додааст ва нобудиаш ногузир аст. Баръакс, хатарҳое, ки мо дар пеш мебинем, натиҷаи огоҳӣ аз вазъият аст. Чун дар гузашта сатҳи дониши илмии одамон паст буд, хатарҳоиояндаро кам тасаввур мекарданд. Дар айни ҳол, агар аз имрӯз ба шинохти дурусттар ва таҳияи алтернативаҳои илмӣ барои маҳдуд кардани таъсири манфии хатарҳо напардозем, фардо дер мешавад. Донишмандон алтернативаҳои бисёре пешниҳод кардаанд, ки онҳоро метавон вобаста ба дурнамои наздик ва дури инсоният ба чор маҷмӯа синфбандӣ кард:

1) Алтернативаҳои равандҳои сиёсӣ дар минтақаҳои алоҳида ва умуман дар сайёра; ба вуҷуд овардани “шуури планетарӣ”[33];

2) Алтернативаҳои нанотехнологии мушкилиҳои экосистема; иқтисоди сарватбунёд[34];

3) Алтернативаҳои фатҳи кайҳон[35];

4) Алтернативаи “фалсафаи кори ҳамагонӣ” ва трансгуманизм (Николай Фёдоров, Фаридун Исфандиёрӣ, Роберт Эттингер, Эрик Дрекслер, Ҳанс Моравек, Ник Бостром, Комил Бекзода)[36]

[33] Маркарян Э.С., Гуманизм XXI столетия – идеология самосохранения человечества // Национальное самосознание народов стран СНГ и Балтии: роль общих культурных основ. М.: Прогресс-Традиция, 2010. – 216 с.

[34] Jacque Fresco: www.thevenusproject.com

[35] Hawking Steven and Leonard Mlodinow (2010), *The Grand Design*. Bantam Books

[36] Масалан, ниг.: Федоров Николай, *Философия общего дела*. Москва: Эксмо. 2008; Комил Бекзода, *Марг ва Зиндагӣ*. Душанбе: Дониш. 2015; Bostrom Nick, “Existential Risks: Analyzing Human Extinction Scenarios and Related Hazards”. In: *Journal of Evolution and Technology*. Vol. 9, March 2002

***Алтернативаҳои равандҳои сиёсӣ***

Оянданигарии илмӣ (футурология)-и равандҳои сиёсӣ яке аз самтҳои муҳими таҳқиқоти фалсафӣ ва байнисоҳавӣ мебошад, ки бо номҳои гуногун, аз он ҷумла "тадқиқоти стратегӣ", "банақшагирӣ", "сиёсатгузорӣ" (policy research) ва "омӯзиши масъалаҳои рушд" (development research) мавриди истифода ҳастанд. Оянданигарии илмӣ бояд муҳимтарин равандҳои муосири ҷомеа ва ҷаҳонро омӯзад ва ба нақша гирад. "Ба нақша гирифтан" на фақат ба маънои аз назари илмӣ оянданигарӣ кардани самти таҳаввули равандҳо, балки махсусан аз назари ратсионалӣ ва сиёсӣ идорапазир кардани онҳо мебошад.

***Алтернативаҳои нанотехнологӣ***

Дарояндаи наздик алтернативаи ҳифзи зиндагӣ дар сайёра ва роҳи босамари фатҳи Кайҳон тавассути корбурди эҳтиёткоронаи нанотехнология, биотехнология ва Интттелекти сунъӣ (ИС) такмил меёбад. Мо набояд то ба он ҳадде расем, ки онҳо идоранопазир гарданд. Дар айни замон, бе онҳо дигар наметавонем зиндагибоб будани системаҳои иҷтимоӣ ва экологиро таъмин намоем. Донишмандоне чун Вернор Винҷ ва Ҷон Лесли дар нисбатиояндаи технологияи навин назари хушбинона надоранд. Ба назари онҳо, дар байни солҳои 2005-2030 ИС аз интеллекти инсон қавитар мегардад. Дар 200 соли оянда бошад, 30% одамон аз байн меравнад ва ҷои онҳоро нанороботҳо мегиранд.

Новобаста ба ин, алтернативаҳо, яъне моделҳои муайян барои идорапазир ва манфиатбахш кардани нанотехнология, ИС ва дигар намудҳои технологияи нав таҳия карда мешаванд. Соли 1959 физики америкоӣ Ричард Фейнман (1918-1988) дар лексияи худ дар Институти технологии Калифорния бо унвони «Дар зер ҷо фаровон аст!» идеяи худро дар бораи нанотехнология пешниҳод кард. Гарчанде он замон нанотехнологияро ҷиддӣ қабул намекарданд, имрӯз ба яке аз муҳимтарин бахши моделсозии байнисоҳавии илму техника бароиояндаи наздик табдил ёфтааст.

Яке аз чунин моделҳои байнисоҳавӣ барои идора ва истифодаи нанотехнология NBIC-конвергенция номида мешавад, ки фарогири соҳаҳои *N* – нано, *B* – био, *I* – инфо ва *C* – когно мебошад. Ин истилоҳ соли 2002 аз тарафи Михаил Роко ва Вилям Бейнбриҷ пешкаш гардидааст, ки ҷараёни ҳамгироии технологияҳои нано- (дар сатҳи атомҳо), био- (дар сатҳи ҳуҷайраҳо), когно- (когнитивӣ, яъне нейронҳо) ва инфо- (иттилоотӣ, яъне битҳо)-ро танзим мекунад (ниг. расми зер).[37]




Дар сурати идораи дуруст ва оқилонаи нанотехнологияҳо бисёр мушкилиҳои ҷомеаҳои инсонӣ ҳалли худро пайдо мекунанд. Яке аз ин масъалаҳо таъмини аҳолии сайёра бо энергияи "сабз" (аз он ҷумла қувваи барқ аз ҳисоби захираҳои об, рушноии офтоб, бод, гармии ядрои замин ва ғ.), яъне энергияи таҷдидшаванда мебошад, ки аз худ оксиди карбон ($CO_2$) ва дигар газҳои гулхонаӣ хориҷ намекунад ва аз ин рӯ, ба муҳити атроф безарар аст. Истифодаи нанотехнология имкон медиҳад, ки қисмати зиёди энергияи офтобиро барои таъмини рушноӣ ва гармӣ аз худ кунем. Дар ҷаҳон ширкатҳои ба истилоҳ "наносолар" ба вуҷуд омада истодаанд, ки дарояндаи наздик ба

[37] Турчин ва Батин 2013. – Саҳ. 152

истеҳсоли наномеханизмҳо, аз он ҷумла фотоэлементҳои тунуки батареяҳои офтобӣ шурӯъ мекунанд. Ин маҳсулот нархи батареяҳои офтобиро арзон карда, буҳрони энергетикии соҳаи иқтисодиро ҳал мекунад.[38]

Дигар самти муҳими корбурди нанотехнология нақлиёт мебошад, ки бе он иқтисодиётро тасаввур кардан ғайриимкон аст, дар ҳоле ки энергияи бисёр харҷ мекунад. Дарояндаи наздик зерсохтори нақлиёт ва коммуникатсия новобаста ба маҳдудиятҳои табиӣ ва сиёсию иҷтимоӣ ҳама нуқтаҳои сайёраро фаро гирифта, ба ҳам мепайвандад. Мегаполисҳо то 100 миллион аҳолиро ғунҷонида, ҳаёти онҳо аз нанотехнология дар соҳаҳои нақлиёт ва коммуникатсия вобаста мегарданд. Барои ба ҳам пайвастани нуқтаҳои дури Замин, масалан Осиё ва Амрико ва ё Амрико ва Африка тунелҳои вакуумӣ сохта мешаванд, ки дар дохили онҳо поездҳои фаросуръат ҳаракат хоҳанд кард. Дар наздиктарин фурсат, яъне то соли 2030 Чин поезди зеризаминиеро ба истифода медиҳад, ки дар як соат 1000 километр ҳаракат мекунад. «Чунин поездҳо зербинои "метрои умумиҷаҳонӣ"-ро месозанд, ки дар натиҷа сайёраро ба мегаполиси ягона табдил медиҳад».[39] Нанотехника ҳар як авиапассажирро бо системаи наҷот, чунон ки дар ҳавопаймои ҷангӣ ҳаст, таъмин мекунад. Чун аксарияти садамаҳои нақлиётӣ ба омили инсонӣ вобастаанд, аз ин рӯ, ИС (интеллекти сунъӣ) бехатарии парвозҳоро таъмин хоҳанд кард. Тойота ва Волво ваъда додаанд, ки то соли 2020 системаи бехатарии онҳо марги садамавиро ба 0 (сифр) баробар мекунанд.

"Лоиҳаи Венера"-и Жак Фреско (зод. 1916) ва як қатор барномаҳои дигари давлатӣ ва мустақил ба таҳияи моделҳои нанотехнологии рушди соҳаҳои гуногун, аз он ҷумла зерсохтори нақлиёт, таъминоти иҷтимоӣ, бехатарии вуҷудӣ, фатҳи сатҳи уқёнус ва фазои кайҳонӣ барои зиндагии инсон ва монанди инҳо машғуланд.[40]

Дар сурати татбиқи ин моделҳо нанотехнология барои фатҳи Кайҳон низ дарояндаи наздик саҳми бештар мегузорад. Ба воситаи робот-репликаторҳо аз худ кардани гӯшаҳои дастнораси системаи офтобӣ муяссар мегардад. Баробари кашф ва фатҳи ин гӯшаҳо, онҳо дар фурсати кӯтоҳ дар ҷирмҳо ва ҳатто астероидҳое, ки муҳити муносиб доранд, истгоҳҳои кайҳонӣ барои зиндагӣ ба вуҷуд меоранд. Инчунин нанотехнологияҳо барои экспедитсияҳои байниситораӣ сафарбар карда мешаванд.

Тиб ва тандурустӣ самти дигари татбиқи нанотехнология ба шумор меравад. Микроработҳои нанотехнологӣ ба рагҳои хунгард фиристода мешаванд, то ки онҳоро тоза кунанд, дар мағзи сар ва торҳои асаб ворид шуда, ба нейронҳо мепайвандад ва бемориҳоро скан ва ташхис мекунанд. Онҳо метавонанд ҳуҷайраҳое, ки функсияҳояшонро дуруст иҷро намекунанд, иваз намоянд.[41] Соли 1960 ин усулро Манфред Клайнс ва Натан С. Клайн бо истилоҳи «киборг» ҳамчун имконияти мутобиқат и ҷисм ба ҳаёт дар Кайҳон ба воситаи имплантҳо и механикӣ



пешниҳод карда буданд.[42]

[38] Ҳамон ҷо. – Саҳ. 101
[39] Ҳамон ҷо. – Саҳ. 220

[40] Барои маълумоти бештар нигаред: https://www.thevenusproject.com; ҳамчунин, ниг. мақолаи Меҳр Собириён, "Шаҳри илм ва хирад" дар ҳамин шумора
[41] Турчин ва Батин 2013. – Саҳ. 140
[42] Ҳамон ҷо. – Саҳ. 169; ҳамчунин: http://web.mit.edu/digitalapollo/Documents/Chapter1/cyborgs.pdf

### *Алтернативаҳои фатҳи Кайҳон*

Яке аз алтернативаҳои дар дарозмуддат боварибахшро физики англис Стивен Вилям Ҳокинг (зод. 1942) пешниҳод кардааст, ки тибқи он инсоният барои дар 100 соли оянда зинда мондан бояд ба таври интенсивӣ кайҳонро фатҳ кунад.[43] Дониши илмӣ қудрати аз худ кардани нуқтаҳои дуру наздики кайҳонро дорад, чунон ки қаъри замину укёнусро кашф кардааст. Донишмандон мақсади асосии фатҳи кайҳонро дар ҳифзи тамаддуни инсонӣ бо роҳи дар нуқтаҳои гуногуни он маскун шудан медонанд. Дар айни замон, мо ба захираҳои бемаҳдуди энергия, материя ва фазои Кайҳон дастрасӣ пайдо карда, аз истисмори табиат, партоби оксиди карбон ба атмосфера, тағйироти хатарноки иқлим ва дигар фалокатҳои экологии аз он сарзананда метавонем даст кашем.

Тибқи пешбинии олимон, Кайҳон низ дер ё зуд аз байн меравад ва ё таҳаввулоти дохилии он боиси афзоиши хатарҳои вуҷудӣ барои одамон ва тамаддуни онҳо мегардад. Олимон таҳдидҳои Кайҳонро чунин муайян мекунанд: 1) марги гарм, 2) барҳамхурии протонҳо ва буғшавии сияҳчолҳо дар фазои беохир, 3) ҷафсшавии Кайҳон, 4) Таркиши бузурги нав, ки ҷирмҳо ва предметҳоро аз ҳам дур месозад. Ба назари физик, математик ва космологи америкоӣ Франк Типлер (зод. 1947) дар асараш бо номи “Физикаи бемаргӣ” (1994), илми инсонӣ ба сатҳе мерасад, ки тамоми кайҳонро фаро мегирад ва баробари таркиши бузург ва ҷафсшавӣ худро мутобиқ мекунад. Тамаддуни инсонӣ дар ҳолати ҷафсшавии мутлақ низ ҳифз мешавад, ки онро Типлер “нуқтаи Омега” меномад. Ли Смолин (1955) низ пешниҳоди монанд мекунад, ки тамаддуни инсонӣ дар оянда қудрати идора ва тағйирпазир кардани Кайҳонро дорад. Он ҳатто метавонад сияҳчолҳо созад ва аз онҳо системаҳои нави ситораӣ ва галактикӣ ба вуҷуд орад ва ё худро ба кайҳонҳои параллел интиқол диҳад.[44]

Дарояндаи наздик илму техника бояд ба дараҷае рушд кунад, ки дар навбати аввал суръати рушноиро гузарад ва зиндагиро дар гӯшаҳои дигари Кайҳон ба роҳ монад. Ин нуқтаи назарро Ник Бостром низ баён мекунад.[45] Дар сурати ғайр, аз байн рафтани инсон ва тамаддуни инсонӣ дер ё зуд ногузир мегардад, дар ҳоле ки масалан наметавонад аз гирдоби сияҳчолҳо наҷот ёбад. «Сияҳчол бахше дар фазо-замон бо ҷозибаи гравитатсиониаш ончунон бузург аст, ки онро ҳатто объектҳои бо суръати рушноӣ ҳаракаткунанда (аз он ҷумла квантҳои худи рушноӣ) тарк карда наметавонанд».[46] Аз ин рӯ, розӣ шудан ба чунин маҳдудият ғайриимкон аст, ки: «...қонунҳои маъруфи физика тағйирнопазиранд, аз он ҷумла суръати рушноӣ ҳамеша суръати ба таври максималӣ имконпазири сафар боқӣ мемонад».[47]

### *Ояндanигарии илмии вазъияти инсон*

Дар самти мушкилоти марказии инсон ва тамаддуни инсонӣ яке аз саволҳои асосӣ чунин аст: “Чӣ гуна умри инсонро дароз кунем ва чӣ гуна ба бемаргӣ ноил гардем?” Ҳамин гуна, Турчин ва Батин бемаргиро чун татбиқи мутлақи зиндагии инсон чун арзиши бартар муайян мекунанд.[48] Масъалаи ояндanигарии илмӣ ин аст, ки мо чӣ гуна ҷомеае созем, ки бемаргии ҷисмонии инсонро ҳадаф қарор диҳад ва ҳамчунин, хатарҳои вуҷудиро дар ҳаёти инсон пешгирӣ намояд? Яқин аст, ки бисёриҳо мепурсанд: Чаро маҳз марги ҷисмонии одамон мушкилии марказӣ мебошад ва оё ҳал

[43] Турчин ва Батин 2013. – Саҳ. 208

[44] Ҳамон ҷо. – Саҳ. 255-256

[45] Bostrom Nick, “Existential Risk Prevention as Global Priority”. In: *Global Policy* Vol. 4, Issue 1, February 2013, pp. 15-31. – Саҳ. 22

[46] Турчин ва Батин 2013. – Саҳ. 245

[47] Ҳамон ҷо. – Саҳ. 244

[48] Ҳамон ҷо. – Саҳ. 6

кардани он метавонад дигар мушкилотро ҳам бартараф намояд?

Чунин савол дар зеҳни аксарият чарх мезанад, чунки аввалан онҳо ба тасаввуроти динӣ дар бораи рисолат ва оқибати инсон бовар доранд ва баъд ба қудрати илму техника эътимод надоранд. Вақте ки маорифпарварони Фаронса нахустин бор дар бораи озодӣ ва баробарии ҳамаи одамон гап мезаданд, ҳеч кас бовар надошт, ки дар ояндаи наздик чунин ормонҳо ба даст меоянд. Ё худ то 7 рӯзи парвози бародарон Райт ҳама иддао мекарданд, ки ихтирои ҳавопаймо ғайриимкон аст.[49]



Сурат аз сарчашмаи интернетии https://en.wikipedia.org/wiki/Wright_brothers

Дар таърихи инсоният ҷомеаҳо аксаран ба қабули навгониҳо омода набуданд, чунки ин навгониҳо зидди арзишҳои фарҳангӣ ва системаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии ин ҷомеаҳо будаанд. Балки одамон фақат бо мақсади рӯзгузаронӣ ва сарфи назар кардани мушкилии марг зиндагӣ мекунанд. Баръакс, ҳар гуна падидаеро, ки мушкилии маргро актуалӣ ва дар маъраз мегузорад, маҳкум ва инкор месозанд. Чунон ки Турчин ва Батин мегӯянд: “...одамон андешаро дар мавриди марги худ сарфи назар мекунанд, новобаста ба он ки он катастрофаи аз ҳама бузург дар зиндагии инсон аст, вале дар баробари ин бисёриҳо ба пешгӯиҳои дурӯғин дар бораи катастрофа дар соли 2012 бовар мекунанд”.[50] Чунон ки биологи амрикоӣ Эдвард Вилсон ва ҳамчунин Турчин ва Батин мегӯянд, яке аз сабабҳои напазируфтани идеяи бемаргӣ ҳам аз тарафи одамони одӣ ва ҳам аз тарафи мутахассисон гурӯҳҳо ва ташкилотҳои динӣ мебошанд, ки ин истилоҳ ва мафҳумро монополия ва динӣ кардаанд.[51]

Дар робита ба имконпазирии барҳам додани марги ҷисмонии инсон ва аз ин роҳ ҳал кардани бисёр мушкилоти дигари одамон донишмандони бисёре хушбин ҳастанд. Игор Артюхов – ҷонишини директор оид ба илми Институти биологияи пиршавии Русия чунин мегӯяд: «Ман инсони бисёр шаккок ҳастам. Барои ҳамин, вақте ки ба ман мегӯянд, ки ин имконпазир нест, ман мегӯям: далел биёред».[52] Баъд аз он ки Николай Фёдоров (1829-1903) дар охири асри 19 пешниҳод кард, ки одамони ҳама давру замонҳо бояд зинда карда шаванд ва ба онҳо умри ҷовидона дар ин ҷаҳон бахшида шавад,[53] шубҳа дар ин маврид боқӣ мемонад, вале имконияти илм барои ба ин ҳадаф расидан меафзояд. Онҳое, ки ба амалишавии ин ҳадаф бовар надоранд, бояд далелҳои устувори илмӣ биёранд.

Бо пешрафти технология на фақат хатарҳо афзоиш мееёбанд, балки умеду боварии донишмандон низ баояндаи бемаргии ҷисмонии инсон бештар мегардад. Яке аз чораёнҳое, ки ба ин гуна оянда бовар дорад ва барои ҳарчи тезтар ба ин оянда наздик шудан кору амал мекунанд, чараёни *трансгуманизм* мебошад. Трансгуманизм сенарияи хоси ояндангарие мебошад, ки инсонро ба инкишофи технология ва истифодаи он барои ноил шудан ба бемаргии ҷисмонӣ даъват мекунад. Мафҳуми

[49] Турчин ва Батин 2013. – Саҳ. 16

[50] Ҳамон ҷо. – Саҳ. 7

[51] Wilson E. O., Religious faith is dragging us down https://www.newscientist.com/article/mg22530050.400-e-o-wilson-religious-faith-is-dragging-us-down/?full=true; 21 January 2015; Турчин ва Батин 2013: 157

[52] Турчин и Батин 2013. – Саҳ. 16

[53] Федоров, *Философия общего дела.* 2008

“трансгуманизмрро нависанда, файласуф ва футурологи эронӣ – Фаридун М. Исфандиёрӣ (Fereidoun M. Esfandiary; форсӣ: فریدون اسفندیاری (1930-2000) пешниҳод кардааст, ки ба маънои “инсони давраи гузариш” (“transitory human”) мебошад.




Инсони давраи гузариш инсоне мебошад, ки аз ҳолати зиндагии маҳдуди замонӣ, ки ба марг меанҷомад, ба ҳолати зиндагии абадии берун аз маҳдудаи замон мегузарад. Дар заминаи ин андеша ва бо такя ба идеяи Роберт Эттингер (1918-2011) дар бораи бемаргӣ, Эрик Дрекслер (зод. 1955) дар бораи нанороботҳо ва Ҳанс Моравек (зод. 1948) дар бораи ИС дар солҳои 1980-ум дар Калифорния Ҳаракати трансгуманистон таъсис ёфт.[54] Соли 2005 дар Русия ҳаракати трансгуманистӣ таъсис ёфт, ки ба таҳлили оянданигарии таъсири технологияҳои нав ба ояндаи инсоният машғул аст. Дар ин маврид кори Д. А. Медведев дар соҳаи NBIC-конвергентсияҳо назаррас мебошад. Дар Тоҷикистон заминаҳои фалсафии ҷараёни трансгуманизм дар мактаби фалсафии Комил Бекзода бо номи “Ҷаҳони андеша” ба вуҷуд омадааст, ки зиёда аз 10 нафар файласуф, ҷомеашинос, равоншинос ва олими соҳаҳои табиию дақиқро фаро мегирад.

Яке аз таълимотҳои фалсафие, ки дар он метавон заминаҳои трансгуманизм ва идеяи бемаргии ҷисмонии инсонро пайдо кард, “фалсафаи кори ҳамагонӣ”-и Н.Ф. Фёдоров мебошад. Ӯ даъват мекунад, ки тамоми инсоният дар кори мубориза бар зидди беморӣ, гуруснагӣ ва ҷанг ва билохира, барои ба даст овардани бемаргии ҷисмонии инсон ва зинда кардани ҳамаи гузаштагон муттаҳид гарданд. Турчин ва Батин дуруст мегӯянд, ки “назари Фёдоров на фақат инсонитар, некхоҳонатар, балки инчунин хирадмандонатар дар муқоиса ба идеяи бемаргӣ барои баргузидаҳо мебошад”.[55] Яке аз ин идеяҳои бемаргии баргузидаҳо таълимоти Фридрих Нитше дар мавриди абармард мебошад.[56]

Дар даҳсолаҳои охир шумораи донишмандоне меафзоянд, ки дилеммаи асосии ояндаро чунин муайян мекунанд: Оё одамон ба *бемаргии ҷисмонӣ ва инҷаҳонӣ* мерасанд ва ё дар натиҷаи катастрофа аз байн мераванд. Ин мавзӯъро Ник Бостром (зод. 1973), профессори Донишгоҳи Оксфорд, дар мақолаи «Таҳдидҳои мавҷудият. Таҳлили сенарияҳои азбайнравӣ ва хатарҳои ба он марбута» бо истилоҳи «existential risks» (“хатарҳои вуҷудӣ”) ифода мекунад, ки ҳама гуна рискҳои нестшавии пурраи одамон ва монеаҳои инкишофу пешрафти онҳоро дар назар дорад.[57]



[54] Турчин ва Батин 2013. – Саҳ. 235

[55] Ҳамон ҷо. – Саҳ. 236

[56] Ниг.: Ҳафиз Бобоёров, “Нақди методологии таълимоти Нитше ва мактаби ӯ” // Ҳафиз Бобоёров, *Методологияи “бехатарии вуҷудӣ”: Мавзӯи нестӣ дар фалсафаи Ғарб.* Душанбе: Дониш. 2015. – Саҳ. 155-207

[57] Bostrom Nick, “Existential Risks: Analyzing Human Extinction Scenarios and Related Hazards”. In: *Journal of Evolution and Technology.* Vol. 9, March 2002; Bostrom Nick, “Existential Risk Prevention as Global Priority”. In: *Global Policy* 4: 15-31, 2013

Дар чунин вазъият, ки тамоми ҷаҳонро “хатарҳои вуҷудӣ” фаро гирифтаанд, вазифаи футурология аст, ки онҳоро омӯзад. Пеш аз ҳама, футурология бояд нишон диҳад, ки тасаввуроти мо дар бораи оянда ва инкишофу пешрафти тадриҷӣ нодуруст ва хурофотӣ мебошад. Дар ин сурат, мо хатарҳое чун мусаллаҳшавӣ бо яроқҳои ядроӣ, ҷангу низоъҳои нажодӣ ва мазҳабӣ, гармшавии глобалӣ ва ҳодисаҳои кайҳониро сарфи назар мекунем, ки ба табиат ва тамаддуни инсонӣ таҳдид мекунанд. Дар баробари ин, тасаввуроти динӣ ҳам хато мебошад, ки гӯё дарояндаи наздик ва ё дур дунё аз байн меравад ва қиёмат барпо мегардад. Дар ҳақиқат, агар одамон аз пайи ҳалли мушкилот ваислоҳи вазъияти худ нашаванд, дар оянда яроқи ядроӣ ва дигар технологияҳои харобкор, офатҳои табиӣ ва иқлимӣ, бемориҳои гузарандаи фарогири ҷаҳон (пандемия) ва ҳодисаҳои кайҳонӣ (афтидани астероид ба Замин, хатари сияҳчол ба системаи офтобӣ ва ғайра) метавонанд онҳоро аз байн баранд. Дарки хатару таҳдидҳо ва афзоиши босуръати онҳо аҳамият ва зарурати онро барои дар оянда ба нақша гирифтани зиндагии одамон дар рӯи замин бештар мекунад.

Новобаста ба он ки одамон қабул кардан намехоҳанд, марг мушкилии асосии онҳо мебошад. Дар давоми умри худ одамон аз марг бо шеваҳои гуногун роҳи гурез меҷӯянд. “Таърихи тамаддун низ таърихи кӯшишҳо барои ноил шудан ба бемаргӣ мебошад. Пирамидаи Хеопс, таълифи китобҳо, гузоштани мерос ва насл – ҳамаи ин ба хотири абадӣ кардани худ мебошанд. Вале ҳифзи пурраи худ на ҳифзи афкор ва генҳо, балки ҳифзи ҳама ҷанбаҳои таҷрибаи ҳаётӣ, яъне бемаргии шахс ба шумор меравад”.[58] Олимон чор давраи ҳаракат ба самти бемаргиро муайян мекунанд: 1) Зиёд кардани умри инсон; 2) Ба таври радикалӣ афзоиш додани умри инсон ба садҳо ва ҳазорҳо сол. Ин метавонад аз ҳисоби идораи кори геном, тибби регенеративӣ, кибогизатсияи куллии ҷисми инсон ва нанороботҳои тиббӣ ба даст ояд; 3) Ба милёнҳо сол расидани умри инсон, пеш аз ҳама, тавассути скани пурраи мағзи сар ва дар шакли электронӣ ҳифз кардани он имконпазир мегардад; 4) Давомияти умри инсон ба мавҷудияти Кайҳон ва захираҳои он дар миқёси галактикаҳо вобаста мегардад, дар сурате ки ин захираҳо чунин имконияти бемаргии одамонро таъмин карда метавонанд.[59]

Чунон ки Турчин ва Батин мегӯянд: «Агар наҷоти одамон ва муқобилат бо марг ҳадафи пойдори инсоният бошад, ҳатман методу технологияҳои дароз кардани умри инсон пайдо мешаванд».[60] Бояд гуфт, ки аллакай чунин методу технологияҳо вуҷуд доранд, ки аз он ҷумла (1) интеллекти сунъӣ (ИС) ё худ ҷовидонагӣ тавассути компютерҳо, (2) ҳамсонасозӣ ё худ клонсозӣ, (3) яхбандӣ ё худ крионика ва (4) генотерапия ё худ тибби регенеративӣ ба ҳисоб меравандд. Дар кул(л), ҳамаи ин методу технологияҳои абадисозии инсон бо номи “ҳаракати трансгуманизм” маъруф аст, ки дар боло тавсиф кардем.

## ИС бароиояндаи инсон




Лоиҳаи байналмилалии «Физиом» – Анҷумани умумиҷаҳонии физиологҳо ҳадаф дорад, ки модели

58 Турчин ва Батин 2013. – Саҳ. 156

59 Ҳамон ҷо. – Саҳ. 156
60 Ҳамон ҷо. – Саҳ. 157

виртуалии организми инсонро созад. Анҷуман соли 1997 дар Санкт-Петербург таъсис ёфтааст.

Ба назари баъзе донишмандон, роҳи асосии ба давомияти ҷисмонии инсон расидан интеллекти сунъӣ (ИС) мебошад. Дарояндаи наздик технологияи компютерӣ ба дараҷае инкишоф ва такмил меёбад, ки на фақат сурат, балки ҷисми инсонро то нозуктарин қишрҳо ва хатҳои асаби ӯ скан карда, дар хотираи компютерӣ мегирад. Ҳоло муассисаҳои стратегии давлатҳои пешқадам соҳиби компютерҳое мебошанд, ки мағзи сар ва дигар узвҳои мураккаби инсонро моделсозӣ карда, дар шакли электронӣ барқарор сохтаанд. Ин компютерҳо дар 10-солаи оянда дастраси олимон мегарданд. Барои муқоиса, компютерҳои IBM Road Runner – истеҳсоли соли 1998 – 1,105 петафлопс, Cray XT5 (Yaguar) – истеҳсоли соли 2009 – 1,75 петафлопс, Tianhe-1A (Роҳи Каҳкашон-1А) – истеҳсоли соли 2010 – аз 2,5 петафлопс то 4,7 петафлопс қудрат доранд. 1 петафлопс ба 1 квадриллион оператсия дар як сония баробар мебошад (ниг. ба расмҳои зер).




5 қадам ба компютери петафлокс



Суперкомпютери Ровдранне (Roadrunner) дар Лабораторияи миллии Лос-Аламоси Ню-Мексикои ИМА




Суперкомпютери системаҳои параллелии Cray XT5 (Jaguar) дар Маркази миллии пажӯҳиши компютерии Вазорати энергетикии ИМА дар Овк-Риҷе, штати Теннесси



Суперкомпютери «Tianhe-1A» (Роҳи Каҳкашон-1А) дар Маркази милии суперкомпютери Тянсзин

Дар робита ба давомияти умри инсон тавассути ИС донишмандон баъзе шубҳаҳо низ доранд, ки пеш аз ҳама, ба мушкилии шабоҳати нусха бо асл (копия ва оригинал) марбут аст. То чи андоза ИС дорои шуур аст ва оё инсон ба нусхаи худ яксон аст, ҳатто

агар ин нусха дорои шуур ҳам бошад, вақт нишон хоҳад дод. Дар сурате ки нусхаи ИС ва ҳамчунин ҳамсонасозӣ (клонирование) натавонад айни оригинал бошад, яъне як фарди инсонӣ натавонад ба воситаи ин гуна нусха ва ҳамсонасозӣ мавҷудияти худро эҳсос ва дарк кунад, аслан зарурат ба чунин нусха ва ҳамсонасозӣ низ вуҷуд надорад.

### *Ҳамсонасозӣ*

Ҳамсонасозии инсон ин сохтани нусхаи аз ҷиҳати генетикӣ ҳамсони инсон мебошад. Ин протсесе мебошад, ки дар шароити лабораторӣ ҳуҷайраҳо ва бофтаҳои инсон бозофаринӣ карда мешаванд. Дар ҳоле ки тавоноии илми имрӯза ба чунин кор мерасад, нигарониҳои ахлоқӣ ва динӣ имкон намедиҳанд, ки аз назари ҳуқуқӣ ҳамсонасозӣ амалӣ гардад. Дар илм ду намуди ҳамсонасозӣ мавриди истифода ҳастанд: (1) ҳамсонасозии муолиҷавӣ ва (2) ҳамсонасозии репродуктивӣ. Ҳамсонасозии муолиҷавӣ ҳамсонасозии ҳуҷайраҳои инсон бо мақсади трансплантатсия мебошад. То ҳанӯз дар ин маврид таҳқиқотҳо анҷом дода мешаванд, вале корбурди амалии он вуҷуд надорад. Ҳамсонасозии репродуктивӣ ҳамсонасозии пурраи инсон мебошад.

Ҳамсонасозии инсон ҳам дар илм ва ҳам дар сиёсат аз солҳои 1960-ум вориди баҳс гардидааст. Яке аз аввалин баҳсҳо дар байни донишманди илми генетика Ҷошуа Ледерберг ва биолог Леон Касс сурат гирифта буд. Соли 1971 Ҷеймс Ватсон дар бораи тарафҳои мусбат ва манфии ҳамсонасозӣ мақолае бо номи “Ба сӯйи инсони ҳамсонашуда” навишт. Ҳамсонасозии гӯсфанди Долли дар соли 1966 яке аз заминаҳо ва объектҳои асосии баҳс гардида буд. Минбаъд, таҷрибаҳои зиёди тавассути ҳуҷайраҳо ба вуҷуд овардани организми гибрид сурат гирифтанд. Таҷрибаҳои лабораторӣ нишон доданд, ки дар шароити кунунии пешрафти илму техника ҳамсонасозии ҳуҷайра асосан бо мақсади муолиҷавии узвҳои алоҳида имконпазир аст. Олимон ба ҳамсонасозии ҳуҷайраҳои бунёдии ҷанинӣ даст ёфтаанд, ки имкон медиҳад дар ояндаи наздик бо мақсади репродуктивӣ низ истифода шавад. Соли 2013 гурӯҳи олимон дар зери роҳбарии Шуҳрат Миталипов (Донишгоҳи тандурустӣ ва илми Орегони ИМА, Академияи илмҳои тиббии Русия) бо истифода аз технологияи нави SCNT (Somatic cell nuclear transfer; Интиқоли ҳастаи ҳуҷайраи соматикӣ) аввалин натиҷаҳои имконияти репродуктивии ҳуҷайраҳои бунёдии ҷанинӣ (embryonic stem cells)-ро пешниҳод карданд.




Ҳамсонасозии муолиҷавӣ ва таҳқиқот оиди ҳуҷайраҳои бунёдии инсон қисман дар Австралия иҷозат дода шудааст. Дар айни замон ҳамсонасозии инсон, ҳамсонасозии ҳуҷайраҳои бунёдӣ, сабзондани ҳуҷайраҳои инсон бо мақсади таҳқиқот, тағйир додани ДНК ва хосиятҳои ирсии он, хариду фурӯши ҳуҷайраҳо ва дигар моддаҳои репродуктивии инсон дар Канада мамнӯъ аст. Гарчанде Хартаи ҳуқуқи бунёдии Иттиҳоди Аврупо ҳамсонасозии репродуктивии инсонро манъ кардааст, танҳо Юнон, Испания ва Португалия ин санадро қабул кардаанд. Ҳиндустон ҳамсонасозии муолиҷавӣ ва таҳқиқот оиди ҳуҷайраҳои бунёдии ҷаниниро иҷозат медиҳад. Шоҳигарии Муттаҳида таҳқиқотро дар мавриди ҳуҷайраҳои бунёдӣ ва ҳамсонасозии муолиҷавиро иҷозат медиҳад. Як қатор штатҳои ИМА ҳама гуна таҳқиқотро дар мавриди ҳамсонасозии муолиҷавӣ ва репродуктивӣ манъ карданд. Новобаста ба

ин, кӯшишҳои зиёд барои пурра манъ кардани таҳқиқот аз тарафи Конгресси ИМА натиҷа надодааст. Соли 2005 СММ Эъломияи ғайриҳатмие қабул кард, ки ҳама гуна ҳамсонасозии инсонро манъ мекунад.

***Крионика – яхбандии ҷисми инсон***

Ҷеймс Ҳайрам Бедфорд (1893–1967) – профессори равоншиноси америкоӣ нахустин шахси крионшуда мебошад. 12 январи соли 1967 ҷисми ӯ дар ИМА яхбандӣ гардида ва то ҳанӯз нигоҳ дошта мешавад.



Аввалин маротиба идеяи яхбандии бадани инсон бо мақсади зиндасозии минбаъдаи инсон аз тарафи профессори физика Роберт Эттингер (1918-2011) дар китоби «Перспективаҳои бемаргӣ» пешниҳод шуда буд, ки соли 1962 аз чоп баромада буд. Бо ин мақсад ӯ Институти крионикаро асос гузошт. “Крионика ин ҳифзи ҷисми одамон дар ҳарорати паст бо мақсади барқарор кардани зиндагии онҳо дар ояндае мебошад, ки технологияҳои муносиб ба миён меоянд”.[61] Паст кардани ҳарорати бадан то ҳарорати азоти моеъ дар дараҷаи –196°C ҳамаи реаксияҳои организмро тахминан 10 миллион маротиба суст мекунад. Ҳамагӣ дар ҷаҳони муосир 3 криофирма амал мекунанд, ки дорои яхбандхона мебошанд. Ин 3 ширкат Алкор (Alcor) ва Институти крионика дар ИМА ва «Криорус» дар Русия ҳастанд.[62]

Дар 40 соли охир 220 ҷисми одамон, аз ҷумла 200 нафар дар ИМА ва 15 нафар дар Русия крионӣ карда шуд, дар даврае ки дар ҳудуди 2 миллиард одам дар кураи Замин мурдааст. Аз он ҷумла Фаридун Исфандиёрӣ – асосгузори Ҳаракати трансгуманизмро соли 2000 дар синни 70-солагӣ яхбандӣ карданд.[63]

***Тибби регенеративӣ ваояндаи инсон***

Бо дастовардҳои нав ба нав дар соҳаҳои генетика ва тиб роҳи чорум ва муҳимтар аз се роҳи дигар (давомияти умри инсон тавассути ИС, ҳамсонасозӣ ва крионика) ба миён омадааст. Олимони генетика ва тиб ин роҳро тибби регенеративӣ меноманд.

Ҳар як инсон тақрибан 30 000 ген дорад. Ген як қисми молекулаи ДНК мебошад, ки воҳиди муайяни функсионалӣ, аз он ҷумла сафеда ва ё молекулаи РНК-ро ташкил медиҳад. Сафедаҳо бахши асосии ҳама гуна функсияҳоро дар ҳуҷайраҳои инсон иҷро мекунанд. Ҳама намудҳои дигари молекулаҳо, бо истиснои баъзе намудҳои РНК, нисбатан инертӣ, яъне маҳдуд ба фаъолиятҳои дохилии худ ҳастанд. Таркибҳое, ки тибби регенеративӣ бо онҳо дар сатҳи гени инсон сару кор дорад, (а) *ДНК-и ҳастаӣ* – молекулаҳои ДНК, ки дар ҳастаи ҳуҷайра ҷойгир ҳастанд, (б) *митохондрия* – органелла дар дохили ҳуҷайра, ки таъминкунандаи ҳуҷайраҳои энергия мебошад ва дар он ДНК-и алоҳида вуҷуд дорад, (в) *агрегатҳо* – ғаври сафедаҳо ва дигар молекулаҳои ҳазмнашуда ва функсиябохта, ки аз ҳисоби сафедаҳои “хобрафта”, шаклбохта ва ё дар паҳлуи ҳам нодуруст ҷойгиршуда ташкил ёфтаанд, (г) *Х-пайвандҳои вожгун* – пайвастаҳо, ки

[61] Ҳамон ҷо. – Саҳ. 177

[62] Ҳамон ҷо. – Саҳ. 177-183

[63] Ҳамон ҷо. – Саҳ. 235

молекулаҳои полимерии дарози сафедаҳо ва ё ДНК-ро ба ҳам мепайванданд, (д) *Т-лимфоситҳои анергӣ* – Т-ҳуҷайраҳои системаи масуният (имунитет), ки патогенҳоро намешиносанд, яъне функсияи худро иҷро намекунанд, вале ҳанӯз зинда ҳастанд ва (е) *чарби вистсералӣ* – бофтаи чарбии дарунӣ, ки дар атрофи органҳои дарунӣ ҷойгир шудаанд, ба ғайр аз чарби зери пӯст.[64]

Бо роҳи дахолат ба ин таркибҳои генетикии инсон бо истифода аз технологияҳои навтарини тиббӣ, бахусус нанотехнология ва шароити лабораторӣ, роҳҳои гуногуни тибби регенеративӣ пешниҳод карда мешаванд. Дар мақолаи алоҳида[65] ин роҳу усулҳоро ба таври муфассалтар баён кардем. Ин ҷо фақат баъзе нуктаҳои асосии тибби регенеративиро, ки дар мақола ҷо наёфтаанд, ёдрас мекунем. Чунон ки Турчин ва Батин мегӯянд: “Яке аз роҳҳои дароз кардани умр аз ҳисоби идораи кори геном фаъолсозии ферменти теломераза дар баробари генҳое мебошад, ки организмро аз саратон ҳимоя мекунанд. Теломераза тавассути хромосомаҳо, яъне молекулаҳои фишурдагардидаи ДНК теломерҳо – ҳошияҳои хромосомаҳоро дароз мекунанд. Бо ҳар як ҳиссаи дарозшавии ҳуҷайраҳо теломерҳо кӯтоҳ шуда, ба ҳадди критикии (ниҳоии) дарозӣ мерасанд ва баъд аз он ҳуҷайра дигар дароз намешавад. Кӯтоҳшавии теломерҳо яке аз омилҳои асосии пиршавии ҳуҷайра ба шумор меравад”.[66]

Як роҳи дигари тибби регенеративӣ муолиҷаи генетикӣ (генотерапия) мебошад, ки дар сатҳи геном бемориро табобат мекунанд. Дар ин маврид низ, ҳадафи ниҳоии тибби регенеративӣ истифода ва фаъолсозии тавоноии регенеративӣ (бозофаринӣ, бозсозӣ)-и дохилии ҷисм барои эҳё ва барқарор кардани функсияҳои бофтаҳои он мебошад. Дар натиҷаи истифодаи ин гуна муолиҷа аз тарафи профессор Эллен Ҳебер-Катс аз Институти Вистараи Филаделфия (ИМА) пайи захм дар бадани муш ва мушаки даридаи дилаш аз сактаи дил (инфаркт) пурра сиҳат ёфт. Чунин таҷрибаҳои лабораторӣ дар аксарияти донишгоҳҳо ва дармонгоҳҳои пешқадами ҷаҳон ба роҳ монда шудаанд. Ин усули муолиҷаи захмҳо ва бемориҳои пиршавӣ дар сатҳи геномро, ки фарогири ҳам дониши генетикӣ ва ҳам технологияи муосири дахолат ба сатҳи геном аст, аз тарафи биогеронтологи англис Обри де Грей (Aubrey de Grey – зод. 1963) дар чорчӯбаи барномаи SENS («Стратегияи ноил шудан ба роҳҳои пешгирии пиршавӣ бо усулҳои инженерӣ») пешниҳод гардидааст.[67] Обри де Грей яке аз асосгузорон ва аъзои фаъоли Институти ҷовидонагӣ ва Бунёди SENS мебошад. Дар ҷадвали зер роҳу усулҳои муолиҷаи пиршавӣ дар сатҳи геном дар чорчӯбаи SENS нишон дода шудааст (ниг. ба ҷадвали зер).

[64] Ҳамон ҷо. – Саҳ. 159-163

[65] Бобоёров Ҳафиз, “Дастовардҳои илми муосир дар ҳалли мушкилии марг” // *Ҷаҳонбинии оянда ва бархурди андешаҳо*. Душанбе: “Дониш”. – 2015

[66] Турчин ва Батин 2013. – Саҳ. 161

[67] Барои маълумоти муфассал ниг.: Бобоёров Ҳафиз, “Дастовардҳои илми муосир дар ҳалли мушкилии марг” // *Ҷаҳонбинии оянда ва бархурди андешаҳо*. Душанбе: “Дониш”. – 2015

***Ҷадвал: Намудҳои осеби генӣ ва роҳҳои муолиҷаи онҳо***

| № | Намудҳои осеб | Роҳҳои дахолат | Тавсифи дахолат |
|---|---|---|---|
| 1 | Мутатсияи ДНК-и ҳастаӣ | «Қатъшавӣ»-и теломеразаҳо | Ивази ҳуҷайраҳо бо теломеразаҳои кӯтоҳ ба ҳуҷайраҳои худ бо теломерҳои дароз, ки дар лаборатория сохта мешаванд. Ин гуна трансплантатсияҳои бардавом шумораи доимии ҳуҷайраҳои функсионалиро дар ҳамаи органҳо дар набудани таҳдиди пайдоиши омос имкон хоҳанд дод |
| 2 | Мутатсия дар ДНК-и митохондриалӣ | Нусхабардории мтДНК дар ДНК-и ҳастаӣ | Нусхаҳои иловагии генҳои митохондриалӣ мушкилии осебпазирии мтДНК-ро бартараф мекунад |
| 3 | Агрегатҳои даруни ҳуҷайраҳо | Ферментҳо барои ҷудошавӣ | Барои ҷудошавии "партоб"-и даруниҳуҷайраии сафедаҳо ва агрегатҳои липидии ҳазмнашаванда, ки аз онҳо ҳуҷайра худаш наметавонад мустақилона раҳо ёбад, метавон ферментҳои бактерияҳои хокиро истифода бурд, ки метавонанд чунин агрегатҳоро ҷудо созанд |
| 4 | Агрегатҳо дар матрикси байниҳуҷайравӣ | Ваксинсозӣ ва вокуниши иммунитет | Барои мубориза бо агрегатҳои зарарнок, ки дар фазои байниҳуҷайравӣ ғун мешаванд, масалан ғарами сафедаи амилоид метавон аз ваксинсозӣ системаи иммунитетро барои нобуд кардани онҳо истифода бурд |
| 5 | Пайвастагии перпендикулярии сафедаҳо дар матрикси байниҳуҷайравӣ | Моддаи вайронкунандаи пайвастагиҳои перпендикулярӣ | Барои нобуд кардани пайвастагиҳои перпендикулярӣ метавон моддаҳоеро пайдо кард, ки онҳоро ташхис ва вайрон кунанд |
| 6 | Ғуншавии ҳуҷайраҳои коҳишнопазир | Вокуниши иммунитет, корбурди генҳои "худкушӣ" | Ду роҳи таъсиррасонӣ имкон дорад – фаъолсозии системаи иммунитет барои бартараф кардани ҳуҷайраҳои зарарнок (масалан, Т-лимфоситҳои анергӣ ва ҳуҷайраи чарбуи висцералӣ) ва ё корбурди генҳои "худкушӣ"-и онҳо |
| 7 | Талафи ҳуҷайраҳои функсионалӣ | Илова кардани ҳуҷайраҳои бунёдӣ | Иловакунии бардавоми ҳуҷайраҳои бунёдӣ ва дифференсиатсияи ҳадафнок ва идорапазир метавонад барои муддати тӯлонӣ фаъолияти организмро дар сатҳи организми ҷавон таъмин намояд |

***Мушкилоти давомияти умри инсон***

Чунон ки бармеояд, аз ҷиҳати тавоноии мавҷудаи илм, тиб ва технология имконияти ҳалли мушкилоти инсонӣ, аз қабили бухронҳои экологӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, пешгирӣ кардани хатарҳои табиӣ ва кайҳонӣ ба ҳаёту тамаддуни инсонӣ ва ҳамчунин барҳам додани марги ҷисмонии одамон вуҷуд дорад. Аммо ҳанӯз инсоният ба истифодаи дурусти ин тавоноӣ, махсусан аз ҷиҳати идеологӣ ва маънавӣ, омода нест. Дар ин маврид, саволҳо камтар хусусияти объективӣ, балки бештар хусусияти субъективӣ ва ахлоқӣ доранд. Махсусан, тасаввуроти хурофотӣ ва динӣ одамонро

намегузорад, ки ба тарзи нав андеша кунанд, имконияттҳои илму техникаро дуруст дарк карда, роҳҳои ҳалли нав барои проблемаҳои мавҷуда пешниҳод намоянд. Бисёриҳо, ҳатто мутахассисон низ мепурсанд, ки агар мо мушкилоте чун қашшоқӣ, ҷанг, беморӣ, марг ва хатарҳои афзояндаи табиию экологиро кам кунем, маҳдуд ва ба танзим дарорем, дар сайёра дар муддати кӯтоҳ шумораи аҳолӣ афзуда, аксарияти аҳолӣ ба синни пирӣ расида, қувваи қобили меҳнат коҳиш меёбад. Ин боиси сар задани ҷангҳои навбатӣ ва таҳдидҳои азбайнравии тамаддуни башарӣ дар сайёраи Замин ва Кайҳон мегардад. Бо чунин хулосаи анъанавӣ мардум ва давлатҳо ба муносибатҳои кӯҳнашудаи иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ иктифо меварзанд. Аммо сол аз сол мушкилоти одамон меафзояд: технологияи навин мушкилоти инсонро ҳал намекунад, балки афзоиш медиҳад, аз он ҷумла буҳрони экологӣ ва гармшавии иқлимро печидатар мекунад, бемориҳои нави пандемикӣ (ҳамагонӣ) ба миён меоянд, шеваҳои хатарноки ҷанг ва мубориза зиддиинсониро ба вуҷуд меорад; фарқият дар байни элита ва мардуми камбизоат беш аз пеш меафзояд; одамон ҷойҳои кории худро аз даст медиҳанд; моликияти хусусӣ зиёд ва манфиатҳои умум маҳдуд мешаванд ва монанди инҳо.

Барои аз чунин вазъияти мураккаб берун баромадан ва илму техникаро ба манфиатҳои умумиинсонӣ истифода кардан, зарур аст, ки чанд монеаҳои зеҳнӣ ва ниҳодӣ бартараф шаванд. Аз ҷумлаи ин монеаҳо (1) зеҳният ва ё тасаввурот дар бораи аз ҳад зиёд шудани аҳолӣ (overpopulation; перенаселение), (2) арзишҳо ва ниҳодҳои суннатӣ, аз қабили оила ва дин ба шумор мераванд.

### Хулоса

Дар ин мақола сенарияҳо ва ё эҳтимолиятҳои гуногуни рушди ҷомеаи инсониро дар оянда баррасӣ кардем. Ин эҳтимолиятҳоро метавон ба се қисм ҷудо кард: (1) эҳтимолиятҳои ғайриилмӣ; (2) эҳтимолиятҳои сиёсӣ ва (3) эҳтимолиятҳои илмӣ.

Эҳтимолиятҳои ғайрилмӣ, ки асосан аз дину хурофот сарчашма мегиранд, ояндаро бе ихтиёр ва иродаи инсон тасаввур мекунанд. Ояндаро ё эволютсия ва ё қувваи фаротабиӣ фароҳам меорад. Махсусан, тасаввуроти динӣ, ки дар муносибатҳои ҷамъиятӣ таъсиргузор ҳастанд, одамонро азояндасозӣ монеъ мешавад ва онро чун ҷидоли зиддихудоӣ меҳисобад. Аз ин нуқтаи назар, беҳбуд кардани некуаҳволии мардум, бехатар гардондани зиндагии ҳаррӯзаи онҳо, инкишоф додани илму технологияҳои нав ва моделсозӣ кардани оянда аз ҷиҳати илмӣ ғайриимкон ва номумкин дониста мешавад.

Эҳтимолиятҳои сиёсӣ равандҳо ва муносибатҳое мебошанд, ки манфиатҳои гурӯҳҳо ва давлатҳои алоҳидаро ифода мекананд. Аз ҷумлаи чунин эҳтимолиятҳо меъёрҳо ва ниҳодҳои муносибатҳои байналмилалӣ дар мисоли Созмони Милали Муттаҳид мебошанд, ки ба воситаи конвенсияҳо ва дигар намуди шартномаҳои байнидавлатӣ дар ҷаҳон модели давлатдории миллиро ҳимоя мекунад. Чунин модел бештар ба манфиати абарқудратҳо анҷом меёбад. Дигар модели муносибатҳои байналмилалӣ барои сохтани ояндаи ҷаҳон модели корпоративии идораи ҷаҳон мебошад, ки аз тарафи корпоратсияҳои молиявӣ ва тиҷорате чун Бонки Ҷаҳонӣ ва Бунёди Байналмилалии Молиявӣ пешниҳод гардидааст. Онҳо мекӯшанд, то ки муносибатҳои байналмилалӣ ва байнидавлатиро танзим созанд ва тадриҷан системаҳои нави сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии кишварҳои ҷаҳонро ташаккул диҳанд. Онҳо дар бораи тақвият додани арзишҳои демократӣ ва баланд бардоштани некуаҳволии мардум иддао мекунанд, лекин натиҷаи фаъолиятҳои онҳо ба манфиатҳои хусусии корпоратсияҳои молиявӣ ва

тиҷоратӣ анҷом меёбад. Як қатор моделсозиҳои ояндаи олимон ва коршиносон ё ба манфиати абарқудратҳо ва ё ба манфиати корпоратсияҳои алоҳида хизмат мекунанд. Ба ин моделҳо ва ё сенарияҳои "бархурди тамаддунҳо" (Самуэл Ҳантингтон), "охири таърих" (Франсис Фукуяма), "бесарусомонии идорапазир" (Збигнев Бзежинский), назарияҳои тавтиаи сиёсатмадорон ва рӯзноманигорон, фалокатҳои табиӣ ва экологӣ ва ғайра дохил мешаванд.

Гурӯҳи сеюми моделсозии оянда эҳтимолиятҳои илмӣ мебошад. Агар ҷомеаи ҷаҳонӣ муттаҳид шавад ва барои рушди илму маориф сармоягузории бештар намояд, имконият вуҷуд дорад бо роҳи илмӣ мушкилоти мавҷудаи ҷомеаҳо, минтақаҳо ва ҷаҳонро осон ва ҳал кард. Таҳқиқот ва моделсозии илмии Жак Фреско бо номи "Лоиҳаи Венера" собит мекунад, ки татбиқи технологияи нави дастрас, вале ба таври зарурӣ дар истеҳсолот ба роҳ монданашуда метавонад дар муддати кӯтоҳ мушкилиҳои асосии инсоният, аз он ҷумла норасоии ғизо, ҷангу куштор ва хатарҳои экологиро ҳал намояд. Пешрафти илму техника нишон медиҳад, ки амалисозии чунин модел имконпазир аст. Моделҳои дигар дар маркази рушди илму техника ва татбиқи амалии онҳо некуаҳволӣ ва зиндагии инсонро мегузоранд. Донишмандон ба ин назар ҳастанд, ки ҳам аз назари табиӣ ва ҳам аз назари илмӣ дароз ва ҳатто ҷовидонӣ кардани зиндагии ҷисмонии инсон дар ин ҷаҳон имкон дорад. Зиндагӣ дар рӯи Замин зиёда аз 4 миллиард сол пеш ба вуҷуд омад ва тӯли ин муддат ҷовидонагии худро собит кард. Соли 2009 маҷаллаи илмии "Табиат" мақолаи профессори англис Дэнни Бровуэрро чоп кард, ки тибқи он дар сириштти намуди *Homo sapiens* тарси марг дар рафти интихоби табиӣ масдуд гардидааст. Терри Гроссман – доктори илмҳои тиб ва асосгузори Дармонгоҳи дарозумрии Денвер мегӯяд: "Ба фикри ман, марг фоҷиа аст ва пирӣ ҳам фоҷеа аст. Ва мақсади мо бартараф кардани ин маҳдудиятҳо мебошад".[68]

Ҳадафи ин мақола ба таври танқидӣ ба сенарияҳо ва моделсозиҳои ғайриилмӣ ва сиёсӣ баҳо додан буд. Онҳо на фақат асоси илмӣ надоранд ва барои амалӣ кардани онҳо дар оянда захираҳо ва сарватҳои зиёди инсонӣ ва молиявӣ зарур аст. Балки татбиқи онҳо аксаран ғайриимкон аст. Аз он ҷумла охират ё худ зиндагии баъдимаргӣ ҳеч гоҳ барпо намегардад ва ё миссионерҳои динӣ ва абарқудратҳову корпоратсияҳои бузургӣ молиявӣ ва тиҷоратӣ наметавонанд ба ҳадафҳои ниҳоии худ расанд. Ва агар онҳо барои ноил шудан ба ҳадафҳояшон пофишорӣ кунанд, боиси хатарҳои бузургтаре барои нобудии тамаддуни инсонӣ мегардад. Ҳамин гуна эҳтимолиятҳои сиёсие чун "бархурди тамаддунҳо", "охири таърих", "бесарусомонии идорапазир" ва "назарияи тавтиа" ояндаи беҳтари инсониятро пешбинӣ намекунанд. Дар мақола нишон дода шуд, ки сенарияҳои трансгуманистӣ, яъне истифодаи илму техника барои баланд бардоштани некуаҳволии мардум, ҷустуҷӯи сайёраҳои зиндагибоб дар Кайҳон ва ҷовидон кардани умри инсон на фақат инсондӯстона, балки инчунин аз рӯи тавони илмӣ амалипазир ҳастанд.

**Сарчашмаҳо**


1. Bostrom Nick (2002), "Existential Risks: Analyzing Human Extinction Scenarios and Related Hazards". In: *Journal of Evolution and Technology*. Vol. 9, March
2. Bostrom Nick (2013), "Existential Risk Prevention as Global Priority". In: *Global Policy* 4: 15-31
3. Fresco Jacque: www.thevenusproject.com
4. Hantington Samuel, "The Clash of Civilizations?" // *Foreign Affairs*. Summer 1993;


[68] Ҳамон ҷо. – Саҳ. 191

http://www.hks.harvard.edu/fs/pnorris/Acrobat/Huntington_Clash.pdf
5. Hawking Steven and Leonard Mlodinow (2010), *The Grand Design*. Bantam Books
6. Immortality Institute, *The scinetific conquest of death: Essays on Infinite Lifespans*. Buenos Aires: LibrosEnRed. 2004
7. Wilson E. O., Religious faith is dragging us down; https://www.newscientist.com/article/mg22530050.400-e-o-wilson-religious-faith-is-dragging-us-down/?full=true; 21 January 2015
8. Айтматов Чингиз, «От автора»; «И дольше века длится день» // *Роман, повести*. Ленинград: Лениздат. 1982. – Стр. 174-470
9. Бекзода Комил, *Марг ва Зиндагӣ*. Душанбе: Дониш. 2015
10. Бжезинский Збигнев, *Великая шахматная доска: господство Америки и его геостратегические императивы*. Москва: АСТ, 2014
11. Бобоёров Ҳафиз, “Дастовардҳои илми муосир дар ҳалли мушкилии марг” // *Ҷаҳонбинии оянда ва бархурди андешаҳо*. Душанбе: “Дониш”. – 2015
12. Бобоёров Ҳафиз, “Накди методологии таълимоти Нитше ва мактаби ӯ” // Бобоёров Ҳафиз, *Методологияи “бехатарии вуҷудӣ”: Мавзӯи нестӣ дар фалсафаи Ғарб.* Душанбе: Дониш. 2015. – Саҳ. 155-207
13. Вуд Грэм, “Чего на самом деле хочет ИГИЛ”, http://www.centrasia.ru/newsA.php?st=1424728140; 24 феврали 2015
14. Маркарян Э.С., Гуманизм XXI столетия – идеология самосохранения человечества // Национальное самосознание народов стран СНГ и Балтии: роль общих культурных основ. М.: Прогресс-Традиция, 2010. – 216 с.
15. Собириён Мехр, “Шаҳри илм ва хирад” // *Илм ва Ҷомеа* (ҳамин шумора)
16. Тегмарк М., Параллельные Вселенные // В мире науки. 2003. № 8
17. Турчин А.В., О возможных причинах недооценки рисков гибели человеческой цивилизации // Проблемы управления рисками и безопасностью: Труды Института системного анализа Российской академии наук. Т. 31. М: КомКнига, 2007
18. Турчин Алексей и Михаил Батин, *Футурология. XXI век: бессмертие или глобальная катастрофа?* Москва: БИНОМ. Лаборатория знания. 2013 – 216с.
19. Федоров Николай, *Философия общего дела.* Москва: Эскмо. 2008
20. Шпенглер Освальд, *Закат Европы.* Москва: АСТ, 2000. – 1376 с.
21. Эттингер Р., Перспективы бессмертия. М.: Научный мир, 2003



Мехр СОБИРИЁН
иқтисодшинос

## Шаҳри илму хирад




Оянданигарии илмӣ дар мавзӯи фарҳанг, иқтисод, шаҳрсозӣ, омӯзишу парвариш ва дигар паҳлуҳои зиндагии башар, дар таҳқиқотҳои илмии муҳандис ва футурологи амрикоӣ Жак Фреско, ки «Лоиҳаи Венера»[69] ном дорад пешкаши ҷаҳониён шуда аст. Маркази таҳқиқотии лоиҳа дар мавзеи Венуси Иёлоти Флоридаи ИМА ҷойгир аст ва аз соли 1975 амал мекунад. Дар ин марказ сабабҳои мушкилоти ҷомеаи ҷаҳонӣ муайян карда шуда таҳқиқотҳои илмӣ барои ҳалли онҳо гузаронида мешавад.

Бухронҳои иқтисодӣ, ҷангҳо, факр, гуруснагӣ, норасоии ғизо ва дигар мушкилоти башар, ки натиҷаи низомҳои нодурусти иқтисодӣ ва фарҳангҳои ҷорӣ мебошад, Жак Фрескоро водор карда, то дар асоси илм, захираҳои ҷаҳонӣ ва тавоноии инсон алтернативаи дигаре пешниҳоди башар кунад. Ӯ боварӣ дорад, ки танҳо бо изҳори норозигӣ кардан, бе пешниҳоди алтернатива ҳеҷ чиз иваз намешад.

Жак Фреско лоиҳаи Венераро як низоми мукаммали иҷтимоӣ-иқтисодӣ мешуморад, ки дар он автоматизатсияи технологияҳо дар ҳама соҳаҳо, бохирадона, ба мақсади болобарии сатҳи зиндагии мардум ҷорӣ мешавад, на ба мақсади даромади пул. Даромад дар ин низом дигар мақсади асосӣ нест. Чунки дар низом пул нақше надорад. Ҳамчунин, дар ин лоиҳа маҷмӯи арзишҳои нави инсонҳо пешниҳод карда шудааст ва Жак Фреско онҳоро амалишаванда мешуморад.

Дар назар аст, ки пурра дар амал татбиқ кардани ин лоиҳа ба инсоният имкониятҳои зиёде медиҳад, ки ҷаҳонро ба асри нави оромӣ ва рушди муътадил оварда мерасонад. Аммо қисман иҷро кардани он натиҷа нахоҳад дод, балки бо такрори хатогиҳои пешина оварда мушкилотро дучанд месозад.

Муаллифи лоиҳа ҷомеаи моддигаро ва дар асоси пул амалкунандаи имрӯзаро асосан нодуруст мешуморад ва низомҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷориро сабабгори асосии беадолатӣ ва мушкилоти имрӯзаи башар медонад. Вай алтернативаи ин низомҳоро дар лоиҳаи худ пешниҳод мекунад, ки дар он ҳамзистии бохирадона ва ояндадори инсон, технологияҳо ва табиат таъмин аст. Имрӯз башар дониш, таҷриба, технология ва тавонии сохтани як ҷомеаи комилан навро дорост. Ҷомеаи наве, ки дар он ҷангҳо, факру гуруснагӣ, қарздорӣ ва ранҷҳои беасоси инсонҳо на танҳо бартарафшавандаанд, балки тамоман аз миён меравconfigurations.



[69] https://www.thevenusproject.com/en/about/the-venus-project

Жак Фреско дар китоби электронии худ «Лоиҳакашии оянда» менависад: “…бо технологияи имрӯза мо метавонем аксари мушкилоти иҷтимоиро ҳал бикунем. Магар технологияҳои муосир наметавонанд ғизо, либос, манзил ва дигар лавозимоти моддиро барои ҳар як инсон таъмин бикунанд, дар ҳоли истифодаи бохирадонаи онҳо? Барои расидан ба ин мақсад чӣ ба мо халал мерасонад? Технологияҳо босуръат пеш мераванд, аммо ҷомеаи мо ҳоло ҳам домони қоидаҳо ва усулҳои садсолаҳо пеш дастрасшударо раҳо намекунад”.

Жак Фреско иддао мекунад, ки ҷаҳон аз захираҳои табиӣ ва энергетикӣ бой аст ва бо ёрии технологияҳои муосир ва истифодаи оқилонаи онҳо, метавонад талаботҳои ҳамаи аҳолии заминро пурра таъмин намояд. Ӯ мегӯяд, ки низоми пулӣ, ки дар он ҷомеаи муосир сохта мешавад, нодуруст аст ва бешак ба нобудӣ бурда мерасонад. Ҳамин низоми пулӣ аст, ки намегузорад то молу маҳсулот ба ҳаҷмӣ лозима дастрас бошад. Агар чизе бисёр шавад ва дастраси ҳамагон бошад, онро дигар фурӯхтан натавон, ба монанди ҳаво. Агар мақсад аз истеҳсоли молу маҳсулот фурӯши он бошад, ҳалли мушкили норасоии онҳо номумкин мегардад, чунки агар норасоӣ пурра бартараф шавад, мисол энергия аз ҳад зиёд бошад, онро фурӯхтан ва фоида ба даст овардан мушкил мегардад. Бинобар ин, дар низоми пулӣ бартараф кардани норасоиҳо ба манфияти истеҳсол-кунандагон нест ва дар ин шароит мушкилоти норасоии ғизо, либос, манзил ва дигар маҳсулоти ниёзи мардум ҳеҷ гоҳ ҳали худро нахоҳад ёфт. Аз ин рӯ, ҷонибдорони лоиҳаи Венера дар ин андеша ҳастанд, ки барои башар лозим аст, ки ба ҷойи истифодаи босамари пул, андешаи истифодаи босамари захираҳои ҷаҳониро бикунад. Ба ҷойи иқтисоди дар асоси пул амалкунанда, иқтисоди мабнӣ бар манобеъро ҷорӣ бикунад.

Ҷорӣ кардани иқтисоди мабнӣ бар манобеъ, ки ба манфиати тамоми аҳолии кураи замин аст, метавонад мушкилоти ҷинояткорӣ, фақру гуруснагӣ, беманзилӣ ва бисёр дигар мушкилоти имрӯзаи инсонро ҳал бикунад.

Иқтисоди мабнӣ бар манобеъ-низомест, ки дар он ҳама молу маҳсулот ва хизматрасониҳо бе истифодаи ягон муомилаи молию пулӣ дастраси ҳамагон аст. Иқтисоди мабнӣ бар манобеъ танҳо дар ҳолате имконпазир мегардад, ки ҳама захираҳои табиии ҷаҳон моли умумибашарӣ эътироф шаванд.

Мақсади асосии ин низом, бо дар назардошти захираҳои ҷаҳонӣ, бо як нақшаи умумиҷаҳонӣ, пурра таъмин кардани талаботҳои аҳолии замин мебошад. Маълум аст, ки ҳама мушкилиҳои ҷомеа аз норасоиҳо сар мезананд. Норасоӣ аст, ки инсонҳоро ба ҳирсу оз, ба ҷиноят, ба ҷангҳои хунин барои дастрасӣ бар манбаъҳо мебарад. Дар назар аст, бо рафъи норасоиҳо ва дастрасии баробари ҳама аҳолии кураи замин ба молу маҳсулот ва хизматрасониҳо, ин мушкилиҳо худ аз худ нобуд мешаванд. Вақте ғизо, либос, манзил ва дигар талаботи одамон таъмин аст, онҳо вақти худро барои пурсамар гардонидани меҳнаташон сарф мекунанд ва малакаю маҳорати касбии худро боло мебаранд.

Дар низоми иқтисодии ҳозира зарур аст, ки барои муътадил мондан ё рушди иктисод, молу маҳсулот пайваста истеҳсол шуда ба фурӯш раванд. Ба ин хотир молу маҳсулот махсус сохта мешаванд, ки дар баробари тамом шудани муҳлати кафолаташон вайрон мешаванд ва онро аз сари нав бояд харид. Ин низом боиси хароҷоти нобихрадонаи манбаъҳои табиӣ ва энергия мегардад, ки оқибаташ ҷуз бӯҳронҳои шадиди иқтисодӣ ва муҳити зистӣ нест. Дар низоми иқтисоди мабнӣ бар манобеъ ин хатарҳо вуҷуд надоранд. Ин низом истифодаи нобихрадонаи захираҳо ва

энергияро аз миён мебарад ва боиси истифодаи дурусти манбаъҳо мегардад. Коркард ва истеъмоли захираҳо, ки танҳо ба мақсади қонеъ кардани талаботи рӯзмараи инсонҳо аст, на барои ҳар чи зиёдтар пул кор кардан, исрофи зиёдатии захираҳоро аз миён мебарад.

Ин ҷо пурсише пеш меояд, ки дар ҳоли дастрасии озодона доштан ба ҳама маҳсулоти ниёзашон, чӣ чизе метавонад омили таҳрикдиҳанда барои меҳнат кардани одамон шавад? Оё дар ин ҳолат одамон танбал намешаванд? Жак Фреско ба ин пурсиш посухи худро дорад. Ӯ мегӯяд, ки дар ҳоли аз ҳама чиз таъмин будан ҳам мағзи одам аз кор кардан намемонад. Вагарна миллионерон дар як ҷо менишастанд ва ҳеҷ кор намекарданд. Аммо чунин нест. Миллионерон дар як шабонарӯз 18 соат кор мекунанд ва доимо вақташон намерасад. Чунки онҳо мақсадҳои худро доранд. Дар низоми иқтисоди мабни бар манобеъ ҳам дар назди одамон мақсад ва вазифаҳои шавқовар гузошта мешавад, ки одамон бо ҳавас онҳоро иҷро мекунанд ва аз натиҷаи кори худ эҳсоси шодмонӣ мекунанд. Ҳанӯз аз замони мактабхонӣ кӯдаконро дар рӯҳияи эҷодкорӣ илмомӯзӣ ва навсозӣ тарбия мекунанд ва дар ҷомеа рангорангиро бар якрангӣ тарҷеҳ медиҳанд. Фардият ҳамаҷониба дастгирӣ ёфта, дар инсонҳо майли эҷодкорӣ ва ихтироъкориро зиёд мекунад. Ҳар қадар дониши инсон аз ҷуғрофия, астрономия, химия, биология зиёд бошад, ҳамон қадар кор барои онҳо шавқовартар мешавад ва дар ин илмҳо инсоният ба дастовардҳои нав ба нав ноил мегарад. Ин ҳама омилҳои таҳрикдиҳанда барои кор кардан мегардад.



Дар лоиҳаи Венера тарҳҳои сохтмони шаҳрҳои оянда дар хушкӣ ва баҳрҳо вуҷуд доранд, ки дар асоси ин тарҳҳо шаҳрҳои оянда бо ёрии илм ва технологияҳо, шаҳрҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза ва камхарҷ мешаванд. Ҳам намуди зоҳирӣ ва ҳам дарунии ин шаҳрҳо аз шаҳрҳои имрӯза ба куллӣ фарқ мекунанд. Ҷузъиёти бештарро дар бораи ин шаҳрҳо метавон аз сомонаи www.thevenusproject.com дастрас кард. Дар филми мустанади таҳиянамудаи Роксана Медоус «Биҳишт ё нобудӣ» ҳам метавон дар бораи ин шаҳрҳо ва лоиҳаи Венера маълумотҳо дастрас кард.



Агар ба хисороте, ки инсон ба муҳити зист расонида ва мерасонад, оқилона назар кунем, аён мегардад, ки дур нест рӯзе, ки одамизод ба нуқтаи бебозгашти нобудии худ бирасад. Қонуну қоида ва фарҳангҳои пеш дигар наметавонанд мушкилоти инсони асри XXI-ро ҳал бикунанд. Барои мо тарҳи нав лозим, тарҳе ба монанди лоиҳаи Венера, ки дар он зиндагӣ аз рӯйи хирад бошад, корҳо дар асоси илм ва бар манфияти ҳамагон бошанд, технологияҳо танҳо барои созандагӣ истифода шаванд, манбаъҳо моли умумибашарӣ эълон шаванд, тақсимоти

баробар ва боадолатонаи онҳо таъмин бошад ва муҳити зист ҳамаҷониба ҳифз карда шавад. Илм, технология ва дороии имрӯзаи ҷаҳон имкон медиҳад, ки одамизод он шаҳри илм ва хирадро бисозад ва ояндаи дурахшони худро таъмин бикунад. Ҳоло интихоб дар дасти худи мост. Ё мо боз ҳам пойбанди ҳамон фарҳангҳои куҳна, суннатҳо, хурофотҳо ва андешаву боварҳои куҳнаи худ мемонем ва бо ин роҳ ояндаи худро зери хатар мемонем. Ё ин ки мо арзишҳои навро қабул мекунем, ки ба талаботҳои имрӯз ҷавобгӯ бошанд ва дар он имкониятҳои бештар ва озодиҳои бештар барои инсон таъмин бошад ва бо ин роҳ ояндаи хубе барои худ ва фарзандони худ хоҳем сохт.

## Оқибатҳои тағйироти иқлим[70]



Сурат аз Mellimage/Shutterstock.com ва Montree Hanlue/Shutterstock.com.

Конфронси 21-уми СММ оид ба тағйироти иқлим аз 30 ноябр то 11 декабр соли 2015 дар шаҳри Парижи Фаронса баргузор гардид. Ҳадафи ин Конфронс ба даст овардани мувофиқа дар байни ҳамаи давлатҳои ҷаҳон барои коҳиш додани хатарҳои тағйироти иқлим мебошад.

Тағйироти ҷаҳонии иқлим аллакай таъсири манфии худро ба муҳити зист гузоштааст. Пиряххои кӯҳӣ ва яхбандии дарёҳо ва баҳрҳо коҳиш меёбанд, сатҳи оби баҳру уқёнусҳо баланд мешаванд, мавҷҳои гарм бештар мегарданд, намудҳои бисёре аз рустаниҳо ва ҳайвонот аз байн мераванд ва дарахтон пеш аз вақт бедор мешаванд. Бо гузашти вақт ин гуна таъсирҳо бештар ва хатарноктар мешаванд. Ба назари аксарияти олимон, агар партоби газҳои гулхонаӣ ба атмосфера ҳаддиаксар коҳиш дода нашавад, ҳарорати ҳаво гармтар хоҳад шуд.

Барои таҳқиқи сабабҳои тағйироти иқлим ва коҳиш додани оқибатҳои манфии онҳо ба муҳити зист, соли 1988 дар назди СММ Минбари байнидавлатии тағйироти иқлим (Intergovernmental Panel on Climate Change – IPCC) таъсис дода шуд. Ин созмон зиёда аз 1300 олимро аз мамлакатҳои гуногун фаро мегирад. Чунон ки таҳқиқи ин олимон пешбинӣ мекунад, дар садсолаи XXI ҳарорати ҳаво аз 1,3 то 5,5 дараҷаи Селсия гармтар мешавад. Таъсири тағйироти иқлим дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон гуногун хоҳад буд. Тағйироти ҳарорат аз 1 то 3 дараҷа дар нисбати солҳои 1990-ум метавонад барои баъзе минтақаҳо фоида, вале барои дигар минтақаҳо зарар расонад. Вале дар кул(л) зарари тағйири иқлим бештар хоҳад буд, бахусус агар он то 5,5 дараҷа гармтар шавад.



Оқибати дуюми тағйироти иқлим тағйироти мавсимӣ мебошад. Яъне, дар байни мавсимҳои сол фарқият кам мемонад ва вобаста ба минтақаҳои гуногуни ҷаҳон як мавсим метавонад дар нисбат ба дигараш дарозтар ва ё кӯтоҳтар шавад. Чунин тағйироти фаслҳои сол ба экосистема ва соҳаи кишоварзӣ низ таъсири бевосита мерасонад. Аз он ҷумла кишоварзон дигар наметавонанд ҷадвали киштукор, коркард ва ҳосилғундории зироатҳо ва меваю сабзавотро тартиб диҳанд ва танзим кунанд.

[70] Тарҷума ва таҳияи Ҳафиз Бобоёров аз сомонаи http://climate.nasa.gov/effects/



Таъсири сеюми тағйироти иқлим ивазшавии боришот мебошад. Дар баъзе минтақаҳои ҷаҳон боришоти баҳорӣ ва зимистонӣ (ҳаҷми борону барф) зиёд ва дар дигар минтақаҳо кам гардидааст. Дар кул(л), боришот афзоиш ёфта, дар мавриди бисёр боиси харобиҳои зиёд ба табиат ва хоҷагии халқ мегардад. Олимон пешгӯӣ мекунанд, ки то нимаи аср заминҳои наздибаҳрӣ ва наздиукёнусии Ҳинд ва Атлантика зери об монда, қобили зиндагӣ намешаванд.



Таъсири чоруми тағйироти иқлим хушксолӣ ва мавҷҳои гарми ҳаво мебошад. Ҳавои гарму хушк рӯзҳо ва ҳатто ҳафтаҳо давом мекунад. Чунин тағйирот метавонад ба бисёре аз минтақаҳои гарми сайёра бештар зарар расонад. Ҳарорати ҳаво дар тобистон афзоиш меёбад, ки боиси коҳиши намнокии қабати хоки замин ва аз ин рӯ, хушксолӣ, сӯхтор, дефорестратсия (нестшавии бешазор) ва маҳдудшавии танаввуоти биологӣ мегардад.



Оқибати панҷуме, ки тағйироти иқлим овардааст, шадидтар ва бештар шудани тундбоду гирдбод дар баҳру уқёнусҳо мебошад. Чунин тағйирот аллакай аз солҳои 1980-ум дар уқёнусҳои Атлантика, Ором ва Ҳинд ба мушоҳида мерасад.



Таъсири шашуми тағйироти иқлим баландшавии сатҳи баҳр аст. Аз соли 1880 ба ин тараф дар тамоми ҷаҳон сатҳи баҳр зиёда аз 20 см баланд шудааст. Олимон ба натиҷа расидаанд, ки то соли 2100 сатҳи баҳр аз 30 см то 1,2 метр меафзояд. Афзоиши оби баҳру уқёнусҳо аз ҳисоби обшавии босуръати пиряхҳо мебошад. Дар чанд даҳсолаи оянда гирдбодҳо ва мадду ҷазрҳои баҳрӣ дар якҷоягӣ бо афзоиши оби баҳру уқёнусҳо боиси селхезӣ дар бисёре аз минтақаҳои

ҷаҳон мешаванд. Ҳатто дар садсолаии оянда, яъне асри XXI ҳам баҳру уқёнусҳо ором намегарданд, чунки барои онҳо се-чор садсола лозим аст, ки ба ҳарорати гармтари сатҳи Замин мутобиқат пайдо кунанд. Аз ин рӯ, тӯли садсолаҳои оянда оби баҳру уқёнусҳо гармтар ва сатҳи онҳо баландтар хоҳад шуд.




Таъсири ҳафтуми тағйироти иқлим обшавии яхи Арктика мебошад. Шояд оқибат ин минтақаи дар гузашта пурра яхбаста аслан беях шавад. Чунин ҳодиса метавонад то нимаи асри XXI рух диҳад. Чунон ки дар сурати боло дида мешавад, то имрӯз қисмати зиёди Арктика аз яхбандӣ озод шудааст.

**Дастрасӣ ба неруи барқ бо истифода аз энергияи барқароршаванда**[71]

Қариб 20% аҳолии сайёраи Замин барои дастрас кардани барқ ва 40% барои ба даст овардани хӯроки гарм мушкилӣ мекашанд. Бисёре аз онҳое, ки ба барқ дастрасӣ надоранд, қисми зиёди даромади ночизи худро ба сӯзишворӣ ва дигар лавозимоти барқӣ сарф мекунанд ва бо ҳамин саломатии худ ва гирду атрофии худро заҳролуд месозанд. Истифодаи самаранок назар ба истифодаи исрофкоронаи барқ метавонад 2 ва ё 3 баробар зиёд шавад, агар аз ҳисоби захираҳои маҳдуди бунҷа ба бунёди истгоҳҳои баркии офтобӣ маблағ ҷудо намоем. Чунин сарчашмаи “сабз”-и барқ метавонад заҳролудшавии иқлимро аз ҳисоби оксиди карбон кам кунад ва сифати тозанигоҳдории иқлимро дучанд кунад. Истифодаи технологияи муосир барои тавлиди энергия аз ҳисоби офтоб ва дигар манбаъҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза вазъи саломатии инсонро низ беҳбуд мебахшад.

***Биосӯзишворӣ***

Дигар намуди энергияи нисбатан тоза этанол мебошад, ки аз омехтаи маҳсулоти кишоварзӣ, ба монанди най ва ҷав ҳосил мешавад ва чун сӯзишворӣ ба кор бурда мешавад. Аз солҳои 1970-ум дар Бразилия 90% воситаҳои нақлиёти навро бо 100% этанол, бензин ё ягон омезиши этанол омехта мекарданд. Ин барои ҷуброни зарари бӯҳрони нафт ва коҳиши воридоти нафт ва аз ин рӯ, барои бартараф намудани ноустувории нарх дар бозори ҷаҳонӣ ташкил шуда буд. Ин барнома самтҳои қавии экологӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дошта, муҳимтарин барномаи энергетикии биомасса дар ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Солҳои 2011-

---

[71] Аз англисӣ тарҷума ва таҳияи Мадина Ширинбекова аз сомонаи https://www.irena.org/remap/REmap-FactSheet-5-RE%20and%20Access.pdf

2012 Бразилия аз 10 миллион гектар замин 600 миллион тонна най ғундошт, ки нисфи он барои истеҳсоли 20 миллион тонна этанол сарф гардид. Арзиши этанол дар ин кишвар аз ҳама арзон дар бозори ҷаҳонӣ мебошад. Дар Амрико низ чунин барнома вуҷуд дорад.

### *Энергияи баркароршаванда*

Энергияи барқароршаванда (чун бодӣ, офтобӣ, геотермикӣ, партовҳои энергетикӣ, биомассаи ҳозиразамон ва микро-гидроэлектроэнергия) на танҳо партоби газҳои гулхонаӣ ва аз ин рӯ, ифлосшавии атмосфераро кам мекунад, балки таъсири тағйирёбии нархи сӯзишвориро ҳам ҷуброн месозад. Бод ва офтоб метавонанд 40% маҷмӯи энергия ва дар системаҳои барқӣ 50% энергияро истеҳсол намоянд. Кишварҳои хурди ҷазиравӣ, ки дорои шабакаҳои мустақили энергетикӣ аз ҳисоби бод ва офтоб ҳастанд, самаранокии ин соҳаро исбот мекунанд. Сол то сол хароҷоти энергияи бодӣ ва офтобӣ камтар мешавад. Акнун дар бозорҳои дохилӣ сарчашмаи бодии энергия бо дигар сарчашмаҳои энергия рақобатпазир гардидааст. Энергияи офтобӣ бошад, дар бозори чакана ворид гардида, боиси пастшавии нархи энергия шудааст. То соли 2020 энергияҳои бодӣ ва офтобӣ метавонанд аз ҳисоби ихроҷи 1.4 миллион тонна диоксиди карбон, ҳар сол партоби 1 миллиард тонна диоксиди карбонро аз ҳисоби дигар манбаъҳои аз ҷиҳати экологӣ зарарноки энергия (чун нафт, газ ва ангиштсанг) пешгирӣ намоянд.



Маҳмадшо
ИЛОЛОВ
академик



Раъно
БУХАРИЗОДА
номзади
илмҳои химия

**Научное сотрудничество ученых Таджикистана и Китайской Народной Республики в области возобновляемой энергетики**

Директор Центра инновационного развития науки и новых технологий Академии наук Республики Таджикистан академик М. Илолов и его заместитель академик Х.М. Ахмедов по приглашению директора Института развития стратегии науки и техники СУАР Ню Синьминь посетили города Урумчи и Турфан (СУАР КНР) с 24 по 28 января 2015 г.

В дни пребывания в СУАР состоялись встречи с Генеральным директором Управления науки и технологии СУАР, Президентом Синьцзянского филиала Академии наук КНР, профессором Цанг Шаолин, с директором Института новых энергий Синьцзянской компании развития технологии по солнечной энергии, доктором Ли Вейхуа, директором Института экологии и географии АН Китая, профессором Чень Хи, заместителем директора Института физики и химии АН Китая, профессором Хаджи Акбар Иса. На этих встречах были определены основные направления научного сотрудничества между Центром инновационного развития науки и новых технологий АН РТ и научно-исследовательскими организациями СУАР.

Руководство Департамента науки и технологии организовало поездку в г. Турфан в Экспериментальный центр использования интегрированных энергетических систем. Представленные в Турфане новые идеи и концепции использования альтернативных источников энергии, физические и химические свойства новых материалов, современные высокие технологии открывают совершенно новые горизонты энергии будущего.

20-22 ноября 2015 г. делегация китайских ученых с ответным визитом посетила г. Душанбе. 20 ноября состоялась рабочая встреча ученых Центра инновационного развития науки и новых технологий Академии наук Республики Таджикистан (АН РТ) с учеными СУАР КНР.

В составе делегации из КНР Таджикистан посетили:

- Хэ Цзяньгуо (HE JIANGUO), заместитель начальника Управления по науке и технике СУАР КНР;
- Чэнь Чи (CHEN QI), заместитель начальника отдела международного сотрудничества Управления по науке и технике СУАР КНР;
- Ню Синьминь (NIU XINMIN), директор института исследования
- стратегий по развитию науки и техники СУАР КНР;
- Не Шулин (NIH SHULING), зам. директора института исследования
- стратегий по развитию науки и техники СУАР КНР;
- Мэнь Цинцин (MENG JINGJING), начальник отдела редакции

- журнала (Информация Центральной Азии) при институте исследования стратегий по развитию науки и техники СУАР КНР;
- Джу Гуанхуай (ZHEF GUANGHUI), сотрудник отдела сельского хозяйства при институте исследования стратегий по развитию науки и техники СУАР КНР.

Приветствуя гостей, директор Центра инновационного развития науки и новых технологий АН РТ М.И. Илолов в частности отметил, что КНР делает большие успехи в области науки и технологий и ученые Центра инновационного развития науки и новых технологий АН РТ рады, что имеют возможность сотрудничать с китайскими коллегами.

В свою очередь заместитель начальника Управления по науке и технике СУАР КНР Хэ Цзяньгуо выразил заинтересованность состоянием науки и технологий в Таджикистане и свое желание обсудить дальнейшее сотрудничество с Центром инновационного развития науки и новых технологий АН РТ, в том числе и по вопросам возобновляемой энергетики, что явилось главной целью приезда делегации Управления по науке и технике СУАР КНР в Душанбе.

Далее участников встречи приветствовал директор Института исследования стратегий по развитию науки и техники СУАР КНР Ню Синьминь. Он, в частности отметил, что при Институте создан Центр научно-технической информации Центральной Азии (ЦА), который отвечает за проекты со странами ЦА, а также Отдел международного научно-технического сотрудничества. Господин Ню Синьминь предложил таджикским коллегам рассказать о своих намерения в области научно-технического сотрудничества с КНР.

Директор ЦИРНиНТ АН РТ М.И.Илолов представил научных сотрудников Центра и сказал, что ЦИРНиНТ АН РТ имеет намерения сотрудничать с китайскими коллегами в трех направлениях:

1. В области солнечной энергетики.

В настоящее время Центр разработал проект «Солнечный дом». Центр имеет территорию в 20-ти км от г.Душанбе, где планируется построить гибридную станцию, чтобы показать людям, что альтернативная энергетика имеет будущее. Другая задача – это развитие малых солнечных станций до 20 КВт. У нас горная страна, 93% всей территории Таджикистана составляют горы. Есть труднодоступные места, куда невозможно протянуть линию электропередачи. Для таких мест необходимо строить солнечные электростанции, чтобы там было свое электричество. Такие же малые станции необходимы для геологических групп. Далее М.И.Илолов отметил: «Конечно, мы хотим иметь солнечные электростанции 1 или 10 МегаВт, но для этого у нас должна быть создана промышленность, которая будет выпускать панели для солнечных батарей. Для электрических элементов нужен кремний и он есть у нас. В Ходженте имеются месторождения кремния. Правда это пока еще только сырье и его нужно добывать, для чего также необходимо развивать промышленность в этой области. Конечно, Таджикистан может покупать панели в Китае, но имея свое сырье необходимо самим их производить, по крайней мере в будущем для крупных солнечных электростанций. С точки зрения развития этой отрасли никто кроме нашего Центра этим не занимается».

2. В области глубокой переработки топинамбура.

Биомасса топинамбура используется для получения биотоплива, биоспирта. В Таджикистане много солнечных дней,

энергия солнца очень интенсивна, сухая жара. Топинамбур за 1 сезон растет до 4-х метров в высоту, соответственно можно получить очень большой объем биомассы топинамбура. Мы в настоящее время уже имеем разработки по получению из биомассы топинамбура биогаза и биоспирта. Но топинамбур кроме биомассы имеет клубни с большим содержанием инулина. С 1 кг клубней топинамбура можно получить 200 г сухого вещества, в котором содержится 36 г инулина (18%) – это много, а также 11% пектина. Эти вещества используются в медицине при лечении сахарного диабета и при очистке печени от токсичных веществ, соответственно.

3. В области использования потенциала геотермальных источников.

В сопредельных территориях – Восточном Таджикистане, как и в Западном Китае (Синьцизянь), много термальных вод. Пока мы не можем говорить об энергетическом потенциале этих вод, это еще нужно изучать. Но есть и другие возможности использования этих источников – это теплофикация и бальнеология, лечебное использование термальных вод. В Китае в Ташкургане, а у нас в Мургабе имеются глубинные бассейны (до 3-4- км). В Таджикистане много термальной воды не только на Памире и мы должны использовать этот потенциал.

Выступление директора ЦИРНиНТ АН РТ прокомментировал заместитель начальника Управления по науке и технике СУАР КНР Хэ Цзяньгуо Он, в частности, сказал, что состояние нетрадиционной энергетики в Таджикистане в настоящее время находится на таком же уровне, как в 90-е годы в Китае. Развивать эту отрасль, действительно, нужно с малых мощностей и опыт Китая в этом может помочь. Господин Хэ Цзяньгуо обратил особое внимание на сотрудничество по созданию «Солнечного домика», для этого нужно только составить план работы. Китайская сторона может представить для этой цели своих специалистов-консультантов. Для того, чтобы осуществить такое сотрудничество необходимо подать совместный проект на получение гранта в Управление по науке и технике СУАР КНР, т.к. финансовые средства в Китае выделяют только на проекты, а не на Институты или конкретные лица. Нужно составить совместный проект Института новых энергий Синьцизянской компании развития технологии по солнечной энергии, Института исследования стратегий по развитию науки и техники СУАР КНР и Центра инновационного развития науки и новых технологий АН РТ. Для этого необходимо составить 3 документа: бизнес-план, технико-экономическое обоснование и договор о совместной работе. Далее на основании этих документов будет составлена Заявка на 2017 г. и подана на конкурс. Господин Хэ Цзяньгуо отметил, что полученная в ходе встречи информация о намерениях таджикской стороны будет передана китайским предпринимателям-инвесторам. Необходимо усилить обмен информацией, что бы развивать дальнейшее сотрудничество.

Далее в ходе встречи выступил директор Института исследования стратегий по развитию науки и техники СУАР КНР господин Ню Синьминь Он сказал, что Генеральный директор Управления по науке и технике Правительства СУАР, Президент Синьцизянского филиала Академии наук КНР, профессор Цанг Шаолин придает большое значение сотрудничеству с Таджикистаном и поэтому направил своего заместителя, господина Хэ Цзяньгуо для налаживания контактов совместной работы с таджикскими коллегами в рамках создания экономического пояса «Шелковый путь». Господин Цанг Шаолин планирует создать в Урумчи Центр обмена научной информацией

на основе Института исследования стратегий по развитию науки и техники Синьцизянского филиала СУАР КНР и Центра инновационного развития науки и новых технологий АН РТ. Необходимо совместно обсудить создание этой Платформы, создать веб-сайт на котором размещать любую открытую информацию по законодательству, касающемуся научной деятельности, трансфера технологий и патентов. В будущем через эту Платформу можно будет расширить сотрудничество, например КНР может покупать патенты. На Платформе может также публиковаться информация о намерениях таджикских ученых – научных разработках и планируемых внедрениях, чтобы китайские инвесторы могли узнать о них.

Результатом настоящей встречи должен стать Договор о сотрудничестве между ЦИРНиНТ АН РТ и Управлением по науке и технике СУАР КНР. На основании этого Договора Китайская сторона может предоставлять Центру технику – компьютеры, принтеры, а также принимать таджикских специалистов для обучения.

Создавать совместные предприятия – это сложно, т.к. научные сотрудники и организации могут быть только посредниками. Если в сотрудничестве будут принимать участие только ученые, то успеха не будет. Необходимо привлекать производителей и бизнесменов: образование-наука-производство. В КНР считают, что если сотрудничество не принесет экономический эффект, то никакой государственный орган его не будет поддерживать. Научное сотрудничество считается основой для экономического сотрудничества.

В итоге встречи господин Ню Синьминь высказал своем мнение о том, что научное сотрудничество нужно начать с солнечной энергетики.

# ҶАҲОН АЗ НИГОҲИ ДИГАР

## Гуфтугӯ перомуни мақом ва нуфузи фалсафа дар аҳди Шӯравӣ

**Ҳафиз Бобоёров:** Дуруд ба ҷонибдорони ҷаҳонбинии илмӣ. Мо тасмим гирифтем бо шахсиятҳои илмию фарҳангии Тоҷикистон дар мавзӯи "Ҷаҳон аз нигоҳи дигар" силсиламусоҳиба анҷом диҳем. Мусоҳибаҳои мо дар доираи маҷаллаи академии илмию оммавии «Илм ва Ҷомеа» сурат мегиранд. Мавзӯъҳо метавонанд гуногун бошанд, вале дар доираи як масъалаи хеле муҳим, яъне *ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ* ва масъалаҳои ба он вобаста мутамарказ мешаванд.

Имрӯз мо суҳбате дорем бо устоди гиромӣ, файласуфи шинохтаи тоҷик, муҳтарам Комил Бекзода. Ба ҳамагон маълум аст, ки ин нафар солиёни дароз, аз соли 1993 ба ин тараф сардори маҳфили «Ҷаҳони андеша» ҳаст. Айни ҳол дар Маркази омӯзиши равандҳои муосир ва оянданигари илмӣ ҳамчун ходими пешбари илмӣ кор мекунад. Дар масъалаҳои фалсафӣ, аз он ҷумла таърихи фалсафа ва фарҳанги тоҷик, ва ҳамчунин фалсафаи ҷаҳонӣ, гузашта, имрӯза ваояндаи фалсафа омӯзишҳо кардааст ва китобҳое низ навиштааст.

Ин ҷо бо ӯ суҳбате хоҳем дошт дар мавзӯи «Мақом ва нуфузи фалсафа дар аҳди Шӯравӣ». Ин суҳбат озод аст ва тариқи саволу ҷавоб сурат мегирад. Ин ҷо донишмандони дигар низ иштирок доранд ва онҳо низ  дар суҳбат ҳамроҳ хоҳанд шуд. Онҳо низ метавонанд ба саволҳои гузошта ҷавоб диҳанд ва ё саволҳои худро пешкаш кунанд. Фишурдаи ин мусоҳиба ҳам ба тариқи видеоӣ ва ҳам ба тариқи хаттӣ дар гурӯҳи «Ҷаҳони андеша», дар шабакаи иҷтимоии «Фейсбук» гузошта мешавад. Дигар мусоҳибаҳои мо ба ҳамин тариқ идома хоҳанд ёфт.

Ҳоло сухани муқаддимавӣ ба Комил Бекзода, бифармоед:

**Комил Бекзода:** Бо арзи эҳтиром ба хонандагон, шунавандагон ва тамошобинон. Гуфтанӣ хастам, мавзӯи мушаххасе, ки ба ман пешкаш шудааст, "Ҳафтод соли фалсафаи гузаштаи тоҷик" аст. Шояд тасодуфӣ набошад, ки ҳоло ман 70-сола ҳастам, аз соли 1945 то 2015 70 сол мешавад. Ҳафтод соли фалсафаи тоҷик ҳамсоли ман аст. Савол ин аст, ки мо дар ин муддат чӣ дидем? Робитаам бо фалсафа чӣ буд, ба таври мушаххас. Ин як гуфтугӯи худмонию тарҷумаиҳолист ва дар асоси хотирот ва таассуроти шахсие, ки ман дорам. Ман ҳамагӣ 55 сол дар майдони фалсафа фаъолият доштам, яъне аз соли 1960 то 2015, яъне 55 сол бевосита бо фалсафа алоқаманд будам. Соли 1960 аввалин бор китоби «Материя ва шуур»-и файласуфи мо Муҳаммад Болтаевро хондам. Аз ҳамон сол аввалин бор чи будани *базис ва надстройкаро* фаҳмидам. Фаҳмидам, ки асоси ҷамъиятро ҳаёти маънавӣ ва муносибатҳои иқтисодӣ ташкил медиҳанд. Ҳамин ба ман бисёр таъсир гузошт. Ин як китобчае буд дар ҳаҷми 40-45 саҳифа. Баъди ин ман бисёр чизҳоро фаҳмидам. Фаҳмидам, ки ду чизи муҳимро аз ҳам фарқ кардан зарур аст. Ҳамин чиз барои ман як кӯшоише шуд, таконе шуд, барои андеша кардан.

Он вақт дар мактаби миёна синфи 8 мехондам. Баъдан боз он китобчаҳое, ки аз тарафи ҷамъияти «Дониш» чоп мешуданду ба ноҳияҳои дурдаст бурда мешуданд, бисёр мехондам. Масъала ин буд, ки вақте як муҳаққиқ дар ягон соҳаи илм мехоҳад таҳқиқот анҷом диҳад, пеш аз ҳама, ба сарчашма зарурат дорад. Ман дар Институти фалсафа (он вақт Шуъбаи фалсафа)-и Академияи илмҳои Тоҷикистон аз соли 1967 кор мекунам, каму беш ба забони арабиву форсӣ ошноӣ дорам. Вақте ман ин мавзӯъҳоро мутолиа мекардам, яъне адабиёти фаслафиро ба забонҳои арабиву

форсӣ ва русӣ, дидам, ки дар ҷаҳони имрӯза аллакай илми фалсафа ба ин дараҷаҳо пеш рафтааст, ки доир ба ҳар қавме, фалсафаи қавмӣ ва таҳқиқотҳои алоҳида анҷом дода шудаанд. Масалан, фалсафаи Олмон дар асри 20, фалсафаи Араб дар асри XX ва ғайра. Ман ҳам завқам омад, ки як чизе нависам монанди мақола ё агар аз ин зиёдтар мавод пайдо кунам, ба мисли як китобча нависам, то ки ҳамин холигии фарҳангу фалсафаи худро пур кунам. Вақте ҷустуҷӯ кардам, маълум гардид, ки дар бораи файласуфони мо ягон маълумот ё асари шарҳиҳолӣ мавҷуд нест. Китобхона рафтам, баргаҳои феҳристиро дидам, ки дар хусуси осору шарҳи ҳоли файласуфони тоҷик чизе пайдо кунам, аммо чизе пайдо карда натавонистам. Баъд ба ман маслиҳат доданд, ки агар аз ҷойи корашон дархост оред, ба шумо дар ин масъала кӯмак карда метавонанд. Барои таҷриба ба як-ду ҷо муроҷиат кардам, аммо маълумотҳои пешниҳоднамудаи онҳо хушки расмӣ буд: ба мисли фалон сол омад, фалон вазифаро ишғол кард ва то фалон сол фаъолият кард. Маълумотҳои мазкур барои таҳлил кардани андешаву ҷаҳонбинии онҳо ҳеҷ арзише надоштанд. Роҳи дигарро пайдо намудам. 55 саволи фалсафӣ тартиб додам. Ин саволномаро ман дар асоси як китобе, ки аз Миср оварда будам, омода намудам. Саволнома фарогири ҳамаи масъалаҳои фалсафиву иҷтимоӣ буд. Дар асоси ҳамин китоби 30-40-саҳифагӣ ман 55 савол омода кардам ва онро дар рӯзномаи «Зиндагӣ» чоп намудам. Баъд аз фарҳангиёни ҷумҳурӣ хоҳ файласуф ва хоҳ ғайрифайласуф хоҳиш кардам, ки ба ҳамин саволнома ҷавоб нависанд. Ман шахсан ба дӯстон ва файласуфоне, ки дар донишгоҳҳо дарс мегӯянд, ҳамин шумораи рӯзномаро супоридам. Ҳатто дар шумораҳои баъдии рӯзнома ба кӣ саволномаро супориданамро қайд намудам. Ин чора нашуд. Касе ҷавоб нанавишт. Нафароне, ки ин иқдоми маро дастгири карданд, файласуфони «Ҷаҳони андеша» буданд. Дар «Ҷаҳони андеша» Ёрмаҳмад Ниёзӣ, Нозим Нурзода, Ҳафиз Холиқзода, Нуриддин Шаҳобидин, Усмон Камолиён ва чанд нафари дигар, ки номашон дар ёдам нест, ба ин саволҳо ҷавоб доданд. Ҷавоби он дар дафтарҳои алоҳида дар бойгонии ман маҳфуз аст. Ин аввалин таҷрибае буд, ки файласуфони тоҷик бо дасти худашон зиндагӣ ва фаъолияти худро навиштаанд. Дидам, ки ин ҷавобномаи файласуфон кифоя нест. Ба хулосае омадам, ки яке аз ин чавобномаҳоро дар рӯзнома чоп намоям, то ки мардум бидонад, ки чи хел ба ин саволҳо ҷавоб додан зарур аст.

Аз ҷавобҳои аъзоёни «Ҷаҳони андеша» маълум шуд, ки онҳо тақрибан як андеша доранд. Китоби «Ҷаҳонбинии оянда» низ илҳом аз ҳамон чавобҳои аъзои маҳфил аст, ки дар 8-9 дафтар навишта шуда, ба ман супорида шудаанд.

Баъдан боз ин саволномаро ба файласуфи Иброн Шарифов супоридам, то ки ҷавоб нависанд. Устод розӣ шуданд. Чанд вақт пас ба устод занг задаму гуфтам, ки устод Шумо китобе доред дар мавзӯи «Ростқавлӣ яке аз хислатҳои асосии инсони Шӯравӣ аст». Пас аз чанд вақт устод ҷавобҳояшро дар ҳаҷми 13 саҳифа овард. Барои намуна ҷавобномаи Ҳафиз Холиқзода (узви маҳфили «Ҷаҳони андеша) ва Иброн Шариф (берун аз маҳфили «Ҷаҳони андеша»)-ро дар муқоиса омода ва чоп намудам. Ба як савол ҳар ду ҷавоб медоданд. Ин ҷавобномаро баъдан дар маҷмӯаи «Ҷаҳонбинии оянда ва бархурди тамаддунҳо» чоп кардем. Ин ба он хотир буд, ки аввалин маводест аз нуктаи назари илми имрӯзаи ҷомаешиносӣ анҷом дода шудааст. Ман барои тартиб додани ин саволнома чандин китобҳоро бо забон русӣ, форсӣ ва арабӣ хонда будам. Баъди ҳамин ҳам дигар касе ҷавоб нанавишт ва ман домангири касе нестам. Муҳим он ки ман ин корро анҷом додам ва мардум ҳам диданд, ки

чи тавр ба илму дониш муносибат кардан лозим аст. Аз ҷониби дигар ман фикр мекунам, ки тавонистам барои ҷудо кардани файласуфони давраи Шӯравӣ аз давраи демократӣ ё истиқлолият маводи наве омода намудам. Иброн Шарипович як устоди ҳамешагии фалсафа буданд. Доктор, профессор, чандин сол дар донишгоҳҳо дарс додаанд, ҳамроҳи мо кор мекарданд. Хуб мешиносам. Ҳафиз Холиқзода ҳам аз ҳамкорони ман аст. Солҳои зиёд ҳамкорӣ дорем. Ӯро ҳам хуб мешиносам. Баъд ин ки ҳамин маводро ба даст овардам, ба сифати як муҳаққиқ ин андоза ҳуқуқ дошта бошам даъво кунам, ки ҳамин маводҳое, ки ман навиштам маводҳои дасти аввал ҳастанд, зеро одамони зинда худашон ба саволнома ҷавоб доданд ва ман ҳамон саволномаҳоро дар бойгониам нигоҳ доштам.

Хулосааш ин аст, ки дар давраи Шӯравӣ файласуфони мо, ки фаъолияташон аз соли 1950 сар шуд, дар дарсҳо фалсафаро ворид карданд. Фаҳмиданд, ки фалсафа чист. Баъди ташкил шудани Университети давлатӣ (соли 1948) ва Академияи илмҳо (соли 1951) Шуъбаи фалсафа ташкил карданд. Онҳо ҳам як гирифторӣ доштанд аз суннати қадимаи худамон. Фалсафа дар суннати қадима мавриди гуфтугӯ набуд. Як илми манфуру манҳус буд, ки касе ба он таваҷҷуҳ намекард. Бо файласуфу ҳаким ба чашми таҳқиру тавҳину бадгумонӣ менигаристанд. Ба ҳар сурат, файласуфони давраи Шӯравӣ аз солҳои 50-ум сар карда, дар ҳудуди озодиҳои иҷтимоию корие, ки доштанд, корҳоеро анҷом доданд. Дар он давра онҳо даъво карда наметавонистанд, ки бигӯянд ман файласуф ҳастам. Он вақт мумкин буд "муҳаққиқ фалсафа" гуфтан. Бо вуҷуди ин, як боди навоваронае, ки бо шарофати низоми Шӯравӣ дар илми тоҷик ворид шуда буд, инҳо хуб ҷиддӣ қабул карданд. Ҳар чи имкониятҳое дар он давр буд, ҳамонро истифода карданд. Бисёр устодони бузурге фаъолият ва то ҳадде барои мардум кумак карданд.

Акнун дар давраи нав файласуфон ба таври куллӣ фаровонанд, лекин агар аз нигоҳи илми имрӯзаи ҷаҳонӣ ба онҳо назар карда шавад, танҳо баъзе касоне хастанд, ки доираи тадқиқоташон дар сатҳи фалсафаи имрӯзаи ҷаҳон чун Амрико, Британия, Фаронса ва Олмон аст ва масъалагузориашон дар ҳамин шакл рафта истодааст. Ин ба таври куллӣ муқоисае буд, ки ман кардам. Ҳоло хулосаи ман дар ҳамин ҳудуд аст.

**Ҳафиз Бобоёров:** Хуб, устод хеле як шарҳи муфассал доданд. Бо чанд мисол фалсафаи даврони Шӯравиро таҳлил намуданд. Муқоисаи бисёр ҷолиб буд, гарчанде дар байни файласуфон чунин таҳқиқот гузаронидан осон нест. Ман тасаввур надоштам, ки то ин андоза мушкил буд. Акнун суҳбати мо дар атрофи "Оё фалсафаи марксистӣ оянда дорад?" хоҳад буд. Ба фикри шумо, фалсафаи марксистӣ кадом ҷиҳатҳои ҷолиб дошт. Чаро он ба таври умум дар ҷомеаи мо қабул нашуд ва дигар идома наёфт? Магар он таҳмилӣ буд? Оё сабаб дар худи ҳамин фалсафа буд ё ки сабабҳои дигар буданд? Чун баҳсҳо зиёданд. Баъзеҳо, чун Карл Маннҳайм назарияи инқилобро ғалат меҳисобад. Дигарҳо назарияи тазод ва антагонизми синфиро хато меҳисобанд. Карл Поппер мегӯяд, ки аслан худи ҳамин назарияи инқилоб на фақат зиддиинсонӣ аст, балки наметавонад ба пешрафти ҷомеа бурда расонад. Ӯ дар китоби «Ҷомеаи боз» мегӯяд, ки мо таълимоти дигаре дошта бошем бо номи «муҳандисии иҷтимоӣ», яъне мушкилоти ҷомеаро кашф кунем ва тадриҷан онҳоро ислоҳ карда пеш равем. Яъне, интизор наистем, ки кай баъди як марҳилаи таърихӣ инқилоб мешавад ва боиси харобиҳои зиёд мегардад. Мисоли ин Инқилоби Шӯравӣ буд, ки сохти буржуазиро аз байн бурд, вале боиси пешрафти ҷиддии муносибатҳои ҷамъиятӣ нашуд. Дар мавриди эволюсия ин

муҳаққиқ мегӯяд, ки ин як таълимоти биологии табиӣ аст ва аз ин рӯ, дар ҷомеаи инсонӣ ба кор намеояд. Назари Шумо чӣ аст? Сабабҳои асосии шикасти Шӯравӣ оё Марксизм буд ё ки баръакс, таҳрифи он?

**Комил Бекзода:** Вақте ман имрӯз пеши Шумо суханронӣ мекунам, як ҳолати дигаре маро фаро гирифтааст. Пештар ҳар куҷо суханронӣ мекардам, эҳтиёт мекардам, ки ягон хатои сиёсӣ накунам. Дигар баъди 70-солагиам аз ҳар чи гӯям, айб надорад. Чунон ки мардум мегӯянд: "Пирӣ ин парешонгӯӣ аст"!

Инқилобе, ки дар соли 1917 ба вуҷуд омад, инқилоби таҳмилӣ буд. Ин инқилоб решаҳои динӣ ва миллӣ дошт. Таваҷҷуҳ кунед, душманони мазҳабии халқи рус католикҳо ва протестантҳо ҳастанд, худи халқи рус бошад, православ. Ин ба назари ман чунин аст, шояд чунин набошад. Аз ҳамин нуқтаи назар Аврупо ба Россия мухолифат дошт. Аз тарафи дигар, халқи рус мехост, ки ҳақиқатан як дудмони фарҳангӣ созад ва онро наҷот диҳад. Агар Шумо таърихи равшанфикрӣ ва маорифпарварии ҷаҳонро мутолиа карда бошед, дар ягон гӯшаи дунё равшанфикрон ба мисли фарҳангиёни рус барои пешбурди ҷомеа амал накардаанд. Масалан, асарҳое, ки доир ба равшанфикрӣ дар Россия навишта шудаанд, ҳеҷ ягон қавме инро надорад. Баъд, вақте ки аврупоиён мебинанд, ки русҳо пеш рафта истодаанд, ба ташвиш меафтанд. Ин иқдоми пешгирифтаи русҳо метавонад Аврупоро фаро гирад. Шумо ҷанговарони русро як сӯ гузоред, ин танҳо фарҳангиёнро мо дар назар дорем.

Баъди ин намояндаи аврупоиён Освалд Шпенглер китоби «Шикасти тамаддуни Ғарб»-ро менависад. Он андоза аз кори русҳо ваҳшат мекунад ва хулоса мекунад, ки дигар халқҳои Аврупо пир шудаанд, тамоми захираи моддӣ ва маънавӣ аз даст рафтааст, дар оянда шикаст мехуранд, акнун навбат ба Россия аст. Ҷилди якуми ҳамин китобро соли 1918 чоп мекунад ва аврупоиён хонда ба даҳшат меафтанд. Акнун гӯё онҳо диданд, ки Россия аз нигоҳи фарҳангӣ онҳоро забт мекунад. Баъд оянда аз нигоҳи сиёсӣ ҳам Россия Аврупоро забт мекунад. Захирае, ки Россия аз лиҳози замин, ҷангал, об ва сарватҳои табиӣ дорад, хеле зиёд аст.

Пас аз ин сиёсатмадорон даст ба кор мешаванд. Онҳо мегӯяд, ки рушди фарҳангии русро боздоштан зарур аст. Пешниҳод мекунанд фалсафаи маркистиро, ки Маркс ва Энгелс дар китобхонаҳои Олмон ва Британия Кабир кор карда бароварда буданд, ба гардани русҳо бор мекунанд. Чаро ки револютсия худ бемаъно аст. Арабҳо револютсияро "инқилоб" ё "савра" мегӯянд. Маънои калимаи «савра» "аз худ рафтан" ва «ба шӯр омадан» аст. Инқилоб «рӯирост чаппа кардан» аст. Аврупоён гуфтанд, ки халқи русро аз ин роҳ мунҳариф (бероҳа) кардан даркор аст. Ана баъд сӯиқасди сиёсӣ мекунанду пешвоёнеро, ки бояд дар Россия инқилоб кунанд, ба ҳар тараф мефиристанд. Худатон медонед, ки бештари онҳо номашон русӣ нестанд, номҳои аврупоӣ ҳастанд. Меоянду инқилобро амалӣ мекунанд. Аслан ин инқилоби таърих набуд, балки мисли як табаддулот аст. Ҳамин корро мекунанду мардумро гирифтор мекунанд. Худи Маркс ва ақидаи сабткардаи ӯ самараи таҳқиқоти иқтисодии вай буд. Андешаи сотсиологии Маркс бештар ба замони худаш мувофиқ буд. Нафарони дигар мехостанд аз кашфиёти ӯ сӯиистифода кунанд. Ақидаҳои ӯро гирифтанду фалсафа ва сиёсат сохтанд ва ба гардани ӯ таҳмил карданд. Ана, акнун оҳиста-оҳиста боз худи равшанфикрони Россия фаҳмиданд, ки ин як сӯиқасд будааст. Аввалан бо роҳи равшанфикрӣ бо номи «инокомыслящие» гурӯҳе пайдо шуд. Ахиран бо ҳамин шакл ва ин роҳ худашонро халос карданд. Роҳи истиқлол гирифтан ҳоло ба ҳама баробар аст. Дар асоси фарҳангу иқтисоди миллӣ худаш пеш рафтан аст. Хуб,

ман ин масъаларо ба ҳамин андоза мефаҳмам.

**Ҳафиз Бобоёров:** Ин масъала баъзе тарафҳои дигар низ дорад. Дар робита ба зарурати инқилоби иҷтимоӣ дар заминаи арзишҳои миллӣ ва динӣ Энгелс бо Ткачёв як баҳси ҷиддӣ ва шадиде дорад ва дар ин маврид мақолае ҳам дорад бо номи "Дар бораи масъалаи иҷтимоӣ дар Россия". Дар ҳамин мақола, мегӯяд, ки назар ба Россия Аврупо бештар ба инқилоб омада ҳаст. Аз назари шароити таърихӣ кишварҳои Аврупои Ғарбӣ, аз қабили Германия, Франсия, Испания, Дания имконияти бештар доранд барои инқилоб кардан. Энгелс бо як лаҳни шадид ба Ткачёв ҷавоб мегӯяд, ки аслан Россия замина барои инқилоб надорад. Бо далелҳо исбот мекунад, ки шумо заминаи таърихӣ барои инқилоб кардан надоред. Агар ин корро кунед, шумо ба натиҷаи дуруст намерасед. Хуб, ин мавқеи Энгелс аст. Аммо дар муқоиса ба равшанфикрони аврупоӣ равшанфикрони Россия бештар ба инқилоб бовар доштанд. Ҳатто Достоевский дар романи машҳури худ «Бародарон Карамазовҳо» орзуи инқилоби православиро дорад.

**Ёрмуҳаммад Ниёзӣ:** Накде, ки дар Аврупо ба вуҷуд омад, аз ҳамин аст, ки то чи андоза инсон воқеиятро мешиносад, то чи андоза мо хатар ва даҳшат сохтагӣ ҳастем. Масалан, миф сохтагӣ ҳастем. Афсона, назарияҳои хурофа ва назарияҳои динӣ сохтаем. Ҳамаи ин назарияҳо арзиши мутлақ шудаанд, ки фарҳанги қавмҳои аврупоиро дар зулмат нигоҳ медоштанд. Зиёиёни аврупоӣ ҳамаи ҳамин назарҳоро арзишгузорӣ карданд, таҷдиди назар карданд ва дар рафти интиқоде, ки бояд система нав дуруст кунад, чунки ягон худое нест, ягон қувваи фавқуттабиие нест, ки гӯё барои одамон ҷомеа созад. Ё фарҳанг созад ё фарри яздонӣ созад. Дар фарҳанги мо тасаввуроти хурофотӣ ва метафизикӣ аз худи Ҷамшед шурӯъ мешавад. То ҳол мунтазирем, ки фарри яздонӣ кай мебиёяд ва ҷомеаи моро тағйир медиҳад. Як назари бисёр ҷолибе, ки дар Аврупо воқеан таҳаввули бисёр бузургеро ба вуҷуд овард, ин ҳамон гуфтаи Нитше буд, ки: "Худо мурдааст!". Пас, инсон озод аст. Ӯ бояд тамоми арзишҳое, ки вуҷуд дорад, бознигарӣ кунад ва арзиши нав ба вуҷуд биёрад ва дар асоси ҳамин арзишҳои нав зиндагӣ кунад. Арзишҳоро мутлақ қабул накунад. Ҳамин арзишҳо ҳеҷ вақт арзиши мутлақ нашаванд. Ба ҳамин хотир дар системаи сиёсии Аврупо парламентаризм ба вуҷуд омад. Парламентаризм чист? Парламентаризм ҳамин буд, ки масалан мо дар ҳалқаи дӯстону ҳамкорон тамоми арзишҳои ҷаҳони муосирро накд кунем. Ба фикри якдигар метавонем розӣ набошем. Фарҳанге ба вуҷуд меояд, ки дар ҷаҳони муосир кандитсияҳои мухталиф вуҷуд доранд. Як консепсия наметавонад ба ҳама мушкилоти бехатарии мо ҷавобгӯ бошад. Мо худро наметавонем ба як консепсия, аз он ҷумла Марксизм маҳдуд кунем. Консепсияҳои мухталиф дар соҳаҳои сиёсат ва иҷтимоъ арзи ҳастӣ мекунанд.

**Меҳр Собириён:** Дар робита ба масъалаи Фарри Каён. Фикр намекунам, ки Фарри Каёнӣ сабаби ҳамаи мушкилоти мо бошад. Масалан, як омили асосии таҳриккунандаи Сосониён ва Ҳахоманишиҳо, ки боиси боварӣ ба худашон пайдо кардан шуд ва дар натиҷа империя сохтанд, ҳамин омили таҳриккунандаи Фарри Каёнӣ буд. Агар мо тамоман рад кунем Фарри Каёниро, магар ба зарари мо намешавад? Магар Фарри Каёнӣ наметавонад як идеологияе шавад, ки ба мо боварӣ диҳад, ки ҳамин миллати созанда метавонад бе андешаи таҳмилии араб сохтмони миллату давлатро сар кунад. Ва ба қуллаҳои баланди илму техника расад. Наметавонем Фарри Каёниро билкул рад кунем.

**Комил Бекзода:** На, на! Ман, ки мегӯям, ин таърихи мо аст. Хулоса, ҳар

андешаи созандае бошад, ҳар ҳодисае, ки аз ҳамон ҳудуди вақту замони худаш гузашт, он аллакай баръакси худ мубаддал мешавад. Ҳамин қадар гап аст. Фарри Каёнӣ ҳам ҳамон асту динҳо ҳам ҳамон асту ақидаҳо, фалсафаву илм ҳам ҳамон. Мо, ки натавонистем идеяи Фарри Каёниро пеш барем ва инкишоф диҳем, дар шакли хурофотиаш гирифтем. Худо аз осмон фарро мефиристад ва мо ҳамчун лакатор фақат фар қабул мекунему менишинем дар замин. Бе фаъолият ин хел намешавад, дунё ҳар рӯз тағйир мешавад. Ин чӣ хел фар аст, ки таъғйир намешавад?! Чаро фарро тағйир дода натавонистем?!

Ман савол ба Шарифзода дорам: Шумо масалан файласуфи насли ҷавон дар давраи Истиқлол ҳастед. Дар Донишгоҳ дарс медиҳед. Маводҳои донишгоҳии Шумо аз китобҳои Шӯравӣ рӯбардор шудаанд. Назари худатонро донишҷӯён чӣ хел қабул мекунанд?

**Исомиддин Шарифзода:** Масъала ин аст, ки ҳозир бисёр каманд нафароне, ки ба фалсафаи марксистӣ таваҷҷуҳ дошта бошанд. Дар зеҳни насли имрӯз як навъ ҳамоқате ба вуҷуд овардаанд, ки вақте вай мафҳуми фалсафаро мешунавад, гӯё ҳарчи ки ман мегӯям, ман дар баробари Худо қарор дорам. Вақте дар бораи Арасту, дар бораи Парменид мегӯем, масъалаи ҳастиро шарҳ медиҳем, мо ҳамеша дар ҳамоқат қарор мегирем. Аслан донишҷӯён намехоҳанд моро фаҳмидан, аслан намехоҳанд қабул кардан, шунидан намехоҳанд. Донишҷӯи имрӯза то сатҳе хурофотзада шудааст, ки аксараш дониш омӯхтан намехоҳанд. Баъзе нафароне ҳастанд. Як се соли охир ман ҷомеашиносӣ дарс медиҳам ва вақте ки пайдоиши ҷомеаро шарҳ медиҳам, махсусан аз рӯи *назарияи бехатарии вуҷудӣ* ва ё дигар назарияҳо. Ва ё фарҳангро аз диди назарияи бехатарии вуҷудӣ шарҳ медиҳам. Ин воқеият аст, инро инкор кардан наметавонем. Дар бобати фарҳанг назарҳоеро Кант ва дигар донишмандони асри 19 пешниҳод кардаанд, ки фарҳанг қабати ҳифозатӣ ҳаст, ки инсонро ҳифз мекунад, дар баробари хатарҳое, ки дар табиат вуҷуд доранд. Лекин мутаассифона, имрӯз ҳамон хурофотзадагӣ ва махсусан мардум таваҷҷуҳи диннияшон зиёд аст. Ҷавонон фалсафаро ҳамин хел қабул кардаанд, ки ҳамин одамро бехудо мекунад, инро гӯш кардан даркор нест. Онҳо кайҳо пешфарз доранд, яъне пешакӣ онҳоро нодуруст шарҳ додаанд.

**Ҳафиз Бобоёров:** Фикр мекунед, аллакай гурӯҳҳои алоҳидае дар ҷомеа ба онҳо ҳамин гуна фаҳмишро таҳмил кардаанд ва ё донишҷӯён аз рӯи худ чунин ақида доранд?

**Исомиддин Шарифзода:** Албатта, дар ҷомеаи мо файласуф дар маҷмӯъ чун як одами бехудо, як одаме, ки дар муқобили дин аст, қабул шудааст. Ҳатто дар баъзе маврид вақте дар байни авом дар бораи фалсафа чизе мегӯӣ, эътироз мекунанд, ки ҳамин гапҳои фалсафиро як тараф мон. Яъне, мо баръакси он чизе ки онҳо доранд, ҳастем. Мо дар ҷараёни муқобил қарор мегирем. Диниста мехоҳанд бо дурӯғҳо ва хурофот боқӣ монанд. Махсус таблиғ мекунанд, ки фалсафа як чизи бад аст. Як гуфтаи Суқротро ман аз китоби Вил Дюрант – “Таърихи тамаддуни башар” ёфта будам, ӯ мегӯяд: “Ман намегӯям, ки ҳарчи ман мегӯям, ту қабул кун ва ман намегӯям, ки фалсафа бад аст ё нек аст. Вале ту он чи ки ман гуфтам, таҳлил кун, агар нек аст, қабулаш кун, агар бад аст, раҳояш кун”. Бо донишҷӯён ва авом ман ҳаминро мегӯям, ки ҳадафи ман ин нест, ки шуморо файласуф кунам. Ҳадафи ман дар шумо ба вуҷуд овардани тафаккури фалсафӣ аст.

**Комил Бекзода:** Ҳамин ки 70 сол низоми Шӯравӣ идеологияи илмӣ дошт, ин мардумро ҳеҷ натавонист ба илму дониш ҷалб кунад. Инҳо ҳама аз рӯи риёкорӣ худашонро марксисту атеист нишон доданд, нону намаки Шӯравиро хӯрданд, баъди 74

сол 180 градус рӯ гардонданд ба тарафи дин. Оё ҳамин нишонаи он нест, ки ҳамин қавм қавми фалсафӣ нест?! Ин якум, дигар ин ки дар давраи демократӣ аз давраи Шӯравӣ шикоят мекарданд, ки низоми Шӯравӣ моро озодии фарҳангӣ, динӣ ва ғайра намедиҳанд. Дар давраи демократӣ тамоми озодиҳои динию сиёсӣ дода шуд, лекин бо вуҷуди ҳамин то имрӯз дар ягон муассисаи давлатӣ мо ягон намунае аз пешрафти илмӣ ё таваҷҷуҳи илмӣ ва фалсафӣ намебинем. Оё ҳамин далел нест, ки аслан ҳамин қавм қавми фалсафӣ нест?! Ғуломтабиат ва бегонапараст аст.

**Меҳр Собириён:** Агар талабот ба равшанфикр ва умуман ба ҷаҳонбинии илмӣ набошад ҳам, ин мардум хоҳад-нахоҳад ба равшанфикр эҳтиёҷ дорад. Охир аз аввал равшанфикронро фишор меоварданд, мекуштанд, месӯзонданд, лекин ҳамин равшанфикр аст, ки роҳи дурустро нишон медиҳад.

**Комил Бекзода:** Равшанфикрони мо роҳатталабанд. Фикран танбаланд. Замонасоз ва тақлидпарастанд.

**Меҳр Собириён:** Инҳо равшанфикр нестанд. Дар мақолаи худаш Тоҳири Абдуҷаббор яке аз нишонаҳои асосии равшанфикриро дар *амалгароӣ* муайян мекард. Вақте ки ӯ ҳамаи чизро медонаду амал намекунад ва мехоҳад дар қатори омма бошад, дигар ӯ равшанфикр нест.

**Файзи Олӣ:** Дар ҷомеаи ҳаминрӯзаи илмии мо ягон чизе ҳаст, ки ҷомеа ва махсусан ҷавононро ба ваҷд биёрад, бигзор он муқаддасоти динӣ бошад, бигзор андешаи фалсафӣ бошад, пешниҳоди иҷтимоӣ бошад? Ман намебинам, ки дар ҷомеа одамон дар дилашон аланга дошта бошанд ва аз роҳи рафтаистодагияшон хурсанд ва қаноатманд бошанд. Ва ё идеале, ки доранд, онҳоро ба мақсад расонад ё қонеъ кунонад. Ҳамин чиз ҳис намешавад дар ҷомеаи имрӯзаи мо.

**Ҳафиз Бобоёров:** Аз назари фикрӣ ҷомеаи мо дар як ҳолати бунбаст аст, аз ин рӯ, ҷавонон мехоҳанд аз Тоҷикистон раванд. Онҳо аз назари маънавӣ барои худ перспектива намебинанд. Вақте ки як нафар ҳадаф ё перспективаи ояндаро аз даст медиҳад, пеш аз ҳама, иштиёқ, шавқу ҳавасашро гум мекунад, мисле ки як симптоми беморӣ беиштиҳоӣ аст. Ин ҳолати беморӣ дар равоншиносӣ психоз номида мешавад, ки аз ҳолати невротикӣ реша мегирад. Яъне, ҳолате, ки инсон аз назари психологӣ дар вазъияти бунбастӣ меафтад. Барои ӯ мутолиаи китобҳои бадеӣ ва ё фаъолияти иқтисодӣ бемаъно мешавад. Рӯҳафтода мешавад ва сабаби бемаъноии худро на дар ҳолати психологии худ, балки дар олами берун, дар ҷомеа ва ё одамони дигар меҷӯяд. Барои ҳолати нороҳаткунанда ва бунбастии худ дигаронро гунаҳкор мекунад. Албатта, сабабҳои объективӣ ҳам дар ин ҳолати невротикӣ саҳм доранд. Аз он ҷумла мо ҳанӯз алтернативаи дурусти рушди ҷомеаро пайдо накардаем. Миллати тоҷик ба як ҳадафи бисёр муҳим расид, яъне аз исломи сиёсӣ даст кашид. Лекин ҳанӯз савол боқӣ мемонад, ки алтернатива дар ҷавоб ба исломи сиёсӣ чӣ аст? Надоштани алтернативаи рушди ҷомеа ин таҷассумгари ҳолати невротикӣ ва психози умумии равшанфикрони тоҷик аст. Аз ин рӯ, онҳо қудрат ва ҷасорати пешниҳоди алтернативаҳои аз дину сиёсат бартарро надоранд. Ба ҷои теология ва исломи сиёсӣ чӣ ҳаст, ки ҳам баояндаи дунявӣ ва демократии давлатдории тоҷик қадами устувор бардорад ва дар айни ҳол арзишҳои куҳнашударо накд кунад? Барои ҳамин, ҷавонон бештар дар фикри муҳоҷират ҳастанд. Муҳоҷират *роҳи гурез аз воқеият* аст. Вале ин роҳи гурез барои миллати тоҷик бисёр хатарнок аст. Ин миллат ба ашёи хоми давлатҳои абарқудрат табдил меёбад.

**Ёрмуҳаммад Ниёзӣ:** Ман фикр мекунам, ки ҳамин психози ҷаҳонӣ аст. Як психоз маҳдуд ба Тоҷикистон нест. Масалан, ин даҳшатҳое, ки дар Фаронса ба вуҷуд

омадаанд, дар як сол ду даҳшате, ки дар маркази дилу Аврупо ба вуҷуд омад, вақте ки дар он ҷойҳо ба вуҷуд омад, ин дар Тоҷикистону дигар кишварҳои бисёр хурд ин чизҳо ду карат ду ҳаст. Барои ба вуҷуд овардани ин гуна даҳшатҳо мардум аз ҳамин чиз ба даҳшат расиданд. Яъне ҳамин бархурдҳои сиёсӣ ба дараҷае шуда истодаанд, ки раҳм вуҷуд надорад. Қудратҳои ҷаҳони имрӯз манфиатҳояшонро пуштибонӣ карда, касеро хоҳанд қурбонӣ мекунанд. Умуман, дар онҳо ягон хел раҳм, арзиши инсонӣ ё гуманизме, ки дар Аврупо буд, гум шуд. Дигар дар ҷаҳони муосир гуманизм вуҷуд надорад.

**Ҳафиз Бобоёров:** Дигар ҳақиқати пушти парда ошкор мешавад ва таъсири шадиди психологӣ ба мардум мерасонад. Мардум имунитети фарҳангие, ки дошт, яъне арзишҳои умумиинсонии эътирофгардида аз даст додааст, сиёсатҳо, қудратҳо дигар ягон гузашт намекунанд. Мардуми ҷаҳон эҳсоси бехатарӣ ва дахлнопазирии шарофати инсониро аз даст додаанд.

**Комил Бекзода:** Ман доим мақолаҳои Меҳрро мехонам. Бисёр хушам меояд аз ҳамин назарҳои конкретиаш. Аз ӯ пурсиданиам, ки ба таври мухтасар камбудиҳои равшанфикрони мо дар чӣ аст? Шумо чӣ пешниҳод доред барои ислоҳ шудани ин камбудиҳо дар оянда?

**Меҳр Собириён:** Як нафар даъво мекунад, ки ман равшанфикрам. Баъд ба масҷид меравад, вай дигар равшанфикр нест.

**Ёрмаҳмад Ниёзӣ:** Агар мо худи консепсияи марксистиро таҳлил кунем, яъне тамоми муносибатҳои инсонро, тамоми ормонҳои инсонро, ҳам абадият, ҳам хоҳишу ҳам ормонҳои сода нисбати дин, ки мисли як афюн аст. Инсонро аз худ бегона мекунад. Манзури ман он аст, ки мақсаду ормоне, ки инсон ба оянда дорад, абадиятхоҳиаш аст, мехоҳад, ки бо ҳамин роҳ ҷуброн кунад. Агар ки мо аз ҷиҳати моддӣ худкифо шавем, воқеан дин барои маданияти мо арзиш надорад. Аз сабаби он ки мо дар зулми амирон ва диндорон ҳастем, ин оқибат динро ба вуҷуд овардааст. Яъне, дин як тахайюлоте беш нест. Як тахайюлотест, ки мо худ сохтаем.

**Меҳр Собириён:** Ин ба ратсионализми Маркс чӣ дахл дорад?

**Ёрмаҳмад Ниёзӣ:** Ратсионализме, ки метафизикӣ буд ва аз тарафи Гегел, Кант, Декарт ва чанд нафари дигар бузургон пешниҳод шуда буд, шикаст хурд.

**Ҳафиз Бобоёров:** Ратсионализме, ки Декарт дар назар дошт, аз он иборат буд, ки ҷаҳон аз рӯи қонуниятҳои умумии универсалӣ амал мекунад, ки асоси ақлонӣ доранд. Дар қувваи фаротабиӣ ақли бартар аз хиради инсон вуҷуд дорад.

**Исомиддин Шарифов:** Аз назари фаротабиӣ, ақл ба қуллиёт тааллуқ дорад. Ақл ба тамоми равандҳо тааллуқ дорад. Ақл ба ҳаводис тааллуқ дорад.

Агар иҷозат бошад, ман ҳам каме андешаҳоямро баён кунам. Дар бобати Маркс. Маркс пеш аз ҳама ба чӣ такя мекард? Маркс такя кард ба дилектикаи Гегел. Гегел аввалин нафаре буд, ки сарчашмаҳои берунаро инкор кард. Инсон ҳамеша дар ҳоли тағйир аст ва ин тағйирот аз зиддиятҳои дохилӣ шуруъ мешавад. Худи ҳастӣ. Ин ҷо материя вуҷуд надорад. Қонуни аввали диалектика «Қонуни ягонагӣ ва мубоирзаи баҳамзидҳо». Зиддият дар ҳама ҷо ҳаст. Тамоми ҳастӣ, чи мо дар сатҳи тафаккур гирем, чи дар сатҳи модда гирем, чи дар сатҳи олами ҳастӣ гирем. Яъне, ҳамеша тарафҳои ба ҳам зид вуҷуд доранд. Ягонагии инҳо дар он зоҳир мешавад, ки танҳо бе якдигар вуҷуд дошта наметавонанд. Ин сабаби инкишоф аст. Тамоми таҳаввулоте, ки дар дунё мегузарад, ҳамин зиддиятҳоянд. Ин зиддиятҳо акнун чӣ гуна сурат мегиранд? Гегел қонуни дуюмро пешниҳод кард. «Қонуни баҳамгузариши миқдорӣ ба сифатӣ». Ҳамин зиддиятҳо сабаб мешаванд, ки тағйирот дар доираи миқдор

сурат гирад. Миқдор чист? Маҷмӯи тағйиротҳое, ки мо онҳоро бо ададҳои арифметикӣ чен мекунем. Масалан, ман будам 10 кило, шудам 20 кило. Инҳо дар доираи худи ҳамон сифати мавҷуда ҳастанд. Сифат чист? Маҷмӯи хосиятҳое, ки яклухтию ягонагии предмет, ашё, ҳодиса ё падидаро нигоҳ медоранд, сифат мебошанд. Ҳамин тағйиротҳоро, ки аз доираи миқдор берун шуданд, ҷаҳиш мегӯянд. Ҷаҳиш ҳолатест, ки сифати куҳна аз байн меравад ва сифати нав ба вуҷуд меояд. Натиҷаи инкишоф қонуни сеюм аст. Сифати куҳна аз байн рафт, ба вуҷуд омад сифати нав. Қонуни инкори инкор. Ин назарияи умумии дилектикаи Гегел буд. Маркс ҳаминро татбиқ кард дар ҷомеа. Фалсафа дар диалектикаи Гегел марҳилаи охири ба ҳадди худшиносӣ расидани ҳастӣ аст. Ин назарияи умумии ҳастишиносии Гегел аст. Маркс қисмати ибтидоии онро, ки метафизикӣ аст, куллан инкор мекунад. Ҷомеаи ибтидоӣ ин тезис аст, чунки он бесинф аст, аз назари ҷомеашиносии Маркс. Ҷомеаҳои феодалӣ, ғуломдорӣ ва капиталистӣ антитезис. Ҷомеаи сотсиалистӣ бармегардад ба ҳолати аввала дар шакли олии инкишоф. Бояд чиз барои инсон бошад. На инсон ба хотири капитал, балки капитал барои инсоният хизмат кунад, дар марҳилаи саотсиализме, ки Маркс баён мекунад. Маркс ҳамин се меъёрро дар ҷомеа татбиқ мекунад. Дар ҷомеи ибтидоӣ марҳилаи ба вуҷуд омадани оила, авлод ва қабила таҳаввулотҳои миқдорӣ мебошанд. Ба ҳам бархурд намудани авлоду қабилаҳои ҳолати инқилобӣ аст. Яъне, ин ҳамон ҷаҳиш аст, ки дар сатҳи модда мегузашт ва Маркс онро дар ҷомеа татбиқ мекунад. Меҳвари асоси дар ҷомеа аз назари Маркс иқтисодиёт аст.

**Комил Бекзода:** Фикри ман дар ин масъала он аст, ки назари диалектикии Гегел ҳам назарияи маҳдуд ва метафизикӣ буд. Назари иқтисодии Маркс ҳам маҳдуд буд. Диалектикаро ҳам бо назарияи маҳдуд татбиқ кард. Марксизм назарияи маҳдуди диалектикаи Гегел аст. Аслан решаи гап ин буд, ки ҳамин се қонуне, ки шумо гуфтед, ин ҳамон се ипостаси (таслиси; сегонаи) дини масеҳӣ буд. Гегел як марди диндор буд ва писархудову падархудову рӯҳи муқаддасро гирифта, аз ҳамон диалектика сохт. Дигар равшанфикрони Аврупо онро гирифтанду шарҳ доданд. Маркс онро гирифта дар ҳаёти иқтисодӣ татбиқ кард. Натиҷаи ҳардуяш бунбаст буд. Охирин андеша дар бораи он ки «Чаро назарияи Маркс мавқеи устувори худро аз даст дод?» он аст, ки фаҳмиши иқтисодиаш механикӣ буд ва омили асосӣ – *омили инсони*ро инкор карда буд. Ин сабаби асосии шикасти ҳам фалсафа ва ҳам сиёсати марксистӣ буд. Маҳз инсон аст, ки сиёсату фарҳангу иқтисодиётро тағйир медиҳад. На инкишофи механикии иқтисодиёт.

**Меҳр Собириён:** Яке аз сабабҳои асосии барҳам хурдани Шӯравӣ, фикр мекунам, солҳои 70-80- ум дар самаранокии иқтисодиёт ва ҳосилнокии меҳнат буд. Ин нишондиҳандаҳо дар Аврупо ду баробар аз Шӯравӣ баланд буд. Аз рӯи назарияи бехатарии вуҷудӣ, фикр намекунед, ки вақте Шӯравӣ бисёр масъалаҳоро ҳал кард, табобат ва таҳсилро ройгон кард, ин боиси танбалӣ ва бепарвоию бемасъулиятии мардум гардид, ки оқибат ба шикасти Шӯравӣ оварда расонд.

**Ҳафиз Бобоёров**: Хуб, аслан баҳсе, ки ба миён меорем, дар ҳамин атроф аст. Бевоста объекти баҳси мо Шӯравӣ нест. Объекти баҳси мо идеологияи Шӯравӣ аст. Чаро Шӯравӣ бо ин қадар қудрати сиёсию идеологӣ ва адолати иҷтимоие, ки дошт, барҳам хурд? Оё сабаб Марксизм буд ё таҳрифи он? Хулоса ба он наздик омад, ки Марксизм ҳамчун як идеология заминаҳои барғалат ҳам дошт. Пеш аз ҳама, як фалсафаро ба идеология табдил додан иштибоҳи маҳз аст. Дар ҳоле ки Марксизм яке аз пешқадамтарин фалсафаҳо буд ва ҳанӯз ҳам ҳаст. Мо дар баҳс ҳастем ва барои

мо зарур аст, ки дар бораи масъалаҳое гӯем, ки имрӯз ҳам актуалӣ ҳастанд. Пеш аз ҳама, масъалаи то чӣ андоза метафизикӣ будани Марксизм пеши назар меояд. Ин як масъалаи хеле ҷиддӣ аст. Дуюм, то чӣ андоза механикӣ будани Марксизм. Назари ман ин аст, ки механикӣ будани таълимоти иқтисодии Марксизм ба ҳамон консепсияи манфиати иқтисодӣ ва моликияти хусусӣ бармегардад. Метафизикӣ будани марксизм бармегардад ба се қонуни диалектикии инкишоф.

**Исомиддин Шарифов:** Магар ин се қонун метафизикианд? Далел чӣ аст?

**Ҳафиз Бобоёров**: Як далели метафизикӣ будани ҳам фалсафаи Гегел ва ҳам фалсафаи Маркс ба *консепсияи инкишоф* бармегардад. Гӯё ки инкишоф бидуни омили инсон вуҷуд дорад, ҳамчун як ҳаракати таърихӣ. Худи ҳамин қонуни универсалӣ таълимоти метафизикӣ аст. Ба кадом маъно? Гӯё қонунҳои умумие вуҷуд доранд, ки ҳам хоси табиат ҳастанд ва ҳам хоси инсон. Саволе ба миён меояд, ки ин қонунҳоро кӣ кашф кард? Ё ки кӣ ин қонунҳоро ҷорӣ кард? Ин боз бармегардад ба ҳамон таълимоти ратсионалистӣ, яъне як қувваи берун аз табиат вуҷуд дорад, ки қонунҳои ягона ҳам барои табиат ва ҳам барои инсониятро сохт.

Мо марксизмро нақд мекунем ва савол бармегардад ба 70 соли фалсафаи тоҷик. Худи ҳамин фалсафа чӣ буд? Дар заминаи чӣ пайдо шуда буд ва чаро ноком гардид?

**Ёрмаҳмад Ниёзӣ:** Дар замони Шӯравӣ ғайр аз мактаби Марксизм дар ҳалқаҳои Институти фалсафа боз кадом мактабҳо фаъол буданд?

**Комил Бекзода:** Ин ҷо гап дар бораи мактабҳо намерафт. Масалан, касоне, ки аз аспирантон дар Маскав мехонданд, ба Тоҷикистон меомаданд, медидем, ки назароташон аз мо фарқ мекунад. Вақте ки меомаданд, мо ҳамроҳашон як баҳона карда мерафтем хӯроки нимирӯзӣ ба Боғи марказӣ. Мо дар гирди онҳо ҷамъ мешудему онҳо нақл мекарданд. Ёдам ҳаст, ки дар бораи Иленков, файласуфе аз Маскав, суҳбат карда буданд. Вақте ӯ эълон медиҳад, худи одамон барои шунидани лексияи ӯ меоянд. Мо ҳис мекардем, ки мо он хел нестем. Мо дар ҳайрат шуда гӯш мекардем. Фикр мекардем, ки фалсафаи Москва аз ин ҷо фарқ мекунад. Мо насли аввал ин корро мекардем. Мо аввалин бор донистем, ки аз асарҳои чопшудаи Маркс, ҳоло 10 ҷилди дигараш дар архиви Германия маҳфуз аст. Ин як фарқияти фаласаи Москва ва Ленинград аз мо буд. Бубинед, онҳо аз фалсафаҳо, аз шахсиятҳо чи гуна истифода мекунанд.

Нафароне, ки ба хориҷа, махсусан, ба Аврупо мерафтанд, онҳо тамоман гапҳои дигар меоварданд. Онҳо мегуфтанд, ки Марксизм як ҷараёни иқтисодӣ аст. Равшанфикроне, ки ба Эрон, Сурия, Ироқ, Миср ва дигар давлатҳои Шарқ мерафтанд, дар бораи дини ислом чизҳои нав меоварданд. Он вақт Ваҳҳобияро ҳеҷ кас намедонист. Вақте онҳо он ҷо китобҳои нав хонда меомаданд, барои мо ҳайратовар буд. Ин чор падида нишон медиҳад, ки мо чи андоза дар замони Шӯравӣ ноогоҳ будем аз протсесҳое, ки дар ҷаҳон мегузашт.

**Ҳафиз Бобоёров:** Як саволи дигар дар ҳамин робита. То чи андозе фикр мекунед, ки худи ҳамин марксизм ба бунбаст ва муҳосира гирифтани Шӯравӣ аз боқии ҷаҳон саҳм дошт? Ё ин ки ҳеҷ рабте аслан ба фалсафаи марксистӣ надошт, ки ин андоза шаҳрвандони Шӯравӣ аз ҷаҳони беруна бехабар буданд?

**Комил Бекзода:** Ҳозир гуфтем, ки 10 ҷилди асарҳои Маркс тарҷума нашудаанд. Ман мегӯям, ки Марксизм дар ин минтақа мазлум буд, ки аз он сӯйистифода карданд. Агар Марксизм ба тарзи дуруст таҳлил шавад, ҳатман як ҷаҳонбинии солими иқтисодӣ мешавад ва ҷанбаҳои хуби иҷтимоӣ ҳам дорад. Гурӯҳҳои манфиатдор характери ин мардумро ба инобат

гирифтанду дар ҳамин шакли сиёсӣ Марксизмро татбиқ карданд.

**Ҳафиз Бобоёров:** Солҳои 30-40 дар Олмон мактаби Франкфурт ба миён омад, намояндагони он пайравони Марксизм буданд. Онҳо мегуфтанд, ки аз таълимоти Марксизм *нақди иҷтимоӣ ва фарҳангиро* гирифтаем. Мактаби дигаре, ки бисёр қавӣ мебошад, Неомарксизм аст. Ин мактабҳо ҳам тарафдор доранд ва ҳам мухолиф. Ҷаҳон ба дараҷае гуногун аст, ки мо бояд онро ба ҳамин шакл қабул кунем.

**Фирдавс Ниёзӣ:** Устод, шумо фақат дар хусуси 70 соли фалсафаи Шӯравӣ гуфтед. Ба фикри Шумо баъд аз соҳибистиқлол шудан дар Тоҷикистон самти фалсафа ба кадом тараф рафт?

**Комил Бекзода:** Ба ду самт рафт. Самти давлатиаш ба тақлиди ҳамон фалсафаи пешинаи маркисистӣ рафта истодааст. Самти дуюмаш самти дингароӣ. Ҳамон идеяҳои пештараи суннигароӣ, исмоилигароӣ, шиагароӣ, суфигароию эшонпарастӣ. Акнун инҳо зинда шуданд. Мо фалсафаи нав надорем. Ҳозир вазъият ҳамин хел аст ва ин ҷараёнҳо ҳамзамон ва параллел рафта истодаанд. Самти давлатии фалсафаи мо тақлиди пешина мебошад, ки мо дунявиаш мегӯем. Масалан, китобҳое, ки дар донишгоҳҳо чоп мекунанд. Вақте ин китобҳоро варақ мезанӣ, мебинӣ, ки ҳамон гапу методҳои пештара, масъалаҳо ҳамон тавре ки буд, ҳамон аст, фақат номашонро дигар кардаанд. Навигарӣ ҳамин ки дин ва равияҳои динӣ озод ва фаъол шуданд. Ҳам дар шакли маҳаллиаш ва ҳам дар шакли хориҷиаш.

**Ёрмаҳмад Ниёзӣ:** Ба ғайр аз ҳамон тақсимоте, ки Маркс нисбати ҷомае карда буд, боз дигар тақсимотҳо низ ҳастанд. Масалан, давраҳои кишоварзӣ, баъдисаноатӣ ва ҷомеаи иттилоотӣ.

**Комил Бекзода:** Ин давраҳо (форматсияҳо) як кӯшише буданд, барои наҷот додани илму дониш аз бунбастҳои диниву идеологӣ. Озодӣ аз империяи Худо ва сиёсатмадорони худойгуна!

**Ҳафиз Бобоёров:** Форматсиясозӣ боз як кӯшиши метафизикӣ сохтани таърих аст. Ба истилоҳ «ратсионализатсияи таърих» аст. Ба ин гуна тақсим кардани таърих як навъ динисозӣ ва ғайриинсонӣ сохтани инкишофи таърих ва аз ин масир берун андохтани иштироки фаъолонаи инсон аст. Чунки гуфта мешавад, қувваи бартаре чун Худо, Эволютсия ва ғайра вуҷуд дорад, ки таърих месозад, форматисяҳои ҷамъиятиро шакл медиҳанд.

Устод, шумо то андозае дар хусуси динӣ шудани фалсафа ҳам гуфтед. Донишманди бурунмарзии Эрон, Мақсуди Миршоҳӣ ахиран (29.10.2015) мусоҳибае дошт бо ҳафтаномаи «Тоҷикистон». Ӯ дар мусоҳибааш ишорае кард ба Ғаззолӣ, ки ҳатто донишмандони мо (тоҷик) бо ифтихор мегӯянд, ки мо Ғаззолиро дар Донишгоҳи тиббӣ дарс медиҳем ва тарғиб мекунем. Вай нақд кард, ки Ғаззолӣ нафаре буд, ки занро наҷис гуфт. Мо мушоҳида мекунем, ки дар муҳити фалсафии имрӯзаи мо Ғаззолӣ як ҷойгоҳи баландтар аз дигар шахсиятҳои таърихӣ дорад. Назари Шумо чӣ аст?. Ҳам ба назари Миршоҳӣ ва ҳам ба Ғаззолӣ ҳамчун як шахсияти таърихи пурпечутоби мо?

**Комил Бекзода:** Ман он мақоларо хондам. Пурра ба андешаҳои он мувофиқам. Назари куллии ман он аст, ки лофу газофе, ки дар бораи бузургии худ дорем дар соҳаи фалсафа, мо ҳеҷ як мақоме надоштаем баъд аз байн рафтани сохти сиёсии пешинаамон. Махсусан, баъд аз байн рафтани Сосониён. Аз ин ба баъд мо фақат мавқеи хушомаду маддоҳии фарҳанг ва фалсафаи бегонаро гирифтем. Масалан, баъди ислом мо ягон андешаи солими қавмию миллӣ надоштем. Каломи мо фақат тақлиди Юнон, фалсафаи машшоия сад дар сад тақлиди Юнон буд. Ҳамон эътирозҳои андак озодандешонае, ки ҳаст, ҳамон ҳам самараи мутолиа ва тарҷумаи мероси бостонии Юнон буд. Танҳо

эътирозҳои сиёсие, ки доштаем, дар либоси Маздакия ва Монавия буданд. Онҳо ҳам решаи амиқи фалсафӣ надоштанд. Чаро ки онҳо ҳам ба мероси фарҳангии пешинаи мо дастрасии воқеӣ надоштанд. Дар давраи Маздаку Монӣ забони авестоӣ аллакай аз байн рафта буд. Забони паҳлавӣ ба шакли пароканда вуҷуд дошт. Марказияти фарҳангиву фалсафӣ аз байн рафта буд. Мо фалсафаро аз даст дода будем. Ҳатто фалсафаи Ҷамшеду Зардушт, ки оғози фалсафаи ҷаҳонанд, камранг шуда буданд. Вақте маъхазҳои таърихиро мехонӣ, маълум мешавад, ки қавми мо хурофотпараст, хаёлпараст, шоҳпараст, қавмпараст, худпараст будааст, ки ҳамаи инҳо сабаби шикасти сиёсат, фарҳанг, маънавиёт ва дин будаанд. Чизе ки моро «аз по афтондааст», таассуб дар парастиши дини бегона ва ифтихороти сатҳии миллӣ мебошанд. Ҳоло он ки ин падидаҳои гузарандаанд. Решаи ин таассуботи бепоя шикасти сиёсии форситаборон буд.

**Ҳафиз Бобоёров:** Дар ин робита, мехостам дар хусуси *нақди фалсафӣ* ҳам суҳбат мекардем. Нақди фалсафӣ чӣ аст ва дар маҳдудаи кишвари мо чиро бояд дар бар гирад?

**Комил Бекзода:** Ягона чизе ки фалсафаро аз дин ва хурофот ҷудо мекунад, нақд аст. Нақд ҷавҳари фалсафа аст. Билфарзе, ки мо ба андешаи фалсафаи Ҷамшедӣ биёему зинда кардани инсон муяссар шавад, зиндагии абадии ҳар як фард бардавом тағйир ва таҳаввул меёбад. Зиндагии абадӣ бунбасти ҷисмӣ ва рӯҳӣ нест. Ҳатто дар масъалаи ҷавҳарии абадият ҳам. Дар абадият ҳам мо дар як ҷой намеистем ва абадият ҳам ҳар лаҳза такрор мешавад. Ҷисму рӯҳ ҳам бардавом тағйир меёбанд.

**Ҳафиз Бобоёров:** Хуб, то абадият мо бояд хеле нақд кунем, ки ба он расем. Кадом масъалаҳои муҳими фалсафӣ аст, ки онҳоро нақд кунем, то ба ҳадафи абадият наздиктар шавем? Нақди иҷтимоӣ аст, фарҳангӣ аст? Масалан, Фридрих Нитше "бознигарии арзишҳо"-ро пешниҳод мекунад, албатта на ба хотири ба абадият расидан, балки ба марҳилаи Абармард расидан. Ба назари шумо, муҳимтарин масъалаҳо чӣ аст, ки нақди фалсафӣ дар madди назар дошта бошад?

**Комил Бекзода:** Бознигарӣ бояд дар олами ислом низ амалӣ шавад. Нитше барои олами масеҳӣ кард. Вазифаашро иҷро кард, чунки ҳудуди огоҳиҳои вай аз мардуми Аврупо буд. Ӯ ва устодаш Шопенгауэр бо Шарқ робитаи танготанг доштанд. Аслан онҳо таваҷҷуҳ доштанд ба Шарқ. Дар олами ислом бояд як таҷдиди назар, чунон ки Нитше кард, карда шавад. Ин кӯшишро Муҳаммад Иқбол ҳам кард, аммо ба диди худ гӯё. Ӯ кард таҷдиди фикри худ, таҷдид андешаи фикрӣ дар ислом. Ин ҳамон тақлиди Ғаззолӣ буд. Тақлиди Ғаззолӣ дар асри имрӯз. Барои мо таҷдиде лозим аст, шабеҳи таҷдиди арзишҳои Нитше. Ин динҳо хати ҷавҳарӣ надоранд. Чи масеҳӣ, чи яҳудӣ, чи ислом ҳамааш як аст. Агар буддоӣ мебуд мегуфтем, ки «боз як фикр кардан» даркор аст. Табиати ин се дин як аст. Барои ҳамин нақди кардаи Нитше имрӯз ҳам коршоям аст. Лекин ин корро пеш аз мо устод Султон Наврӯзов карданд. Корро аз ҳамин нақди С. Наврӯзов сар кардан даркор аст, чунки барои таҳлили амиқи фалсафӣ дар Тоҷикистон заминаҳо нестанд. Гузашта аз ин, одаме нест, ки ин нақдро қабул кунаду онро гирифта амалан иҷро кунад. Огоҳиҳо он қадар сатҳӣ ҳастанд, ки ба шакли бовар накарданӣ. Агар касе ба ин масъала таваҷҷуҳ кунаду китобҳои устод С. Наврӯзовро хонад. Худатон мушоҳида кунед дар гирду атрофи худат, дар ҷойи корат, дар Институти фалсафа, дар институтҳои гуманитарӣ. Ман дӯстони зиёд дорам ва вақте онҳоро мебинам, дар ҳайрат меафтам, ки наход Шӯравӣ, ҳамин як давлати маркисистӣ, атеистӣ, илмӣ дар муддати 70 сол ҳамин

қадар ҷонканӣ кард, дар куҷо буданд инҳо? Нашуниданд ҳамин гапҳоро? Барои шӯхӣ чанд маротиба ҳамин саволҳоро дар маъракаҳои калон додам. Савол ин буд: Касоне ки ҳамин донишгоҳҳои олии ҷумҳуриро хатм кардаанд, хоҳишмандам, ки даст бардоранд. Баъд даст бардоштанд. Ҳамагӣ 3-4 нафар даст набардоштанд, аҳли дин буданд ва донишгоҳ нахонда буданд. Хуб гуфтам, акнун ман гапамро мегӯям. Ман медонам, касе дар давраи Шӯравӣ дар донишгоҳ хондааст, ҳатман курси «атеизми илмӣ»-ро гузаштааст. Акнун Шумо ба ман гӯед, ки чӣ хел ба Худо мусолиҳа кардаед? Барои он ки то Худоро инкор намекардӣ, аз фанни «Атеизми илмӣ» баҳои панҷ намегузоштанд. Ҳаминро ба ман гӯед, ки чӣ хел шуд, ки дар давраи Шӯравӣ Худоро инкор кардеду баъди Шӯравӣ чӣ хел шуд, ки суфӣ шудеду муллову муаззин? Онҳо фақат механдиданд. Ягонтояш ҷавоб надод ба саволи ман. Бубинед, мо чи андоза муфтхӯрем. Каллаҳоямон аз ғизои муфт зиндагӣ мекунад. Ҳатто дар соҳаи маънавиёт ҳам ғизои мо ғизои табиӣ, қавмӣ нест.

**Ҳафиз Бобоёров:** Як донишманди англис аст – Эдвард Эванс Питчард (1902-1973). Ӯ дар асри XX дар байни мардумони Африкаи Шимолӣ, аз он ҷумла нуерҳо ва арабҳои бодиягард таҳқиқот кардааст ва як китоб ҳам навиштааст, дар бораи муҳити иҷтимоии ҳамон минтақа ва гуфтааст, ки «ин мардуми паразити шутур ҳастанд». Ба тамоми маъноаш. Паразит ба маънои муфтхӯр аст. Яъне, ғизояшон аз ҳисоби шутур, либосашон аз ҳисоби шутур ва ҷойи хобашон аз ҳисоби шутур аст. Воситаи нақлиёт ва василаи корашон шутур аст. Ҳама чиз аз шутур аст. Боз савол медиҳад: Чаро? Чунки ин мардум аслан андеша намекунад, ки фаротар аз шутур раванд. Мисоле, ки Шумо овардед, ки мо дар сатҳи тафаккур ҳам муфтхӯр ҳастем, ба ҳамон монанд аст. Дар табиатшиносӣ мафҳуми “паразит” ба растаниҳо, ҳашарот ва ҳайвонот рабт дорад, вале агар инсон ҳам кӯшиш накунад, метавонад на фақат ба “бори дӯш”-и дигарон (ифодаи Муҳаммад Иқбол), балки ба паразити табиат ва ҳайвонот табдил ёбад.

# МАОРИФПАРВАРӢ ВА ҶАҲОНБИНИИ АЛТЕРНАТИВӢ



Комил БЕКЗОДА
номзади илмҳои фалсафа

**Бозгашти Ҷамшед**
(Мусоҳибаҳо)

**Муқаддима**

Донишмандон баъди ҳафт ҳазор сол Ҷамшед писари Вивангаҳони ориёиро дар озмоишгоҳи (Лаборатория)–и илмие дар минтақаи Тибет аз нав зинда карданд. Фарҳангиёни ҷаҳон: олимон, муҳаққиқон, муаррихон, рӯҳониён, сиёсатмадорон, равоншиносон,зистшиносон, физикдонон, кимиёдонон, табибон, ситорашиносон, файласуфон, донишҷӯён, устодон, коргарон, деҳқонон, муҳандисон, шоирон, нависандагон, ҳунармандон ва намояндагони ҳамаи табақаҳои ҷомеаи ҷаҳон ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир намуданд. Расонаҳои хабарии ҷаҳон аз роҳҳои гуногун бо Ҷамшед мусоҳибаҳо оростанд. Мо силсилае аз ин мусоҳибаҳоро ба хонандагони арҷманди маҷаллаи “Илм ва Ҷомеа” пешкаш менамоем.

**Мусоҳибаи якум**

**Густав Милз:** (Равоншинос аз Вена, Австрия ба воситаи интернет)

Дар бозгашти дубораи Шумо ба ҷаҳони зиндагон саҳми кадоме аз миллатҳо ва динҳо бештар аст?

<u>**Ҷамшед:**</u> (Ба воситаи интернет аз Тибети Ҳиндустон)

Маро намояндагони аҳли илму дониши башарӣ ба ин ҷаҳони зебо баргардонданд. Ҳафт ҳазор сол пеш кашмакашҳои дину миллату нажод маро ба оворагӣ ва ба марг маҳкум намуданд. Он замон андешаву сухани донишмандонро касе гӯш намекард. Мавзӯи доғи рӯз низои байни дину давлат, миллатҳо ва нажодҳо буд... Дину давлат ва нажод якатози майдони зиндагии башар буданд... Мутаассифона ҳоло ҳам вазъ то андозае чунин аст. Таҷрибаи ҳафтҳазорсолаи шахсии ман гувоҳӣ медиҳад, ки ҳамагуна дину мазҳаб ҷаҳонбиниҳои ноқисе ҳастанд. Чаро ки ҷавҳари онҳоро хурофот ва эътиқоди носанҷида ташкил медиҳад. Бо вуҷуди ин даъвои камол ва ҳақиқати мутлақ ҳам мекунанд. Дар сурате ки миллат ва нажод мафҳуми биологӣ буда, падидае (феномене) нисбӣ ва гузаранда аст. Нишонаи асосӣ ва ҷавҳарии дину миллатро таассуб ва ифрот ташкил мекунад. Дар замони мо чунин буд. Ҳатто ҳоло ҳам ба мушоҳида мерасад, ки қисматҳои бузурге аз ҷаҳони Шумо аз ин таассуботи динӣ ва нажодии нобихрадона ранҷ мебаранд...Маслиҳат он аст, ки башарият аз ин таҷрибаи талхи таърихӣ ибрат гирад, хулосае барорад ва аз ин ифротгароиҳои харобиовар ояндаи насли башарро наҷот бахшад. Бо як калима: **Аввал зиндагӣ аст ва баъди он донишу дин!**

**Мусоҳибаи дуюм**

**Вейшенг:** (Табиб ба воситаи интернет аз Чин)

–Бозгашти дубораи наслҳои инсонӣ чӣ зарурате дорад?

**Ҷамшед:** (Ба воситаи интернет аз Ҳимолой)

–Бозгарданд, то иштибоҳоти пешинаи худро ислоҳ намоянд!

<u>**Савол:**</u> Оё кафолате ҳаст, ки дигар иштибоҳ нахоҳанд кард?

**Ҷамшед:** Албатта, иштибоҳ мекунанд. Вале омодаанд ва метавонанд, ки иштибоҳоти навашонро ҳам ислоҳ кунанд. Чаро ки худи зиндагӣ силсилае аз иштибоҳҳои ислоҳшаванда аст. Одамон дар замонҳои қадим ин ҷуръату иродаи имрӯзаро надоштанд. Метарсиданд. Аз ислоҳи иштибоҳҳо метарсиданд. Ғурури одамӣ монеъ мешуд. Ба нодонӣ ва нотавонии худ эътироф кардан намехостанд. Аз ҳамзамонони худ шарм медоштанд. Дидаю дониста баъзан ин иштибоҳҳоро такрор мекарданд. Ва ин такрорҳо то ба асри XXI давом кард...

Бо гузашти асрҳо таҷрибаҳои таърихии одамон ба сатҳе расид, ки нисбат ба имкониятҳои амалии худ боварӣ ҳосил карданд. Шакку шубҳаҳо дар нисбати сустӣ, заифӣ ва нотавонии худ камранг шуданд...Ба худ эътимод пайдо карданд. Ва ба тақдири худ ба муқобала бархостанд. Ва ба сӯи офтоби ҳақиқат бо ду чашми бедор нигаристанд. Бале, нигаристанд. Пас, одамӣ чи манзараеро дар пеши чашми худ дид? Инсони асри XXI дид, ки ҳамаи олами вуҷуд аз они худаш аст. Монанди худаш. Ҳеҷ бегонагие вуҷуд надорад. Ҳеҷ душмании ошкоро ва барқасдонае вуҷуд надорад. Хеле ва хеле ба ҷисму сиришти одамӣ наздик аст. Аз дарун ва берун рақобати хасмонае вуҷуд надорад. Ҳарчи ҳаст, худи онҳо ҳастанд: одамон ва ашёҳои табиат; одамон ва ҷаҳон; одамон ва Кайҳон; одамон ва ҷомеа; одамон ва миллатҳо; одамон ва дину мазҳабҳо; одамон ва сохтҳои гуногуни сиёсӣ; одамон ва зулму нобаробарӣ; одамон ва ҷангу ҷидолҳои сиёсӣ, динӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ...

Барои бехатарӣ ва амнияти фардӣ ва ҳамагонии инсонҳо ин зарурат пеш омадааст, ки ин падидаҳои ғайри инсониро ба таври дақиқ ва амиқ бишносанд. То дӯстро аз душман фарқ кунанд. Ин зарурат аз ҷониби инсонҳо ҳамеша ва дар ҳама давру замон эҳсос мешуд. Ва ҳоло ҳам эҳсос мешавад. Пас, бояд ин мушкилотро ҳал намуд ва ба зиндагии инсонии худ маъно бахшид. Маънои зиндагӣ ва инсонӣ. Зиндагии инсонӣ ва огоҳона. На ба сурати бебанду бори ҳайвонӣ ва на ба шакли бе ақлу шуури кайҳонӣ...Чизе байни ҳайвон ва Кайҳон. Сазовори Инсон. Инсони хирадманд. Огоҳ. Ошиқ. Ҳадафманд. Оянданигар. Масъул. Ҷаҳондӯст. Хушбин. Озод. Равшанзамир. Дарёдил...

Инро ҳам бояд донист, ки ҳайвон ҳам мисли мо ҷисми зинда аст, вале мутаассифона, бедор ва огоҳ нест. Бечора ва нотавон аст. Сазовори шафқат ва меҳрубонӣ мебошад. Аммо Кайҳон масъалаи дигар аст...Бо вуҷуди ин бузургӣ ва азамат аз ҳайвон ва олами ҳайвонот ҳам бечоратар аст...На ақл дораду на эҳсос...На шеъру на таронае бар лаб. Саропо ҷирму ҷисму унсуру пайвастагиҳои химиявӣ ва физикӣ...Гармӣ, сардӣ, ҳаракат, кашиш, суръат, таҳаввул, вазн, рӯшноӣ, торикӣ, садо, ҷунбиш, ҷозиба, тағйир...ва ҳазорҳо вазъу ҳолатҳои дигар, ки аз шумор берунанд...

Ҳамзамон бояд афзуд ва ин ҳақиқатҳои одиро гуфт, ки Кайҳон ҳамеша ва абадулобод дар ҳаракат ва тағйир аст. Вобаста ва пойбанди таносуби аҷром ва аҷсоми моддӣ мебошад. Ҷирмҳо ва ҷисмҳои моддӣ. Ин ҳаракатҳо ва таҳаввулоти бардавоми Кайҳон якнавохт нест. Ҳазорҳо шаклу намуд доранд. Решаи вуҷудии (экзистенсиалии) ин ҳазорҳо шаклу намудҳо дар чист? Реша дар он аст, ки элементҳои ҷирмҳои кайҳонӣ ҳамеша дар таҳаввул ва тағйир мебошанд. Ва бардавом нав ва таҷдид мешаванд. Омил ё омилҳои навшавии ин шаклҳо дар чист? Ҷавоби мо ин аст, ки як ҳодиса, як ҷисм, як пайвастагӣ, як падида (феномен), як ташкила, як чиз, як маҷмӯа дар раванди худ аз як бор бештар такрор намешавад. Чаро? Як ҳодиса то давраи дуюми такрори худ ҳайат ва таркиби унсурӣ ва элементии худро дигар мекунад. Аз нав мекунад. Тағйир медиҳад. Ҳамаи элементҳо дар мавридҳои дуюм, сеюм, чорум ва

беохири такрор сохти таркибии худро тағйир медиҳанд. Ба тарзи нав таркиб мешаванд. Сохти дигар ба худ мегиранд. Ҳар элементи аз нав пайдо шуда, сабаб мешавад, ки робита ва таносуби элементҳои ҳодисаи (падидаи) пешинаро тағйир диҳад. Ва ин тағйироти бардавом, элементҳои нав ба навро ба вуҷуд оварда, ҳайат ва сохти таркибии онҳоро дигаргун месозад. Чаро ки пайдоиши элементҳои нав ба нав ва таносубҳои гуногун аввалу охир надоранд. Зеро ки дар доираи вақту фазо маҳдуд нестанд. Натиҷаи ин таркибҳои нав аст, ки ба пайдоиши пайвастагиҳои гуногуни кимиёӣ ва физикӣ бурда мерасонад. Элементҳои нав пайдо мешаванд. Барои мисол бояд гуфт, ки элементҳои системаи даврии Дмитрий Иванович Менделеев (1834–1907) танҳо муште аз хирвор аст. Як намунае ҳастанд барои Замин ва Ҷаҳони мо. Барои Галактикаи мо. Дар сурате ки Олами Вуҷуд дорои миллионҳо ва миллиардҳо системаҳои гуногуни галактикӣ мебошад. Адади ин Галактикаҳо дар Кайҳон ҳисобу китоб надорад. Ва аз ин гузашта, ададу миқдори онҳо ҳамеша дар афзоиш аст.Чаро ки дарёи таҳаввули Коинот ҳар лаҳза ба таври куллӣ ҳамаи унсурҳои физикӣ ва химикии...Олами Вуҷудро дар ҳолати омодабоши доимӣ ва абадӣ нигоҳ медорад. Унсурҳои ин Кайҳони нопайдоканор ва беохир оромиш, сукун ва "нирвона"–ро намедонанд. Нирвонаи онҳо ҳаракат, таҳаввул ва тағйири бардавом ва абадӣ мебошад.

"Оромиш" ва "сукун" истилоҳоти ихтироъкардаи мо одамон аст. Чун мо аз тарси таҳаввул ва тағйирот рӯ ба сукун ва оромиш овардаем. Зеро ки ба таҳаввули олами атроф зӯрамон нарасид. Амалан коре аз дастамон наомад. Рӯ ба хаёл ва фантазия овардем. Биҳишти роҳату оромии абадӣ ва ҷовидонаро ихтироъ намудем. Ин ҳам бо худии худ як худфиребии огоҳона буд. Шояд ғайри иродӣ ва ноогоҳона ҳам буда бошад. Ҳоло муҳим нест. Воқеият ин аст, ки мо аз ҳақиқати ҳоли худ ба ваҳшат афтодем. Тарсидем. Ба таҳриф ва каҷнамоии воқеият иқдом намудем. Хурофот офаридем. Гӯё кори худро сабук намуда бошем. Вале чунин набуд ва нест. Ҳарчи кардем гурез ва фирор аз мушкилоти воқеии худи худамон буд. Бо як калима: аз худ фирор кардем. Ва то ҳол дар ин вазъу ҳолати гурез қарор дорем. Бо ин иқдомҳои худфиребона гӯё ба оромиш ва роҳати рӯҳӣ ва ҷисмонӣ расидаем. Вале баъдҳо дарк кардем, ки воқеияти зиндагии мо дар ҷаҳон чунин нест. Баръакс, ҷаҳон дар ҳаракат аст. Орому қарор надорад. Замине ки мо рӯи он зиндагӣ дорем, дар як сония 29 километр ҳаракат мекунад. Ҳар сония, ҳар дақиқа, ҳар соат, ҳар рӯз ва ҳар сол мо дар рӯ ба рӯи таҳдид қарор дорем. Таҳдид аз ҳодисоти Замини худ: заминҷунбӣ, обхезӣ, тӯфон, беморӣ, қаҳтӣ, гармӣ, сармо, хушксолӣ,...Таҳдид аз ҷирмҳои кайҳонӣ: бархурди сайёраҳо ба ҳам ва ба Замини мо, бархурди кометаҳо, ҷирмҳои парвозкунанда дар фазои кайҳонӣ, аз мадори худ ба бероҳа рафтани Замин, Моҳ ва Офтоби Галактикаи мо ва садҳо хатарҳои эҳтимолии дигар...

Ва то имрӯз ки имрӯз аст, чораҳои андешидаи мо дар муқобили ин хатарҳои эҳтимолӣ (дар ҳақиқат воқеӣ) танҳо ва танҳо гурез, таҳриф, худфиребӣ ва садҳо надонамкориҳои дигар асту бас. Аммо воситаҳо ва образҳое, ки мо барои дафъи ин хатарҳо ихтироъ намудаем, аз инҳо иборатанд: худфиребӣ, ғафлат, тасалло, таваккал, умедворӣ, хаёлпарварӣ, хурофот, дин, устура, афсона, биҳишт, дӯзах, ҳур, фаришта, нафс, ҷон, рӯҳ, абадият, ҷовидонагӣ...Чӣ ихтирои бузурге! Вале мутаассифона, ҳамаи ин образҳо ва василаҳо ба куллӣ хаёлӣ ва фантастикӣ мебошанд... ҳамин ки шахси хаёлпараст аз байн рафт, ин хаёлот ҳам аз байн мераванд... Гӯё касе буд ва ҳоло касе вуҷуд надорад... Сифр баробари сифр... Хаёл баробари хаёл... Нестӣ баробари нестӣ... Фаромӯшӣ баробари фаромӯшӣ.

Боқӣ, саҳрои олами вуҷуд бо худии худаш... Тани танҳо...

Вале воқеият чунин нест. Ва чунин тарзи фаҳмишро низ қабул надорад. Воқеият мушаххас ва конкрет аст. Симо ва сурати дақиқи худро дорад. Ва дар ҳеҷ сурат вобастаи вуҷуди мо набуд ва ҳоло ҳам нест...

Ин моем, ки ба шинохти ростини воқеият эҳтиёҷ дорем. Зеро ки ин воқеият моро таҳдид мекунад. Вуҷуди шахсӣ ва ҳамагонии мо одамон дар рӯ ба рӯи ин хатар қарор дорад. Пас, мо бояд ба шинохти дақиқи он рӯй оварем. Ин шинохт кафолати вуҷуди огоҳонаи моро дар саҳнаи зиндагӣ ва ҷаҳон таъмин хоҳад кард.



Нуриддин
ШАҲОБИДДИНОВ
доктори фалсафа
(PhD)

**Инсон ва иродаи озод дар «Авасто»**

Чӣ гуна мақомро инсон дар «*Авасто»* ва таълимоти Зардушт доро мебошад? Чӣ гуна алоқамандӣ миёни Аҳурамаздо ва инсон вуҷуд дорад? Чи гуна мавқеero инсон дар фаҳмиши куллии дуализм ишғол менамояд? Дар идома мекӯшем ба ин масъалаҳо равшанӣ андозем.

Бо вуҷуди он ки дар «*Авасто»* консепсияи алоҳида ва мушаххасе дар бораи инсон вуҷуд надорад, аммо онро метавон масъалаи асосӣ дар ин асар донист. Маънии аксари мафҳумҳои дигари асосии «*Авасто»* дар муносибат бо масъалаи инсон равшан мегардад. Офаридани инсон аз ҷониби Аҳурамаздо масъалаи аввалиндараҷаи «*Авасто»* нест. Табиат ҳамчун офаридаи Аҳурамаздо таҷассум мeёбад ва ба худ симои динӣ мегирад ва ҳамингуна инсон низ аз офаридаи Аҳурамаздо мебошад[72]. Навъҳои гуногуни ҳастӣ аз қабили оташ, ҳайвон, металл, замин, об, растанӣ ва ғайра дорои зиддият нестанд. Аммо масъалаи инсон нисбат ба ин навъҳои ҳастӣ фарқ мекунад ва дар вуҷуди ӯ як навъ дуализм ҳукмрон аст. Аҳурамаздо инсонро ба он хотир офарид, ки дар набард бар зидди Аҳриман бар ӯ кумак кунад. Аҳурамаздо аз як ҷониб дар баробари Аҳриман ва аз дигар ҷониб дар баробари тақдири инсон дорои қудрати мутлақ намебошад. Инсон дар андеша, рафтор ва гуфтори худ озод мебошад. Ӯ дар андеша, рафтор ва гуфтори худ метавонад аз Аҳурамаздо ва ё аз Аҳриман пайравӣ кунад, ки ин интихоби шахсӣ ашаванд ва ё дурӯғванд будани ӯро маълум менамояд. Вақте ки инсон дар андеша, гуфтор ва рафтори худ аз Аша пайравӣ мекунад ва бо роҳи нек меравад, он гоҳ Аҳурамаздо дӯст, бародар ва ҳатто падари ӯ мешавад (Ясно. 45/11).

Дар муносибат бо таълимоти ахлоқӣ ва дуализм мо баъзе феноменҳои маънавиро аллакай таҳлил намудем ва дар идома мо ду феномени дигар: *даена* ва *иродаи озодро* мавриди таҳлил қарор медиҳем.

Имрӯз дар илми ховаршиносии Ғарб ду намуди тафсири мафҳуми *даена,* ки аз ҳам фарқ мекунанд, вуҷуд дорад. Ломмел онро ҳамчун «Geistiges Urwesen» (моҳияти маънавӣ), «Geistige Persönlichkeit» (шахсияти маънавӣ) ва ё «Geistige Individualität» (фардияти маънавӣ) тарҷума мекунад[73]. Ҳамчунин ӯ мафҳуми *даенаро* аз дигар мафҳумҳо ба мисли *рӯҳ* ва *фравашӣ*, ки бо он маънии якхела доранд, фарқ месозад. Ба ақидаи ӯ *даена,*барои шинохтани мафҳумҳои рӯҳ ва ҷон накши асосӣ мебозад, аммо

[72] Дар «*Авасто»* масъалаи офариниши инсон аз ҷониби Аҳурамаздо ба тариқи умумӣ нишон дода шудааст. Аммо дар асотири бостонӣ ва таълимотҳои табиатгароёна табиат чун омили пайдоиши инсон нишон дода шудааст. Ин ҷо метавон ду нуқтаи назар дар ин мавридро зикр намуд:
а. Инсон аз об ба вуҷуд омадааст. Ҳангоми шарҳ додани масъалаи об аллакай мо ин нуктаро зикр карда будем, ки инсон, чун Микрокосмос ва ҷаҳон, чун Макрокосмос, сарчашмаи ягона доранд. Виденгрен яке аз порчаҳои *Бундаҳишн* дар ин бораро овардааст: «Дар дин омадааст: ҷисми инсон айнан мисли ҷаҳони воқеӣ мебошад., Чун ҷаҳон аз як қатраи об ба вуҷуд омадааст, онгуна ки омадааст: “ин офариниш дар оғоз тамоман мисли як қатраи об буд. Инсон низ аз як қатраи об пайдо шудааст.,» Виденгрен, «*Ҷаҳонбинии эронӣ»*, С. 50.
б. Мувофиқи биниши дуюм, аввалин ҷуфти инсонӣ аз растанӣ ба вуҷуд омадаанд. Аввалин инсон Гаёмард (Гайамаретан: «зиндагии миранда», ё «ҳаёти инсонӣ»), аз ҷониби Аҳриман нобуд карда мешавад. Аз тухми он як растанӣ мерӯяд ва аз ин растани аввалин ҷуфти инсонӣ. Ниг. Ломмел, «*Дини Зардуштия»,* С. 131
[73] Ҳамон ҷо. Саҳ. 149

ҳамчун мафҳуми равонӣ он бештар танҳо маънии терминологиро иҷро мекунад[74]

Виденгрен *даенаро* мафҳуми бунёдӣ дар Ҳодот-Наск, яке аз қисматҳои «*Авасто*», медонад[75]. Вобаста ба он даенаи инсон низ ба мисли рӯҳи ӯ як унсури намирандаи инсон мебошад. Пас аз марги инсон онҳо якдигарро дармеёбанд. Ҳодот Наск ягона қисмати «*Авасто*» аст, ки дар он даена нисбати дигар мафҳумҳо асоситар ба назар мерасад. Ҳамчунин дар ҳамин ҷо калимаи рӯҳ бештар ба назар мерасад. Бо вуҷуди он ки рӯҳ нисбат ба даена аҳамияти бештареро соҳиб мебошад, даена низ ҳамчун «шахсияти маънавӣ»-и инсон қаламдод мегардад. Ӯ менависад: «Ин мафҳум дақиқан шахсияти маънавии инсонро ифода мекунад, ки бештар ифодакунандаи маънии рӯҳ нисбат ба ҷонро дорад»[76]. Ӯ бештар ба алоқамандии миёни даена ва ҷон таваҷҷуҳ менамояд ва чунин натиҷа мегирад, ки маҳз ҳар ду мафҳум дар якҷоягӣ «Ман»-и инсонро ташкил мекунанд ва дар як вақт аз ҳамдигар вобаста мебошанд[77].

Аз сабаби он ки даенаи инсон бо маъниҳои Амшоспандон наздикӣ дорад, Келленс онро ҳамчун Амшоспандон мешиносад.[78] Ба ақидаи ӯ даена ин танҳо як қисмати рӯҳи инсон аст, ки рӯҳи ҷисмонии ӯро бо рӯҳи ҷаҳони пайваст мегардонад: «Даена ин қисмати ҳаракаткунандаи рӯҳи инсон аст, ки алоқаи миёни *Урвуан*, яъне рӯҳи ҷисмонии инсон, ки пас аз марг озод мешавад ва *фравашӣ*, яъне рӯҳи осмониро, таъмин мекунад ва пас аз марг онҳо бо ҳам пайваст мешаванд »[79].

Вобаста ба пажӯҳишҳои зикргардида дар бораи *даена* метавон чунин натиҷагирӣ намуд: Инсон аз унсурҳои маънавӣ ва ҷисмонӣ иборат аст, ки аз ҳамдигар сахт вобастагӣ доранд. Тан унсури ҷисмонии инсон мебошад. Ба унсури маънавии он: рӯҳ, фравашӣ ва даена дохил мешаванд. Аммо миёни худи унсурҳои маънавии инсон алоқамандии мураккаб вуҷуд дорад. Моҳияти даена дар асоси шарҳдиҳии алоқамандии он бо мафҳумҳои рӯҳ ва фравашӣ муайян карда мешавад.

Бо вуҷуди он ки шабоҳати бисёр наздики маноӣ миёни даена ва рӯҳ вуҷуд дорад, набояд ҳар дуи онҳо ҳамчун ҳаммаъно дониста шавад. Даена як мафҳуми амиқтар нисбат ба мафҳуми равон мебошад ва равон худ аз даена вобастагӣ дорад. Хамчунин, даена як шакли комилро доро намебошад, балки он дар раванди зиндагии инсон тавассути андеша, гуфтор ва амали ӯ комил мегардад. Даена доир ба равон огоҳӣ дорад, аммо он чиз равшан нест, ки чи чизе дар паси он меистад ва он аз чи омиле вобаста мебошад. Баръакси равон даена ба идеалҳои ахлоқӣ ва зебошиносии Зардуштия мувофиқат мекунад. Масалан, пас аз марг равони инсони Ашаванд дар симои духтари зебо зуҳур мекунад ва ин манзара дар «*Авасто*» чунин тасвир шудааст:

Дини вай ба пайкари душизае бар ӯ намоён мешавад: Душизае зебо, дурахшон, сапедбозу, неруманд, хушчеҳра, бурзманд, бо пистонҳои баромада, некутан, озодаву нажода, ки понздаҳсола менамояд ва пайкараш ҳамчанди ҳамаи зеботарин офаридагони зебост.

*“Онгоҳ равони ашаванмард рӯй ба-д-ӯ кунад ва аз вай бипурсад: Кистӣ, эй душизаи ҷавон! Эй хушандомтарин душизае, ки ман дидаам! Пас он гоҳ Дини вай бад-ӯ посух диҳад:*

*Эй ҷавонмарди некандеш, некгуфтор, неккирдор ва некдин!*

*Ман дини туам“* [80]

---

[74] Ҳамон ҷо., Саҳ. 156
[75] Виденгрен, «Ҷаҳонбинии эронӣ», Саҳ.169
[76] Ҳамон ҷо
[77] Ҳамон ҷо
[78] Келленс «Мақолаҳо дар бораи Зардушт ва Зардуштия». Саҳ. 50- 60
[79] Ҳамон ҷо. Саҳ. 74

[80] Муқ. кунед, “*Авасто*”.Ҳодухт-Наск, Фаргарди дувум 9-11, Саҳ.346

Миёни даена ва фравашӣ низ фарқият вуҷуд дорад. Фравашӣ пеш аз ҳама рӯҳи осмониро дар худ ифода мекунад, ки ҳамаи мавҷудоти моддӣ ва маънавӣ, аз ҷумла худи Аҳурамаздо онро доро мебошанд. Даена бошад як унсури маънавии инсон аст, ки дар раванди ҳаёти инсон худро комил месозад ва ҳеҷ нисбате бо мавҷудоти дигар надорад. Фравашӣ ба зиндагии заминӣ таъсир дорад, аммо Даена дар ҷаҳони маънавӣ боқӣ мемонад ва таъсири бевоситаи он мушоҳида намешавад.

Фарқияти миёни даена ва фравашӣ ҳамчунин дар муносибат бо хусусиятҳои зебошиносии онҳо низ равшан мегардад. Ҳарду низ дорои хусусиятҳои зебошиносӣ ҳастанд, ки дар як вақт аз ҳам фарқ мекунанд. Масалан, даена дорои хусусиятҳои занона мебошад ва инро аллакай мо дар иқтибоси боло нишон додем. Фравашӣ бошад, дорои хусусиётҳи мардона.[81] Дар пажӯҳишҳо эҳтимол зада мешавад, ки даена ва фравашӣ мафҳумҳое мебошанд, ки дар замонҳои гуногун арзи ҳастӣ кардаанд. Аз ҷумла, Ломмел ақида дорад, ки даена дар Готҳо меояд, фравашӣ бошад, дар "Авастои ҷавон":

*"Онгуна ки аллакай зикр гардид даена асосан дар Готҳо меояд, ки дар он ҷо калимаи фравашӣ анқариб дучор намеояд. Ҳадс бар он аст, ки мафҳум ва калимаи фравашӣ ё пас аз зардуштӣ мебошанд ва ё [...] аз бовариҳои мардумӣ ба дини "Авастои ҷавон" ва зардуштияи баъдина ворид гардидааст"* [82].

Чунон менамояд, ки даена асоси мафҳумҳои дигарро ба вуҷуд меоварад ва бо онҳо дар алоқамандӣ қарор мегирад. Мафҳумҳои дигар бошанд, танҳо дар асоси муносибаташон бо даена муайян карда мешаванд. Миёни ин мафҳумҳо ва даена алоқаи дуҷониба вуҷуд дорад, ки ба камолоти онҳо мусоидат менамояд.

Ин мисолро мо дар асоси муносибати миёни даена ва андеша дигарбора асоснок месозем. Дар «*Авасто*» омадааст: *«Он кас, ки нек меандешад ё бад, бегумон дину гуфтору кирдори худро низ (чунон хоҳад кард) ва хоҳиши ӯ пайрави гузиниши озодонаи вай хоҳад буд»(*Ясно 48, 4).

Мафҳуми даена дар «*Авасто*» дар тариқҳои гуногун истифода шудааст ва пеш аз ҳама он як хусусияти вуҷудӣ дорад ва тамоми моҳияти инсон ва зиндагиро дар ҷаҳон таҷассум менамояд. Ин моҳият метавонад некбинона ва созанда бошад ва ё баръакс ноумедкунанда ва харобкор. Мафҳуми андеша бошад бо мафҳумҳои *тасаввурот* ва *боварӣ* наздикӣ дорад ва он як мафҳуми озод ва новобаста набуда, балки аз даенаи инсон вобастагӣ дорад. Даена бошад, бо дигар мафҳумҳо дар алоқамандӣ қарор дорад. Мо инро дар муносибати миёни даена ва равон боз ҳам равшантар тавзеҳ медиҳем. Дар «*Авасто*» оварда шудааст:

«*Дӯстдоштанӣ будам, ту маро дӯстдоштанитар кардӣ.*

*Зебо будам, ту маро зеботар кардӣ.*

*Дилписанд будам, ту маро дилписандтар кардӣ.*

*Баландпойгоҳтар будам, ту маро баландпойгоҳтар кардӣ» (Ходухт- Наск 14).*

Дар Готҳо Даена дар ҳамбастагӣ бо ҷисм чунин зуҳур мекунад:

*«Он гоҳ ки ту дар оғоз тану дини маро биофаридӣ ва аз маниши хеш моро хирад бахшидӣ, он гоҳ ки ҷони моро тан падид овардӣ, он гоҳ ки моро неруи корварзӣ ва гуфтори роҳнамоарзонӣ доштӣ (аз мо хостӣ, ки) ҳар касс бовари хешро ба озодкомӣ бипазирад» (Ясно 31,11).*

Дуализми миёни тан ва даена хусусияти зиддиятнок надорад. Баръакс онҳо дар робитаи дуҷонибаи худ моҳияти инсон ва зиндагиро ифода мекунанд: ҷисми солим ва даенаи солим моҳияти ашаванро ба вуҷуд

---

[81] Муқ. кунед. «*Авасто*».Фарвардиняшт. Саҳ. 284 ба баъд
[82] Муқ. кунед. Ломмел Зардуштия, Саҳ. 151

меоваранд ва баръакси он даенаи носолим ва ҷисми носолим моҳияти дурӯғвандро ба вуҷуд меоваранд. Як ҷисми носолим ҳатман аз даенаи носолим бархурдор мебошад. Як ҷисми солим бидуни даенаи солим бемаънӣ мебошад. Инсонҳои дорои ҷисми носолим инсонҳои зери таъсири Аҳриман мебошанд.

Ба ғайр аз ин муносибати миёни даена ва ҳар ду мену ҳамчунин масъалае, ки офарандаи ӯ ба ҳисоб меравад, қобили баҳс мебошад. Оё даенаро Аҳурамаздо офаридааст ва ё он тадриҷан худро шакл додаст? Дар «*Авасто*» порчаҳое ҳастанд, ки дар асоси онҳо метавон даенаро як мафҳуми фаталистӣ бишносем. Масалан, «Аммо агар он марди тавоно ӯро напазирад, худ ошкоро ба дурвандон хоҳад пайваст, зеро аз ҳамон оғоз, ки Аҳура динро офарид, некхоҳи дурванд, худ дурванд аст ва ашаван касест, ки дӯсти ашаван бошад.»[83] Дар зимни он Аҳурамаздо худ аллакай пешакӣ пайравони Ашаро аз пайравони Дурӯғ ҷудо кардааст, яъне пайравони ин ду тамоил новобаста аз худашон муайян шудааст. Аммо қабули чунин ақида бо асли биниши Зардушт мувофиқат намекунад, зеро дар ин ҷо инсон мухтор аст ва ҳатто Аҳурамаздо наметавонад бар интихоби ӯ таъсир расонад. Ба ин хотир мебояд мафҳумҳои ашаванд ва дурӯғванд дигарбора ва дар асоси тасаввуроти умумии Зардушт мавриди баррасӣ қарор гиранд. Дар Готҳо арзишҳои ахлоқӣ ва иҷтимоӣ, ки хоси ашавандон ва дурӯғвандон ҳастанд, матраҳ нагардидаанд. Ягона маҳаке, ки дар ин ҷо матраҳ аст, ин пайравӣ аз оини Зардушт ва Аҳурамаздо мебошад. Дар Ҳодухт-Наск (13) он ҳамчун фаҳмиши деструктивии эътиқодмандони дигар нишон дода шудааст: масалан, парастиши худоёни дигар ва ё нобуд сохтани дарахтон ва растаниҳо. Ин амалҳо мавриди парастиши Ашавандон қарор намегирад. Азбаски Зардуштия дар оғоз як таълимоти нисбатан ҷавон буд, нахуст пайравони ниҳоят кам дошт. Ва пайравони оинҳои дигар тадриҷан ба таълимоти мазкур мегаравиданд. Аз ин рӯ, ҳам даена ва ҳам ашаванд ва дурӯғванд дар аввал ба тариқи фаталистӣ фаҳмида намешуд ва инсон аз озодии интихоб бархурдор буд.

Таҳлили масъалаи зиддияти ин ду мену дар вуҷуди инсон нишон медиҳад, ки он дорои сарчашмаи фарозаминӣ набуда, балки маҷмӯаи сифатҳои ҷисмонӣ ва маънавии инсон мебошад. Даена низ яке аз ин омилҳо мебошад. Дар ин маврид омадааст: *«На маниш, на омӯзиш, на хирад, на бовар, на гуфтор, на кирдор, на дин ва на равони мо ду мену бо ҳам созгоранд»* (Ясно 45,2). Калимаи «розӣ» нишон медиҳад, ки омилҳои алоҳида баёнгари он нестанд, ки инсон фақат аз як мину иборат аст. Инсон дар худ ҳар ду минуро доро мебошад, ӯ дар худ танҳо моҳияти якеро ифода намекунад, балки ҳамеша бар онҳо чира мегардад. Бо вуҷуди он ки Даена як моҳияти маънавӣ мебошад, он бо ҳамаи омилҳои дигар дар алоқамандӣ қарор дорад.

Мафҳуми даена дар худ идеалҳои ахлоқӣ ва зебоишиносии Зардуштияро ифода мекунад ва дар мавриди мазкур он барои шинохти ахлоқи таълимоти мазкур ба мо кӯмак мекунад. Дар биниши эронӣ як айнияте миёни *хубӣ* ва *зебоӣ* ва дар айни вақт миёни *бадӣ* ва *зиштӣ* мавҷуд аст. Зебоӣ ва хубӣ офаранда мебошанд ва биниши некбинона дар муносибат ба зиндагиро дар худ ифода мекунанд, баръакси он бадӣ ва зиштӣ дорои хусусияти вайронгар мебошанд. Маҳз аз ин замина даенаи ашаванд пас аз марг дар симои духтари зебо ва даенаи дурӯғванд пас аз марг дар симои зани бад зуҳур мекунанд (Хадухт-Наск 3).

Дар «*Авасто»* ва умуман фарҳанги Эрони Бостон инсон аз иродаи озод бархурдор аст. Инсон дорои гузаштаи фарозаминӣ нест, балки он идомаи таҳаввули табиат мебошад ва табиати инсонро кӯшише аз ноогоҳӣ ба сӯи огоҳӣ ва

[83] Ниг. “*Авасто*”, Ясна, Ҳоти 46/6, Саҳ. 84

ё аз торикӣ ба сӯи нур ташкил медиҳад. Ҷисм ва нафси инсон дар худ моҳияти инсонро ифода намекарданд, зеро дар ин сурат он бо ҳайвон қобили муқоиса буд. Маънии инсониятро дар ин ҷо як таҳаввули маънавӣ ташкил медиҳад. Метавон мушоҳида кард, ки арзишҳои ахлоқии таълимоти мазкур нисбат ба арзишҳои фаротабиии он қавитар мебошанд. Мафҳуми дин дар «*Авасто»* робитаи қавие бо мафҳумҳои шинохт ва андеша дорад. Инҳо низ дорои хусусияти фардӣ мебошанд. Вазифаи дин ин раҳо сохтани инсон аз ноогоҳӣ ва зулмат буд ва аз ин рӯ он хусусияти фардӣ ва вуҷудӣ дорад.

Мо метавонем мафҳуми озодии андеша дар «*Авасто»*-ро аз ду дидгоҳ мавриди шинохт қарор диҳем: якум ҳамчун хусусияти фарҳангӣ ва дуюм ҳамчун арзиши маънавӣ, ки тавассути огоҳӣ зуҳур мекунад. Як ирода ва андешаи озод дар ҳоли мавҷуд будани зиддияти миёни ду қувваи бо ҳам зид дар вуҷуди инсон ногузир мебошад. Зеро он асоси новобастагии тақдири инсон аз Худо ва ҳамчунин моҳияти ин зиддият мебошад.

Мафҳуми озодии ирода дар «*Авасто»*-ро дар асоси мафҳуми «озодкомагӣ» (Ясно 31 (11), 53 (2)) метавон дунболагирӣ кард. Бо вуҷуди он ки дар ин ҷо фарқияти андаки маъноӣ ба назар мерасад, метавон онро ҳамчун озодандешӣ ё озодии ирода қабул намоем. Пас аз оне ки Аҳурамаздо инсонро як маротиба офарид, дигар на он ва на Амшоспандон бар ӯ таъсир намерасонанд. Аҳурамаздо дигар қодир ба таъсиррасонӣ ба сарнавишти инсон нест ва он фақат як тарафи зиддиятро ташкил медиҳад ва тарафи дигари зиддият ин Аҳриман мебошад. Инсон бошад, дорои иродаи озод дар ҷонибдорӣ аз яке аз ин ҷонибҳо мебошад. Маҳз дар ин ҷо яке аз нуктаҳои ҷолиби Зардуштия матраҳ гардидааст: омодагӣ ва қобилияти инсон дар пуштибонӣ аз яке аз ин неруҳо. Бо вуҷуди он ки Зардушт аз ду қувваи космологӣ сухан мегӯяд, аммо оид ба интихоби инсон аз яке аз ин қувваҳо чизе намегӯяд: *"Бишнавед бо гӯшҳои хеш беҳтарин суханонро ва бибинед бо маниши равшан ва ҳар як аз шумо –чи мард, чи зан, -пеш аз он ки рӯйдоди бузург ба коми мо поён гирад, аз миёни ду роҳ якеро барои хештан баргузинед ва ин паёмро ба дигарон биёмӯзед»* (Ясно 30, 2). Ду имконияти инкишофи зиндагии инсон вуҷуд дорад: ӯ худро ё дар ҳоли инкишофи тадриҷӣ мeёбад ва ё баръакс ба ҳолати ибтидоии худ бармегардад. Инсон метавонад тавассути азбар кардани огоҳӣ баҳри камолоти худ кӯшиш намояд ва ё дар зулмати ноогоҳии худ боқӣ монад. Дар «*Авасто*» ҳардуи ин имкониятҳо дар симои духтари зебо ва зани зишт тасвир гардидаанд. Озодии интихоб ба пайравони ҳар ду гурӯҳ тааллуқ дорад. Барои Зардушт фақат он чиз муҳим мебошад, ки инсон ба кадом ҷониб тамоил дорад: ба ҷониби Аҳурамаздо ва ё ба ҷониби Аҳриман.

Ду омиле, ки дар интихоби инсон саҳм мегузоранд, оромии ботинӣ ва роҳгумзадагии ботинӣ мебошанд. Маҳз дар интихоби худ инсон моҳияти худро ошкор месозад. Агар инсон аз оромии ботинӣ бархурдор бошад, ҳатман интихоби дуруст мекунад, ки аз созандагӣ бархурдор мебошад. Андешидан дар оромӣ беҳтарин шеваи маърифат аст*: «Туро пок шинохтам, он гоҳ ки Маниши нек назди ман омад ва маро омӯхт, ки андешидан дар оромиш беҳтарин роҳи донишандӯзист ва ҳушдор дод, ки роҳбар ҳаргиз набояд мояи хушнудии дурвандон шавад, чи онон ҳамвора бо ашаванон душманӣ меварзанд» (Ясно 43, 15).*

Дастрасӣ ба ин зебоӣ танҳо тавассути андеша, гуфтор ва кирдори нек муяссар мегардад. Аммо дар сурати раҳгумзадагӣ инсон аз ошуфтагии дарунӣ бархурдор мегардад, ки боиси интихоби хато ва анҷоми шигифт мегардад.

Озодии интихоб дар худ дорои арзиши мутлақ намебошад. Зеро пайрави ҳар ду қувва аз он бархурдор мебошанд ва дар

ин интихоб онҳо зери таъсир нестанд: *«Пас ҳар кас, хоҳ дурӯғгуфтор, хоҳ ростгуфтор, хоҳ нодон, хоҳ доно аз дилу маниши хеш бонг бармеоварад»* (Ясно 31, 12). Таълимоти Зардушт дорои хусусияти фардӣ мебошад ва ба ботини инсон нигаронида шудааст. Мафҳумҳои абстрактӣ ва бунёдие, ки дар «Авасто» истифода шудаанд, хусусияти рамзӣ ва истиоравӣ дошта, баёнгари ҳолат ва оянданигарии ӯ мебошанд. Инсон дорои иродаи озод аст, аммо арзиш фақат ба Аҳурамаздо, Аша, ростӣ, андешаи нек ва мисли инҳо гузошта мешавад. Арзиши иродаи озод низ он ҷо гузошта мешавад, ки ҳақиқати зиндагӣ вуҷуд дошта бошад ва моҳиятан инсонро аз сӯи ноогоҳӣ ба огоҳӣ ва аз сӯи торикӣ ба нур раҳнамун гардонад. Таълимоти Зардушт инсонро маҳз ба ҳамин роҳ раҳнамун месозад.



Шодӣ АТОӢ
ҷомеашинос

## Ғаззолӣ, Ғаззолигароӣ ва ояндаи мо

Замони имрӯз, замони тағйироти суръатноки арзишҳои иҷтимоӣ, пешрафти илму фарҳанг, андешапарвариву ақлгароӣ ва инсонсолорист ва ин раванд ба таври шиддатнок дар фазои ҷомеаи ҷаҳонӣ моҳияти худро ба монанди лава аз танӯраи вулқон ба болои замин мепошад.

Инсонияти пажӯҳишпазиру ҷӯянда ва огоху бедор торафт пажӯҳишгартару ҷӯяндатар мешавад. Масъулияти зиндагиро бар дӯши худ мегирад. Шинохти худро нисбат ба Кайҳон тавсеа мебахшад.

Ҷомеаи мо бошад дар ин асри густариши илму ҳунар на ҷомеаи илмпазир, балки ҷомеаи илмбадбину илмбезор, мункири андеша ва андешапарварӣ, ақлситезу парастори «ифтихорманд»-и анъанаҳои асримиёнагӣ боқӣ мондааст. Қисмати аъзами зиёиёни қолабгаро ва конформист ба ҷои андешапарвариву рӯшанфикрӣ ба ҳимояи назароти иртиҷоии гузашта бархоста, ҳақиқатро пинҳон менамоянд. Бо ҷаҳонбинии асримиёнагии худ ба мо «алла»-ҳои ватандориву ватандӯстӣ, номусдориву худшиносӣ месароянд, то мо аз гипнози «Худо хоҳад»-у мӯъҷизаи осмон ва гипнози насибу тақдир берун наоем. Ин ҷо манзури ман интиқоди ғаразнок аз мавқеи дӯстони баҳскунанда нест, балки воқеъбинона ва мунсифона дар баҳс иштирок кардан аст. Баҳси мо дар ин матлаб асосан сари хурофотгароӣ ва ақлситезиву андешазудоӣ меравад, ки воқеияти гузашта ва имрӯзаамон ба он далолат медиҳад. Хушбахтона, ҳастанд инсонҳои огоху бедоре, ки новобаста аз шуури гандида ва фасодофари иҷтимоӣ мавқеи худро ҷасурона нишон медиҳанд. Мисоли чунин инсони озодандеш ва соҳибназар метавонад пажӯҳишгари сермаҳсул Ҷамолиддин Саидзода бошад, ки дар таърихи 19.02.2014 дар ҳафтаномаи «Миллат» мақолаеро зери унвони «Оқилӣ кори Буалӣ Синост ё чаро Ғаззолӣ илмситез шуд?» ба нашр расонида, мавқеи худро ба ҷомеа пешниҳод кард. Нафаре, ки фаъолияти илмӣ ва тамоюли илмдӯстиву ҷӯяндагӣ дорад, пай мебарад, ки Ҷамолиддин Саидзода ҳадафаш на бо ғараз нишон додани зиндагӣ ва фаъолияти орифону сӯфиён, шоирони сӯфимашраб ва олимони ирфонмаоб, махсусан, Ғаззолӣ, балки ошкор намудани хурофотгароӣ, нокомиҳои илмҳои дақиқ ва рушд накардани истеъдодҳо, набудани озодии зеҳнии инсон, паст будани шуури ҷомеа, ҳамавақт зери фишору таъқиб, таҳдиду маҳкум қарор гирифтани ихтироъкорону рӯшанфикрону андешапарварон, махсусан, Ибни Сино мебошад.

Дар робита ба матлаби Саидзода устоди филология Саидмурод Шарифов вокунишеро дар нашрияи «Миллат» аз санаи 14.05.2014 ва 21.05.2014 зери унвони «Ғаззолӣ ҳам ақл дошт, Комил Бекзода ҳам, аммо Ғаззолӣ бояд камбудии Синоро мегуфт, то ибрати дигарон шавад», - навиштааст. Инчунин, пажӯҳишгар Меҳмоншоҳ Шарифзода дар иртибот бо гароишҳои худ нисбат ба Ғаззолӣ назари худро дар чанд матлаб ба чоп расонида вориди баҳс шудаанд, ки мояи эҳтиром аст, зеро ин дӯстони мо чун муҳаққиқ Ҷамолиддин Саидзода ҳамчун инсонҳои озод аз ҳаққи шаҳрвандӣ ва озодии андешаи худ истифода бурдаанд. Ҷолиб ин аст, ки мавқеъҳо хеле баҳсбарангез ҳастанд. Хеле

хуб аст, чун илми бебаҳсу бедалел сафсатапардозие беш нест.

Мусаллам аст, ки дар давоми таърихи 1000-солаи худ, яъне тақрибан аз давраи Ибни Сино ва Ғаззолӣ, агар мо ин давраро ба таври куллӣ баҳодиҳӣ намоем, метавон чунин бардоште намуд, ки такягоҳи маънавӣ, ғоявӣ, сарчашмаи ташаккулёбии боварҳои мо нисбат ба инсон, зиндагӣ, табиат ва Кайҳон рӯҳониёни исломӣ, орифону сӯфиён, шоирони ирфониву тасаввуфӣ буданду ҳастанд, на файласуфону рӯшанфикрони воқеӣ. Магар чунон набуду чунин нест? Магар маҳфилҳои «Маснавихонӣ»-ву «Ҳофизхонӣ», ки мо имрӯз дорем, далолаткунанда ва гувоҳи майли зиёиёни мо нестанд? Албатта, ба ҳамаи иштирокдорони маҳфилҳои зикршуда мо эҳтиром мегузорем ва барояшон дар ҳамоишҳои ояндаашон комёбиҳо таманно дорем, зеро ҳар як инсон дар Тоҷикистон ҳақ дорад дар маҳфилҳои барояш писанд иштирок намояд ва мавқеъгирӣ намояд. Лекин нисбат ба маҳфилҳои фалсафӣ-илмӣ оё чунин ҳолати иштироки фаъол вуҷуд дорад? Пурсишест, ки посухашро вақт нишон медиҳад. Бинобар ин, мавқеъгирии ман бар пояи пажӯҳишҳои илмӣ ва санадҳои мавҷудбуда нисбат ба вазъи заифи гузашта ва имрӯзаи илмбезории мо сурат мегирад, ки дар ин маврид метавон суханони файласуфи олмонӣ Г. Гегел ва файласуфи англис Б. Расселро иқтибос овард: «Он чиро мо фалсафаи Шарқ меномем, ҷуз ақидаҳои динии мардуми ин сарзамин чизи дигаре нест» (6.444).

Ба ҳамин хотир, муҳаққиқ Саидзода ҳам қайд намудааст, ки «Ақлситезӣ, таҳқири аҳли илму ҳикмату фалсафа, ки дар шеър ва адаби форсии тоҷикӣ мушоҳида мешавад, як сабаби таназзули маънавию фарҳангӣ ва мӯҷиби дар хурофоту таассуб печидани шаҳрвандони кишвар ва қафомонии сиёсиву иҷтимоиву ахлоқиву техникии миллати мо гардидааст. Ба вижа шоирони сӯфӣ, ки бо ақлситезӣ ва гурез аз воқеият ва нодида гирифтани ниёзҳои иҷтимоии башар дар ин замина афкору орои носавоб, ки рӯҳи ғуломонаро дар миллат парвариш медиҳанд, эҷод кардаанд ва бад-ин тартиб монеи пешрафту тараққиёти миллату кишвари мо шудааанд. Бо итминон метавон гуфт, ки агар синоситезӣ, таҳқири илму дониш сурат намегирифт, шояд миллати мо низ имрӯз чун урупоиён, агар силоҳи ҳастаӣ намесохт, аммо чизҳои дигар месохт ва дар кашфиёти илмиву техникӣ саҳм мегирифт ва ба қавли фарзонае, «ҷаҳонро бори дӯш» намешуд».

Ҷолибии баҳс дар ин аст, ки Саидзода ба таври ҷиддӣ барои ақлситезии шоирони мо аз эҷодиёти онҳо иқтибосҳоро ҳамчун далел аз Хусрави Деҳлавӣ, Фонии Кашмирӣ, Саноӣ, Мавлавӣ, донишманди ҳинд Кошинотҳ Пандито дар матлаби худ ворид намудааст. Дигар ин ки Саидзода мафҳуми «ҷаҳонро бори дӯш»- ро истифода бурдааст, ки он моли фарзона Муҳаммад Иқболи Лоҳурист:

*Мусалмон фоқамасту жандапӯш аст,*
*Зи кораш Ҷабраил андар хурӯш аст.*
*Биё, нақши дигар миллат бирезем,*
*Ки ин миллат ҷаҳонро бори дӯш аст.*

Вале омӯзгори соҳаи филология Саидмурод Шарифов аз рӯи эҳсос устод Саидзодаро бо мафҳумҳои «носазогӯ», «душмани ислом» муттаҳам кардааст.

Саидмурод Шарифов қайд менамояд: «Ҷамолиддин Саидзода чунин менигорад: «Агар Ибни Синоро ба ҳоли худ мегузоштанд, то озодона таҷрибаву кашшофӣ намояд, таъқиб намекарданд ва андӯхтаҳои илмиву амалии ӯро ба куфр мавсум намесохтанд ва умуман бар алайҳи илму ҳикмат намебаромаданд ва андешаи солим ва хирадмандонаро дунбол мекарданд, зиндагии имрӯз дигарсон буд» (5.11).

Баҳси Саидмурод Шарифов зоҳиран шубҳаовар аст. Муаллифи баҳс ё аз рӯи эҳсос мехоҳад Абӯҳомиди Ғаззолиро дифоъ

намояд ё фармоиши касеро иҷро намояд, чунки агар С. Шарифов аз воқеияти фаъолияти Сино бархӯрдор мебуд, чунин мавқеъгирии ғаразнокро намекард.

Муаллим Саидмурод Шарифов! Магар зиндагӣ ва фаъолияти Сино зери фишору таҳдиду таҳқир набуд? Муҳтарам Саидмурод Шарифов! Тибқи санадҳои ба ҳамагон маълум Сино баъд аз шикасти давлати Сомониён аз Бухоро ба Хоразм фирор карда, баъдан ба Гургон рафт ва аз он ҷо ба шаҳри Рай фирор намуд, сипас аз таъқибҳои Султон Маҳмуд ба Ҳамадон гурехт ва 9 сол табиби дарбор шуда, кор кард, баъдан вазирӣ карда, ҳамзамон аз сабаби инкор шудани ғояҳояш зиндонӣ шуд. Ва танҳо бо фармони амири вақт аз марг наҷот ёфт. Омӯзгори гиромиқадр Шарифов! Акнун бубинед, ки дар ҳамон фазои пурфишору таъқиб Сино чи гуна фаъолият намудааст:

Тибқи маводи мустанади ба ҳамагон маълум, аз қабили Энсиклопедияи советии тоҷик: «Сино зиёда аз чорсад асар навиштааст, ки баъзеашон ба монанди «Китоб-ул-инсоф» ба мо омада нарасидаанд. Ибни Сино дар илмҳои табиатшиносӣ чунин корҳоро ба анҷом расонидааст: Бо навиштани «Ал-қонун» аввал таърифи илми тибро дода, масъалаҳои реҷаи зиндагӣ, хӯрок, парҳез ва варзишро шарҳи илмӣ додааст. Дар тиб кӯшиш кардааст то соҳаҳои ҷудогона ба мисли аломатшиносӣ (семиотика), ташхис (диагностика), назарияи илмии табобат густариш ёбанд. Ҳамчун ташхисгар аввалин олимест, ки сохти дурусти чашмро ба шакл даровардааст. Фарқи байни вабо ва тоун, махав ва доъ-ул-фил, варами пардаи шуш ва варами шушро пайдо намудааст. Сирояткунанда будани бемориҳои гӯл, чечак (обила), варами меъда, менингит - ҳамчун касалии махсус ва аввалин маротиба касалии қандро (диабетро) Сино муайян намудааст. Дар илми тиб усули дардшиносии ангуштзаниро (перкуссия) ихтироъ намудааст. Усулҳои набзшиносӣ, бавлшиносӣ ва табшиносироо такмил додааст. Дар эпидемология фарзияро нисбат ба микробҳо пешниҳод намудааст, ки баъди 800 сол Луи Пастер (1822 - 1895) онро исбот намуда, ба назария табдил додаст».

Хизмати Сино дар дорусозӣ ба ҳамаи табибони ҷаҳон маълум аст. Дар китоби «ал-Қонун» 811 навъи доруҳои гуногун шарҳ дода шудаанд, ки зиёда аз 70-тои он дар замони Шӯравӣ истифода мешуданд, мумкин аст ҳоло ҳам истифода шаванд» (7.526).

Тасаввуроташ дар бораи таҳаввули қишри замин, ки аврупоиён ба он танҳо дар асри XVI шинос шуданд, сабабгори геологияи илмӣ шудааст.

Аз ҳама муҳим ин аст, ки Сино мушкилии асосиро дар вуҷуди марги инсон дидааст, ки роҳи ҳалле барояш пайдо накардааст:

*Аз қаъри гили сиёҳ то авҷи Зӯҳал,*
*Кардам ҳама мушкилоти гетиро ҳал.*
*Берун ҷастам зи банди ҳар макру ҳиял,*
*Ҳар банд кушода шуд, магар банди аҷал.*

Агар Сино дар чунон фазои маҳдуд ва гурезу фирорҳояш чунин ихтироъкориву эҷодкориро ба вуҷуд оварда тавонист, агар ӯро мегузоштанд, магар Ӯ наметавонист, аз ин хубтару муносибтар худро нишон диҳад? Магар аврупоиён ё ба қавли Иқбол, афрангиён баъд аз замони Ренессанс, ки аз таъқиби инквизитсияву индулгентсия озод шуданд, эҷодкору ихтироъкору созанда нашуданд? Магар ҷопониву сингапуриву малайзиягӣ чунин шароитро надорад?

Рӯзноманигор Шарифов қайд менамояд: «Ногуфта намонад, ки Имом Ғаззолӣ 21 сол пас аз даргузашти Ибни Сино (980-1037) ба дунё омадааст. Пас чӣ тавр ӯ барои пешрафту пажӯҳишҳои ин абармарди таърихӣ монеа эҷод карда метавонад? Мантиқ куҷост?!» (5.11).

Саидмурод Шарифов дар ин маврид Шумо дуруст мегӯед, ки Ғаззолӣ натавонистааст ба таври воқеӣ монеа эҷод кунад, вале ман мехоҳам ба пурсиши «Мантиқ куҷост?»-и Шумо ҷавоб бидиҳам. Ба аҳли фалсафа маълум аст, ки Сино тарафдори фалсафаи машшоия буд. Ғаззолӣ фалсафаи машшоияро дар асараш «Мақосид-ул-фалосифа» ба таври мухтасар маънидод намуда баъдан дар китоби дигараш «Таҳофут-ул-фалосифа» баррасӣ намудааст. Ба гунае Шумо ҳам ишора намудаед, ман ҳам иқтибосеро меоварам: «Хатоҳои фалсафаи машшоъро Ғаззолӣ дар 20 масъала дида, 3-тояш (қадимӣ ва азалияти олам, олим будани Худо бар кулл на бар ҷузъ, инкори эҳёи аҷсом пас аз марг ва табиати рӯҳонӣ доштани ҷазою сазо)-ро куфр ва 17-тояшро бидъат эълон намудааст». Мантиқ ин ҷост, ки ҳуҷҷат-ул-ислом, сӯфӣ Абӯҳомид Ғаззолӣ олими воқеӣ, табиби машҳур ва файласуф Ибни Синоро кофиру бидъаткор эълон намудааст. Магар ин ақлситезӣ, андешазудоӣ ва инкоркунии фалсафа аз тарафи як намояндаи машҳури аҳли тасаввуф нест? Чи хеле ки С. Шарифов мегӯяд: «Шахсияти ниҳоят маълуму маъруфи олами ислом шайхулислом Ғаззолӣ» танҳо фалсафаи аслиро инкор намуда, хизмати дини ислом, махсусан аҳли тасаннунро ба ҷо овардааст ва мазҳабгароии Ғаззолиро ҳам худ қайд намудааст, он ҷо, ки: «Абӯҳомид Муҳаммад Ғаззолӣ бузургтарин мутафаккири нимаи дуюми қарни 11-ум ва ибтидои садаи 12-ум маҳсуб меёбад. Ин аҳду замонест, ки дар саросари кишварҳои исломӣ ихтилофоти мазҳабӣ басе сахт авҷ гирифта буда ва гоҳ-гоҳ ба ҷангҳои мазҳабӣ меанҷомиданд. Ғаззолӣ маҳз дар чунин рӯзгор ба майдони фарҳанг ворид шуд ва барои пуштибонии исломи тасаннун камари ҳиммат барбаст. Ба ҳамин хотир, ба мухолифони маслаки хеш – муътазилиён, рофизиён, ботиниён, фалосифа ва масеҳиён ба муҷодала ва мубориза бархост ва дар радди онон китобҳои муҳим таълиф кард. Ба ин васила вай дар равнақи исломи тасаннун саҳми босазо гирифта, ба унвони «Ҳуҷҷатулислом» мушарраф гардидааст» (5.9)

Диққат бояд кард, ки Ғаззолӣ ба гуфти ҳаводоронаш барои мухолифат бо намояндагони мазҳабҳои дигар ва густариши исломи тасаннун чунин унвонро гирифтааст, на ба хотири ихтирооти илмӣ. Дар мавриди рад ва инкори фалсафа ва сабаби навиштани «Тафоҳут-ул-фалосифа» Шарифов аз Ғаззолӣ иқтибос меорад: «Чун дидам, ки ба сабаби тақлид ба фалсафа бисёриҳо гумроҳ ва кофир шудаанд, ба таҳрири ин китоб тасмим гирифтам, ки бар фалосифаи пешин рад бошад ва таҳофути ақида ва таноқузи суханони ононро дар боби он чи ба илоҳиёт таалluқ дорад, ошкор созад, фасод ва заъфи равиши ононро кашф намоянд” (Муҳаммад Ғаззолӣ. Тафоҳут-ул-фалосифа. Бейрут, саҳ. 38-39). Ин кинаву адоват ва бадбинии дигарандешон аз тарафи Ғаззолӣ магар андешпарварии Ҳуҷҷат-ул-исломро нишон медиҳад, ё хайр? Ё ки кофирхониҳои Имом Ғаззолӣ ҷоиз асту ба баҳс кашидани илмситезиҳои сӯфиён аз тарафи Ҷамолиддин Саидзода дар асри 21 «камоли ноҷавонмардӣ» ва «носазогӯӣ»? Бинобар ин ба маврид аст баҳс бо С. Шарифовро муддате як сӯ гузорему назари Меҳмоншоҳ Шарифзодаро баррасӣ намоем, ки устод вақтҳои охир гароишҳои худро нисбат ба Ғаззолӣ ошкор менамояд. Меҳмоншоҳ чунин мегӯяд: «Ман»-и инсонмеҳвари ҷаҳон гардид ва озодии мутлақро ба даст овард ва хароби инсониятро сабаб шуд ва ин ҷо Ғаззолие мебоист, то тавонад миёни «ман»-и Франкштейнии дунёи навро шиканад» («Нигоҳ», 2 (384), 2.04.2014) Гиромиқадр Меҳмоншоҳ! шайхулислом Ғаззолӣ бо ин «Тафоҳут-ул-фалосифа» на танҳо «Ман»-и Франкштейнӣ, балки миёни «Ман»-и Синоро шикаста, кофираш эълон кардааст, ба қавли Саидмурод Шарифов, «то ибрати дигарон

шавад» ва ба қавли маъруф «об ба лаби ҷӯ баробар шавад», зеро дар ислом «Ман» гуфтан ин кори шайтон аст, на кори инсон. Инсон бояд таслимкору банда бошаду шайтон озод. Ё ман ба ғараз гуфтам? Меҳмоншоҳ Шарифзода дар давоми навиштаҳояш мефармояд: «Бояд гуфт, ки гиряи баъзе устодон, ки гӯё «Ғаззолӣ миёни фалсафаро шикаст», дар баробари ин мусибатҳои дунёи нави Ғарб аз асли масъала дур будани онҳоро нишон медиҳад» («Нигоҳ», 49 (380), 05.03. 2014). Рости гап ин устодони гирён, ки аз Ғаззолии «миёншикан» хабар доранд ба худи Меҳмоншоҳ маълум аст, ки кистанд, лекин ман ҳаминро бе гиряву бе ханда гуфтанӣ ҳастам, ки Имом Ғаззолӣ миёншиканӣ он тараф истад, ҳатто фалсафаро пурра инкор карда, худ пурра дар хизмати дин қарор гирифтааст. Меҳмоншоҳ Шарифзода дар ҷои дигар чунин овардааст: «Дар чунин ҷомеаи фасод ва хомӯш баъзан ба ман чунин намуда истодааст, ки вақте дар бораи мардоне чун Абӯҳанифа, Ғаззолӣ ва дигарон ҳарф мезанем, гӯё сухан дар бораи динозаврҳо меравад… («Нигоҳ», 2 (384), 02.04.2014). Тасвири ҷолиб, шоирона, вале бемуҳтаво!

Ҷаноби Меҳмоншоҳ, ба ман бошад чунин менамояд, ки Шумо ё хоби дидаи худро таъбир намудаед ё хоби дидаи дигареро, ки ба Шумо нақл кардааст, ба қалам додаед. Зеро он нафароне, ки чунин тасаввурот доранд, танҳо ба худи Шумо маълум ҳастанд. Зиёда аз ин, он устодони гирякунандае, ки Ғаззолиро «миёншикани фалсафа» шинохтаанд, чунин тасвир намудаед: «Ин устодон мисли чӯҷаҳои мурғобианд аз филми тасвирӣ, ки дар зери мурғ аз тухм баромадаанд ва модари худро фаромӯш кардаанд ва гоҳе аз пайи мурғ медаванд ва гоҳе аз пайи гурба медаванд» . Тамсил ҷолиб аст, вале ба баҳси мо рабте надорад. Воқеият ин аст, ки Ғаззолӣ миёни касеро нашикастааст ва шикаста ҳам наметавонист, зеро ин аҷнабиён буданд, ки ба сари ҳокимият омада, пуштибони маънавӣ ва моддии ҳуҷҷат-ул-исломҳо шуданд ва фатвоҳои «беназир»-и онҳоро сад дар сад бо ҷаҳолату бераҳмӣ амалӣ менамуданд. Аҳли дониш чун диданд, ки баҳсу андешаи мантиқӣ дигар ба кор намеравад, майдонро ба ғаззолиҳо, ҳуҷҷатулисломҳо ва аҷнабиёни ҷоҳил супориданд! Ин майдон ҳоло ҳам дар ихтиёри онҳост!

Хоҳишмандони баҳси илму фалсафа метавонанд ба Аврупо рӯй оваранд…

Дар олами ислом, имрӯзҳо ҳам суннати ғаззолиҳоро толибони покистониву афғон идома медиҳанд!

Агар чунин нест, мо аз Шумо далел мехоҳем, на даъво ва на худфиребӣ!

Вақте ман «Насиҳат-ул-мулук»-и Ғаззолиро хондам, ба вижа боби ҳафтуми китоб бо унвони «Андар сифати занон ва хайру шарри эшон» диққати манро ба худ ҷалб намуд. Ин ҷо зарур медонам назароти шайхулислом Ғаззолиро нисбат ба зан биёварам, то шаҳрвандони ҷомеаи ҳуқуқбунёд ба он таваҷҷуҳ намоянд ва аз рӯи шинохти шахсии худ ба он баҳодиҳӣ намоянд.

Ин боби китоби зикршуда бо суханони пайғамбари ислом оғоз мешавад, ки чунин аст: «Хуҷастатарин ва бабаракаттарин зан он аст, ки зоянда буваду бар рӯй некӯтар бувад ва ба кобин сабуктар бувад. Ва гуфт: то тавонӣ зани озод гузин, ки эшон покизатар бошанду муборактар». Ва баъдан суханони халифа Умар меоянд: «ки ба Худой паноҳед аз бадҳои занон ва аз порситарин эшон барҳазар бошед, яъне зани худ ситоиш барнагиред», сипас суханони худованди китоб, яъне худи Ғаззолӣ меоянд: «Ҳар кӣ салоҳи кадхудоӣ ҷӯяд ва рӯи хуб наёбад, ки бад-ӯ машғул шавад, зани порсо беҳтару муборактар. Ва чун порсое омад, аслу мол омад, зеро ки нопорсоро асл набувад ва ба баракоти порсоӣ ҳама чизе ёбад» («Насиҳат-ул-мулук», саҳ.125. -Душанбе, «Ирфон»,

1993). Дар саҳифаи 129 суханони амиру-л-мӯъминин Умар меояд, ки таваҷҷуҳ бояд намуд: «Ба занон ҳадиси ишқ магӯед, то дили эшон табоҳ нашавад, ки занон ҳамчун гӯштанд бар саҳро афканда, нигоҳдорандаи эшон Худой аст». Ба гунае ки дар ин боб меояд, аз назари Пайғамбар ва Салмони Форс дар ислом ҳамон зан бо мард баробарҳуқуқ ҳаст, ки пеш аз ҳама, фаризаи худоро ба ҷой биёварад ва фармонбардори шавҳар бошад. Аз назари халифа Умар бошад, зан аслан махлуқи бад аст. Худованди китоб Ғаззолӣ барои бад нишон додани зан чунин ҳикматҳоро овардааст, ки воқеан мояи афсӯсхӯрӣ дар ин асри инсонсолорӣ ҳастанд: «Муаллиме духтарро ба дабирӣ меомӯхт. Ҳакиме пеши ӯ даромад, гуфт: «Эй муаллим, бадиро бадӣ мемӯзӣ?» Ҳикмати дигарро диққат бояд кард: «Вақте ду зан бо якдигар машварат мекарданд, ҳакиме он ҷо бигузашт, гуфт: «Бинигаред, ки мор захр ба қарзи муҳлатдор аз мор меситонад». Бубинед, ин ҷо занро бо мор ташбеҳ додаст ва моҳияти зан манфӣ маънидод мешавад. Ҳикмати дигар: «Ҳакиме зане хост кӯтоҳ. Гуфтанд: «Чаро қоматболо нахостӣ? Гуфт: «Зан чизе бад аст ва ҳарчанд камтар – беҳтар». Ба ин «ҳикмат»-ҳои миёншикани занҳо бигзор ҳар фарди огоҳ аз рӯи виҷдонаш бардошти худро дошта бошад. Ин музахрафот дар саҳифаи 129-130-и «Насиҳат-ул-мулук» (нашри Душанбе: «Ирфон», 1993) ҷой дода шудаанд. Зиёда аз он, Ғаззолӣ занро ба таври куллӣ ба ҳайвон ташбеҳ додааст ва занонро аз рӯи хислаташон ба даҳ ҳайвон: хук, маймун, саг, мор, астар, каждум, мӯш, кабӯтар, рӯбоҳ, гӯсфанд баробар кардааст. Ғаззолӣ дар тафсири хислатҳо занонро ба ҳайвонҳои дар боло зикршуда монанд намуда, ҳамон зане, ки феъли гӯсфандро дорад, боманфиату муборак хондааст.

Дар дигар ҷой дар боби занон насиҳатеро барои мардон чунин овардааст, ки ман хондани инро аз рӯи рисолати иҷтимоӣ ва шаҳрвандии худ ба ҳар як марду зани ҷомеаи ҳуқуқбунёд тавсия менамоям. Таваҷҷуҳ намоед: «Ва ҳар кӣ хоҳад бар зани хеш раҳиму меҳрубон гардад, даҳ чизро ёд бояд кардан, то инсоф ояд: яке он аст, ки зан туро талоқ натавонад додан ва ту тавонӣ. Ва дигар он ки ӯ аз ту ҳеҷ чиз натавонад сутудан ва ту тавонӣ, ки ҳама чиз аз ӯ биситонӣ. Сеи дигар он ки ӯ то дар ҳукми ту бувад, шӯи дигар натавонад кардан, ту зани дигар тавонӣ кардан. Чаҳорум он ки ӯ бе фармони ту аз хона берун натавонад рафтан ва ту тавонӣ. Панҷум он ки ӯ бараҳна натавонад будан ва ту тавонӣ. Шашум он ки ӯ аз ту тарсад ва ту аз ӯ натарсӣ. Ҳафтум он ки ӯ аз ту ба тозарӯӣ ва сухани хуш басанда кунад ва ту аз ӯ ҳама корҳо написандӣ. Ҳаштум он ки ӯ аз ҳама хешовандон ва падару модар бибурад ва ту аз ҳеҷ кас ҷудо нагардӣ ва канизак харӣ ва бар вай бигузинӣ. Нуҳум он ки ӯ пайваста туро хидмат кунад ва ту хидмати ӯ накунӣ. Даҳум он ки ӯ ба бемории ту хештан бикушад ва ту ба марги ӯ ҳеҷ ғам нахӯрӣ». Ана ин аст баробарии марду зан дар ислом ба ақидаи яке аз сутунҳои дин дар асрҳои миёна!

Аз рӯи ин суханҳои Ғаззолӣ бояд мардҳо ба ин махлуқи «асиру бечора» раҳим бошанд. Бидуни шубҳа ҳуҷҷат-ул-ислом Ғаззолӣ дар ин китобаш занро на инсони озоду баробарҳуқуқ, балки махлуқи «асиру бечора» маънидод менамояд. Воқеан, баъд аз хондан ва навиштани ин сатрҳо зан на ҳамчун инсони озоду солим, балки як махлуқи зиндонӣ ва миёншикаста ё ба таъбири халифа Умар «гӯшти саҳроафканда» ба назар мерасад ва «озодӣ»-яш бо ҳамин маънидод мешавад, ки як махлуқаки канизаку фармонбардору ҳиҷобпӯшаку сатрпӯшаке бошад, на зани андешапарвару озодаву созанда. Албатта, дар китоби зикршуда дар нисбат ба зан суханҳои таҳқиромез зиёданд ва аз як тараф бо таъбири худи Ғаззолӣ, ки оварда: «Шовируҳунна ва холифуҳунна, яъне «бо

занон машварат намоед ва хилофи эшон амал кунед», ки руйирост фиреб кардани занро таблиғ мекунад, иктифо менамоем, аммо аз тарафи дигар пурсида мешавад, ки: Оё ин ҷо айб дар мусалмонист ё дар шахси ҳуҷҷат-ул-ислом?

Оё ин китобҳоро занҳои маърифатпарвари мо мехонда бошанд? Наход нависандаҳо ва шоираҳои романтики мо то ба ҳол ин китобро нахонда бошанд ва агар хонда бошанд, чаро хомӯшанд?

Наход бонувони рӯзноманигорони мо аз расонаҳои мустақил ва давлатӣ, дар радиову телевизионҳо ин китобро нахонда бошанд?

То ба кай занҳои мо аз нооогоҳӣ, аз тарсу бими намояндаҳои тасаввуфу ирфон ё ба гуфти Саидмурод Шарифов «воизони нуктасанҷ», ки ба ғайр аз доди кофир гуфтану фарёди занталоқ кашидан, дигар коре надоранд, аз озодии фитрӣ дар ҷомеаи дунявии ҳуқуқбунёди худ маҳрум мемонанд?

Ин саволҳое ҳастанд, ки вақт ҷавоби онҳоро хоҳад гуфт. Дар тӯли ҳазор сол аҳли тасаввуф, орифон дар ҳамоҳанги бо рӯҳониён моро дар гипнози эътиқодӣ ва ишқи илоҳӣ нигоҳ доштанд, худро уламо эълон намуда, беҳтарин фарзандони миллатро, ки олимони воқеӣ, ихтироъкор ва дигарандеш буданд, бо муҳри куфру илҳод несту нобуд карданд, бо суханони бузургони Ислом, моро дар гипнози мазҳабӣ ва имонӣ мафтун карданд, ки худи Саидмурод Шарифов дар мақолааш дар нашрияи «Наҷот» аз 12.06. 2014. овардааст, ки ҳадиси ҳазрати Расули акрам (с) чунин аст: «*Дунё зиндони мӯъмину биҳишти кофир аст*». Ё ки аз гуфтори ҳазрати Алӣ, ки фармуда: «*Дунё палид аст ва талабкунандагони он сагонанд*».

Саидмурод Шарифов қайд намудааст, ки Ҳуҷҷати Хуросон Носири Хисрав байти зерро дар таъсири суханони ҳазрати Алӣ навиштааст:

*Биҳишти кофару зиндони мӯъмин,*
*Ҷаҳон аст, эй ба дунё гашта мафтун.*

Агар ин суханони зарринро имрӯз ҳам сармашқи зиндагӣ ва кори худ қарор медиҳем, пас, чи зарурат аст, ки аз молҳои биҳиштии кофирон истифода кунем?! Барои кофирон, ки ҳавопаймоҳо, автомобилҳо, телефонҳои мобилӣ дар истифода аст, барояшон зиндагӣ биҳишт аст, аммо барои мусалмонон, ки зиндагӣ барояшон зиндону палиду дӯзах аст, магар шарт аст истифодаи онҳо? Ба ин рӯйхат метавон ҳазорҳо номҳои молҳои кофиронро, ки барои биҳишти зиндагияшон офаридаанд ва мусалмонон ҳам барои дӯзахи зиндагиияшон истифода мебаранд, дохил намуд. Ё шарт аст, ки эшони Нуриддинҷон пеш аз он ки дигарандешонро кофир эълон намояд, ба сайти интернетие, ки худи кофирон ихтироъ кардаанд, ишора кунад?

Дигар ин ки аҳли тасаввуф ва ирфон тавонистанд бо мафҳуми ишқи илоҳияшон ва рақси самоашон моро дар давоми ҳазор сол аз ишқи заминӣ, мардро аз зан ва занро аз мард ҷудо созанд, яъне ҳамаи тавоноӣ ва ҳуқуқу ҳақро ба мардҳо ҳавола кунанду занро ба махлуқаки сарпӯшидаи ҳақир ва молу матоъ табдил диҳанд, ба гунае ки ин ҷиноятро Ғаззолӣ обу ранг додааст. Бинобар ин, арзиши асосӣ барои оилаи мусалмон никоҳ аст, на ишқу муҳаббат, на лаззати эҳсосу, на шинохти хислату на роҳати ҷисму на романтикаи зиндагӣ! Исботи ин гуфтаҳоро метавон дар фатвои Эшони Маҳмуд дар асри XXI нисбат ба ақди сохта барои ба даст овардани шаҳрвандии Русия ба муҳоҷири тоҷик пайдо намуд, ки мегӯяд: «Бастани ақди сохта (фиктивный брак) бо зани русе маънои онро надорад, ки ӯ дар никоҳи шумо ворид шудаасту ҳамсаратон маҳсуб мешавад. Барои пайравони дини Ислом кардани никоҳ (бастани ақди никоҳ) шарт мебошад, чун ақд (ЗАГС)-и имрӯза, ба номи қонун оғоз мешавад ва дар шариати

исломӣ муътабар нест: “Дар шариати Ислом никоҳ ва талоқи исломӣ муътабаранд”» (8).

Эшони Маҳмуд Тӯраҷонзода на танҳо ишқу муҳаббатро инкор кардааст, балки бо ин фатвои худ корро бо танокузҷӯӣ анҷом додааст. Аз ин фатво маълум мешавад, ки Эшони Маҳмуд муҳоҷири тоҷикро барои фиреб кардани зани рус ба хотири манфиат ҳидоят намудааст. Илова бар он қонуни ҳар ду давлатро, ки сарчашмаи муайянкунандаи робитаҳои иҷтимоӣ ба ҳисоб меравconfigand ва ба шаҳрвандони худ новобаста аз арзишҳои фитрӣ озодии ташкил намудани оиларо кафолат медиҳанд, дар баробари қоидаҳои Ислом паст задааст. Ин гуна фатво на танҳо мушкилоти муҳоҷирро дар Русия ҳал наменамояд, балки бадбинии мардуми таҳҷоиро, махсусан занонро нисбат ба муҳоҷирони мо, ки бе ин ҳам вуҷуд дорад, меафзояд. Вақте ки барои мусалмон ин зиндагӣ дӯзах аст ва никоҳ бо духтари рус танҳо ба хотири шиноснома ва шаҳрвандии Русия бошад, чи ниёз аст, ки мусалмонон ба давлатҳои ғайримусалмон муҳоҷир шаванд?

Дар робита ба ин баҳсеро, ки Ҷамолиддин Саидзода бардоштааст, ҷилваи бедорӣ ва огоҳии мардуми мо аз гузаштаи худ аст. Баҳсест, ки аз мардуми огоҳу донишманд, ҷасорату андешаи солимро мехоҳад. Баҳсест, ки оқибаташ раҳоӣ ёфтан аз гипнози динӣ ва эътиқодӣ ва рӯй овардан ба ҷаҳонбинии илмӣ аст.

Ман бовар дорам, ки асри XXI асри бедории занҳо ва озодии ҳамаи афроди ҷомеаи мост. Асрест, асри хурофотзудоӣ ва ҳаракатҳо барои ояндаи пешрафта. Асрест, ки Тоҷикистонро ба биҳишти муҳаббату ишқи заминӣ табдил бидиҳем, роҳро ба сӯи комёбиҳои навини илмӣ бигкушоем. Зеро комёбиҳои мо танҳо дар такя ба андешапарвару илмпазир шудани мо, бовар кардан ба қобилият ва имкониятҳои инсон, тақвият бахшидан ба ҷаҳонбинии илмӣ, ба шакл даровардани шуури илмӣ дар оила ва ҷомеа, кумак кардан ба нафаре, ки чунин ҷаҳонбиниро дорад, амалӣ мешавад. Барои комёбӣ моро танҳо ҷасоратмандона ва бо самимият ҳадафмандона мушкилотро ошкор намуда, роҳи ҳалро ҷустан аст, то зиндагии инсон ба арзиши бунёдии ҷомеаи мо табдил ёбад ва мо миллати шоистасолору созанда барои ҷаҳониён шинохта шавем.

**Сарчашмаҳо**


1. *Гегель Г.* Соч., т. IX. М., 1935, саҳ. 92;
2. *Рассел Б.* История Западной философии. - М., 1959, -саҳ. 444
3. *Имом Абӯҳомид Муҳаммад Ғаззолӣ.* «Насиҳат-ул-мулук». - Душанбе: Ирфон, 1993.
4. Энсиклопедияи советии тоҷик. – 1978 – Ҷ II, саҳ. 523-527, Ҷ VIII, 1987 – саҳ. 246
5. Нашрияи«Наҷот» аз 12.06. 2014.
6. Нашрияи«Нигоҳ», № 2 (384),02.04.2014, № 49(380), 05.03. 2014.
7. Нашрияи «Миллат» №07 (442) 19.02.2014, аз 14.05.2014 ва 21.05.2014
8. http://www.ozodagon.com/16402-eshoni-mamudon-fiktivnyy-īrak-ro-ravo-donist-īa-sharte-ki.html



Исомиддин
ШАРИФЗОДА
номзади илмҳои
фалсафа

**Чаро хурофазадаем?**

Чанде қабл мусоҳибаи Шарифи Ҳамдампур – бо Масъуди Миршоҳи раиси Анҷумани Рӯдакӣ дар ҳафтаномаи Тоҷикистон ба нашр расид, ки унвонии онро тоҷикони хурофотӣ ва эрониёни фарҳангӣ ташкил медод. Ҷаноби Миршоҳӣ вазъи воқеии мардуми моро ҳамчун вазъи мардуми хурофотзада баён намудааст, ки хеле дуруст ва воқеист. Ҳарчанд баъзе аз дӯстон бар ин назаранд, ки дар мо хурофот махсусан дар байни қисмати рушанфикр вуҷуд надорад, ки ба назари мо ин чиз сиҳат надорад. Пеш аз оне ки дар бобати хурофотӣ ва ё хурофазадагии ҷомеаи тоҷик сухан ронем, бояд сараввал худи онро таъриф кард ва шарҳ дод. Хурофот дар луғат ба маънои суханони парешон ва номарбут аст[84] (ё ба маънои ҳадиси ботил сухани беҳуда[85]. Таърифи ягона аз хурофот вуҷуд надорад, зеро дидгоҳҳои мухталиф ба таваҷҷуҳ бо бофтаҳои фикрию иҷтимоии худ таърифҳои гуногунро ба он додаанд. Ба таври куллӣ хурофот иборат аст аз: «муътақидод, боварҳо ё анҷоми корҳое, ки ҳеҷ гуна решаи ақлонӣ надорад» ва ин муътақидод фарогири маҷмӯи аз ахбор, ақоид, андешаҳо ва одату амалҳои ғайриилмӣ ва хилофи мантиқ ҳастанд, ки дар робита ба мавзӯъҳо ва падидаҳои табиию айнӣ ба вуҷуд меоянд.

Вақте Маъсуди Миршоҳӣ моро хурофазада мехонад, воқеият дорад, зеро рафтору амали аксари мардуми мо на бар пояи илму истидлол, балки бар пояи бовару эътиқодот аст, ҳамин аст, ки мо аксаран ин ё он ақидаро бидуни таҳлилу тафаккур қабул менамоем ва рафтору боварҳомон сахт мазҳабӣ ва динист. Дар сатҳҳои гуногуни иҷтимоӣ мушкилро на бо он роҳҳои таҷрибашудаю собитшудаи илмӣ, балки аз диди танги хурофотӣ баррасӣ менамоянд. Дунявият ҳарчанд дастоварди бузурги илмию сиёсии башарият аст, ки онро дар тӯли ҳазорсолаҳо ба даст овардааст ва барои ин ҳад расидан ҳазорон ҷонбозиву ҷоннисориҳо ба амал омадааст ва муссалам аст, ки дунявият дар Аврупо дар заминаи рушди илмҳои табиию дақиқ ва ташаккули ҷаҳонбинии илмию гуманистӣ, ки ҳадафи он беҳбуд бахшидани зиндагии инсонӣ ва ба сатҳи шоиста расонидани он аст, ташаккул ёфтааст. Воқеияти дунявият арзиши баланди зиндагии инсонӣ ва огоҳона муносибат намудан ба худу ҷаҳон аст, аммо аксари афроди ҷомеаи мо онро дуруст дарк намекунанд ва шинохти воқеие аз он надоранд. Ҳамин аст ки аксаран онро дуруст шарҳ намедиҳанд, ё дар ифои ин ё он амалу масъулият аз бовару эътиқодот кор мегиранд, ки муносиб ба диди илмӣ нест.

Пас аз пошхурдани Иттиҳоди Шӯравӣ чун дар он низом бовару эътиқод маҳдуд буд, мардум дубора рӯй оварданд ба дину мазҳаб ва бовару эътиқод. Худшиносиро онҳо дар бозгашт ба бовару эътиқодҳои динӣ фаҳмиданд. Аз тарафи дигар ҷанги дохилӣ ва бесуботии иҷтимоие, ки ба миён омад, хатарпазирии иҷтимоиро зиёд намуда, бо пастравии донишу огоҳии ҷомеа сатҳи хурофоту хурофазадагӣ дар ҷомеа ба шиддат боло рафт. Пӯшида нест, ки тайи даҳсолаҳои охир хурофотзадагӣ ва вопасгароӣ, суннатпарастӣ дар сатҳҳои гуногуни иҷтимоӣ нуфуз пайдо кардааст ва неруи хурофӣ имрӯз то ба сатҳи ҳокимияти давлатӣ

[84] Фарҳанги Деххудо . Саҳ. 387
[85] Фарҳанги Амид.Соли 1379 (ш.). Саҳ 843

расидааст. Ҷои пӯшида нест, ки довталабона ва риёкорона анҷом додани талаботи шаръӣ дар байни кормандони мақомотҳои давлатӣ муд шудааст ва ин ҳолат дар шароити феълии шиддатнок шудани авзоъи сиёсии минтақавӣ ва ҷаҳонӣ сахт нигароникунанда аст.

Масъалаи хурофаю хурофазадагӣ як масъалаи мураккаби иҷтимоию психологӣ буда, омӯзиши пурраю ҳаматарафаи он вақту имконияти зиёд мехоҳад. Мо дар ин навишта танҳо ба тарзи иҷмолӣ баъзе аз омилҳои иҷтимоии рушди хурофа ва роҳҳалҳои онро пешниҳод менамоем.

Яке аз омилҳои рушди хурофа ин ***<u>заъфи фарҳанги нақдӣ ва қавӣ будани фарҳанги нақлӣ</u>*** аст. Омили мазкур сад дар сад дар ҷомеаи мо ҷой дошта, аксари мардум аз фарҳанги нақлӣ кор мегиранд, ки хусусияти асосии он ин аст, ки ҳар чи гуфта мешавад он айнан ва бидуни тардид қабул карда мешавад. Ҳамин аст ки аз набудани донишҳои дурусти илмию мантиқӣ ва махсусан, набудани тафаккури таҳлилӣ афроди ҷомеа бо зудбоварӣ ҳар гуна фикру ақидаро бидуни интиқод кардан ва ҷиҳатҳои мусбию манфии онро арзёбӣ намудан қабул мекунанд. Бояд қайд кард, ки чунин навъи биниш то даврони маорифпарварӣ дар Аврупо низ роиҷ буд ва аввалин нафаре, ки тафаккури интиқодиро ба фарҳанги аврупоӣ ворид кард, Френсис Бекон буд, ки он шубҳа карданро барои дарёфти ҳақиқат ва мавриди нақд гузоштани дастовардҳои гузаштаро ба миён мегузорад. Ӯ монеаҳоро дар шинохти дурусту ҳақиқати илмӣ ба бут монанд мекунад ва масъалаи аз миён бардоштани онҳоро гузоштааст. Ин бутҳо иборатанд аз бути тоифавӣ, бути шахсӣ, бути бозорӣ, бути намоишӣ[86].

Баъдан донишманди дигари аврупоӣ Рене Декарт ин усулро идома дода, чунин меангорад: "барои озмуни ҳақиқат ҳар кас бояд дар тӯли зиндагии худ то он ҷое ки мумкин аст, як бор дар мавриди ҳама чиз шубҳа кунад"[87].

Чунин тарзи тафаккур сабаб мешавад дар Аврупо ҳамаи дастовардҳои гузашта мавриди интиқод қарор гиранд ва як чиз мусаллам аст, ки то замони ин ки як андеша пурра нақд нашавад, чизи наве дар заминаи он ба вуҷуд намеояд. Ҳамин будааст, ки баъдан дар фарҳанги аврупоӣ тафаккури интиқодӣ рушд намуд, ки сабаби коҳиш ёфтани хурофазадагӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ гардидааст. Барои аз байн бурдани мушкили мазбур бояд омӯзиши фалсафа ва улуми иҷтимоӣ дар баробари илмҳои табиатшиносӣ ривоҷ дода шавад, зеро фалсафа баёнгари рӯҳияи иҷтимоию маънавӣ ва сатҳи тафаккури ақлию илмӣ аст. Муҳимтарин ва муфидтарин тафаккури фалсафӣ интиқодӣ будани он аст, ки барои рушду камоли инсоният аҳамияти бенадоза зиёд доштааст. Ҷомеаи ақлбовар ва хирадгарои Аврупоро низ донишмандон ва махсусан файласуфон аз роҳи дарку эҷоди худ ба миён овардаанд. Ҷомеаи моро низ имрӯз зарур аст, барои паст кардани шиддати хурофазадагӣ бештар фарҳанги нақдиро ривоҷ диҳем.

Омили дигар, ки сабаби хурофазадагии ҷомеа мегардад ***<u>қудсият бахшидан ба анвои гуногуни боварҳо ва иддаоҳои сохта пардохтаи ҷомеа</u>*** ба ҳисоб меравад. Мусаллам аст, ки пас аз касби истиқлол кардани ҷумҳурӣ озодиҳои динӣ дар ҷомеа ба миён омадаанд. Аммо ин озодиҳо то ҳадде пешрафт намудаанд, ки имону эътиқод аз кори фардӣ ба амали иҷтимоӣ табдил ёфт ва фарогири биниши афроди ҷомеа гардид. Аксари боварҳо хусусияти қудсӣ касб намуданд ва ҳар кас тасаввуроти ибҳому

---

[86] Антология мировой философии .Т.II.М:, "Мысл" - 1970. саҳ.201

[87] Фалсафаи Декард: шомиле қавоиди ҳидояти зеҳн, усули фалсафа ва инфиолоти нафс. Тарҷума Манучеҳри Сонии Дарабедид. "Ал ҳудо: 1376. саҳ. 227-230

норушане аз дину мазҳаб дошт, онро таҷаллии қудсӣ дод ва дӯкони манфиатҳои хешро боз кард. Дар ин замина ҳатто боварҳои сода дар нисбати қудсият бахшидани ашёҳо боло гирифтаанд, ки дар сар то сари ҷумҳурӣ деҳае ё маконе нест, ки дар он як дарахт ё санг қудсӣ набошад, ҳамчунин мазорпарастию қадамҷои азизу авлиёҳо, эшонпарастию назру ниёз кардан ба ин тоифа дар сатҳи ниҳоят баланд қишрҳои ҷомеаро фаро гирифтааст. Мисраи Бозор Собир бозгӯкунандаи вазъ аст “Аз моли ҷаҳон мазор дорад тоҷик”. Фолбинию ҷодугарӣ ва даму дегдон ба як навъ касб ва дӯконе табдил ёфтааст, ки гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ мушкили худро на аз роҳи ақлу хирад, балки аз роҳи имону эътиқод мехоҳанд бароварда кунанд, ки сароби беш нест. Бо ин роҳи қудсият бахшидан ба худу амалҳои анҷомшаванда шахсиятҳои хурофотие дар ҷомеа зуҳур карданд, ки яке аз намунаҳои он шайх Темур ба ҳисоб меравад. Ҳарчанд даҳҳои дигарро низ дар ин замина метавон ном бурд.

Омили дигар дар рушди хурофазадагӣ набудани ***<u>навандешӣ ё бозандешӣ дар боварҳои умумӣ</u>*** аст. Яъне нафаре, гурӯҳе ё ниҳоде асло савол намекунад ё ҳамчун як масъалаи илмӣ – иҷтимоӣ боварҳои умумиро мавриди таҳлилу интиқод қарор намедиҳад, ҳамин аст, ки як бовар ҳазорон сол аз насл ба насл интиқол меёбад. Дар ин замина метавон шурӯъ карда аз унсурҳои сангпарастию дарахтпарастӣ, то хорпарастию эшонпарастиро зикр намуд ва мавриди таҳлил қарор дод.

Омили дигар ***<u>заъф ва набудани масъулияти иҷтимоӣ</u>*** аст, ки он боиси фирор аз масъулият ва пазириши бечуну чарои боварҳо мегардад. Дар ин замина метавон афродеро мисол зад, ки дар ҷомеа мақоми муайянро ишғол карадаанд, вале на аз нуқтаи назари вазифавиву масъулият, балки аз назари таваккалию тақдирӣ ҳар чи пеш ояд, хуш ояд, амал мекунад. Рушди чунин ҳолат боиси заъф шудани баданаи иҷтимоӣ мегардад ва дар маҷмӯъ ба кунд шудани суръати рушд ва ҳараҷу мараҷи иҷтимоӣ оварда мерасонад.

Омили дигар, ки барои рушди хурофа имкон мебарорад ***<u>фирор аз вокунишҳои қаҳромез ва тардомези дигарон</u>*** аст. Бояд қайд кард, ки вақте хурофа биниши умуми иҷтимоъро фаро гирифт, нафарони рушанфикр ва онҳое ки ин гуна боварҳои пучу беасосро қабул надоранд, ба хотири ҳифзи ҳаётии худ аз баҳсу баррасӣ намудани ин гуна масоил канорагирӣ мекунанд. Ҳамин аст, ки гурӯҳҳои нафарони зиёде дар ҷомеаи феълӣ аз гӯишу таҳлили илмии чунин падидаҳои ғайриақлӣ худдорӣ менамоянд ва гурӯҳе низ ба хотири ризоияти дигарон баъзе амалҳоро анҷом медиҳанд, ки ё ба он бовар надоранд ё хоси онҳо нест. Яъне ба истилоҳ ҳамранги ҷамоат шудаанд.

Омили дигари ривоҷи хурофа дар ҷомеа ***<u>ҳал нашудани мушкилоти одии зиндагӣ ба восила ва шеваҳои шинохташудаи ақлонӣ ва фикрӣ</u>*** аст, ки дар ин замина низ бо тағйири вазъ кардан ва марҳилаи гузариши иқтисодӣ, ки номуаяниро дар самти тандурустию маориф ба миён овард ва аз тарафи дигар тангдастию фақр сабаб гардид, ки мардум имкони ҳалли мушкилоти худро бо шеваҳои шинохтаи илмӣ бароварда карда натавонист. Ин омил муҷиби он гардид, ки мардум дубора рӯй оваранд бо роҳи ғайриақлию мантиқӣ ҳал намудани мушкил ва махсусан рӯй овардан ба фолбину ҷодугар ва эшону мулло аст. Нафарони зиранг дар ин роҳ дӯкони хурофа боз намуда ва барои бароварда кардани манфиатҳои хеш мардумро ба тарафи худ чалб намуданд. Тангдастӣ ва фақр муҷиб мешавад то инсонҳо бештар ба бовару эътиқод ва аз роҳи тахаюл ҳал намудани мушкилот пардозанд. Барои кам кардани шиддати ин омил бояд роҳҳои паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва ҳамчунин то охир ва дурусту саҳеҳу манфиатнок ба анҷом

расонидани ислоҳот дар самти маориф ва тандурустӣ мебошад. Ҳамчунин барои ҳалли баъзе аз мушкили иҷтимоӣ, ки мушкили равонӣ иҷтимоиянд тавсия бахшидан ба марказҳои равоншиносӣ ва дар маҷмӯъ рушди ин илм барои ҷомеа ниҳоят зарур аст.

Омили дигар ***<u>паст будани сатҳи донишу маърифат ва поён будани арзиши илму олим ва ҷойгоҳи муносиб надоштани мутахассис дар ҷомеа</u>*** аст, ки дар зеҳни умум ин ҷомеаро ба ҷой меоварад, ки дониш ва илму олим чандон нақше надоранд ва ҳалли мушкил аз тариқи қувваҳои мовароист. Чунин тарзи биниш дар ҷомеа ду ҳолатро ба миён овардааст. Аввалан, илм ва олим мавқеи шоистаро дар ҷомеа аз даст додааст, аз ҷониби дигар, ба ҷойгоҳи шоиста сазовор будани мутахассис кам ба назар мерасад, ки онро аксар нафарон дар ҷомеа тақдирӣ талаққӣ мекунад.

Омили дигар ***<u>сари вақт таҳлили воқеии илмӣ наёфтани ҳаводиси иҷтимоӣ</u>*** аст ё ба тарзи дигар вақте иттилооти дақиқ ва таҳлилҳои илмию сиёсии вазъиятҳо ва ҳодисаю падидаҳои иҷтимоӣ дар ҳама сатҳҳою самтҳо ба роҳ монда намешавад, дар зеҳнияти мардум шаклҳои таърифшуда ва эътиқодии онҳо шакл мегиранд, ки дар натиҷа раванди густариши хурофаро пиромуни ин масоил тарвиҷ медиҳанд. Барои ҳалли ин мушкил зарур аст, то дар сатҳҳои гуногуни ҷомеа ва махсусан назди ҳар ниҳод гурӯҳҳои ҷомеашиносӣ ва таҳлили равандҳои иҷтимоӣ таъсис дода, пайваста ҳодисаю падидаҳои иҷтимоӣ ва вазъияту шароити хоси онҳо мавриди баррасии дақиқи илмӣ қарор дода, аз натиҷаи он тариқи воситаҳои ахбори умум ба мардум маълумот дода шавад.

Омили дигар ***<u>эҳсоси нотавонӣ дар афроди ҷомеа аст, ки гӯё онҳо қудрати таъсиргузорӣ ба равандҳо ва шароитҳоро надоранд ва ин вазъро онҳо марбут ба тақдир</u>*** медонанд. Тақдирзадагӣ як навъи хурофот мебошад, ки ҳамаи амалу воқеотро ба як қувваи моварои рабт медиҳанд, ки дар натиҷа инсон ҷузъи як василае беш муаррифӣ намешавад. Дар ин замина низ зарур аст, то хусусиятҳои инсон аз назари антропологӣ баррасӣ шаванд ва табиату моҳияти он, неруҳои моҳиятии он халоқият ва қобилияту истеъдодаш мавриди тарғиб ва шинохти дурусти аҳли ҷомеа қарор дода шаванд.

Хурофа ва хурофазадагӣ ҷомеаро ба вопасгароӣ таассубият ва кундии рушд дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ меоварад ва дар маҷмӯъ ҷомеаро дар баробари хатарҳо бемуқовимат мекунад ва онҳоро зудбовару аз ҷониби дигарон тез фирефта шуда оварда мерасонад, ки ин раванд метавонад дар пайи худ садҳо мушкили дигарро ба миён оварад. Аз ин рӯ, хурофа ва хурофазадагиро танҳо бо роҳи дастаҷамъӣ ва ширкати ҳамаи афроди ҷомеа бо назардошти таъсир расонидан ба омилҳои ривоҷдиҳандаи он аз байн бурдан имкон дорад.



Нозим НУРОВ
фарҳангшинос

**Бегонашавӣ ва фарҳанги миллӣ**

Раванди муосири ҳаводиси сиёсӣ дар баъзе мамолики шарқӣ собит сохта истодааст, ки бидуни доштани иммунитети фарҳангӣ ва сиёсӣ дар шароити сиёсии глобалӣ зиндагӣ кардан ва, муҳимтар аз ин, зинда мондан мушкил аст. Мушкил ин ҷост, ки падидаҳои номақбул, хашин, мазарратовар ва ғайриинсоние монанди бунёдгаройӣ (фундаментализм), ифротгаройӣ (экстремизм), тундгаройӣ (радикализм) ва натиҷатан, даҳшатафканӣ (терроризм)-и динӣ-мазҳабӣ фазои фарҳангӣ ва маънавии мамолики Шарқи мусалмониро фаро гирифта, роҳи бурунрафтро аз ҳар тараф бастаанд. Падидаҳои мазкур, ки зоидаи табъу истеъдоди ҷаҳолатмаобони давранд, ҳамеша аз ҷониби қудратҳои бузурги минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ҷонибдорӣ шуда, вазъи куллиро дар манотиқи гуногуни шарқӣ, ба вижа, Шарқи мусулмонӣ ноҷур месозанд. Сухан сари ин аст, ки фарҳангҳои миллию бумӣ дар ҷараёни ташаннуҷи ифротгаройӣ ва тундгаройии динӣ таҳти хатари азим гирифтор шуда, дар садади нобудӣ қарор мегиранд.

Аз таърих хуб дар ёд мондааст, ки идеологияҳои динӣ-мазҳабӣ дар ҳама давру замон бо мақсади дар инҳисори фикрӣ, сиёсӣ, маънавӣ ва иҷтимоӣ қарор додани мардум аз силоҳи таҷрибашудаи таърихӣ -- ҷаҳлу ҷаҳолат ва зулму истибдод, ки пояҳои асосии низомҳои сиёсии диктаторӣ ва такраҳбарӣ маҳсуб меёбанд, васеъ истифода намуда, бад-ин тариқ тӯдаҳои мардумро таҳти назари доимӣ мегиранд. Инҳисор ё изолятсияи фарҳангӣ роҳи аз ҳама қавӣ ва санҷидашудаи таърихиест, ки тавассути он фарҳангҳо, дину ойинҳо, расму маросимҳо, диду андешаҳо, бинишу донишҳои мардум таҳриф шуда, бар пояи ҷаҳлу зулми маънавӣ нигаҳ дошта мешаванд ва саранҷом, дар зеҳни мардум бадгумониҳои фарҳангӣ реша давонда, раванди бегонашавӣ (процесс отчуждение) дар ҷавомеи авомписанд тасаллут пайдо мекунад ва охируламр аз асли миллӣ ва бумӣ канда шудани комплексҳои фарҳанги мардумӣ ба миён меояд.

Бегонашавӣ раванди глобалиест, ки тайи таърихи тӯлонӣ рӯҳи қавмию миллии мардумони гуногуннажодро хароб сохта, ба онҳо рӯҳи ҷаълию сохта «ҳадя» намудааст. Таҷриботи ҳаводиси таърихии давраҳои гуногун гувоҳи онанд, ки тавассути ҷаҳлу зӯрӣ ва тарсу ҳарос интишор додан ва истеҳком бахшидани сиёсат ва фарҳанги бегона қисмати зиёди мардумро ба истилоҳ, манқурт сохта, иҷборан аз бовару эътиқодоти милливу бумиаш маҳрум намудааст. Аз ҷониби дигар, мардум ва қишрҳои маърифатии ҷавомеи таҳти тасаллути сиёсат ва фарҳанги бегона қарордошта ба хотири амнияти фардӣ аз боварҳои худӣ даст мекашанд. Хатарҳои вуҷудӣ[88] инсонро дар баробари қудратҳои фикрию ҷисмонии бегона заиф месозанд ва ҷониби қабулу пазириши иҷбории қавонини бегонагон савқ медиҳанд. Дар ин росто, фарҳанги миллӣ тайи таърихи тӯлонӣ ҳамеша таҳти тасаллут ва контроли аҷнабиён қарор дошт ва дар натиҷаи «бориши барзиёди сели андеша ва фарҳанги бегона» ҷисман ва рӯҳан бемадор шуда, қатъи назар аз ситезҳои бардавоми бегонагон аз рӯйи

---

[88] Ниг.: Бобоёров Ҳафиз. Методологияи «бехатарии вуҷудӣ»: мавзӯи нестӣ дар фалсафаи Ғарб. –Душанбе: Дониш, 2015. Саҳ.6-7

қудрат ва тавон бори гарони фарҳанги бумиро баркашонд. Аммо, бар хилофи ҷуръату ҷасорати миллию инсонии Закариёи Розӣ, Ибни Сино, Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Носири Хусрав ва соири бузургони миллӣ, бар асари ҷаҳолатписандӣ ва хурофотпарастӣ дар масири бегонасолорӣ иқдом бардоштем ва ба қавли устод Лоиқ: ***"Мо на онем, ки сад чашми ҷаҳонбин дорем. Мо ҳамонем, ки ду чашми даҳонбин дорем"*** – ҷодаи тираву норушани бегонасолориро тайи асрҳои мутааддид паймудем[89].«Ду чашми даҳонбин доштан» нишони камхирадӣ, камандешӣ, кӯрзавқӣ, сатҳинигарӣ, нодурандешӣ ва таҷрибанописандии мардум аст, ки сарнавишташро бо зулму ситам ва ҷаҳлу разолат даромехта, роҳҳои бунбастиро интихоб намуд. Агар либоси фарҳанг бо хирад, ростӣ, адолат ва ҷуръату ҷасорат пероста шуда бошад, сарнавишти неку сазовор ӯро интизор аст, дар акси ҳол, дар қолаби фарҳангҳои бегона ва тамаддуни аҷнабӣ ба сар мебарад ва ҳамеша дар ҳолатҳои хатарнок сар ба паноҳи бутҳои фарҳангҳои бегона мебарад ва дар нобасомониҳо аз онҳо мадад меҷӯяд. Саранҷоми бад доштан аз бехирадӣ, беҳавсалагӣ, саҳлангорӣ, бетаваҷҷуҳӣ, бепарвоӣ ва беинсофии сардамдорони миллӣ ва мардумӣ сарчашма мегирад, ки Ҳаким Фирдавсӣ ҳанӯз дар замони худ ин нуктаи калидиро дар муносиботи фарҳангӣ ва иҷтимоӣ таъкид карда буд:

*Ба Яздон, ки гар мо хирад доштем,*
*Куҷо ин саранҷоми бад доштем.*

**Раванди бегонашавӣ** ва бегонасолорӣ дар даҳсолаи ахир дар муҳити сиёсӣ, ахлоқӣ ва фарҳангии қаламрави ҷумҳурӣ истеҳком ёфта, ба таври худогоҳ ва нохудогоҳ фазои иттилоотӣ ва расонаии моро фаро гирифтааст. Мутолиаи ҷаридаҳои мустақили миллӣ дар даҳ соли охир ин даъворо матраҳ мекунад, ки раванди бегонашавӣ ва, муҳимтар аз ин, бегонасолорӣ дар ҳавзаи сиёсӣ ва фарҳангии мо рӯз ба рӯз, ҳафта ба ҳафта ва сол ба сол таҳкиму тақвият ёфта, дар садади татбиқ шудан қарор дорад. Бегонашавӣ (alienation)[90] –раванди фарогирест, ки тавассути он инсон дар доираи хусусият ва характери худ бо таъсири авомил ва падидаҳои гуногуни иҷтимоӣ, аз қабили дин, мазҳаб, синф, сиёсат, фарҳанг ва амсоли инҳо бегона мешавад[91] ва комплекси муносиботи иҷтимоӣ-оламӣ афкор, гуфтору кирдори рӯзмарраи худро дар партави фарҳанги бегона таҷассум мекунад. Бегонашавӣ, ки аксаран, дар бардошт ё нусхабардорӣ (простое копирование)-и одии фарҳангу адён, расму русум ва ойину мазҳабҳои бегона-аҷнабӣ зоҳир мегардад, дар ҷараёни тадриҷӣ зеҳниёти миллатро мунҳасир сохта, дар имтидоди муайяни замонӣ онро ба як ашё ё объекти истифода ва роҳандозӣ намудани ҳадафҳои геосиёсӣ ва геостратегии абарқудратони ҷаҳонӣ ва минтақавӣ табдил медиҳад. Раванди бегонашавӣ (процесс отчуждения) ҳарҷу марҷи сиёсӣ, фикрӣ, идеологӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро ба дунбол дорад ва он роҳи сарбаста ва бунбастиро барои қавму миллиятҳои мухталиф ба вуҷуд меоварад. **Бегонашавии фикрӣ ва идеологӣ** хатарноктарин навъи бегонашавист, ки оқибат ба **бегонасолорӣ** бурда мерасонад. Дар имтидоди тӯлонии замонӣ инсон тавассути фишорҳои равонӣ, фикрӣ, идеологӣ ва ҷисмонӣ бевосита ва бавосита фарҳанг ва идеологияи ғайрро пазируфта, таври тадриҷӣ дар тафаккуру тахайюлаш ҷо мекунад ва он дар қолаби мафкуравӣ асрҳои аср обутоб ёфта, роҳи озодиҳои фикрию

[89] Шакурӣ М. Хуросон аст ин ҷо. Саҳ.19

[90] The Oxford Rassion Dictionary. New York: Oxford University Press, 1993. -P.325

[91] Ҳафиз Бобоёров. Озодандешӣ, бегонашавӣ ва ҳувиятсозӣ дар ислом. //Ҷумҳурият № 249 (22554), 19 декабри соли 2014. Саҳ.2

эҷодии ӯро банд мекунад. Ба таври маснӯӣ банд шудани ҳофизаи таърихӣ (историческая память) ба фаромӯшии хотираи миллӣ оварда мерасонад. Дар ин мавқеъ инсон ва мушаххасан, миллияту халқият ба гирдоби бетафовутӣ ва саҳлангорӣ нисбат ба сарнавишти миллӣ меафтад ва баромадан аз чунин гирдоби вахим, ки бо амвоҷи бегонасолорӣ муназзам гардидааст, кори саҳлу осон нест. Дар натиҷа, инсон на танҳо аз фарҳангу маънавиёти бумӣ ё худӣ маҳрум мемонад, балки ба бегонапараст ва бегонасолор табдил меёбад. Махсусан, дар замони даргириҳои фикрию ақидатӣ ва геосиёсӣ, ки онро дар забон ва истилоҳи сиёсӣ «бархурди тамаддунҳо» унвон кардаанд, ҷараёни бегонашавӣ манофеи миллӣ ва мардумиро ба хатар мувоҷеҳ месозад. Ба қавли назария-пардози геосиёсӣ ва бархурдҳои тамаддунӣ Самюэл Ҳантингтон: «Сиёсати глобалӣ ин сиёсати тамаддунҳост. Рақобати давлатҳои абарқудрат бар пояи бархурди тамаддунҳо сурат мегирад»[92]. **Дурнамои сиёсати глобалиро Ҳантингтон дар бархурдҳои тамаддунҳое мушаххас намудааст, ки аслан, динмеҳваранд.** Ба сухани сареҳтар, набарду бархурдҳои динӣ-мазҳабӣ дар манотиқи гуногуни ҷаҳон ба нақша гирифта шуда буд ва он дар асри бисту як дар шакли тунд (револютсионӣ) татбиқ шуда истодааст. Бо назардошти шароит ва вазъи номусоиди глобалӣ, таҳкими фарҳанги бумӣ бар мабнои ҷаҳонбинӣ ва идеологияи воқеъбинонаи миллӣ, ки дар бовару асотири паҳлавӣ ва манобеи асримиёнагӣ дарҷ гардидаанд, ҳукми зарурат аст[93]. Хатти марказии фарҳанг ва сиёсати миллӣ дар симои шаҳриёри нимаустуравӣ ва ниматаърихӣ Ҷамшед чарх мезанад ва асотири асримиёнаи паҳлавӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки ӯ на фарраи паёмбарӣ, балки фарраи шаҳриёриро ихтиёр намуда, дар ин дунё лаззат бурдан ва онро ободу зебо сохтанро меъёр ва шеваи зиндагии худ талаққӣ карда, дар татбиқи он калидҳоя кӯшидааст[94]. Бар қолаби фарҳанги ҷамшедӣ ҷашнҳои бостонии миллӣ (Наврӯз, Тиргон, Меҳргон, Сада) рехта шуда, ҳамагӣ барои танзими барномаҳои зиндагии инсонӣ офарида шудаанд[95]. Аз ин лиҳоз, пуштибонӣ аз фарҳанги ҷамшедӣ ва татбиқи он дар низоми сиёсӣ ва иҷтимоии ватанӣ ба сифати идеологияи миллӣ дар ҷараёни инҳисороти фарҳангӣ ва бархурдҳои сиёсию тамаддунӣ тадбири калидӣ маҳсуб меёбад.

Геополитика ва геостратегия, қабл аз ҳама, бо ҳувияти миллӣ сари кор мегирад ва кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки онро дар ҷанинаш тағйир дода, масири ҳаракати тахайюл ва тафаккури объектро ҷониби ба худ мувофиқ майл диҳад. Заъфи фикрӣ ва фарҳангӣ, зарфиятҳои тангу маҳдуди зеҳнию миллӣ боиси он мешаванд, ки халқу миллиятҳо дар масири таърихи муосир аз ҷониби бозигарони бузург мавриди суйиистифода ва ба истилоҳ, манипулятсия қарор гирифта, ба даргириҳою низоъҳои хашин кашида мешаванд. Ба вежа, ашхос ва миллатҳое ба доми найрангҳои сиёсӣ ва фарҳангӣ меафтанд, ки фаъол нестанд ва дар олами хурофоту тақдирпарастӣ (фатализм) зиндагӣ мекунанд[96]. Зарфиятҳои фикрӣ ва фарҳангии миллӣ, ба қавли донишманди тоҷик С. Ятимов, дар мафҳуми «одоби миллӣ ё характери миллӣ» меғунҷанд, ки маҷмӯаи муносиботи ахлоқии имрӯзу ояндаи

[92] Хантингтон Самюэль. Столкновение цивилизаций. –Москва: АСТ, 2006. Саҳ.7

[93] Бекзода Комил. Таърихи равшанфикрӣ аз даврони Ҷамшед то замони Фирдавсӣ. –Душанбе, 2012. Саҳ.388-389

[94] Баҳор Меҳрдод. Аз устура то таърих. Гирдоваранда ва виростор Абулқосим Исмоилпур. Теҳрон, 1384. Саҳ. 360

[95] Рӯҳуламинӣ Маҳмуд. Ойинҳо ва ҷашнҳои куҳан дар Ирони имрӯз. Теҳрон, чопи аввал, 1376. Саҳ.15.

[96] Ҳафиз Бобоёров. Моҳияти ифротгароии динӣ аз рӯйи сенарияи «бархурди тамаддунҳо»-и Самуэл Ҳантингтон // Садои мардум№4 (3305), 7 январи соли 2015. Саҳ.3

миллатро дар бар мегирад[97]. Ҳар қадар одоб ва характери миллӣ заиф ва камзарфият бошад, дар ҷараёни бархурдҳои фарҳангӣ ва ахлоқӣ ҳамон қадар осебпазиртар мегардад.

Фарҳанги миллӣ на танҳо илму маърифат ва одобу маросим, балки маҷмӯан, рӯҳи миллию мардумиро таҷассум мекунад ва дар ҳофизаи таърихии миллат (историческая память) нигаҳ медорад. Хотираи таърихӣ маҷмӯаи андешавӣ, фарҳангӣ ва тамаддунии як қавм ва миллатро дар масири таърихи вуҷуд ҳифз мекунад ва ба ояндагони миллат эҳдо менамояд. Дар ин радиф, андеша ва тафаккури миллат муносибати худро, чи ба фарҳанги миллӣ ва чи ба фарҳангҳои умумибашарӣ муайян сохта, барои рушду такомули инсон, ҷомеа ва давлати миллӣ роҳ мекушояд[98]. Фарҳанг ва тамаддунро фарҳангшиноси маъруфи урупоӣ Вил Дуронт назми иҷтимоие медонад, ки дар натиҷаи мавҷудияташ халлоқияти он имконпазир гардида, ҷараён пайдо мекунад[99]. Ба таври куллӣ, фарҳанг бавуҷудорандаи назми иҷтимоӣ буда, тайи таърих инсон ва муҳити инсонӣ месозад. Дар муҳитҳои инсонӣ муносибатҳои мутақобилаи судманд ташаккул ва ривоҷ меёбанд. Аз ин нигоҳ, фарҳанги миллӣ, қабл аз ҳама, махсусият ва атрибутҳои писандидаи мардумиро инъикос намуда, роҳи минбаъдаи таҳаввулу тараққиро барои наслҳо мушаххас мекунад.

Ба таври куллӣ, дар раванди ҷаҳонишавӣ фарҳанги миллӣ дар инҳисор (изолятсия)-и хатарҳои зерин қарор дорад: а) пантуркизм, ки ҳанӯз аз ибтидои садаи бист таҳрифи ҳувият ва чеҳраи миллиро ҳадафи ниҳоӣ, стратегӣ ва ниҳоятан, идеологӣ қарор дода,[100] дар ин замина, ба сохтани симои ҷаълӣ ва фарҳанги маснӯии миллӣ пардохт. Дар бист соли истиқлолият тавассути муассисаҳои таҳсилоти мутавассита (мактабу литсейҳо), филмҳои мутааддид ва дигар васоити муассири идеологӣ густариш ёфта истодааст; б) панисломизм-панарабизм, ки тавассути мавъизаҳои ба истилоҳ, муллоҳои маҳаллӣ ва берунӣ пиёда мешавад ва, мутаассифона, фазои иттилоотӣ, фарҳангӣ ва сиёсии миллиро мағшуш сохтааст; в) панрусизм, ки русгаройии ифротиро дар минтақа роҳандозӣ намуда, роҳро барои бегона шудани ҳувияти миллӣ ҳамвор кардааст. Ҳамчунин, урупоигаройӣ ё ғарбгаройии ифротӣ низ дар баробари соири авомили ҳувиятситез вуҷуд дорад. Мо, аслан дар зоҳир ғарбгаро ва чуноне ки баъзан киноя мезананд «ғарбзада» ҳастем. Аллома Иқбол ин масъаларо пайгирӣ намуда, таъкид дошта буд, ки қудрати Мағриб аз илму дониш аст, на аз либос ва дар ин росто, ба насли ҷавони ҷомеа ҳушдор дода буд:

*Илму фанро, эй ҷавони шӯхшанг,*
*Мағз мебояд, на малбуси фаранг.*

Аз хатароти фарҳангии фавқ зиёдтар пантуркизм ва панисломизм дар минтақа таъсири амиқ доранд. Онҳо ҳатто дар сатҳи расмӣ дастгирӣ меёбанд ва қисмати аъзами армияи илму маориф онҳоро ҷонибдорӣ мекунанд. Идеологияи пантуркистӣ имрӯз дар қолаби таълимоти мазҳабӣ ба арсаи фарҳанги миллӣ ворид гардидааст. Миёни авом аз эътибор ва нуфузи зиёд бархурдор будани тоифаи ба истилоҳ, мулло ва домулло баёнгари вазъи номутаносиби сиёсӣ ва фарҳангии минтақавӣ[101] илова бар ин, салтанати безавқӣ ва камхирадӣ мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки аз охири садаи бистум дар тарҳи нави сиёсӣ масъалаи ба

---

[97] Ниг.: С. Ятимов. Назарияи эҳтимолияти равандҳои сиёсӣ // Ҷумҳурият №252 (22557), 24 декабри соли 2014. Саҳ.3

[98] Назария ва методологияи ваҳдати миллӣ. – Душанбе:Дониш, 2007. – Саҳ.38

[99] Дуронт Вил. Таърихи тамаддун. Ҷилди 1. –Теҳрон, 1343. – Саҳ. 3

[100] Шакурӣ М. Пантуркизм ва сарнавишти таърихии тоҷикон. –Душанбе: Адиб, 2010. – Саҳ. 97

[101] Ҳафиз Холиқзода. Оё дин, илм ва мулло равшанфикр аст? // Садои мардум. №148 (3294), 10 декабри соли 2014.-Саҳ. 3

**ислом рӯ овардани масеҳиён ва умуман, фарҳангиёну нухбагони урупоӣ матраҳ аст.** Бо ин **фиреби назар** дастандаркорон исломгаройиро дар шакли таҷаммуи мардумӣ тавсеа додан мехоҳанд ва ин падидаро дида, ҷомеа аз диёнати исломӣ ва бартарияти он аз дигар ақоиду мазоҳиб ифтихор мекунад**.** Ҳол он ки ҳанӯз нависанда ва мутафаккири шаҳири эронӣ **Содиқ Ҳидоят** дар нимаи аввали садаи бистум ин масъаларо дарк намуда, таъкид дошта буд, ки **фаронсавиён (фарангиён – урупоиён – Н.Н.) ба ислом ин қадар зиёд часпидаанд, то мусалмононро беҳтар савор шаванд[102].**Чашми насли ҷавони ҷомеаи тоҷикӣ, мисли ин ки ихтиёран баста шудааст ва намехоҳад чашмашро боз карда, воқеият ва ҳақиқатро ошкоро бубинад. Охир, кори эҳсосоту тасаввурот, ки дин ва мазҳаб бар мабнои онҳо асос ёфтааст, дар сарҳади бехудӣ анҷом меёбад. Ҳувияти динӣ-мазҳабӣ, дар ҳар  шакли зуҳур баёнгари ҳувияти миллӣ нест, чаро ки побанди маҳдудиятҳои ақидатист. Тайи таърихи тӯлонӣ марзи андеша, фарҳанг ва дар маҷмӯъ, рӯҳи миллӣ дар инҳисороти идеологӣ  қарор дошт ва ин раванд дар шароити имрӯза, ки бархурдҳои тамаддунии динмеҳвар рӯз ба рӯз ташаннуҷ мекунанд, таҳкиму тақвият ёфта истодааст. Дар ҳоле ки дар таърихи миллӣ нахустин маротиба Куруши Кабир ба тамаддун, эътиқод, афкор, мазҳаб ва сунани иҷтимоии миллатҳои мағлуб ба дидаи эҳтиром менигарист[103], аксари наслҳои имрӯзии мо, ки бар асари фишору бориши мағзии ифротӣ ҳувияти бегонаро пазируфтаанд, дар масири бегонагӣ ҳаракат карданро  авло медонанд.

Раванди бегонашавӣ роҳи мустақимро барои бурузи ифротгаройии динӣ ҳамвор месозад. Решаю авомили бурузи ифротгаройӣ ва ба истилоҳ, экстремизми динӣ-мазҳабӣ, қабл аз ҳама, дар ақибмондагии саросарии иҷтимоӣ зоҳир мегардад. Ҳар қадар иҷтимоъ мутамоили ҷаҳолату афкори пӯсидаи гузашта бошад, ҳамон қадар хатари ҳама гуна ифроту тафритгарӣ, ки бар ҳасби истилоҳ, «авомзадагӣ» талаққӣ мешавад, онро таҳдид мекунад. **Ба назари ҷомеашиноси эронӣ Алӣ Ризоқулӣ, авомзадагӣ, ки дар асоси ҷаҳолату нодонӣ рӯйи кор меояд, як бемории риққатбор ва андешакуши иҷтимоӣ (ва миллӣ –Н.Н.) аст[104].** Авомзадагӣ, дар асл, хирадситезӣ ё ба қавли Абдулҳодӣ Ҳоирӣ, «яксуянигарӣ»[105] буда, мунҷар ба афзоиши бемайлони ифротгаройӣ ва ба ин монанд истибдоди равонию ҷисмонӣ мегардад. Ин аст ки маҳз салтанати тадриҷии ҷаҳолати минтақавӣ боиси вусъат пайдо кардани раванди бегонашавӣ гардида истодааст. Ҳарчанд ки илму дониши ҷаҳонӣ имрӯз  вусъати кайҳонӣ касб мекунад, мо ҳанӯз дар фикри побарҷо доштани хурофоту таассуби динӣ-мазҳабӣ зиндагӣ мекунем ва ақаллан фармудаю насиҳати Мавлоно Ҷалолуддини Балхиро, ки ифтихори дину мазҳаб аст, ба эътибор намегирем:

*Сахтгириву таассуб хомӣ аст,*
*То ҷанинӣ кор хуношомӣ аст.*

Таассубу хурофот аз нодонӣ ва ҷаҳолати иҷтимоъ маншаъ мегирад. Дар ҳолати ҷаҳолат қарор доштани ҷомеа ҳамеша ба манфиати гурӯҳҳое, ки ба муфтхӯрии иҷтимоӣ одат кардаанд, буда ва ҳаст. Бинобар ин, аз ин вартаи ногувори фикрӣ ва идеологӣ, ки моро ба сӯйи бегонашавӣ ва

---

[102] Ҳидоят Содиқ. Корвони ислом. Интишороти Созмони ҷунбиши натсионалистии донишгоҳиёну дониш-пажӯҳн ва равшанбинони Ирон, 1361. Саҳ.6

[103] Ризоӣ Абдулазим. Таърихи даҳҳазорсолаи Ирон. Ҷилди аввал. Теҳрон, 1368. Саҳ. 249

[104] Ризоқулӣ Алӣ. Ҷомеашиносии нухбакушӣ: таҳлили ҷомеашинохтии бархе аз решаҳои истибдод ва ақибмондагӣ дар Ирон. Теҳрон: Нашри Най, 1377.Саҳ.227-228

[105] Зебокалом Содиқ. Мо чи гуна мо шудем: решаёбии илали ақибмондагӣ дар Ирон. Теҳрон: Интишороти Равзана, 1378. Саҳ. 206

бегонасолорӣ кашида истодааст, бо дониши зиндаи дунявӣ ва замонавӣ мебояд раҳо шуд. Дар акси ҳол, фарҳанги миллиро буҳронҳои шадид интизоранд ва то ба дараҷаи нобудӣ таҳдид мекунанд.

Ташаккул ва рушди тафаккури интиқодӣ (критическое мышление) яке аз роҳҳои баланд бардоштани қудрат, масуният ё иммунитети фарҳангӣ ва сиёсии мо маҳсуб меёбад. Аз назари интиқодӣ таваҷҷуҳ намудан ба арзишҳои сиёсӣ ва фарҳангии башарӣ ва дар айни замон ба фарҳанги миллӣ, имкон медиҳад, ки зеҳни ҷустуҷӯгар ва халлоқи миллат рушду тавсеа ёбад. Гузашта аз ин, мо тайи солҳои тӯлонӣ аз як навъ эпидемияи иҷтимоии ифтихороти сатҳӣ ранҷ мебарем ва ҳамеша аз гузаштагони худ бебаркаш ифтихор мекунем, дар ҳоле ки осори онҳоро ҷиддӣ намеомӯзем, афкори пешқадамашонро дар амал татбиқ намекунем. Ҳолати мо ҳолати назариявӣ (теоретикӣ) буда, ба амалгаройӣ (прагматизм) кам таваҷҷуҳ дорем ва ё ба он, аслан эътино намекунем. Равиши муосири идеологӣ ва сиёсию фарҳангӣ ба амалгаройӣ такя мекунад, аз ин рӯ, вазъи имрӯзӣ зарурати аз назария ба амалия гузаштанро тақозо менамояд. Дар шакли шиорпароканӣ садо аз ифтихороти миллӣ дардодан басанда нест, ин ифтихоротро дар амал татбиқ бояд кард ва, албатта, на бо забон, балки бо кору пайкори самимӣ ва орӣ аз тамаъу ҳирс.

Файласуф ва мутафаккири фаронсавӣ Волтер гуфта буд: **«Барои шинохти қавонини табиат садаҳои тӯлонӣ лозим аст, аммо барои шинохтани вазифаи инсон як рӯз кифоят мекунад, то инсон вазоифи худро шиносад»[106].** Бо такя ба гуфтаи Волтер, афроди солимақли халқу миллатро зарур аст, ки рисолат ва вазифаи миллӣ ва инсонии худро шиносанд ва дар пайи дифоъ аз ҳувият, ҳайсият ва фарҳанги миллӣ дар баробари фишору таҳоҷуми тамаддуну сиёсати аҷнабӣ гомҳои устувор бардоранд.

[106] Аҳмадӣ Бобак. Кори рушангарӣ. Теҳрон: Марказ, 1384. Саҳ. 132



Фирдавс НИЁЗӢ
номзади илмҳои
филологӣ

**Баҳси забони тоҷикӣ дар шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ**

Забон ва такомулу таҳаввули он, табдили хат, шакли навишт ва имлои осон аз масъалаи ҳамешагӣ ва баҳсбарангез барои рушанфикрони ҷомеа ва онҳое будааст, ки ба илмҳои забоншиносӣ бевосита ё бавоста иртибот доранд.

Агар дар асри XX ва асрҳои пешин танҳо дар конфоронсу нишастҳои илмӣ проблемаҳои мухталифи ин ё он бахши забон мавриди баҳсу баррасӣ қарор мегирифтанд, дар асри нав XXI баррасиву таҳқиқи ин масоил ба шабакаи ҷаҳонии интернет низ роҳ ёфтааст. Шабакаи ҷаҳонии интернет як фазои дигар ва ҳатто гуфтан мумкин аст ҷомеаи дигар аст, ки дар лаҳзаи кӯтоҳтарин хабару таҳлил ва андешаҳои мухталифро паҳн мекунад. Дар ин раванд донишмандону муҳаққиқони тоҷикро низ зарур аст аз навгониҳо огоҳ бошанд ва мақолаву таҳқиқотҳои илмии худро бештар дар интернет паҳн созанд.

Аз солҳои 90-и асри гузашта ба ин сӯ ва бо ворид шудани интернет дар фазои иттилоотиву илмии Тоҷикистон баҳс дар атрофи забони тоҷикӣ ва масъалаҳои гуногуни он проблемаи рӯзмарра гардид. Айни ҳол ин баҳсҳо бештар дар шабакаи иҷтимоии «Фейсбук», ки бештар аз 1 миллиард истифодабаранда дорад, “тезу тунданд”.

Дар ин шабакаи иҷтимоӣ чанд гурӯҳе мавҷуд аст, ки аъзоёнашон аз 150 нафар то ба зиёда аз 11000 нафар мерасанд.

Гурӯҳи аз ҳама фаъоле, дар он корбарон масъалаҳои гунонгуни забониро баҳс мекунанд «Забони порсӣ» ном дорад[107].

Тибқи маълумоти мавҷуда, ин гурӯҳ 10711 истифодабаранда дорад ва аз 22 майи соли 2011 фаъол мебошад.

Ҳадафи худро созандагони ин гурӯҳ чунин зикр кардаанд: «Ин сафҳа барои бозгӯии мушкилоти забони порсӣ дар Фарорӯд (Осиёи Миёна) ва ҷустуҷӯи роҳкорҳо ва беҳбуду густариши он гушоиш ёфт.

«Забони порсӣ» гурӯҳи сиёсӣ нест, ба ҳеҷ гурӯҳ ё равияи сиёсӣ тааллуқ надорад ва баррасии масоили сиёсӣ дар ин гурӯҳ мамнӯъ аст.

Баҳсҳои гурӯҳи «Забони порсӣ» набояд бидуни иҷозаи гурӯҳ ҷое мунташир шавад. Чун шояд он баҳс ноқис ё хилофи аҳдофи гурӯҳ бошад.

Тамоми мубоҳисот дар гурӯҳи «Забони порсӣ» ба забони порсӣ сурат мегирад. Пурсиш: Чаро «порсӣ» ва на форсӣ»?

Посух: «Форсӣ» талаффузи арабии вожаи «порсӣ» аст. «Порсӣ» талаффузи асилу порсии номи забони модарии мост.

«Аҷам зинда кардам бад-ин порсӣ!» (Фирдавсӣ)[108]

Тайи чор сол дар ин гурӯҳ мавзӯъҳои мухталиф ба баҳс кашида шудаанд. Барои мисол баҳсеро дар атрофи вожаи «чангкашак» ё мисол меорем:

Пылесос - ҷорӯбарқӣ;

Dariush Rajabian, 2 Январи 2014.

Пылесос - ҷорӯбарқӣ; جاروبرقى

Bakhtiyor Latifi:Ё "Гардкаш" ё "Чангкаш"

Bahrom Boris Ibodulloev: ё ҳарду

---

107 https://www.facebook.com/groups/zabaneparsi
108 https://www.facebook.com/groups/ zabaneparsi

Bahrom Boris Ibodulloev: ҷоруби аврупоӣ

Bahrom Boris Ibodulloev: ҷоруби чархдор

Bahrom Boris Ibodulloev: ҷоруби бинидароз

Esfandiar Adina: танҳо ҷорӯбарқӣ

Dadaxon O'zbek Чангкаш.

Dariush Rajabian:"Ҷорӯбарқӣ" танҳо номи роиҷи ин дастгоҳ дар забони порсии меъёр аст.

احسان اعظمیانЧангкаш, чангкашак ё гардкаш писандидаву хушоянд аст

Ин ҳам ҷорубарқӣ аст. Аммо мушаххасан ҷорубарқии руботик.

Kamoliddini Bozi: Ҷорӯбарқӣ ё ҷорӯббарқӣ?

Kamoliddini Bozi: Чангкашак ҳам хеле зебост.

Зафар Мирзоён: тоҷикони забондони мо чангкашакро тарҷумаи противогаз ҳам кардаанд.

Fatima Salomova: Чангкашак-пылесос

Ramin Hadizadeh: بالاتر عرض شد که «пылесос» جاروبرقی است.

Исоев Орзу: Чанграбо - пешниҳод!

Sohibyor Tolib: Ҷорубарқӣ зебост. Аммо дар тамоми гӯшаи Тоҷикистон "чангкашак"-ро истифода мебаранд.

Bakhtiyor Latifi: Ҷорубарқӣ гӯшхарош аст,аз ҳамин сабаб, ман фикр мекунам дар байни мардуми мо роиҷ намегардад, агарчанде мо сахт инро бихоҳем...

Abdulaziz Voseev: Чанграбо ҳам равон аст...

Зафар Мирзоён: Аз ҳама хубаш бо забони софи тоҷикӣ "Алфасанаки гардучангрубак" номида шавад. Мисли "фурузонакҳои барқӣ", "гушти гови дам кардапухташудагӣ" ва монади он кашфиётҳо дар забони ноби тоҷикӣ...

Зафар Мирзоён: Дар забони тоҷикии мустақилу дур аз забони порсӣ барои баёни олатҳову механизмҳо, суффикси "ак"- ро мул истифода мекунанд. Монанди "алфасанак", "фурӯзонак", "қапиданак", "шамолтияк", "болобаромаданак"... чангуборкашак ҳам эҷоди майнаҳои забонсозони зӯр мебошад.

Esfandiar Adina: Калимоти "гӯшхарош" дар забон фаровонанд, магар бояд ҳамаи онҳоро бирӯбем?

Bakhtiyor Latifi: Бирӯбем ё нарӯбем,онҳоро ба ғайр аз як гурӯҳи ками мардум истифода мебараду халос, ба монанди рӯзноманигорон ё нависандагон.

Ramin Hadizadeh:Чангкашак тарҷумаи таҳтуллафзии бисёр бад аз русӣ аст.

Ramin Hadizadeh:…Ёдоварии вожаҳо дуруст корест, вале чунин баҳсҳо нишон медиҳанд, ки танҳо ёдоварии вожаҳо басанда нест. Бояд онҳоро тавзеҳ низ дод, то ҳамвандон аз решаву буну маъниву мафҳуму корбурдашон низ огоҳ шаванд ва онҳоро дуруст ба кор баранд. Масалан, агар яке мегуфт, ки эрониён ҷорӯбро «ҷору» мегӯянд ва ин истилоҳро низ аз роҳи ҳазфи нақшнамои изофаи «-и» аз ибораи «ҷоруи барқӣ» сохтаанд, ки дар порсии тоҷикӣ «ҷорӯби барқӣ» мешавад, касе дигар лому мим намегуфт. Ибораи «ҷорӯби барқӣ» низ аз афзунии корбурд ва сарфаҷӯӣ дар гуфтор худ ба худ «ҷорӯббарқӣ»,»ҷорӯвбарқӣ» ва саранҷом «ҷорӯбарқӣ» мегашт.

Инро ҳам бояд афзуд ки «ҷорӯб» низ дар Эрон ба кор меравад ва вожаи меъёр аст, вале номи ин афзор ба гунаи истилоҳ даромада ва ҳамаҷо «ҷорубарқӣ» номида мешавад ва воқеъан бисёр муносиб ҳам ҳаст. Ин гуна вожасозӣ дар порсии ғарбӣ маъмул ва пуркорбурд аст, вале дар порсии шарқӣ камтар дида мешавад.

Esfandiar Adina Натиҷагирӣ: Ҷорӯбарқӣ!

مهین دوران Ба назари ман ҳам ҷорубарқӣ, ҳам ҷоруи барқӣ ва ҳам ҷоруби барқиву ҳам ҷоруббарқӣ дуруст аст[109].

Аз рӯи мушоҳида дар ин гурӯҳ бештар такя ба истилоҳсозии забони форсии муосир

[109] https://www.facebook.com/notes

карда мешавад ва бештари корбарони ин гурӯҳ ҳамчун меъёр забони форсии муосирро интихоб мекунанд. Бояд зикр намуд, ки забон ҳамчун ҳодисаи ҷамъиятӣ дар ҳама давру замон тавъам бо сиёсати давлату миллатҳо буд. Дар асри XXI бошад забон падидаи муҳими сиёсӣ низ гардидааст. Ҷонибдорони гурӯҳи мавсуф инро дар бештари вақт ин паҳлуи масъаларо ба инобат намегиранд.

Гурӯҳи дигар дар Фейбук «Забони адабии тоҷикӣ» унвон дошта фаъолони ин гурӯҳ ҳадафашонро чунин гуфтаанд: «Мақсад аз созмони ин гурӯҳ тавассути мубоҳисаву андешаронихо баланд бардоштани савияи дониши забонии мардум мебошад.

Ҳамчунин ба тамоми суолҳо перомуни дилхоҳ бахши забон ҷавобҳои мушаххас ва илмиро аз ин саҳифа метавон дастрас кард.

Дар ин гурӯҳ перомуни ин ё он масъала ихтилофи назар қабул аст»[110]

Ин гурӯҳ 6704 истифодабаранда дорад. Гурӯҳи мазкур аз санаи 9 ноябри 2011 фаъол буда, корбарони он маводеро паҳн мекунанд, ки ҳам ба забон ва ҳам ба таъриху фарҳанги тоҷик дахл доранд. Модератори гурӯҳ санаи 22 апрели соли 2015 маводе бо номи «Назари нави илмии пайдоиши забони тоҷикӣ» интишор намудааст, ки муҳтавои он чунин аст: «Ҳамватанони азиз! Банда дар ин чандто тезиси кӯтоҳ ва сода назари илмии хешро дар мавзуи пайдоиши забони тоҷикӣ ба шумо пешкаш мекунам:

1. Забони тоҷикӣ аз аввал номи дарӣ-тоҷикӣ дошт (ба маънои забони дарбории тоҷикӣ дар дарбори Сомониён). Ин забон дар асоси забонҳои паҳлавӣ, суғдӣ, бохтарӣ, хоразмӣ, арабӣ ва ғайра пайдо шудааст.

2. Зодгоҳи забони дарӣ-тоҷикӣ Бухоро, Самарқанд ва атрофи он буд.

3. Номи давлате, ки дар он ин забон пайдо шудааст-аморати исломии Сомониён мебошад.

4. Пойтахти ин аморат шаҳри Бухоро буд.

5.»Шоҳнома»-ҳамчун маҷмӯаи достонҳои қаҳрамонии мардуми Ирон ва Тӯрон (Осиёи Миёна) бо шакли пароканда ва бо забони паҳлавӣ навишта шуда буд. Онро Дақиқӣ, баъдан Фирдавсӣ бо забони дарӣ-тоҷикӣ барои шоҳони Сомонӣ тарҷума карда навиштаанд. Худи ибораи «забони порсӣ», ки дар «Шоҳнома» зикр шудааст ё маънии забони порсии миёнаро дорад ё баъдтар дар вақти нусхабардориҳои зиёди он илова шудааст.

6. Баъд аз сарнагун шудани давлати Сомониён ва омадани Ғазнавиён ба сари ҳукумат забони дарӣ-тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ ба Ирон кӯчидааст.

7. Ин забонро ирониҳо мегиранд ва бо номи мардуми форс-форсии нав меноманд.

8. Фақат форсҳо ин забонро қабул мекунанд, чаро ки дар Ирон мардумҳои дигар бо забонҳои миёнаи порсӣ гап мезаданд. Онҳо забони дарӣ-тоҷикиро кабул накарданд. То хол дар Ирон ин мардумҳо бо хамон забонҳои қадими миёнаи порсӣ ва гӯишҳои он гап мезананд.

9. Забони мардуми Бухорову Самарканд ва дигар ноҳияҳои Осиёи Миёна хамон дарӣ-тоҷикӣ мемонад ва то имрӯз мерасад.

10. Хулосаи муҳим: забони дарӣ-тоҷикӣ ҳамчун забони форсии нав дар Ирон фақат барои мардуми форс қабул ва муаррифӣ шудааст. Барои ҳамин, мо бояд фахр кунем, ки забони дарӣ-тоҷикӣ сарқонуни забони форсии нав аст. Ин назари илмии банда барои исботи қатъии худ далелҳо ва манбаъҳои лингвистӣ, археологӣ (бостоншиносӣ) ва мифологиро мехоҳад, чунин манбаъҳо хеле зиёданд, факат

[110]https://www.facebook.com/groups/zaboniadabiitojii/

нотарсона ин назарро бояд ба мардум пешниҳод кард[111].

Гурӯҳи дигари марбут ба баҳси масъалаҳои забони тоҷикӣ дар шабакаи иҷтимоии «Фейсбук» «Дуруст бинависем» ном дорад ва ба навиштаи созандагони он: «Худдорӣ аз истеҳзо ва тавҳин аз муқаррароти ҳатмии ин гурӯҳ аст». Ин гурӯҳ 2800 истифодабаранда дошта аз 19 августи 2014 фаъол аст[112].

Дар ин гурӯҳ асосан масъалаҳои марбут ба тарҷумаи калимаву иборaҳо ва тафсири абёти шоирон баррасиву мубоҳиса мегарданд.

Масалан, Фаррух Қурбониев ном корбари интернет дар мавриди тарҷумаи калимаи «троллейбус» чунин саволгузорӣ кардааст: Фаррух Қурбониев. 5 май

Оё троллейбус тарҷума ба тоҷикӣ мешавад?

Мубориз Холов: Зарур нест, ки тарҷума кунем.

Комил Аюбӣ: шохдор...

Шаҳрия Аҳтамзод: тоҷик тролейбус сохта буд, ки номаш тоҷикӣ бошад?

Кодиршои Мурувват: Автобуси барқӣ.

Мубориз Холов: худи "автобус", ки тоҷикӣ нест, пас чи ҳочатест, ба чунин тарҷумаи ночаспон?

Нусратулло Шамсуллоев: Боре писарчае аз ман ин саволро пурсида буд, ман надонистам, аммо ӯ гуфт, ки тарҷумааш «пенсионеркашак» мешавад.

Muzaffar Kholov: аз вертолёт чархбол сохтем-ку!!! Ҳоло сабр кунед, тролейбусро ҳам бо модели наваш месозем.

Алохӯҷа Сурхов: симгард!

Искандари Раҳмон: тарҷума маъно нахохад дошт, чун ин вожа номест, ки ихтироъкоронаш офаридаанд. Яъне, на танҳо ашё, балки номи онро ҳам меофаринанд. Чун офаридаро қабул кардем, номи онро низ бояд бипазирем.

Саъдӣ Ворисов: Симгард

Хуршед Эҳсон: Дар як шеъри устод Рустами Ваҳҳоб "симгард" омадааст.

Маҳдӣ Собир: дар Эрон онро симсур гӯянд.

Абӯмуслим Қаландаров шохчунгак))

Алохӯҷа Сурхов: симгард (тоҷикӣ, ё симсур (иронӣ) аз яке ё ҳардуро бипазирем! Дигар номҳоро қобили қабул намешуморам!

Ravshan Temourian: Троллейбус аз вожаи инглисии "trolleybus" (троллейбас) гирифта шудааст, он русӣ нест.

Bizhan Muhabbatshoev: Дар Кобул мутари барқӣ мегуфтанд.

Алохӯҷа Сурхов: Ҳамин калимаи "мутар"-ро дар давоми анқариб 100 сол дар зеҳниятамон дохил кардан намонданд! Гуфтугӯи "барқ"-ро ҳам ба шарофати истиқлолият "истеъмол" мекунему кайфияташро то ҳол дарк накардаем! БАЛЕ, МУТАРИ БАРҚӢ ХЕЛЕ ҶОЛИБ АСТ!!!

Рустам Ваҳҳоб: СИМГАРД

Алохӯҷа Сурхов: Устод, вай дар замин мегардад, дар сим шохҳояш мегарданд.

Аз ҳама номи нестдарҷаҳон ба фикрам: СИМ-СИМ аст.

Биёед қабул кунем!!!!!

Рустам Ваҳҳоб Хулоса: Алохӯҷа Сурхов Симгард (тоҷикӣ),ё симсур (иронӣ),аз яке ё ҳардуро бипазирем! Дигар номҳоро қобили қабул намешуморам!

Гурӯҳи дигаре марбути баҳсҳо ба масъалаҳаи забон аст «Забони форсӣ (Персидский язык)» номгузорӣ шудааст[113]

Таъсисдиҳандагони ин гурӯҳ ҳадафашонро чунин гуфтаанд: «Дустони гиромӣ! Ин саҳифа ба ҳама ошиқон ва дӯстдорони Забони Форсӣ бахшида мешавад! Дар ин саҳифа Шумо метавонед ба забони русӣ, тоҷикӣ, форсӣ ва ё дигар эҳсоси самимии худро зимни ашъори шоирони

[111] https://www.facebook.com/groups/zaboniadabiitojiki/
[112] https://www.facebook.com/groups/750326131656793/
[113] https://www.facebook.com/groups/zaboniforsi/

форсизабон изҳор кунед, худи забони форсиро бо кӯмаки дӯстон биёмӯзед, гуфтан ва навиштани ин забони зеборо аз қадами аввал шурӯъ кунед, муваффақ бошед»

Гурӯҳи мазкур 1081 истифодабаранда дорад, ки доир ба ин ё он масъалаҳои мухталиф ( на танҳо масъалаҳои ба забони тоҷикӣ дахлдошта) маълумот паҳн мекунанд ва аз 29 ноябри 2011 фаъол аст. Барои тасдиқи ин фикр намунаеро меорем, ки ба фарҳанг дахл дорад, ҳарчанд бисёр суханон дуруштанд, ба хотири гуногунандешӣ онҳо меорем:Раҳрав Баҳорӣ.15 Феврал

Фарҳанги аъроб ҳаргиз фарҳанги мардуми мо набуд ва нест.

То вақте ки мардуми мо дунболи хурофоти исломӣ аст, рӯзи беҳбудиро дар ягон заминаҳои зиндагӣ ва ҳаёт (илмӣ, иқтисодӣ, низоми ҳокимияти давлатӣ ва демократӣ ва…) нахоҳем дид.

Аз 54 кишвари мусалмонӣ, ки имрӯз дар ҷаҳон ҳаст, як кишвари пешрафта аз манзарҳои номбаршуда вуҷуд надорад...

Мутаассифона, мардуми мо 1400 сол аст, ки таслимшуда ва гирифтор ба фарҳанги бегона ва душман ба мо шуда аст ва то ба имрӯз боқӣ мондааст.

Фарҳанги исломӣ мутаассифона дар тамоми селулҳои бадани (хун, мағз, гӯшт, пӯст, устухон...) мардуми мо ҷой гирифта аст, ки бояд поксозӣ шавад.

Роҳи ягонаи халосӣ аз ин бори нангин фақат ва фақат рушангарии мардуми мо аст.

Агарчи барои бисёриҳо хеле талх аст, бояд ҳақикакро ба мардум гуфт.

Агар мо мехоҳем аз ҳама лиҳоз ва самтҳо кишвари пешрафта дошта бошем, бояд аз музахрафот ва хурофотҳои динӣ барои ҳамешагӣ даст бикашем ва ба фарҳанги воқеии худамон баргардем.

Вазифаи аввлиндараҷаи фарҳихтагон ва донишмандони мо ин воқеъиятро аз тариқи рушангарӣ ба ҳаммиҳанонамон фаҳмонидан аст...

Гурӯҳи дигар марбут ба забони тоҷикӣ «Забони тоҷикӣ дар Google Translate» унвон дорад [114]

Ҳадафи созмондиҳандагони он чунин зикр шудааст: «Друзья, прошу всех заинтересованных лиц, энтузиастов и знатоков таджикского, помочь с заполнением словарной базы таджикского языка в Google Translate.

Таджикский язык давно включен в список поддерживаемых, но из-за отсутствия переводов, его нет в главной страничке translate.google.com

Вообщем каждый знаток, энтузиаст и просто добрый человек, которому таджикский язык не безразличен наверное должен заполнять эту базу в google.

Таким образом мы ускорим процесс включения таджикского в список. Иначе никто не будет делать это за нас!»

Ин гурӯҳ 72 истифодабаранда дошта бештар маълумоти марбути масъалаҳои техникӣ барои рушд додани базаи интернет бо маводи забони тоҷикиро интишор мекунад.

Ҳадафи мо аз овардани ин маълумотҳо фақат беҳбудӣ бахшидан ба рушди забони муосири тоҷикӣ аст, ки маҳаки асосии муттаҳидсозандаи миллати тоҷик дар раванди ҷаҳонишавӣ аст.

Бардошти мо аз ин баҳсҳо он аст, ки забони адабии тоҷикӣ дар ҳолати роҳкушоӣ дар фазои виртуалӣ қарор дорад. Ба интернет роҳ ёфтани баррасии масъалаҳои гуфтор, навиштор, истилоҳсоҳсозӣ ва хату имло ин шаҳодати зинда будану дар ташаккулу такомул будани забони муосири тоҷикӣ мебошад.

Дар асри XXI, ки асри бархурди тамаддунҳо аст, мо ворисонро зарур аст, ки таваҷҷуҳи бештаре барои суфтаву равон гардидани забони муосири тоҷикӣ дошта

[114] https://www.facebook.com/groups/264984926846088/?fref=ts

бошем, то забонамон дар оянда такягоҳу барандаи фарҳангу илм бошад. Ҳамчунин бояд сареҳатан таъкид намуд, ки айни ҳол мо дар марҳилаи сохтмони давлатӣ миллӣ қарор дорем ва зарурате ба миён омадааст, ки осори адабиву фарҳангии пешинаи худро аз назари интиқодӣ таҳлилу баррасӣ намоем. Ин ба он хотир аст, ки мо дар замони нав ва бо арзишҳои нав зиндагӣ дорем, ки ин воқеиятро ба инобат нагирифтан, метавонад боиси нофаҳмиҳо ҳам дар илм ва ҳам дар ҷомеа гардад.

**Манбаъҳо:**


1. Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо.- Душанбе- «Ирфон», 2007.-720 с.
2. **Ошибка! Недопустимый объект гиперссылки.**
3. https://www.facebook.com/groups/zaboniforsi/
4. https://www.facebook.com/groups/zaboniadabiitojiki/
5. https://www.facebook.com/groups/750326131656793/
6. https://www.facebook.com/groups/264984926846088/?fref=ts



Номвар
ҚУРБОНОВ
физик

## Ташаккули маорифпарварӣ ва равшанфикрии Аврупо

Маорифапварӣ ва ҳаракатҳои зеҳнию маънавӣ дар охири асри 17 ва аввали асри 19 дар Аврупо ва Амрикои Шимолӣ ба вуҷуд омаданд. Ин ҳаракатҳо идомаи гуманизм (исондӯстӣ)-и замони Эҳё ва ибтидои ратсионализми муосир буда, ба пешрафти илми замона пояҳои таълимии фалсафӣ гузоштанд: рад кардани ҷаҳонбинии динӣ ва бозгашт ба хирад ҳамчун маҳаки ягонаи дониши инсон ва ҷомеа. Мафҳуми «равшанфикр» пас аз нашри мақолаи асосгузори фалсафаи классикии Олмон, И. Кант (1724-1804) таҳти унвони «*Ҷавоб ба саволи: Равшанфикрӣ чист?*» соли 1784 мустаҳкам гардид. Решаи истилоҳи «равшанӣ», ки аз вожаи «маърифат» (англ. *Enlightenment*; фарн. *Les Lumières*; олм. *Aufklärung*; итал. *Illuminismo*) гирифта шудааст, ба ривоятҳои қадимаи динии дар ҳар ду аҳд - Қадим ва Нав вуҷуддошта, рафта мерасад. Дар фаҳмиши схоластикии асримиёнагӣ Офаридгор рушноиро аз зулмот ҷудо мекунад ва дар ин фаҳмиш худи Худо ҳамчун равшанӣ таъриф дода мешавад. Дар дини насронӣ маърифатнокии башарият аз равшании таълимоти Исои Масеҳ сарчашма мегирад. Дар дини ислом бошад, нахустасоси кулли мавҷудоти олам нури Муҳаммад аст. Чунин тарзи фаҳмиш фаҳмиши динӣ буда, моҳияти аслии равшанфикриро баён карда наметавонанд, зеро дар ҳеҷ дине инсон озод буда наметавонад. Ва агар инсон озод нест, бемуболиға вай равшанфикр нест, чунки дин ҳамчун догма хирад ва ҷаҳонбинии инсонро дар маҳдудаи худ нигоҳ медорад. Сабаби асосии пайдо гардидани ҷараёни маорифпарварӣ ва равшанфикрӣ дар Аврупо ҳам бо он бастагӣ дорад, ки донишмадону мутафаккиронаш аз давраи Эҳё оғоз карда, аз урфу одатҳои динӣ даст кашиданд.

Маорифпарварӣ дар Англия дар охирҳои асри 17 ба вуҷуд омада, дар навиштаҷоти асосгузорони он, ба монанди Ҷ. Локк (1632-1704) ва пайравонаш Г. Болингброка (1678-1751), Д. Аддисона (1672-1719), А.Э. Шефтсбери (1671-1713), Ф. Хачесона (1694-1747) мафҳумҳои асосии таълимоти маорифпарварӣ: «некии умумӣ», «одами табиӣ», «ҳуқуқи табиӣ», «дини табиӣ», «шартномаи ҷамъиятӣ» ифода ёфтанд. Дар таълимоти ҳуқуқи табиӣ ҳуқуқҳои асосии инсон: озодӣ, баробарӣ, дахлнопазирӣ ва соҳибмулкии шахсиятро Локк дар *Ду рисола оид ба идоракунии давлат* (1690) ном асараш асоснок кард. Ба андешаи ӯ одамон ба шартномаи ҷамъиятӣ ихтиёран дохил шуда, барои таъмини ҳифзи ҳуқуқҳои худ мақомот (давлат)-ро ташкил менамоянд. Вожаи шартномаи ҷамъиятӣ яке аз назарияҳои асосии ҷомеа буда, сараввал дар фаъолияти сарварони маорифпарварии Англия падид омад.

Дар асри 18 маркази асосии ҳаракати маорифпарварӣ Фаронса гардида, дар марҳилаи аввал шахсиятҳои асосии ҷараёни мазкур Ш.Л. Монтеске (1689-1755) ва Ф.М. Волтер (1694-1778) буданд. Дар корҳои минбаъда Монтеске таълимоти Локк оид ба ҳуқуқҳои давлатро инкишоф дод. Дар рисолаи *Рӯҳи қонунҳо* (1748) принсипи тақсимоти шохаҳои ҳокимиятро байни қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ асоснок намуд. Дар *Мактубҳои форсӣ* (1721) бошад, самти равиши тафаккури ҷараёни маорифпарварии фаронсавӣ ва эътиқодоти ақлию табиии он

инъикос ёфтаанд. Аммо Волтер ақидаҳои сиёсии мухталиф дошт. Вай идеологи равшанфикрии мутлақ ва иштиёқманди ғояи монархияи равшанфикрии Аврупо буд. Волтер аз дигар рушанфикрон бо фаъолияти зиддирӯҳонӣ ва мухолифат нисбати таассуб ва мунофиқии динӣ фарқ дошта, ҳамеша волоият ва раёсати догмаҳои дину калисоро бар болои давлат ва ҷомеа таҳқир мекард. Эҷодиёти нависанда гуногунсоҳа буда, ба мавзӯъҳои зерин бахшида шудааст: *Афифаи Орлеанӣ* (1735), *Таассуб, ё Ҳазрати Муҳаммад* (1742); повести фалсафии *Кандид ё Оптимизм* (1759), *Софдил* (1767); *Фоҷиаи Брут* (1731), *Танкред* (1761); *Мактуби фалсафӣ* (1733).

Дар марҳилаи дуюми маорифпарварӣ дар Фаронса нақши асосиро Д. Дидро (1713-1784) ва энсиклопедистҳо бозиданд. *Энсиклопедия, ё Луғати тафсири улум, санъат ва ҳунармандӣ*, ки солҳои 1751-80 таҳия шуд, аввалин донишномаи умумиилмӣ буда, дар он мафҳумҳои асосии физикаю риёзӣ, табиатшиносӣ, иқтисод, сиёсат, корҳои муҳандисӣ ва санъат баён карда шуданд. Илҳомбахш ва муҳаррирони энсиклопедияи номбурда Дидро ва Ж. Д'Аламбер (1717-1783) буда, дар мураттабии он Волтер, Кондиляк, Гелветсий, Голбах, Монтеске, Руссо фаъолона ширкат варзиданд. Дар аксари мавридҳо сатҳи комёбиҳои илму донишро мақолаҳо асоснок ва инъикос мекарданд. Оид ба соҳаҳои муайяни дониш мақолаҳо аз ҷониби мутахассисон - олимон, нависандагон, муҳандисон навишта мешуданд.

Дар давраи сеюм яке аз шахсияҳои пешбарандаи ин ҷараён Ж.Ж. Руссо (1712-1778) буд. Ӯ мубаллиғи намоёни ғояи маорифпарварӣ, яке аз барандагони насри ратсионалистии унсурҳои маорифпарварӣ ва инсони суханваре низ буд. Руссо роҳи худро дар сохтори сиёсии ҷомеа пешниҳод намуд. Дар рисолаи *Дар бораи шартномаи ҷамъиятӣ, ё Принсипҳои ҳуқуқи сиёсӣ* (1762), ғояи истиқлолияти халқиро пешниҳод кард. Ба андешаи вай, ҳукумат ҳокимиятро аз дасти мардум дар шакли фармоиш мегирад ва он уҳдадор аст, ки вазифаҳояшро дар мувофиқа ба иродаи одамон ба иҷро намояд. Агар давлат ин ихтиёрро халалдор намояд, мардум метавонанд фаъолияташро маҳдуд, тағйир ва ё ҳокимиятро кашида гирад. Яке аз воситаҳои баргардондани ҳокимият метавонад табаддулоти давлатӣ бошад. Андешаҳои Руссо минбаъд дар инкишофи назария ва амалияи ғояҳои Инқилоби бузурги Фаронса таҳия карда шуданд.

Марҳилаи ниҳоии маорифпарварӣ (охири асри XVIII - ибтидои асри XIX) бо кишварҳои Аврупои Шарқӣ, Русия ва Олмон робита дорад. Адабиёти олмонӣ ва тафаккури фалсафии он ба пешрафти маорифпарварӣ такони нав бахшид. Маорифпарварони олмонӣ ворики маънавии ғояҳои мутафаккирони англис ва фаронсавӣ буданд, вале ин ғояҳо дар корҳои эшон тағйир ёфта, хусусияти амиқи миллиро гирифт. Таблиғи фарҳанг ва забони миллӣ бештар ба эҷодиёти И.Г. Гердер (1744-1803) хос буд. Асари асосии ӯ *Идеяҳо оид ба таърихи фалсафаи башарият* (1784-91) аввалин кори тадқиқотии ҳамаҷонибаи классикӣ дар Олмон буда, дар арсаи улуми таърихӣ-фалсафии ҷаҳонӣ мавқеи махсус дорад. Ҷустуҷӯҳои фалсафии маорифпарварии аврупоӣ ба эҷодиёти бисёр нависандагони олмонӣ мувофиқ буданд. Баландтарин қуллаи маорифпарварии Олмон асарҳое, чун *Роҳзанҳо* (1781), *Макр ва муҳаббат* (1784), *Валленштейн* (1799), *Мария Стюарт* (1801) Фридрих Шиллер (1759-1805), *Эмилия Галотти, Натани оқил* Г.Э. Лессинг (1729-1781) ва махсусан осори Фауст (1808-1832) ва И.В. Гёте (1749-1832) шуҳрати ҷаҳонӣ касб карданд. Дар ташаккули афкори маорифпарварӣ файласуфоне ба монанди Г.В. Лейбнитс (1646-1716) ва Кант нақши муҳим бозиданд. Зеро барои рушди ояндаи

маорифпарварӣ асари «*Нақди хиради ноб*»-и Кант анъана гардид.

Дар саросари рушди ҷараёни маорифпарварӣ ва маркази муҳокимаи идеологҳои он мафҳуми асосӣ «хирад» буд. Хирад дар тасаввури инсони равшанфикр мақоми одамро дар таркиби ҷамъият ҳамчун як ҷузъи ҷомеа нишон медиҳад. Ҳам ҷомеа ва ҳам инсон метавонанд ҳамдигарро нисбат ба чизи дигар беҳтар тағйир диҳанд ва мукаммал гардонанд. Ҳамин тариқ барои мудаллал сохтани афкори пешрафта дар доираи хирад, ба сифати роҳи бебозгашти раванди таърих аз торикӣ ва нодонӣ ба рушноӣ ва донишмеҳварӣ, детерминизми эҳтимолиро қабул кард.

Баландтарин ва самараноктарин шакли фаъолияти хирад баррасӣ ва дарки дониши илмӣ мебошад. Маҳз дар ҳамин давра саёҳатҳои баҳрӣ аҳамияти бузурги систематикӣ ва илмӣ пайдо карданд. Кашфиётҳои географӣ дар уқёнуси Ором - ҷазираҳои Пасхи, Таити ва Гавай, соҳили шарқии Австралия аз ҷониби Я. Роггевена (1659-1729), Ҷ. Кук (1728-1779), Л.А. Бугенвиля (1729-1811), Ж.Ф. Лаперуза (1741-1788) сабабгори асосӣ барои омӯзиши мунтазам, азхудкунии амалии минтақа ва рушди илмҳои табиӣ гардиданд. Дар ташаккули илми ботаника К. Линней (1707-1778) саҳми бузург дорад. Вай дар асари *Намудҳои растанӣ* (1737), ки оид ба тавсифи ҳазорон намуди олами набототу ҳайвонот бахшида шудааст, ба ҳамаи растаниҳо ду ном, аз ҷумла номи лотинӣ гузошт. Ж.Л. Бюффон (1707-1788) ба илм истилоҳи «биология» ворид кард, ки он маънои «илм дар бораи ҳаёт»-ро дорад. Аввалин назарияи таҳаввулотро Ж.Б. Ламарк (1744-1829) пешниҳод намуд. Дар риёзӣ бошад, И. Нютон (1642-1727) ва Лейбнитс қариб ҳамзамон ҳисобкунии дифференсиалӣ ва интегралиро кашф карданд. Ба инкишофи таҳлили риёзӣ Л. Лагранж (1736-1813) ва Л. Эйлер (1707-1783) мусоидат намуданд. Асосгузори кимиёи муосир А.Л. Лавуазе (1743-1794) нахустин рӯйхати элементҳои кимиёвиро тартиб дод. Ҳамин тавр, хусусияти хоси андешаи илмии маорифпарварӣ ба истифодаи амалии дастовардҳои илм ба манфиати рушди истеҳсолӣ ва ҷамъиятӣ равона карда шудааст.

Вазифаи маърифатноккунии мардум, пеш аз ҳама танзим худи маърифатпарварон ва таваҷҷуҳи махсус ба робитаи байниҳамдигарии масъалаҳои тарбия ва таълим аст. Аз ин рӯ, бояд оғози дидактикии қавӣ, на танҳо дар осори илмӣ, балки дар адабиёт низ нишон дода шавад. Локк ҳамчун прагматики ҳақиқӣ, дар рисолаи *Ақидаҳо оид ба тарбия* (1693) ба фанҳои барои инкишофи саноат ва тиҷорат зарурӣ аҳамияти бузург зоҳир кард. Романи *Ҳаёт ва саргузашти ҳайратангези Робинзон Крузо* (1719) Д. Дефо (1660-1731)-ро бемуболиға асари тарбиявӣ номидан мумкин аст. Асари мазкур ифодакунандаи намунаи рафтори як фарди соҳибхирад буда, мавқеи дидактикии аҳамияти дониш ва меҳнатро дар ҳаёти ҷудогонаи шахсият нишон медиҳад. Дидактика дар романҳои асосгузори романҳои психологии англисӣ С. Ричардсон (1689-1761) *Памела ё Подоши некӯӣ* (1740) ва *Кларисс Гарлоу ё Таърихи одамони ҷавон* (1748-50) таҷассуми беҳтарини худро оид ба маърифатнокии шахсият ёфтааст. Дар бораи нақши ҳалкунандаро бозидани маориф-парварии фаронсавӣ ҳаминро илова кард, ки К.А. Гелветсий (1715-1771) дар асарҳои *Оид ба хирад* (1758) ва *Дар бораи инсон* (1769), таъсири «муҳит»-ро ба тарбия, яъне таъсири шароити зиндагӣ, сохтори ҷамъият, урфу одат ва русумро ба тарбия исбот намудааст. Руссо бар хилофи маорифпарварони дигар маҳдудияти хирадро иқрор мекард. Вай дар рисолаи *Оид ба илмҳо ва санъатҳо* (1750) робитаи шубҳаи илми илоҳӣ ва оптимизми беҳудудро бо имконияти пешрафт ба назар гирифта, мансубияти рушди тамаддунро аз

каммазмунии фарҳанг нишон додааст. Руссо муътақид ба он буд, ки алоқамандии бозгашт ба табиатро даъват менамуд. Вай дар китоби *Эмил ё Оид ба тарбия* (1762) ва романи *Юлия ё Элоизаи ҷадид* (1761) консепсияи тарбияи табииро дар асоси истифодаи қобилияти табиии кӯдак инкишоф дода, баъдтар камбудиҳои таваллуд ва хислатҳои бадро дар зери таъсири ҷомеа муайян кард. Ба андешаи Руссо бояд фарзандон дар алоҳидагӣ ҷудо аз ҷамъият, як ба як бо табиат тарбия карда шаванд.

Дар маҷмӯъ афкори маорифпарварӣ ба сохтани моделҳои хаёлӣ, ҳамчун давлати идеалӣ ва шахсияти идеалӣ равона гардида буданд. Аз ин рӯ, асри 18-ро метавон «асри тиллоии утопия» номид. Дар фарҳанги аврупоӣ дар ин вақт шумораи зиёди роман ва рисолаҳои бузурге, аз қабили *Васиятнома* Ж. Меле (1664-1729); *Кодекси табиат, ё Рӯҳи ҳақиқии қонунҳои он* (1773) Морелли; *Дар бораи ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои шаҳрванд* (1789) Г. Мабли (1709-1785); *Соли 2440* (1770) Л.С. Мерсе (1740-1814) ба вуҷуд омаданд, ки оид ба маърифатнокунии ҷаҳон мувофиқи қонунҳои хирад ва адолат қисса мекарданд. Ҳамзамон романи *Саёҳати Гулливер* (1726)-и Ҷ. Свифт (1667-1745)-ро метавон ҳам утопия ва ҳам антиутопия баррасӣ кард, чунки ғояҳои асосии маорифпарварӣ дар он, ҳамчун мутлақияти донишҳои илмӣ ва боварӣ ба қонунияти табиат ва инсони табиӣ нишон дода шудаанд.

Дар фарҳанги бадеии маорифпарварӣ на сабки ягонаи замонӣ, балки забони бадеии умумӣ вуҷуд дошт. Дар ин давраи таърихӣ шаклҳои мухталифи сабкҳо, ба монанди бароккои бомавқеъ, рококо, класситсизм, сентиментализм, пред-романтизм арзи вуҷуд карданд. Ҳамзамон равобити байниҳамдигарӣ намудҳои гуногуни санъатро тағйир доданд. Дар аввал нақши мусиқӣ ва адабиёт, баъдтар нақши театр таъсиргузор гардид, чунки раванди тағйирот иерархияи жанрӣ ба амал омад. «Сабки бузург»-и наққошиҳои таърихӣ ва асотирии садсолаи 17-ум ба мавзӯъҳои ҳаёти хонаводагӣ ва панду андарз бахшида шуданд ва намояндагони асосии он Ж.Б. Шарден (1699-1779), У. Хогарт (1697-1764) ва Ж.Б. Грез (1725-1805) буданд. Дар жанри портрет бошад, хизматҳои Т. Гейнсборо, (1727-1788) ва Д. Рейнолдс (1723-1792) бағоят бузург аст. Дар театр жанри ҷадиди буржуазии драмаю комедия ба вуҷуд омада, дар саҳна қаҳрамонҳои нав нишон дода мешуданд, ки машҳуртарини асарҳои вақт *Сартарош аз Севил* (1775), *Издивоҷи Фигаро* (1784)-и П.О. Бомарше (1732-1799) ва *Хизматгори ду хоҷа* (1745-48), *Трактиршисе* (1753)-и К. Голдони (1707-1793) буданд. Дар ташаккули театри ҷаҳонӣ Р.Б. Шеридан (1751-1816), Г. Филдинг (1707-1754) ва К. Госси (1720-1806) саҳми бағоят бузург доранд.

Санъати мусиқӣ низ дар давраи маорифпарварӣ ба инкишофи бесобиқаи худ ноил гардид. Баъд аз гузаронидани ислоҳот К.В. Глюк (1714-1787) операро ҳамчун санъати синтетикӣ инкишоф дода, робитаи онро бо намоишҳои мусиқӣ, овозхонӣ ва маҷмӯи чорабиниҳои драмавӣ кор карда баромад. Санъати классикиро бошад, Ф.Й. Гайдн (1732-1809) ба воситаи асбобҳои мусиқӣ ба сатҳи аъло расонид. Кунгураи волои фарҳанги мусиқӣ ба фаъолияти эҷодии И.С.Бах (1685-1750) ва В.А. Мотсарт (1756-1791) пайванди ногусастанӣ дорад. Ғояи маорифпарварӣ махсусан дар операи *Найи дилрабо* (1791)-и Мотсарт ба таври возеҳ, яъне дар он мақоми хирад, рушноӣ, фаҳмиши инсон ҳамчун гунбади афлок нишон дода шудааст.

Ҳамин тариқ, ҷараёни маорифпарварӣ дар марҳилаҳои муайяни таърихӣ бо ҳамон принсипҳои асосӣ дар кишварҳои мухталиф ба вуҷуд омада, боиси пешрафти илму техника ва фарҳангу маданият гардид. Раванди маорифпарварӣ дар ҳар як давлат вобаста аз шароитҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ,

иқтисодӣ ва инчунин, хусусиятҳои миллиаш ташаккул ёфт. Дар таърихи ташаккули маорифпарварии ҷаҳон метавон чаҳор марказҳои асосии рушди ин ҷараёни прогрессивии донишмеҳвару башардӯстро аз ҳамдигар фарқ кард.

### *Маорифпарварии Англия*

Ташаккули мафкураи маорифпарварӣ дар Англия ба асрҳои 17-18 рост меояд. Инқилоби буржуазии Англия дар миёнаи асри 17 боиси пайдоиши ҷараёни маорифпарварӣ дар ин ҷазира гардид. Он замон, бо вуҷуди ҷанги шаҳрвандӣ ва дигар шаклҳои бетаҳаммулии динӣ, мардуми англис барои расидан ба суботи сиёсӣ ва зиндагии осуда шитоб мекарданд, на ба тағйироти қатъӣ дар системаи мавҷудаи давлатдорӣ. Аз ин рӯ, мақсади асосии маорифпарварии Англия ба вуҷуд овардани эътидол ва таҳаммул буд. Хусусияти миллии Англия, пуританизм дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷомеа таъсири қавӣ дошт, чунки эътиқод ба имкониятҳои беохири хирад ва афкори маорифпарварии мутафаккирони англис бо фаҳмишҳои амиқи динӣ омехта гардид.

### *Маорифпарварии Фаронса*

Маорифпарваронӣ фаронсавӣ ба ҳама масъалаҳои хусусияти сиёсӣ ва иҷтимоӣ дошта бештар назари радикалӣ доштанд. Мутафаккирони фаронсавӣ таълимот эҷод ва моликияти хусусӣ инкор мекарданд (Руссо, Мабли, Морелли) ва аз биниши атеистӣ дифоъ менамуданд. Маҳз ҳамин буд, ки Фаронса маркази асосии афкори маорифпарварӣ гардида, ба паҳншавии босуръати ғояҳои равшанфикрӣ дар Аврупо - аз Испания то Русия ва Амрикои Шимолӣ мусоидат кард. Ин андешаҳои илҳомбахш ва идеологҳои Инқилоби бузурги фаронсавӣ сохтори иҷтимоӣ ва сиёсии Фаронсаро куллан тағйир доданд.

### *Маорифпарварии Олмон*

Дар рушди маорифпарварии олмонӣ таъсири парокандагии сиёсӣ ва ақибмондагии иқтисодии Олмон, ки он асосан аз ҷониби маорифпарварони кишвар муайян карда мешуд, хуб ба назар мерасид ва он на ба масоили иҷтимоӣ-сиёсӣ, балки ба масъалаҳои фалсафӣ, ахлоқӣ, эстетикӣ ва маориф алоқаманд буд. Варианти хоси маорифпарварии Аврупо ҷараёни адабии «Тӯфон ва ҳуҷум» буд, ки ба Гердер, Гёте ва Шиллер тааллуқ дошт. Баръакси эшон буданд, онҳое, ки ба парастиши хирад ва ибтдои афзалияти принсипи нафсонӣ дар инсон муносибати манфӣ доштанд. Хусусияти маорифпарварии Олмон низ инкишофи андешаҳои фалсафӣ ва эстетикӣ буд, ки намунаи олитарини он асарҳои *Лаокоон ё дар бораи ҳудуди наққошӣ ва зебоӣ* (1766) Г. Лессинг ва *Таърихи санъати бостон* (1764) И. Винкелман мебошанд.

### *Маорифпарварии Амрико*

Ҷараёни маорифпарварии амрикоӣ ба мубориза зидди мустамликаҳои англисӣ дар Амрикои Шимолӣ барои ба даст овардани Истиқлолият (1775-83) ва таъсиси Иёлоти Муттаҳидаи Амрико зич алоқаманд аст. Барномаҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ, ки барои бунёди давлати мустақил асоси назариявӣ доштанд, аз ҷониби Т. Пейн (1737-1809), Т. Ҷефферсон (1743-1826) ва Б. Франклин (1706-1790) таҳия ва омода карда шуданд. Ин барномаҳои назарӣ: Эъломияи истиқлолият (1776) ва Конститутсия (1787) санадҳои асосии қонунгузории давлати ҷадид гардиданд.

### Адабиёт:


1. Западноевропейская художественная культура XVIII века. М., 1980.
2. Культура эпохи Просвещения. М., 1993.
3. Зарубежная литература эпохи классицизма и Просвещения. М., 1994.
4. Человек эпохи Просвещения. М., 1999.

5. *Лабутина Т.Л.* У истоков современной демократии: Политическая мысль английского Просвещения. М., 1994.
6. *Разумовская М.В.* От «Персидских писем» до «Энциклопедии»: Роман и наука во Франции в XVIII веке. СПб, 1994.
7. *Аверинцев С.С.* Два рождения европейского рационализма // Он же. Риторика и истоки европейской литературной традиции;
8. *Кривушина Е.С.* Французская литература XVII-XX вв. Поэтика текста. - Иваново, 2002.



*Сурат аз: Wikimedia Commons*

Эдвард
ВИЛСОН
зистшинос

**Сохтор ва моҳияти динҳо**[115]

Биологи маъруф Эдвард Осборн Вилсон (зод. 1929), ки ҳамчун “падари сотсиобиология” шинохта шудааст, дар мусоҳибаи худ бо маҷаллаи “New Scientist” (“Олими нав”)[116] дар мавриди китоби охири худ “Ҳастии инсон” мегӯяд, ки динҳо сайёраи Заминро ба маргу нестӣ рӯ ба рӯ кардаанд. Ӯ динро чун “сохтори қабилавӣ” шарҳ медиҳад, ки боиси зиддиятҳои афзоянда дар байни одамон гардидааст.

Ба назари ӯ, ҳамаи идеологияҳо ва динҳо ҷавоби худро ба саволҳои бузург доранд, вале ҷавоби динӣ ҳамеша қабилавӣ ва ё худ маҳдуд ба як гурӯҳи мардум мемонад. Ҳар як дин тасаввуроти хосеро дар мавриди мавҷудоти фаротабиӣ таълим медиҳад, ки бар зидди тасаввуроти дигар динҳо мебошад. Аз ин рӯ, ҳар як қабила ва ё худ пайравони як дин бо пайравони дигар динҳо ва ҳатто мазҳабҳо дар пайкору ҷанг ҳастанд. Инро тасаввуроти маҳдуди ин ё он дин ва ё мазҳаб талаб мекунад, новобаста ба он ки он барои пайравони худ меҳрубонӣ, саховатмандӣ, некӣ ва хайрхоҳӣ ваъда медиҳад. Аз ин рӯ, маҳз тасаввуроту боварҳои динӣ моро аз ҳамдигар ҷудо ва бар зидди якдигар мегузоранд. Донишманд мегӯяд, ки: “Одамон дар ҳар куҷо як ҳолати қавии ҳайратомез доранд, ки оё онҳоро Худо назорат мекунад ва ё не. Махсусан, дар зеҳни онҳо як саволе чарх мезанад, ки оё онҳо зиндагии дигаре баъди марг доранд ва ё не. Ин саволҳое ҳастанд, ки ба ҳамаи одамон хос ҳастанд. Аммо динҳои қабилавӣ чунин ҷустуҷӯи инсонро ғасб кардаанд. Барои пешрафти инсонӣ зарур аст, ки эътиқодоти динӣ маҳдуд ва аз байн бурда шаванд. Вале набояд мо саволҳои бузургеро аз байн барем, ки хоси табиати инсонӣ ҳастанд.” Вилсон мегӯяд, ки ӯ аз Масеҳият даст кашидааст, вале дар айни замон худро на “атеист”, балки “олим” медонад.

**Аз идора:** Маҷалла ин мавзӯъро идома медиҳад.

[115] Таҳияи Ҳафиз Бобоёров (David Edwards / Raw Story January 29, 2015 http://www.alternet.org/belief/eminent-biologist-religion-should-be-eliminated-sake-human-progress)

[116] E. O. Wilson: Religious faith is dragging us down https://www.newscientist.com/article/mg22530050.400-e-o-wilson-religious-faith-is-dragging-us-down/?full=true; 21 January 2015



Масъуди МИРШОҲӢ донишманди эронӣ

**Тоҷикони хурофотӣ ва эрониёни фарҳангӣ**
(Мусоҳиба бо ҳафтаномаи “Тоҷикистон”)[117]

*Масъуди Миршоҳӣ,- раиси анҷумани Рӯдакӣ, узви ҳайати мушовараи «Тоҷикистон» дирӯз ба идораи ҳафтанома барои мулоқот бо ҳайати эҷодӣ ташриф овард. Дар доираи мулоқот суҳбате доштем, бо мавсуф, ки пешкаши хонандагон месозем.*

***Боре аз хонуми сураткаше, ки муддати зиёд дар Тоҷикистон будубош дорад, пурсидам:***

***- Фарқ миёни Тоҷикистон ва Эрон дар чист?***

***Хонум гуфт:***

***-Ҳукумати Эрон динӣ ва хурофотист, аммо мардумаш фарҳангӣ, Ҳукумати Тоҷикистон демократӣ ва дунявист, аммо мардумаш динӣ ва хурофотӣ…***

**Ин сухани хонуми сураткаш гумон дорем аз воқеият дур аст.**

-Ин гуфтаи хонум ҳақиқат дорад. Воқеан, ҳукумати Эрон исломист. Ба наздикӣ як шоирро 20 сол зиндонӣ карданд, ба хотири як афсонааш. Аммо мардуми Эрон фарҳангӣ ҳастанд. Дар Эрон мазҳаб бори сангинест, аммо мардум зери он ҳар коре, ки хоҳанд мекунад. Махсусан, хонумҳои эронӣ бар зидди зулму истибдод, шадидан мубориза мебаранд. Ҷавонони эронӣ ҳам хело фарҳангӣ ҳастанд. Бо кумаки бевоситаи ман онҳо дар Париж Анҷумани «Ҷашни байналмилалии Наврӯз»-ро ташкил карданд. Ҳамасола дар маркази Париж панҷ рӯз чорабинӣ мегузаронанд, барнома дуруст мекунанд. Дар гузаронидани ин чорабинӣ тамоми эрониҳои аврупоӣ ширкат мевараданд, даст мегиранд, аммо як афғон ё як тоҷик на ширкат мекунанд, на дастгир. Агар ҳам ягон тоҷик ширкат кард, кораш дар гӯшаи майдон истодан ва ба рӯзноманигорон ҳамсуҳбат шудан аст. Дар мавриди Тоҷикистон, мардум воқеан зери таъсири хурофот мондааст. Ман мефаҳмам, шумо нав аз зери истибдоди Шӯравӣ наҷот ёфтед. Гарчанд, агар Шӯравӣ намебуд, тақдири шумо имрӯз мисли Афғонистон мешуд.

Мардуми эронинажод меъдаи калон доранд, ҳама чизро ҳазм мекунанд. Ба ин сарзамин ҷангҷӯҳо омаданд, Шорухмирзо ҳам омаду Улуғбек ҳам, аммо натавонситанд ба фарҳнги ин мардум сарпӯш гузоранд. Баръакс, худашон дар такя ба фарҳанги ориёиҳо қомат рост карданд. Улуғбек, то замоне, ки дар дасти эрониҳо буд, ситорашинос буд, вақте ба дасти худашон афтод, аз ҷониби писараш кушта шуд. Онҳо бо сари худашон ҳеҷ гоҳ рушд намекунанд, пеш намераванд. Ҳатто арабҳо ҳам бе мо пеш намерафтанд. Аммо, мутаассифона, имрӯз мардуми бесавод зери таъсири онҳо монданд. Мисли ҳамин, мазҳабиён монеъи рушди эронинажодон шуданд. Эрон мамлакате буд, ки бо Аврупо таъна мезад, ба чи ҳол уфтод, сад сол қафо монд. Тоҷикон ҳам зери таъсири мазҳабиён мондаанд.

Бубинед, устоде дар донишгоҳи тиббии шумо ба ман мегӯяд, ки «Кимиёи саодат»-и Ғаззолиро ба донишҷӯён тарғиб мекунад.

**-Тарғиб карданаш чи бадӣ дорад. «Кимиёи саодат»-ро чун як дастоварди нодири фарҳангӣ мешиносанд. Ба наздикӣ**

[117] Бознашр аз рӯзномаи “Тоҷикистон”, 29 октябри 2015, № 43 (1137) ва сомонаи рӯзномаи “Тоҷикистон”, 2 ноябри 2015. Шариф Ҳамдампур ва Одили Нозир, http:// www. pressa.tj /article/tochikoni-hurofoti-va-eroniyoni-farkhangi

**Академияи илмҳои Тоҷикистон онро дар 8 ҷилд бо сифати баланд нашр кард.**

***-»Кимиёи саодат» молӣ Ғаззолист. Ҳамин шахс мегӯяд, ки яке аз офаридаҳои наҷис дар дунё зан аст. Ӯ тақсимбандӣ кардаасту пас аз харгӯшу хук занро гузоштааст. Боз шумо онро тарғиб мекунед. Касе суол намекунад, ки ин мард модари туро, хоҳари туро пасттар аз ҳама ҳайвонҳои наҷис гузоштааст. Боз мардуми шумо, бахусус, уламо, ба ин китоб ихлос доранд. Аз рӯйи гуфтаҳои онҳо амал кунед, тақдиратон беҳтар аз Сурия нахоҳад шуд.***

Шукр, ки эронинажодон дар тӯли 1400 сол мисли гуфтаи онҳо накардаанд. Агар дақиқ назар андозед, дар Сурияву Лубнону Либиё ҳеҷ арабе вуҷуд надорад, аммо онҳо, ки тамоми оинҳои бостониашонро аз даст додаанд, мисол дар Миср, бо доштани он ҳама Аҳромҳо ва тамаддуни пеш аз милодӣ думболи як хар ҳастанд ва ҳеҷ асолат надоранд. Мо бо кӯшиши фарҳехтагонамон ҳеҷ гоҳ хору залил нашудем, аммо як суриягии бадбахт, ки араб нест, ба унвони як араб рӯзаш сиёҳ аст. Мо ҳам агар аз асолатҳоямон дур шавем, араб мешавем, чун мазҳабӣ ҳастем, чизе беш аз Сурия нахоҳем шуд. Суриягиҳо бисёр мардуми босавод ҳастанд ва сатҳи саводашон аз тоҷикҳо ба маротиб баландтар аст. Аммо ҳозир дарбадаранд. Тамоми барномаҳое, ки муллоҳои шумо ин ҷо роҳандозӣ мекунанд, қадам мондан ба тақдири Сурия аст. Инҳо мардуми бисёр хавфнок ҳастанд. Масҷиде, ки арабҳо дар Исломобод сохатанд, сабаб шуд, ки ду кишвар - Покистону Ҳиндустон 40 сол боз дар ҷанг биҷӯшанд. Масҷиде, ки дар Душанбе бунёд мекунанд, ба ҳамин бало гирифтор мекунад. Агар замони пеш аз ин ҷо панҷ ҳазор ба ҳаҷ мерафтанд, бо сохтани масҷид панҷоҳ ҳазор мераванд ва панҷ миллион пули нақди шумо, ки хориҷи кишваратон мешавад, ба панҷоҳ миллион мерасад. Агар ин маблағҳоро дар мамлакати худатон сарф кунанд, бубинед чи қадар пешравӣ мешавад. Онҳо аз дунболи муштарӣ мегарданд.

**-Ҳастанд кишварҳое, ки аз ҳисоби ҳоҷиёнашон фисаде аз Арабистони Саудӣ бихоҳанд?**

-Ҳаст, Эрон. Эрон мегӯяд, ки агар ин хонаи Худост, бояд мисли Ватикан шавад. Ватикан беморхона месозад, мактаб месозад, аммо дар ҳеҷ куҷо калисо намесозад. Пули Ватикон кумакпулӣ мешавад, дору мешавад, ваксина мешавад, аммо аз Макка харҷи истироҳати шайххо.

Мо дар Фаронса, дар як ҷашн ширкат кардем. Бачаи араб, ки пули ҳаҷи шуморо мегирад, як бутили 5 ҳазор доллараи шампонро ба хонанда (ҳофиз) медиҳад. Хонанда, онро мекушояду ба сару гардани мардум мерезад. Ё ҳама арабҳо, ки Фаронса меоянд, мошинҳои 2 миллиондоллара доранд. Аз куҷо? Аз пули ҳаҷи шумо. Подшоҳи Арабистони Саудӣ бо 600 нафар меояд ва 2 км соҳили баҳрро барои истироҳат ду ҳафта бо харҷи 60-70 млн доллар банд мекунад. Мардум бояд фикр кунанд, ки пули онҳо куҷо меравад. Хонаи Худо бояд маҷҷонӣ (бепул, ройгон) бошад. Агар Худо дар биёбони араб нафтро фаровон кардааст, чаро Арабистони Саудӣ намегӯяд, ки биёед хонаи Худоро бе пул зиёрат кунед? Агар як сенти пулатон камӣ кунад, шуморо аз он ҷо бармегардонанд.

**-Дар қаламрави Тоҷикистон мисли Анҷумани Рӯдакӣ, ҳаст Бунёди ба номи Имом Ҳумайнӣ, ҳаст Анҷумани Рӯдакии дигар, ҳаст Ройзании фарҳангии Ҷумҳурии Исломии Эрон, мисли ҷоизаи Манучехри Фарҳангӣ, ҳаст ҷоизаи ба номи Имом Ҳумайнӣ. Чӣ фарқияте миёни корҳои Шумо ҳаст? Чӣ махсусияте ҳаст, ки шуморо муттаҳид ё баръакс фарқ мекунонад?**

-Ба кулли фарқ дорад. Аслан ман намехоҳам, ки кори мо бо кори онҳо муқоиса шавад, аммо чун шумо суол кардед, маҷбурам ҷавоб диҳам. Он корҳое, ки мо мекунем, дар асоси хоставу талаботи шумо сурат мегирад.

Мисол мегӯянд, ки компютер лозим аст, мо инро анҷом медиҳем, аммо дигар аз пайи он намегардем. Он чиз чи гуна истифода бояд шавад, кори мо нест. Маркази Ҳумайнӣ ва Ройзанӣ барои тарвиҷӣ инқилоби исломӣ роҳандозӣ шудааст. Мо дар Аврупо бо онҳо муборизаи шадид мебарем. Бунёди Ҳумайнӣ дар ҳама ҷо донаҳои ҷосусӣ мекорад. Мисол, дар Хуҷанд, мардумро ҷоиза медиҳад, махсусан, адибонро, аммо дар ҳамин шабу рӯз дар Эрон шоиру нависандаро барои 20-25 сол зиндонӣ мекунанд. Умедворам, ки дар оянда сарварони ин мамлакат пеши роҳи онҳоро мегирад. Инҳо меоянд ин ҷо ҷашнҳо мегузаронанд ва мегӯянд, ки мӯйҳои духтарони шуморо набояд бачаҳоятон бинанд, инҳо бояд ҳиҷобашонро риоя кунанд…

Мо ибтидо ин ҷо омадем, Анҷумани Рӯдакӣ сохтем, онҳо ҳам омаданду Анҷумани Рӯдакӣ сохтанд ва дӯсти қадимии моро масъули ин анҷуман карданд. Дар Порис анҷумани фарҳанги Эрон доштем. Онҳо омаданд ва дар ҳамон ҷо, дар канораш хонаи фарҳанги Эронро мустақар карданд. Чун мо ин ҷо ҷоизаи Манучеҳри Фарҳангӣ сохтем, онҳо меоянду ҷоизаи Ҳумайнӣ ташкил мекунанд. Ман, ин ҷо бидуни воҳима, мегӯям: бунёди Ҳумайнӣ меояд, ҳамкорӣ мекунад ва билохира мегӯяд, ки ҷашни Наврӯз ҷашни динӣ нест, куфр аст. Ё ба як адиб ҷоиза медиҳад, ки дар бораи Оятуллоҳ Мутаҳарӣ мақола менависад. Онҳо ҳаминро мехоҳанд, дигар коре надоранд. Барномаи давлати Эрон ва Имом Хумайнӣ мехоҳанд Инқилоби Эрон ҷорӣ гирдад. Онҳо сабру таҳаммул ва буҷа доранд.

**-Шояд ба ин дараҷа сахт гирифтани онҳо ғалат бошад?**

-Ман як мисол меорам. Онҳо мехоҳанд бигӯянд, ки Мир Саид Алии Ҳамадонӣ аз Кашмир аст, Хумайнии мо ҳам аз Кашмир. Ҳоло мебинед, чор рӯзи дигар ҳатман як оғо Кашмир меравад, мегардад ва мегӯяд, ки Ҳамадонӣ ва насли Ҳумайнӣ хешу таборанд, ҷаддашон дар як хона мезистанд, инҳо ду се рӯз пас мегӯянд, ки онҳо бародари хунианд, мақсадашон ин аст. Онҳо беҳуда мақбараи Ҳамадонӣ намесозанд. Мехоҳанд бо адибон равобити бисёрсола барқарор кунанд ва заминаи инқилоби исломиро фароҳам оваранд.

**- Баъзе ашхос гумон доранд, ки Анҷумани шумо ҳам барои тарғиби ғояҳои Зардуштӣ фаъолият дорад?**

-Ин чизро муллоҳои шумо шояд гӯянд. Наврӯз пеш аз Зардушт вуҷуд дошт, Меҳргону Обпошон ҳам. Маҳмуди Ғазнавӣ ҳам ҷоҳил буд, мисли ДИИШ мардумро мекушт, вале Садаро ҷашн мегирифт. Корҳое, ки мо мекунем, рабте ба Зардушт ва дин надорад. Бояд донед, ки шахсоне, ки аслан барои рушди фарҳанги мо кор мекунанд ё аслан бедин ҳастанд ё воқеан зардуштӣ, аммо онҳо ҳеҷ вақт намегӯянд, ки мо ин ҷо оему оташгоҳ дуруст кунем. Мисол фарҳангсарои Истаравшан чӣ иртибот ба дин дорад? Таълимоти одии зардуштӣ: гуфтори нек, пиндори нек ва рафтори нек ҳам як чизи одӣ аст, ки аз расму русуми қадими ориёиҳо тариқи андарзномаҳо ба мо мондааст. Мисол, дар Балх ҳам андарзномаҳои зиёде буд, чун мардум напазируфтанд, онҳоро ҳадис ном гузоштанд ва боз ки қабул накарданд, гуфтанд онҳоро ҳазрати Муҳаммад гуфтааст. Аслан худи зардуштиҳо дӯст намедоранд, ки касе ба мазҳаби онҳо дарояд. Ман инро бо он сабаб мегӯям, ки муллоҳои шумо роҳат бошад.

**-Чаро муллоҳо? Гуноҳи онҳо дар чист?**

- Ба хотири он ки агар шумо ҷашни Фитр гиред, саҳми мулло мерасад, агар қурбонӣ кунед, саҳми мулло мерасад, агар дар Эрон мардум бизананд сари синаи худ, ки Ошуро шудааст, саҳми мулло мерасад, мардум бигирянд, мулло саҳм мегирад. Аммо мардум ҷашни миллиро истиқбол гирад, саҳми мулло нест, Меҳргон ҷашн гиред, саҳми мулло нест. Аммо, агар гӯед, ки

саҳми шумо ин қадар аст, мулло онро ҳалол мекунад.

**-Шумо ба чӣ ишора мекунед?**

-Ман як мисол меорам. Дар Эрон мардум як одат доранд, ки қандро дар чой намеандозанд. Онҳо қандро дар чой тар мекунанд ва онро меҳӯранд. Сабаби ин боз ҳам як мулло аст. Дар як шаҳри Эрон корхонаи қанд буд. Соҳиби он, ки ҳамеша дуои муллоро дошт, ҳамеша ба мулло қанд мефиристод. Чун он соҳибмулк мурд ба корхона соҳиби нав омад ва ҳеҷ лозиме надид, ки ба мулло қанд фиристад. Он мулло масҷид омад ва фатво дод, ки қанд ҳаром аст. Мардум муддати мадиде қанд намехаранд. Раиси корхона аз ин ба ташвиш меояд. Баъдан ба ӯ мегӯянд, ки мулло ҳамеша саҳм мегирифт, чун саҳми ӯро бастед, ӯ қандро ҳаром гуфт. Соҳиби корхона боз саҳми муллоро бардошт ва пешаш бурд. Мулло дар масҷид гуфт, ки қанд ҳалол аст. Пурсиданд, чаро то дирӯз ҳаром буду имрӯз ҳалол? Ӯ гуфт, ки қандро, ки ба даст мегиред, аввал ба об занед, баъд ба даҳон андозед, ҳалол мешавад. Ана андешаи мардуми мо ба чунин тарз шакл гирифта. Агар саҳмашро гирифт, ҳалол, агар не, ҳаром. Агар мардумро гирёнд ҳалол, гар саҳмашро нагирифт, ташкил мекунад ДИИШ.

**- Чи метавонад ҷойгузини хурофот ва гароишҳои мазҳабӣ бошад?**

- Фарҳанг. Мардум бояд бо хирадмандӣ дар мазҳаб пеш раванд ё бояд ҳунар ва варзиш ҷойгузини мазҳаб шавад, ки ҷавонон аз хурофот дур шаванд.

**-Устод, мо мехостем андешаи Шуморо атрофи як масъалаи пурсарусадои солҳои охири ҷомеаи Тоҷикистон бипурсем. Ин ҳам мавзӯи бозгашт ба хати ниёгон аст. Баъзе аз зиёиёни мо ду пойро ба як мӯза андохта исрор мекунанд, ки мо бояд аз хати сирилик даст кашида, ба хати арабиасоси форсӣ рӯй орем. Шумо чӣ андеша доред?**

***-Ман фикр мекунам, ки ҳар бор, ки хате дар кишваре иваз шавад, мардум ҳамон рӯз бесавод мешаванд. Аммо омӯхтани хат ба касе зарар надорад. Чи ишкол дорад, ки ҳар одам ҳам хати сиррилик, ҳам ниёкон хонад. Агар баргаштан хоҳед, бояд ба паҳлавӣ баргардем, аммо ин корро касе намекунад. Агар ҳам касе тасмими бозгашт ба хатро гирифт, ин як намуд хиёнат ё зулм барои тоҷикистониён хоҳад шуд.***

**- Нахустшиносоии Шумо бо Тоҷикистон ва фарҳанги мардуми точик чӣ гуна сурат гирифт?**

-Ман аслан эронии машҳадӣ ҳастам, мутаввалиди Нишопур. Дар ҷавонӣ дӯст доштам, ки тариқи радио тарона гӯш кунем. Як рӯз соати нуҳи вақти Эрон гӯши радиоро тоб медодам, ки садои хонуме баланд шуд: -»Салом, ин ҷо Душанбе». Шаби дигар дар ҳамин вақт радиоро тоб додам боз ҳамин: «Ин ҷо Душанбе». Шаби севвум ҳам. Аз падар пурсидам, ки чаро имрӯз чоршанбе асту ин хонум душанбе мегӯяд? Падарам гуфт, ки ин шаҳр аст, пойтахти Сомониён. Пурсидам: «-Чаро Душанбе? Ӯ гуфт: «Он ҷо ҳар душанбе бозор мешудааст». Аз ҳамон замон, ки ман фаҳмидам, пойтахти Сомониён ин ҷост, диққати маро Душанбе ҷалб мекард. Ва кофтуков кардам. Тоҷикистон барои эрониён ҳамон андоза муқаддас аст, мисле ки одамони мазҳабӣ ба давлатҳои араб эҳтиром доранд. Вақте мо Анҷумани Рӯдакиро таъсис додем, дар Аврупо Тоҷикистонро касе намешинохт ва ман як китоб нашр кардам ба исми «Тоҷикистон». Баъди ин ҳам, солҳои 2002-2004 дар ҳамадастӣ бо академик Муҳаммадҷон Шакурӣ ду китоб нашр кардам бо номи «Ҷусторҳо дар забон, адаб ва фарҳанги Тоҷикистон».

**-Солҳои охир Шумо ҷоизаи Манучехри Фарҳангиро таъсис додед, ҳадаф аз он чӣ буд?**

-Манучеҳри Фарҳангӣ, яке аз асосгузорони Анҷумани Рӯдакӣ буд ва баъди маргаш хонаводааш хостанд, ки барои анҷуман кӯмаке карда бошанд. Бо пешниҳоди ман дар Академияи улуми Тоҷикистон бо ин ном ҷоизае ташкил шуда, соли шашум аст, ки мо ин ҷоизаро барои чеҳраҳои намоёни Тоҷикистон медиҳем.

**-Аслан, самти фаъолияти Шумо фарҳанг ва эҳёи фарҳанги бостон аст?**

-Бале. Дигар самти коре, ки дар сар то сари дунё анҷом медиҳем, ин пажӯҳиш дар самти фарҳанги бостон ва ниёгон, бидуни назардошти марзи сиёсӣ мебошад. Ҳадафамон ба ҷомеаи ҷаҳон нишон додан аст, ки Тоҷикистон мисли Афғонистон нест, Тоҷикистон дигар аст, ин ҷо ҳам ашхоси фарҳехтаву фарҳангии зиёд дорад. Чун мо дар Афғонистон бисёр мехостем, корҳоеро пеш барем, аммо бо сабабҳои маълум нашуд. Мо коре, ки дар Афғонистон, кардем, ин ҳам дар тӯли 4 сол 6 мактаби якҷояи духтаронаву бачагонаро кушодем. Ин кумаке аз ҷониби мо буд барои духтарони зери чодар, ки мактаб намераванд. Барномаи фарохеро бо номи «Чеҳраи пинҳони зани Афғонистон» ташкил кардем. Ман маҷмӯаи шеърҳои занони афғонро ҷамъоварӣ карда, бо унвони «Шеъри занони Афғонистон» нашр кардам, ки бо инглисиву фаронсавӣ ҳам тарҷумаву нашр шуд. Ин маҷмӯа далели он буд, ки ин занони зери чодари афғон, ки ҳатто аз нури Хуршед баҳравар нестанд, одамони фарҳехтаву тавоно ҳастанд, бесаводу ваҳшӣ нестанд, инҳо касонеанд, ки базӯр ин чодарро ба рӯяшон кашидаанд ва мо тавонистем фарёд ва интизориҳои ин занонро ба гӯши ҷаҳониён бирасонем.

**-Дар дигар кишварҳо ҳам чунин барномаҳо роҳандозӣ мешавад?**

-Ҷомеаи форсизабон ба таҳаллука афтодааст, ки забони тоҷикӣ дар Самарқанду Бухоро маҳдуд мешавад. Ман худам он ҷо сафар кардам, ҳама мардум бо тоҷикӣ гап мезананд, аммо давлат ҳама чизро маҳдуд кардааст. Зимни сафар ба Самарқанду Бухорову Бойсун, ки ҳама тоҷику тоҷикзабонанд, маро бо лаҳни тоҷикӣ «Хуш омадед ба сарзамини бобоиятон» истиқбол мегирифтанд. Баъди сафар монанди Афғонистон, маҷмӯаи шеъри бонувони Ӯзбекистонро бо номи «Дурри- дарӣ дар Самарқанду Бухоро» ҷамъоварӣ ва мунташир кардам. Ҳанӯз интернет, ки ҳаст бояд забони тоҷикӣ он ҷо тарвиҷ шавад.

**- Шумо ҳамкориҳои зиёди фарҳангӣ бо Тоҷикистон дорем, дар риштаи иқтисод чӣ?**

- Мутаассифона, мушкилот дар ин самт ҷой дорад. Мисоле меорам: роҳбари як ширкати шветсиягии бонуфузи бандсозӣ, ки домодаш эронӣ буд, ба мо тамос гирифт. Мо мехоҳем бо Тоҷикистон ҳамкорӣ кунем ва наздики 100 млн доллар барои бандсозӣ дар як қисмати Тоҷикистон маблағ ҷудо карда, барқ истеҳсол намояд. Аммо дар Тоҷикистон баъзан намедонанд, дар баробари пуржаҳо чи хел тасмим гиранд, маблағро аз худ кунанд. Ман протоколи садубандсозиро гирифта омадам ва ба масъулин арза кардам. Аммо масъулин барои муайян кардани макони бандсозӣ, то ки ширкат он ҷо қарор гирад, шаш моҳ корро кашол доданд ва билохира ба қарори мушаххас омада натавонистанд. Дӯстони мо гуфтанд, ки ин иртибот бисёр кунд аст, чун барои як пурсише, ки давлат бояд дар 24 соат ҷавоб диҳад, шаш моҳ тӯл кашид. Ва он ширкат маблағашро дар Аргентина банд кард. Ҳамин тавр тоҷикон як маблағи калони аз осмон афтодаро, баргашта ба осмон доданд.

Мо бисёр вақт дар ҳамкорӣ бо Тоҷикистон ба душворӣ рӯ ба рӯ мешавем. Барои мо соату дақиқа вақт ҳисоб мешавад, аммо ин ҷо коре, ки дар як соат анҷом меёбад, моҳҳову солҳо думбола мекашад, ки ин сабки кории мо нест.

Ҳушанг МУИНЗОДА
донишманди эронӣ

## Таърифи Худо

(Порае аз китоби «Васиятномаи Худо»)[118]

Аз диди соҳибназарон пинҳон нест, ки дар ҳеҷ як сарчашмае, ки дар бораи Худо матлаб навишта шуда, ҳатто китобҳои ба истилоҳ «осмонӣ» Худо таъриф нашуда аст, балки ҳамаи онҳо дар шарҳ ва тафсири сифатҳои Ӯ будааст. Худобоварон ҳам, ки Худоро холиқ, доно ва тавонои мутлақ медонанд, дар ҳеҷ китобе нахонда ва аз ҳеҷ касе нашунидаанд, ки ин Холиқи доно ва тавонои мутлак чист ва кист? Аз куҷо омада аст? Чаро омада аст? Ба чӣ манзуре даст ба офариниш зада аст? Дар ҳоле ки лозим буд пеш аз тавсифи ҳунарнамоиҳои Худо, худи Ӯро таъриф мекарданд, то бубинем худи Ӯ чист ва кист?

Худое ки бе ҳеҷ муқадимае вориди саҳна мешавад, олам ва одам ва бисёр чизҳои дигарро аз нестӣ халқ мекунад ва ба доноӣ ва тавоноии мутлақ низ машҳур мешавад, агар вуҷуд дошт, лобад метавонист ба забони худ ё паёмбарони хеш дар ду калимаи содда ва қобили фаҳми ҳамагон бигӯяд: «чист ва кист?». То ин ҳама мушкил барои касоне, ки онҳоро бандагони Ӯ қаламдод мекунанд, ба вуҷуд намеомад.

Дар бораи таърифи Худо, чистӣ ва кистии Ӯ, ки ҳатто паёмбарони шариатгузор низ аз ин кор бозмондаанд, далоили фаровоне вуҷуд дорад. Яке аз муҳимтарин далоил ин аст, ки пеш аз зуҳури паёмбарон, Худо дар бовари мардум ҳузур дошт. Яъне, аз ҳазорон сол пеш, ҳар як аз ҷавомеи инсони як ё якчанд Худо доштанд, ки масъули бароварда кардани бахшҳое аз ниёзхои онон буданд, вале ҳеҷ яке аз онҳо мисли Худои яктои кунуни хама фан ҳариф набуд. Ба ҳамин иллат ҳам вақте мардум аз дасти як Худо ба танг меомаданд, ба Худои дигар паноҳ мебурданд. То он ки «Худои Худоён»-ро офариданд ва дар раъси анбӯҳи азими худоён қарор доданд ва аз дарунмояи он низ Худои якто берун кашида шуд.

Дар ин марҳила, офаринандагони Худои якто, илова бар ин, ки ҳамаи хусусиётҳ худоёни пешинро дар анбони қудрати Ӯ рехтанд, имтиёзоти дигаре ҳам ба Ӯ ҳадя карданд. Аз ҷумлаи ин имтиёзот «Офариниши ҷаҳон» ва «Хилқати инсон» буд. Онҳо Ӯро илова бар ин ки сохибихтиёри зиндагии ин дунёии башар қаламдод карданд, даврони пас аз маргро ҳам дар ихтиёри Ӯ қарор доданд. Дунёи дигаре барои Ӯ сохтанд, зинда шудани муҷаддади мурдагонро пеш кашиданд, баъд ҳам подош ва ҷазое, ки то пеш аз ҳузури Худои якто дар ҳамин даврони зиндагӣ аз тарафи худоёни пешин ба башар мерасид, ба дунёи дигари Ӯ ҳавола доданд. Бо ин васф, мебинем, ки ин Худо бо ҳамаи сифатҳои пуртумтароке, ки ба Ӯ дода шуда, ҳанӯз ҳам ношинохта ва дар пардае аз абҳом боқӣ мондааст.

Мӯсо шариатгузори дини яҳуд дар фаромини даҳгонааш фақат сифоти Яҳво, Худои худро шарҳ медиҳад, бе он ки таърифе аз Ӯ карда бошад. Исо ҳам ҷаҳонбинии хосе ироа надод ва танҳо ҳунари ӯ таърифи наве аз баъзе сифатҳои Худои қавми яҳуд буд ва табдили чехраи хашини Ӯ бо симои як Худои меҳрубон, ки вайро падар номид. Муҳаммад низ бе он ки вориди чистӣ ва кистии Худо шавад, ҷаҳонбинии дини яҳудро бо шарҳ ва тафсири хос зербинои мактаби хеш қарор дод ва ба саҳна кашидани дунёи дигари Худо, бештар ба шарҳ ва тафсири подошҳо ва ҷазоҳои ончунони Ӯ пардохт. Бинобар ин, равшан аст, ки худи ин се бузургвор ҳам кӯчактарин иттилоъе дар бораи моҳияти Худо надоштанд. Ба забони дигар дониш ва огоҳии онон дар бораи Худо беш аз дониш ва маърифати замонаашон набуд ва тамоми матолибе, ки дар китоби онон омада, ҳамон матолибе аст, ки аз

---

[118] Таҳияи Меҳр Собириён

гузаштаҳои бисёр дур дар миёни милал ва ақвоми мухталиф матраҳ ва баён шуда буд.

Агар поро аз доираи адён ва мазҳаб берун гузорем ва вориди арсаи фалсафа шавем, мебинем ки файласуфон низ монанди паёмбарон ҳарфи ба дардхуре дар бораи Худо назадаанд. Онон ки табъан таҳти ситраи боварҳои ҳоким бар ҷомеаи худ буданд, ба ночор дар ростои ин боварҳо қадам бармедоштанд. Чунончи дар даврони файласуфони Юнон дидем, ки Суқротро ба хотири гумроҳ кардани ҷавонон дар бораи Худоён, ҷоми шавкарон нӯшониданд. Пас аз ҳузури адёни тавҳидӣ ҳам, мутафаккиронеро, ки мункир ва маоризи Худо буданд, ба салоба кашиданд. Ингуна буд, ки фалсафа ҳам, ки мебоисти ба шинохти ин масоил пардозад, ба хидмати адён даромад, ки намунаи равшани он Форобӣ ва Ибни Сино аст. Файласуфоне, ки ҷавҳари каломашон дар бурҳони «Воҷиб-ул-вуҷуд» хулоса мешавад. Баъд ҳам бо додани сифати «Ҷавҳари муҷаррад», ки ҳеҷ моддае дар зоташ вуҷуд надорад нодониста, Худоро аз назари фалсафӣ бо «ҳеҷ» баробар карданд. Пас аз он низ бо ҳамин ду дидгоҳ ба шарҳ ва тафсири фалсафии сифатҳои Худо пардохтанд, то суханони бепоя ва асос ва бидуни мантиқи адёнро ба шеваи фалсафӣ исбот кунанд.

Албатта, файласуфон инсонҳои фарзонае буданд, вале онҳо низ иҷоза надоштанд ба дунболи кашфи ҳақоиқ бираванд ва афкору андешаҳои худро озодона баён кунанд. Агар фазои муносибе барои онон фароҳам мебуд, бе шак метавонистанд бисёре аз мушкилоти фикрии башарро дар ин заминаҳо аз миён бардоранд. Ин вазъ ҳатто дар даврони ренесанси Ғарб низ идома дошт. Ба унвони мисол, Имонуил Конт яке аз файласуфони бузурги Ғарб, ки ҳамаи бурҳонҳои исботи вуҷуди Худоро ба шеваи фалсафӣ рад карда буд, дар поён аз тарси калисо бо ҷумлаи кисори худ «Ман маҷбур шудам илм (ақл)-ро канор бигзорам, то барои имон ҷо боз кунам», гиребони худро аз паёмадхои эҳтимолии куфргӯйӣ канор кашид ва гуфт:

«Қувваи истидлол дар ҳақоиқи фавқи ҳиссӣ коргар нест ва идроки онҳо ва яқин ба вуҷудашон танҳо ба қувваи имон мумкин аст», яъне Худоро на бо далоили ақлӣ, балки бояд аз тариқи имон пазируфт.

Барои таърифи ҳар чизе ё ҳар вуҷуде, ба чанд равиш метавон мутавассил шуд. Яке аз беҳтарин равишҳо таҷриба аст, ки «мушоҳида» ва «озмоиш»-ро шомил мешавад. Ин равиш моро қодир месозад, то битавонем он чиз ё он вуҷудро ба дурустӣ бишносем ва таъриф кунем. Аммо медонем, ки «Худо қобили дидан ва озмоиш шудан нест». Оё кӯчакӣ ё бузургии Ӯ боиси аҷзи башар аз диданаш мешавад? Яқинан на! Чун имрӯз бо васоил ва абзоре, ки башар ихтироъ карда аст, ҳар мавҷуде ҳар қадар кӯчак ҳам бошад, қобили руият аст. Барои ашёи бузургтар ҳам василае ҳаст, ки аз фосилаҳои дур метавон аз он аксбардорӣ кард ва пай ба вуҷудаш бурд.

Дар бораи озмоиш низ мо қаринае, ки дол бар вуҷуди Худо бошад, дар ихтиёр надорем, ки бо равиши озмоиш ба шинохти Ӯ ноил гардем. Он чи боқӣ мемонад, нахуст таваҳҳумоти инсонҳои аввалия аст, ки санги бинои бовар ба Худоро гузоштанд. Баъд ҳам нақли қавли чанд паёмбар, ки табъан ҳеҷ далел ва мантиқе дол бар мавҷудияти Ӯ ироа надодаанд. Дидор ва гуфтугӯи пайғамбарон бо Худо ва муъҷизоти онҳо низ фақат афсонаҳои сохтагӣ аст, ки ба қавли Закариёи Розӣ, яке аз файлсуфони бузурги ҷаҳон, баъд аз онҳо барояшон сохтаанд. Гувоҳи зиндаи гуфтаи Розӣ ҳам худи Муҳаммад ибни Абдуллоҳ, паёмбари ислом аст, ки ба забони сареҳи худ дар Қуръонаш гуфта аст, ки «на Худоро дида ва на қодир ба муъҷиза аст». Ҳол он ки пас аз фавти ӯ садҳо муъҷиза барои ӯ радиф карда ва ҳатто маҷолиси дидоре низ барояш бо Худо тартиб додаанд.

Бинобар ин, танҳо чорае, ки барои мо мемонад, ин аст ки бо назариёт ва фарзиёте, ки дар бораи Худо дар даст дорем, мавзӯъро пай бигирем ва бубинем, оё роҳе барои шинохт ва таърифи Ӯ вуҷуд дорад ё на? Мо ин пайгириро бо назариёти зер оғоз мекунем:

Назари аввал, ин аст ки Худо сохта ва пардохтаи пайғамбарон нест. Ин мафҳум ҳазорон сол пеш аз зуҳури онҳо ва эҷоди адён, тавассути падарони ибтидоии мо вориди арсаи имонии башар шуда аст.

Назарияи дуюм, ин аст ки ҳеҷ як аз пайғамбарон Худоро таъриф накардаанд, балки ҳамагӣ сифоти Ӯро баён намудаанд.

Назарияи сеюм, ин аст ки Худо фақат дар зеҳни инсон вуҷуд дорад. Ғайр аз инсон ҳеҷ мавҷуде Худо надорад ва ӯро намешиносад.

Назарияи чаҳорум, ин аст ки Худои феълӣ (Худои якто), ки мавриди парастиши пайравони се дини ба истиллоҳ «тавҳидӣ», яъне яҳуду масеҳият ва ислом аст, бо ин ки дар зоҳир яке ба назар мерасад, вале дар ботин се Худои мутафовит аст. Баъзе аз ихтилофоти ин се Худоро метавон ба шарҳи зер баён кард:

Китоби ба истилоҳ мукаддаси ҳар як аз ин адён, ки мудаъӣ ҳастанд, ваҳйи муназзил мебошад, дар бисёре аз маворид бо ҳам дар тазод ҳастанд. Ба дур аз хирад хоҳад буд, ки бипазирем як Худои воҳид, се китоби мухталиф бо се матни мутаззод барои ҳидояти бандагонаш фиристода бошад.

-Ҳар як аз ин Худоён илова бар ном, маконҳои муқаддас ва мушаххасоти мутафовут маросими вижае барои зиёратгоҳи худ доранд. Яхудиён девори Надба, масеҳиён Байтуллаҳм ва мусалмонон Маккаро муқаддас мешуморанд ва бо маросими хосе ин амокинро зиёрат мекунанд.

Шароити ибодии ҳар як аз ин се дин ҳам бо ҳам мутафоввут ҳастанд ва камтарин монандие бо ҳам надоранд.

Муҳаррамоти се дин низ бо ҳам ихтилофи куллӣ доранд. Рӯзҳои таътили ин се дин, ки рӯзи истироҳати Худо пас аз офариниши ҷаҳон буда, низ ҷудогона аст. Ҷумъа барои мусалмонон, шанбе барои яҳудиён ва якшанбе барои масеҳиён.

Агар ба масоили фавқ, хатна кардан, намоз хондан, рӯза гирифта ва қавонини ирс ва ҳуқуқи инсонҳо дар мақоми банда ва арбоб ё зан ва мард ва ё муъмин ва кофир ва масоили марбут ба маод ва ғайраро изофа кунем, мебинем ки Худои яктои сегонаи адёни Иброҳимӣ дар ҳақиқат се Худои мутафоввит аст.

Акнун, бар мабнои назариёте, ки ба онҳо ишора шуд, бахусус ин ки дидем, ки худои Исову Мӯсо ва Муҳаммад, Худои воҳид нест. Ҳамаи Худои адёни дигар ҳам, ки пеш аз ин се пайғамбар худоӣ мекарданд, монанди Индро, Воруно, Митро, Браҳма, Аҳуромаздо, Зарвон, Аҳриман, Омун ва Отун ва Зевс ва ғайра низ бо худоёни ин се дин яке набуданд. Агар ҳазорон Худои дигарро, ки дар давронҳои мухталиф Худо буданд ва худоӣ мекарданд, бар ин ҷамъи кассири худоён изофа кунем, ба ин натиҷа мерасем, ки хориҷ аз боварҳои ҷории кунунӣ, ҳар инсоне дар ҳар давроне Худои хоси худро дошта ва дорад. Бо ин истидлол ҳам бояд бипазирем, ки Худои Исову Мӯсо ва Муҳаммад ҳам худои хоси худи онҳо буда аст, на як мавҷуди мутаолӣ ва берун аз зеҳни онҳо.

Пас аз ин муқадимаи кӯтоҳ, ки умедворем барои пайгирии матолибе, ки бад онҳо ишора хоҳем кард, кофӣ бошад, мегӯем:

-Худо чизе нест, касе ҳам нест. Ӯ фақат як вожа ва ё таъбире аз як «мафҳуми» номаълуме аст, ки аз кӯдакӣ ба зеҳни инсон ворид мекунанд ва ӯро вомедоронанд, ки ҳамроҳ бо таваҳҳумот, хаёлот ва тафаккуроти худ ва таҳти таъсири илқооте, то дами марг ба кӯшиш мехоҳанд, ин вожаро дар пардаи зеҳни худ нигаҳ доранд. Вақте

ҳам инсон мемирад, ин вожа низ бо ӯ мемирад. Дар асл, ин воқеияти худое аст, ки аз ҳазорон сол пеш сояаш ба талқини дӯкондорони маъракаи Ӯ бар ҷомеаи инсонӣ афканда шуда аст.

Бо дар назар гирифтани асли фавқ, боз мегардем бар ин пурсиш, ки билохира Худо чист ва кист? Санг аст? Дарахт аст? Ҳайвон аст? Инсон аст? Ва ё чизи дигар? Мусалламан бо гуфтани ин, ки себ ва гулобӣ меваи дарахт аст, дарахт барои мо равшан намешавад. Ҳамин тавр гуфтани ин ки саг ва гурба, шер ва паланг ҳайвон аст, ҳайвонро таъриф накардаем. Бар мабнои ҳамин истидлол ҳам агар бигирем: Худо офаринандаи ҷаҳон ва холиқи инсон аст, Худоро таъриф накарда, балки сифот ё қудратҳо ва аъмоли Ӯро баршумурдаем. Худи Ӯ чист? Пурсиши асосӣ ва мавриди назар ҳамин аст.

Дар оғози ин баҳс гуфтем, ки Худоро бо сифоти Ӯ ба мо шиносондаанд ва мо чуз сифоти Ӯ чизе аз Ӯ намедонем. То ҷойе ки мо ҳатто аз иллати вуҷуди Ӯ ҳам беиттилоъ ҳастем. Агар нигоҳи дақиқ ва амиқ ба сароғози Таврот биандозем мебинем, ки дар «сафари офариниш», Худо бидуни ҳеҷ муқадима ва далеле якбора зоҳир ва вориди маърака мешавад. Замин ва замон ва ҳамаи ҳастиро аз ҳеҷ меофаринад. Бе он ки бигӯяд худаш чист ва кист? Чи кора аст? Аз куҷо омада? Чаро омада? Барои чӣ даст ба ин офариниш зада аст?

Дар Қуръон низ Худо ҳузури худро бо сураи Алақ: Бихон ба номи худоят, ки туро…ба намоиш мегузорад. Ӯ ҳам монанди худои яхуд, бе он ки худро бишиносонад, ҳунарнамоиҳои худро васф мекунад. Вақте ҳам кораш ба бунбаст меафтад, ишораи бисёр ҳайратангезе ба иллати ҳузури худ менамояд, он ҳам на аз забони худаш ва дар китобаш, балки аз забони пайғамбараш дар як ҳадиси ба истилоҳ «кудсӣ», бо ин иборат:

«Ганҷе пинҳон будам, барои ин ки шинохта шавам, халқро офаридам». Албатта, мебинем, ки дар мавриди муҳтавои ганҷ ҳам чизе унвон намекунад ва ҳатто намегӯяд барои чи мехоҳад шинохта шавад ва чи ниёзе ба шинохта шудан дорад.

Акнун барои ин ки таҷзия ва таҳлили худро бо додаҳое, ки дар даст дорем идома диҳем, чорае надорем чуз ин ки сифоти Худоро, ки танҳо мушаххасаи вай мебошанд, мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор диҳем. Агар бишавад собит кард, ки Худо фоқиди сифоте аст, ки ба Ӯ додаанд, худ ба худ посухи чистӣ ва кистии Ӯ ҳам дода мешавад.

Нахустин, бузургтарин ва муҳимтарин сифати Худо офариниши ҷаҳон ва хилқати инсон аст. Яъне, ба далели доштани ин сифот аст, ки Ӯро соҳибихтиёр ва молики ҳастии олам ва одам қаламдод мекунанд.

Достони офариниши ҷаҳон дар шаш ҳазор сол пеш дар Таврот омада, ки мавриди таъйид ва тасдиқи масеҳият ва ислом низ қарор гирифта аст. Аммо башар бо илми кунунии хеш собит карда, ки достони офариниши Таврот аз поя ва асос нодуруст аст.

Инфиҷори бузург «Биг бенг», ки ҷаҳони кунунӣ ҳосили он аст, беш аз 14 миллиард сол пеш рух дода ва кураи замин, ки маъвои мо инсонҳо аст, бо фосилаи бисёр дарозе аз пайдоиши ҷаҳони кунунӣ дар манзумаи шамсӣ падидор шуда аст. Инсон ҳам пас аз чаҳор миллиард сол пас аз пайдоиши замин ва падидаи ҳаёт по ба арсаи вуҷуд гузошта аст. Муҳимтар аз ҳама ин ки худи Худо пас аз ин замони дароз, яъне пас аз эҷоди ҷаҳон ва кураи замин ва падидор шудани ҳаёт ва ҳузури инсон дар он, бо таъхири чанд ҳазор сола вориди арса шуда аст. Яъне, ҳеҷ кадом аз навиштаҳои Таврот бо ҳақоиқе, ки илм бад онҳо даст ёфта, татбиқ намекунад.

Аммо афсонаи сохтани пайкари «одам» аз гил ва дамидан аз нафаси Худо ва ҳаёт ёфтани ӯ дар шаш ҳазор сол пеш низ ниёзе ба шарҳ ва тафсири зиёде надорад. Зеро

башар пас аз ҳазорон соли талош ва кӯшиш пай ба ҳақоиқе бурдааст, ки амалан собит мекунанд, ки пайдоиши ҳаёт бар хилофи гуфтаи се дини сомӣ, на танҳо шаш ҳазор сол пеш набуда, балки чанд миллиард сол пеш дар кураи хокӣ сурат гирифта аст. Дигар ин ки эҷоди ҳаёти мавҷудот якбора набуда, балки ҳамаи ҷондорон бар асари таҳаввул ва такомули сулули так ёхтае (لولس كت هتخاي يا) (Протозойные клетки), ки ба тасодуф соҳиби ҳаёт шуда буд, тайи миллиордҳо сол ба сурати феълӣ даромада аст. Се дигар ин ки инсон бар хилофи идаои пайғомбарон, ба сурати инсонӣ халқ нашуда аст, балки ин мавҷуд низ ҳамчун шохае аз дарахти ҳаёт ва аз бахши ҳайвонии он сар баровarda аст. Ҳеҷ тафовути хосе ҳам ҷуз он бахше аз вижагиҳояш, ки марбут ба навъи инсонии Ӯст, бо аҷдоди ҳайвони худ надорад.

Он чи дар фавқ бад онҳо ишора шуд, монанди гуфтаҳои пайғомбарон фақат нақли қавл нест, балки бо мустанадоти илмӣ ва пажӯҳишҳои озмоишгоҳӣ ва кункошҳои фисайлшиносӣ ва ғайра қатъият пайдо карда аст. Бинобар ин, вақте нахустин, бузургтарин ва муҳимтарин сифати Худо, яъне холиқ будан аз Ӯ салб мешавад, сифоти дигари Ӯ низ худ ба худ мардуд шумурда мешавад. Доштан ва надоштани онҳо на барои исботи вуҷуди Ӯ ва на барои қонеъ кардани мо ба кор намеояд. Аз ин рӯ, ночор мешавем, дурустии ин гуфтаро, ки Худо «чизе нест» ва «касе ҳам нест», ҷуз як таваҳҳуми зеҳнӣ, муҳри таъйид бизанем ва ин воқеиятро бипазирем, ки Худое ки аз ҳазорон сол пеш сояи мавҳум ва мубҳами Ӯро бар ҷомеаи инсонӣ густардаанд, фақат дар зеҳни мо инсонҳо ҷой дорад, на дар хориҷ аз он.

Инак, ин пурсиш пеш меояд, ки чаро Худоро сохтаанд?

Посухи он ин аст, ки вақте башар аз ҷомаи ҳайвонии худ бадар омад, бо таваҳҳумот, тахайюлот ва тафаккуроти ибтидоии хеш ба дунболи амният ва ҳифозат аз худ афтод. Ӯ бар иллати тарс ва ноогоҳии мутлақ аз илал ва асбоби ҳаводис ва иттифоқоте, ки ба он ру ба ру буд ва худро дар муҳосираи мавҷудоте хаёл мекард, ки дар гирду атрофи ӯ ҳузур доранд ва ба озораш мепардозанд. Барои ҷалби ризоияти онҳо ба талош афтод ва ба тадриҷ вуҷуд ва ҳузури ин мавҷудоти номаръӣ, яке аз машғулиятҳои зеҳнии ӯ шуд. Ба мурури замон бо огоҳиҳое, ки аз тариқи таҷрибаҳои айнӣ ва хиссӣ ҳосил кард, барои онҳо ному нишон ва мақому манзалат дар назар гирифт. Билохира, ҳам дар дарозмуддат ба ин мавҷудоти номаръӣ либоси худоёнро пушонд ва онҳоро дар зеҳни худ ҷо дод. Идомаи достон равшан аст, чун ҳанӯз ҳам мо инсонҳо пас аз гузашти ҳазорон сол аз он даврон, ҳамон мавҷудоти номаръиро дар қолаби Худои якто парастиш мекунем.

Дар ин миён, аз ибтикори ҷолиби инсонҳо ин буд, ки чун ҳеҷ шинохти дурусте аз ин мавҷудоти номаръии мавҳум надоштанд, ба тани онҳо, ки ба унвони худоён номида буданд, сифоте пӯшонданд, ки худи инсонҳо ин сифатҳоро ба сурати нисбӣ доштанд. Ба унвони мисол бо таваҷҷуҳ ба халоқияти инсон, Ӯро холиқи мутлақи олами ҳастӣ қаламдод карданд. Доноӣ ва тавоноии андаке, ки худ доштанд, ё дар ҳамнавъони худ медиданд, ба таври комил ва мутлақ ба Ӯ нисбат доданд ва вайро доно ва тавонои мутлақ номиданд. Одил будан ва некӣ кардан, ки аз сифоти инсон маҳсуб мешавад, дар ҳадди мутлақ ба Ӯ ҳадя карданд. Натиҷае, ки аз ин баҳс метавон гирифт, ин аст ки инсон дар орзуи худогуна шудан, ҳама вижагиҳои мавриди назар ва орзуҳои худро ба Худо дода ва Ӯро улгуе аз камоли инсон сохта аст.

Пурсиши дигаре, ки матраҳ аст, ин аст ки чаро бо вуҷуди пешрафти дониши башар ва ошкор шудани бепояги сифатҳои Худо, бахши азиме аз мардуми ҷаҳон, чи олим ва оммӣ ва чи бо дин ва бедин ҳанӯз дӯст доранд, ки чунин худое дошта бошанд? Усулан бо чунин худое мехоҳанд чи кунанд?

Агар ба дур аз эҳсосоти динӣ бо ин афрод гуфтугӯ кунем ва чигунагии худоро аз онхо ҷуё шавем, ҳар як аз онон худое ғайр аз худои махсуси адён ироа медиҳанд ва вуҷудашро зарури мешуморанд, чаро?!

Барои ин ки созандагони Худо на аз рӯйи амд (мақсад), балки ба далели ин ки худашон низ чизе аз Ӯ намедонистанд, дар таърифи Худо сукут карда ва майдон доданд то ҳар кас дар ҳадди донишу маърифат ва ниёзаш, Худое барои худ бисозад.

Чанд ҳазор сол аст, ки Худои якто ба сардамдории қавми яҳуд ва сипас бо ду бозуи масеҳият ва ислом, бар бахши аъзаме аз мардуми ҷаҳон худоӣ мекунад. Дар ҳоле ки аз худоии Ӯ чуз мусибат ва бадбахтӣ ҳосиле насиби башар нашудааст. Бештари ҷангҳо ва кушту кушторҳо ҳам миёни пайравони ҳамин адёни ба истилоҳ тавҳидӣ ва ба номи Худо ва ба хотири Ӯ рух дода аст.

Пурсиданӣ аст, ки чи касоне ба чи манзуре мехоҳанд ин худоро ҳамчун ҳоким бар сарнавишти башар нигаҳ доранд? Чаро хирадмандон барнамехезанд ва воқеиятҳои Ӯро ба сурати илмӣ ошкор намекунанд? Чаро мардумро ба бепоя ва асос будани идаои пайғамбарон ва таблиғи шариъатмадорон огоҳ намесозанд?

Агар вуҷуди Худо дар зиндагии инсон зарурӣ аст, бояд ин зарурат бо далел ва мантиқ нишон дода шавад ва агар зарурӣ нест, бигзоранд мардум ба зиндагии худ бипардозанд.

Он чи мусаллам аст, ҷаҳонро Худо наофарида ва инсонро низ Худо халқ накарда аст, пас ба сабаби кадом ҳунари Худо, инсонро банда ва абду убайди Ӯ қаламдод мекунанд? Барои чи инсонҳоро ба хотири мавҷуде, ки ҳеҷ асаре дар зиндагии ӯ надошта ва надорад, макаллаф мекунанд, ки ба хотири худобоварии бесамар зиндагии худро ба табоҳӣ бикашад? Хазинаҳои идораи дастгоҳҳои пуртумтароқи адён ва мазҳабро ба гардан бигиранд ва маишати зиндагии муште инсонҳои бекораро таҳти унвони худомадорон таъмин кунанд?

Пурсиши дигар ин аст, оё худомадорони ҳирфаӣ то чи замоне қодир хоҳанд буд ҳақоиқро аз мардум пинҳон нигаҳ доранд? Оё башар билохира ба марҳилае хоҳад расид, ки қайд ва банди адёну мазҳаб, Худо ва дунёи дигару зиндагии ҷовидона дар биҳишт ва дӯзахи Ӯро аз боварҳои худ дур кунад? Оё арзиш ва эътибори башар камтар аз ҳайвонот аст, ки бидуни ҳеҷ дину мазҳабе, бидуни ҳеҷ Худо ва пайгамбаре ва бидуни ҳеҷ чашмдоште аз ғайри худ, зиндагияшонро идора мекунанд? Магар кӯчактарин ҷондорҳо ва бузургтарини онҳо мушкиле дар идораи зиндагии худ бидуни Худову пайғамбар ва дину мазҳаб доштанд ва доранд? Пас чаро инсон натавонад монанди онҳо худ ба сомондиҳии зиндагияш бипардозад?

Ростӣ, чаро на?!

Ба марҳилаи худоӣ расидан, ки инсон Ӯро улгуи такомули худ қарор додааст, орзуи так-таки афроди башар аст. Имрӯза бисёре аз инсонҳо дасти кам дар умқи эҳсоси ногуфтании хеш медонанд, ки худое вуҷуд надорад, вале дар айни ҳол доштани чунин худоеро орзу мекунанд!

Оё ин бад-он маъно нест, ки инсон мехоҳад Худо бишавад? Оё Худои пиндорӣ, улгуи такомули инсон нест?

Он таксулуле, ки миллиордхо сол пеш, тасодуфан по бар арсаи ҳаёт гузошт, ба тадриҷ такомул ёфт ва ба инсони имрӯзӣ расида аст. Ӯст, ки мекӯшад дар қолаби ононе ки аз худ ба вуҷуд оварда, ки бахше аз онҳо дар навъи инсон ба ҳаёти ӯ идома медиҳанд, ба марҳилае аз такомул бирасад, ки улгуи онро пешопеши худи ӯ дар қолаби Худои якто ба тасвир кашидааст.

Ин ӯст ки хирадмандон ба дурустӣ номи «Худ О»-ро ба ӯ доданд. Аммо баъзеҳо аз сари ноогохӣ ӯро дар вожаи «Худо» ҷустуҷу мекунанд. «Лам ялид ва лам юлад» дар вокеъ сифати мухарризи он таксулул

дурдонае аст, ки на аз касе мутаваллид шуда ва на касе аз ӯ зода шудааст. Аммо чистӣ ва кистии ӯ ва иллати ҳузураш дар олам баръакси Худо барои ҳамагон равшан аст. Муҳимтар аз ҳама ин ки ҳамаи дорандагони ҳаёт, худи он гавҳари дурдона ҳастанд, ки бо тақсими худ ҳаммонандоне аз худ ба вуҷуд овардааст, ки ҳамаи онҳо мисли ӯ ва ба забони худи ӯ ҳастанд. Ӯст, ки гулистони ҳаётро бо гулҳои рангорангаш шукӯҳ ва ҷалол додааст. Ӯст, ки орзуҳои моро бароварда мекунад. Ӯст, ки чи дар дарун ва чи дар берун барои пойдор мондани ҳастии мо мекӯшад. Ӯст, ки ба дунболи пайдоиши замин по бар арсаи ҳастӣ гузошта ва ҳамчунон пуё аст ва то замоне, ки ин кураи зебо дар Каҳкашони мо боқӣ ва ба гардиши худ идома медиҳад, бо ӯ боқӣ хоҳад монд.

Ӯро бар хилофи худои пиндорӣ ва ғайри қобили шинохт ва таъриф, мешавад, шинохт ва таъриф кард. Мешавад ӯро мушоҳида ва озмоиш кард ва вуҷудашро собит намуд.

Худои воқеии мо ӯст, ки на бо дами худ, балки бо тақсими хеш ба мо ҳаёт бахшида аст. Ӯст, ки ба ҳазору як шева мутавассил шуда, то аз худ инсоне сохтааст, ки мехоҳад худогуна шавад ва ба марҳилае бирасад, ки ҷовидона ва лоязол гардад. Ин хостаи ӯ орзуи деринаи ӯст.

Оре, худои воқеӣ ба он маъное ки метавонад бошад, дар даруни так-таки мо аст. Ҳар инсоне бо худои худ зода мешавад, бо ӯ зиндагӣ мекунад ва вақте ҳам мемирад, бе он ки арсаи ҳастиро тарк кунад, ба қолабҳои дигар меравад то саҳме дар пойдории ҳаёт бар ухда бигирад. Ҳаёте, ки ҷовидонагиро дар зоти худ дорад ва инсон низ намуде аз он аст. Бинобар ин, ҳаёти мо инсонҳо ҳам ҷовидона аст. Аммо на танҳо дар қолаби инсонии мо, балки дар қолабҳое, ки ба тановуб дар онҳо ширкат хоҳем дошт, то саҳме дар ҷовидонагии ҳаёт бар ухда дошта бошем.

Фаромӯш ҳам накунем, ки намоди ҳаёт ё он «Худ О» бе он ки ниёзе ба худои мавҳум ва чашминтизори дунёи дигари ӯ ва биҳишту дӯзаху умри ҷовидонааш дошта бошад, пешопеш ҷовидонагиро ба дорандагони ҳаёт аз ҷумла инсон ҳадя кардааст. Тамоми моидаҳоеро ҳам, ки Худо ваъдаи онро дар дунёи дигари худ додааст, дар ҳамин дунё барояшон фароҳам кардааст. Моидаҳое, ки бавузуҳ онҳоро мебинанд, ҳис мекунанд ва аз онҳо бархурдоранд.

Дар ҳоле ки моидаҳои мавҳум ва насияеро, ки аз ҷониби худои пиндорӣ дода шудааст, аз назари инсонҳои фаҳим ақлонӣ, амалӣ ва мумкин нестанд.

Он чи гуфта шуд, шарҳи кӯтоҳе аз худои воқеӣ буд. Ончиро ҳам ки дар бораи худои пиндорӣ ба истиноди нақли қавли тане чанд пайғамбар гуфта шуда, низ мушаххас аст.

Инак, казоват бар ухдаи худи инсонҳо аст, ки кадом якеро Худо биноманд ва бишносанд.

# МАОРИФ ВА РУШДИ ИНСОН

## Равоншиносии маориф чист?[119]

Равоншиносии маориф соҳае мебошад, ки роҳу усулҳои таълиму тарбияи одамон, аз он ҷумла масъалаҳое чун раванди таълим, фарқиятҳои фардии одамон дар раванди донишомӯзӣ, истеъдод ва монанди инҳоро меомӯзад. Равоншиносии маориф фақат ба кӯдакону наврасон маҳдуд намонда, балки инчунин равандҳои иҷтимоӣ, эҳсосотӣ ва когнитивиеро фаро мегирад, ки ба донишомӯзии одамони синну соли гуногун таъсир мегузоранд. Аз ин рӯ, ин соҳа бо дигар соҳаҳои равоншиносӣ, аз қабили равоншиносии рушд, равоншиносии рафтор, равоншиносии когнитивӣ ва равоншиносии иҷтимоӣ робитаи бевосита дорад. Мавзӯъҳое, ки мавриди баррасии равоншиносии маориф ҳастанд, технологияи таълиму тарбия, таҳияи дастур, мактабҳои махсусгардондашуда, барномаи таълимӣ, усулҳои таълими шахсони болаёқат ва ғайра ба шумор мераванд.

Дар таърихи равоншиносӣ ва дигар илмҳои марбута Ҷон Лок, Вилям Ҷеймс, Алфред Бинет, Ҷон Дюи, Ҷин Пиагет, Б.Ф. Скиннер ва дигарон ба рушди равоншиносии маориф саҳм гузоштаанд.

Худи равоншиносӣ то охири асри XVIII ҳамчун илми алоҳида вуҷуд надошт, балки он чун як бахши таркибии фалсафа дониста мешуд. Донишмандон Ҷоҳан Ҳербартро "падар"-и равоншиносии маориф мешуморанд. Ба назари ӯ, агар хонанда ва ё донишҷӯ ба мавзӯе тавաҷҷуҳ дошта бошад, натиҷаи таълим низ мусбат мешавад. Барои ҳамин, вазифаи асосии омӯзгор ва усулу методҳои таълим бедор кардани таваҷҷуҳ ва шавқу ҳаваси хонанда мебошад.

Минбаъд, равоншинос ва файласуф Вилям Ҷеймс ба рушди равоншиносии маориф саҳми зиёд гузошт. Асари ӯ бо номи "Суҳбатҳо бо омӯзгорон дар бораи Равоншиносӣ" ("Talks to Teachers on Psychology", соли 1899) аввалин китоби дарсии равоншиносии маориф буд. Дар ҳамин давра равоншиноси фаронсавӣ Алфред Бинет Тести IQ-ро таҳия кард, ки мақсад дошт рушди шахсияти хонандагонро муайян кунад ва дар ин асос барномаҳои таълимӣ созад. Равоншиноси амрикоӣ Ҷон Дюи низ ба ин назар буд, ки мактабҳо бояд ба рушди шахсияти хонандагон диққат диҳанд, на сатҳи омӯзиши фанҳои таълимӣ. Ӯ тарафдори *омӯзиши фаъол* буд ва бовар дошт, ки *таҷриба* бахши муҳими раванди таълим мебошад.

Айни ҳол дар равоншиносии маориф 5 чашмандози асосӣ ҳаст, ки масъалаҳо ва мушкилоти ҷараёни таълиму тарбияро ба таври хоси худ шарҳ медиҳанд.

***Чашмандоз (перспектива)-и рафтор:*** Тибқи ин дидгоҳ ҳама гуна рафтор дар заминаи манфиат ташаккул меёбанд. Масалан, омӯзгор ба хонандагон туҳфа медиҳад ва ё онҳоро таҳсину офарин мекунад, то ки бар ивази он хонандагон дарсро тайёр кунанд. Барои ҳамин ҳавасмандкунии моддӣ, маънавӣ ва рамзӣ (мукофот, ифтихорнома ва ғ.) зарур дониста мешавад. Аммо ин чашмандоз омилҳое чун шавқу ҳавас, қобилият ва монанди инҳоро ба назар намегирад.

***Чашмандози рушд*** ба он таваҷҷӯ\уҳ мекунад, ки чи гуна кӯдакон дар рафти рушди худ маҳорат ва дониши нав касб мекунанд. Яке аз намунаҳои ин дидгоҳ марҳилаҳои рушди когнитивӣ ва интеллектуалии кӯдак мебошад, ки аз тарафи Ҷин Пиагет пешниҳод гардида буд. Равоншиносон ва методистҳо бояд ин марҳилаҳои рушдро ба ҳисоб гиранд, ки бо

---

119 Таҳияи мазмунии Бобоёров Ҳафиз аз мақолаи Kendra Cherry, "What is Educational Psychology", дар сомонаи http://psychology.about.com/od/educationalpsychology/f/educational-psychology.htm

иваз шудани марҳила қобилияти кӯдак низ дигар мешавад. Пиагет ва тарафдорони ин назария маслиҳат медиҳанд, ки методҳо ва маводи таълимӣ бояд вобаста ба синну соли хонандагон тартиб дода шаванд.

***Чашмандози когнитивӣ (қобилияти ақлӣ)*** дар даҳсолаҳои охир бештар паҳн гардидааст. Тибқи он, хотира, боварию эътиқод, шавқу ҳавас ва маромнокӣ ба раванди таълим саҳми асосӣ мегузорад. Аз ин рӯ, равоншиносии когнитивӣ ба шинохти роҳҳои ташаккули қобилияти фикрронӣ, донишомӯзӣ, мустаҳкамсозии хотира ва коркарди иттилоот равона гардидааст. Бояд методҳои таълимӣ ба ҳамин масъалаҳо таваҷҷуҳ кунанд: чи гуна шавқу ҳавас ва маромнокии кӯдакону наврасон бедор карда шавад; чи гуна чизҳои омӯхтаашонро ба ёд гиранд; чи гуна мушкилиҳояшонро ҳал кунанд ва ғайра.

***Чашмандози конструктивӣ*** дар бораи он аст, ки чи гуна кӯдакон дониши худро дар бораи олами атроф ташаккул диҳанд. Яъне ин биниши ҷаҳоншиносӣ мебошад. Конструктивистҳо бештар ба омилҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, аз қабили тасаввуроти динӣ диққат медиҳанд, ки ба ҷаҳонбинии кӯдак таъсиргузор ҳастанд. Ин назария дар заминаи таълимоти равоншиноси Шӯравӣ Лев Виготский (1896-1934) дар бораи “зонаи рушди наздиктарин” (зона ближайшего развития; zone of proximal development) ва ташаккул ёфтааст. Зонаи рушди наздиктарин он бахши қобилиятҳои фитрии кӯдак мебошад, ки ҳанӯз пӯхта нарасидаанд, вале бо дастгирии калонсолон, бахусус омӯзгор пӯхта мерасанд. Маҳз ба ҳамин хотир чараёни таълим зарур аст, то ки қобилиятҳои ҳанӯз ошкорнашудаи хонанда бедор шаванд. Ҳар як кӯдак дорои се зона ё худ намуди қобилиятҳо мебошад: 1) қобилиятҳое, ки бе кӯмаки дигарон амалӣ мешаванд; 2) зонаи рушди наздиктарин ё худ қобилиятҳое, ки бо роҳнамоӣ ва кӯмаки дигарон амалӣ мешаванд ва 3) қобилиятҳое, ки амалӣ кардани онҳо ғайриимкон аст (ниг. расми зерро[120]).




**P.S.:** Маҷаллаи “Илм ва Ҷомеа” масъалаҳо ва мушкилоти маорифро аз дидгоҳи равоншиносӣ ва дигар илмҳои гуманитарӣ идома медиҳад ва дар айни замон масъалаҳои вобаста ба соҳаи маорифи Тоҷикистонро низ баррасӣ менамояд.

Бояд гуфт, ки на ҳамеша мактабҳои мо ба талаботи равоншиносӣ ҷавобгӯ ҳастанд. Омӯзгорон дар ҷараёни таълим аз методҳои илмӣ кам истифода мебаранд, балки бештар методҳои “мактаби кӯҳна”, аз қабили кӯркӯрона аз ёд кардани мавзӯъҳо роиҷ мегарданд. Дар натиҷа, хонандагон мазмуни мавзӯъро дарк намекунанд, дар мавриди масъалаҳо тафаккури таҳлилӣ ва танқидӣ надоранд ва оқибат бо зеҳни кунду карахт мактабу донишгоҳҳоро хатм мекунанд.

Дигар ҷиҳати бисёр муҳими ҷараёни таълим, бахусус барои хонандагони мактабҳои миёна таътил мебошад. Соли таҳсил бояд ба на камтар аз 4 (чор) давраи таҳсил ва таътил ҷудо карда шавад, то ки хонанда вақти лозимӣ барои истироҳат дошта бошад. Аммо солҳои охир ҳамаи таътилҳои чорякиро ба таътили зимистона кӯчонданд, ки як моҳ идома мекунанд. То таътили зимистона хонандагон беистироҳат таҳсил мекунанд ва баъди таътили зимистона низ.

[120]https://en.wikipedia.org/wiki/Zone_of_proximal_development

## Зарурати таълими фалсафа дар мактабҳои миёна[121]

Ҳамаи миллатҳои пешрафта ва рӯ ба рушди ҷаҳони имрӯзаро мушкилоти монанде, аз қабили фалаҷшавии системаҳои сиёсӣ, иқтисодию молиявӣ, маънавиётзудоии аҳолӣ, ҷангу даҳшатафканиҳо, бемаъно ва беҳадаф шудани зиндагӣ ва арзишҳои олии инсонӣ фаро мегирад. Сиёсатҳои бузурги ҷаҳонӣ унсури муҳиме чун ратсионализм ва интихоби демократии шаҳрвандонро аз даст дода истодаанд. Тамоми мушкилоту хатарҳоро ба зиммаи душман мегузоранд ва бо сарфи назар кардани омилҳои дохилӣ худро ба худкушии тадриҷӣ равона мекунанд...

Чунин вазъият моро ба чунин натиҷаи саволомезе рӯ ба рӯ кардааст, ки чи гуна ин бухронро метавон ҳал кард. Чун тавони баҳсу баррасии ин масъала ба қудрати тафаккур вобаста аст, ман бовар дорам роҳи ҳал таълими фанни фалсафа дар мактабҳои миёна аст.

Чаро фалсафа? Чунки омӯзиши фалсафа, “ишқи ҳикмат” ақлҳои андешамандро парвариш медиҳад ва ин ақлҳо метавонанд дар мавриди масъалаҳо андеша кунанд, чуноне ки Арасту мегуфт: ... Андеша ҷои қаҳру ғазаб ва таассубро мегирад ва моро ба мавҷудияти ҷаҳоншиносиҳои гуногун омода месозад.

Фалсафа метавонад пеши роҳи қаҳру ғазаб ва таассубро гирад, ки дар тамоми ҷаҳон доман паҳн кардааст. Барои ин омӯзиши андешаҳои фалсафии Шарқу Ғарб, аз қабили Стоитсизм, медитатсияи Буддоӣ, Гуманизми Аврупо, императивҳои категории Кант ва ғайра зарур аст. Фалсафа метавонад дар инсонҳо ҳисси шаъну шараф ва эътиборро ба вуҷуд орад, чун ба гуфтаи Суқрот “дониш хайр аст”. Албатта, дар фалсафа андешаҳое ҳастанд, ки яке назар ба дигар сулҳдӯстона ва хайрхоҳона ба назар мерасад. Вале омӯзиши бетаассуби фалсафаҳои гуногун моро ба натиҷа мерасонад, ки набояд барои як андеша ва ё ақида бо ҳамдигар ҷангид. Чун хеҷ кадоме наметавонад ҳақиқати мутлақро бозгӯ намояд. Ҳама дар худ пораҳое аз ҳақиқатро доранд ва ҳамеша нисбӣ боқӣ мемонанд. Омӯзиши фалсафӣ моро ба хулосаи Суқрот хоҳад расонд, ки ҳикмати аслӣ он аст, ки мо на ҳама чиро медонем, чун дониш ба монанди Кайҳон беҳудуд аст.

Аммо воқеияти ҷаҳони муосир он аст, ки дар бисёр кишварҳои ҷаҳон фалсафа дар мактаби миёна дарс дода намешавад. Дар ҳоле ки кӯдаки боҳуш аз волидонаш саволҳое мепурсад, чун: Ҳақиқат чист? Адолат чист? Барои чӣ одамон азоби равонӣ мекашанд? Оё зиндагии баъд аз марг вуҷуд дорад? Шояд мо аз ин саволҳо метарсем, барои ҳамин ба онҳо намехоҳем ҷавоби илмӣ ва фалсафӣ диҳем.

Ба назари ман, ин иштибоҳи бузург аст. Мо бояд ба ин саволҳо ҷавоб дошта бошем. Омӯзиши фалсафа метавонад моро ба чунин пурсишҳо ва посухи сазовор ба онҳо омода кунад. Эпикур, Эпиктет ва дигар файласуфон ба саволҳои бузурге чун марг ва бадбахтӣ ҷавобҳое гуфтаанд. Мо аз фалсафа медонем, ки қаҳру ғазаб ва таассуб чи дар ҳаёти ҳаррӯза ва чи дар сиёсат аз тарс реша мегирад. Он ҷавоби ғайриақлонии инсон ба хатарҳои вуҷудӣ мебошад.

Шояд сабаби дар мактабҳо дарс надодани фанни фалсафа тарс аз он бошад, ки он масъалагузориҳои динии моро зери савол мебарад. Аммо чунин тарс асос надорад.

**Аз идора:** Мавқеи ин муаллиф то охир норавшан боқӣ монд. Ӯ чӣ гуфтан мехоҳад: фалсафа ба саволҳои бузург ба монанди дин ҷавоб медиҳад? Агар ҷавоб монанд бошад, пас дар байни онҳо чӣ фарқ вуҷуд дорад?

---
[121] Тарҷумаи мазмунии Ҳафиз Бобоёров аз мақолаи Michael Shammas, http://www.huffingtonpost.com/mike-shammas/for-a-better-society-teac_b_2356718.html

Дар оғози мақола пешниҳоди муаллиф ҷолиб буд, ки мо бояд дар мактабҳои миёна ҳам фанни фалсафаро ҷорӣ кунем, то ки дар зеҳни хонандагон аз хурдӣ андешаеро ҷо кунад, ки ҳақиқатҳо мутлақ нестанд ва набояд барои онҳо якдигарро бад дид ва бо якдигар ҷангид.

## Ислоҳоти маориф дар Финландия[122]



Мактабе дар Финландия (Flickr user Leo-setä under Creative Commons license)

Мактабҳои Финландия аз беҳтарин мактабҳои ҷаҳон ба ҳисоб мераванд. Бо вуҷуди ин, давлати ин кишвар дар соҳаи маориф ислоҳоти ҷиддӣ ба роҳ мондааст. Ҳамин тадбир боиси овозаҳое шудааст, ки гӯё дигар дар мактабҳои Финландия фанҳои алоҳидае чун математика, таърих, санъат ва ғайра дарс дода намешаванд. Аммо ин тавр нест. Педагоги финландӣ Паси Саҳлберг (Pasi Sahlberg) дар ин маврид соли 2011 китобе бо номи “Дарси финӣ: Оё ҷаҳон чиро метавонад аз ислоҳоти соҳаи маорифи Финландия омӯзад” (“Finnish Lessons: What Can the World Learn About Educational Change in Finland?”) чоп карда буд, ки бо таҳрири нав имсол бознашр шуд.

Асли воқеа он аст, ки мактабҳои Финландия фанҳои таълимиро нигоҳ медоранд ва дар баробари онҳо фанҳои “мавзӯӣ” ва ё худ байнисоҳавиро ҷорӣ мекунанд. Фанҳои мавзӯӣ метавонанд ба тағйирёбии иқлим ва оянда ҷаҳон, истиқлолияти Финландия ва ғайра марбут бошанд ва фанҳое чун забон, география,

---

[122] Тарҷума ва таҳияи Ҳафиз Бобоёров аз маводи Valerie Strauss, 26 марти 2015, https://www.washingtonpost.com/news/answer-sheet/wp/2015/03/26/no-finlands-schools-arent-giving-up-traditional-subjects-heres-what-the-reforms-will-really-do/

иқтисодиёт ва илмҳои табиатшиносиро дар бар гиранд.

Як ҷиҳати ҷолиби таваҷҷуҳи системаи маорифи Финландия аз он иборат аст, ки мудирияти ин соҳа мутамарказ нест. Яъне 320 шуъбаи маориф ихтиёри комил дар мудирияти мактабҳои зери назорати худро доранд. Ҳукумати марказӣ қонунгузорӣ ва барномаҳои таълимиро танзим мекунад ва маблағгузории давлатиро ба роҳ мемонад.

Дигар ҷиҳати ҷолиби ин система аз он иборат аст, ки ҳар як мактаб метавонад барномаҳои таълимии худро бо методҳои хоси худ таълим диҳад. Барои ҳамин моделҳои гуногуни таълиму тарбия ба вуҷуд омадааст. Албатта, ин моделҳо аз доираи чорчӯбаи миллии барномаҳои таълимӣ берун намераванд.

Чорчӯбаи миллии барномаҳои таълимӣ моҳияти куллии ислоҳоти соҳаи маорифи Финландияро фаро мегирад. Асоси онро таълими “падида-бунёд” ташкил медиҳад, ки мавзӯъҳои муҳими инсон ва ҷомеа дар заминаи байнисоҳавӣ (байнифаннӣ) омӯхта мешаванд. Мактабҳо худашон тасмим мегиранд, ки дарсҳои падида-бунёд барои кадом синфҳо ва барои чанд сол таълим дода шаванд. Масалан, мактабҳои Хелсинки ин гуна дарсҳоро дар давоми ду сол барои хонандагони мактабҳо таълим медиҳанд.

Чунин барномарезии фанҳои таълимӣ дар мактабҳои миёнаи Финландия ба он асос ёфтааст, ки мактаббачагон бояд он донишеро аз худ кунанд, ки барои зиндагии онҳо зарур аст. Чунин дониш на фақат барои зиндагии шахсии онҳо муҳим аст, балки воқеияти ҷаҳони муосирро беҳтар мефаҳмонад. Ҳамчунин, ислоҳоти маориф омӯзгорон ва худи хонандагони мактабро дар таҳияи барномаҳои таълимии фанҳои падида-бунёд ҷалб мекунад. Баъзе олимон зидди чунин ислоҳот мебошанд, вале дигар олимон мегӯянд, ки ҷалби омӯзгорону хонандагон ба ҷараёни таҳияи барномаҳои таълимӣ иштироки фаъоли онҳоро дар интихоби мавзӯъҳои таълимӣ таъмин мекунад. Дар натиҷа, мавзӯъҳои мубрам интихоб гардида, таъсири омилҳои сиёсӣ маҳдуд мегардад.

# ДАСТОВАРДҲОИ ИЛМУ ТЕХНИКАИ МУОСИР

## Шигифтиҳои сайёраи Уран[123]



Намуди нимкураи ҷанубии Уран (Эрик Каркошка, Донишгоҳи Аризона)

То наздикӣ олимон чунин андеша доштанд, ки нимкурраи ҷанубии сайёраи Уран бисёр сарду сокит аст. Аммо намоҳое, ки ду даҳа пештар киштии кайҳонии Вояж-2 (НАСА) гирифта буд, ба назар ҳаракатҳо ва ноорамиеро дар сайёра ба назар намоён мекунад. Аммо суратҳои пештараи сайёра онро чун як доираи сахттаркиб ва бешакл нишон медиҳанд.



Сурати Уран аз Voyager-2 (NASA)

Вале Эрик Каркошка, ситорашинос аз Донишгоҳи Аризона тасвири дигареро аз сайёра ошкор кард. Ӯ моҳи ноябри соли 2015 ин кашфиёти худро манзури олимони соҳа дар Ассосиатсияи астрономҳои Амрико кард. Бисёре аз сайёраҳо, ки дар гирди дигар ситораҳо чарх мезананд, сохтори Уранро доранд. Бинобар ин, омӯзиши беҳтари ин сайёра дониши моро дар мавриди дигар сайёраҳои Кайҳон низ афзоиш медиҳад.

## Нишонаҳои зиндагӣ дар Кайҳон[124]



Нигориши NASA

Оё берун аз Замин инсон зиндагӣ мекунад? Дар ҷавоб ба ин савол донишманди НАСА Эллен Стофан мегӯяд: Бале. Акнун савол ин аст, ки мо зиндагии ғайризаминиро кай кашф мекунем. Ин донишманд бовар дорад, ки тӯли даҳ соли оянда мо ба чунин кашфиёт мерасем. Яке аз методҳои асосии пайдо кардани зиндагӣ дар Кайҳон ҷустуҷӯи нишонаҳои оби моеъ берун аз сайёраи Замин мебошад. Барои илм ошкор аст, ки об яке аз унсурҳои асосии зиндагӣ ба шумор меравад. То ҳол олимон далелҳои бисёре ба даст овардаанд, ки об дар дигар қисматҳои Кайҳон ҳам вуҷуд дорад. Ҳатто имкон дорад,

---

[123] Rachel Feltman, “Uranus might be full of surprises”, 14 ноябри 2014 https://www.washingtonpost.com/news/speaking-of-science/wp/2014/11/14/uranus-might-be-full-of-surprises/?tid=sm_fb (тарҷума ва таҳияи Ҳафиз Бобоёров)

[124] Abby Phillip, “Why NASA’s top scientist is sure that we’ll find signs of alien life in the next decade”, 8 апрели 2015; https://www.washingtonpost.com/news/speaking-of-science/wp/2015/04/08/why-nasas-top-scientist-is-sure-that-well-find-signs-of-alien-life-in-the-next-decade/ (тарҷума ва таҳияи Ҳафиз Бобоёров)

ки дар таркиби Моҳ ва баъзе сайёраҳои системаи офтобӣ, махсусан Марс на фақат нишонаҳои об, балки укёнусҳо вуҷуд доранд. Унсури асосии ҳаёт, яъне об дар галаситораи мо – Роҳи Каҳкашон, ки дорои миллиардҳо ситора мебошад, низ вуҷуд дорад. Мақолаи “Кашфи молекулаҳои мураккаби органикӣ берун аз сайёраи Замин” дар маҷаллаи илмии “Nature” (“Табиат” – ниг. мақолаи зер) собит мекунад, ки дар ситораи ҷавоне, ки дорои сайёраҳои худ аст, молекулаҳои мураккаби органикии аминокислота ва протеин ташаккул ёфтаанд. Ин нишондиҳандаи он аст, ки ҳамаи ситораҳо имкони дар сайёраҳо ба вуҷуд овардани зиндагиро доранд.

Дар системаи офтобии мо Европа – радифи Юпитер метавонад чунин таркибҳои органикиро дошта бошад. Дар зери сатҳи сарду яхбастаи ин сайёра метавонад оби зиёде вуҷуд дошта бошад. Бо вуҷуди дур будани Европа аз Офтоб, оби он аз ҳисоби қувваи ҷозибаи Юпитер гарм ва дар шакли моеъ мебошад. Дар таркиби ин моеъ ҳатман микробҳои ҷонсахту ба шароити сангин тобовар зиндагӣ мекунанд. Зиндагиро на фақат дар худи сайёраҳо, балки инчунин дар радифҳои табиии онҳо бояд ҷуст. Стофан мегӯяд: “Аллакай дар зиндагии худ метавонем ба ин савол ҷавоб диҳем, ки оё мо дар системаи офтобӣ ва берунтар аз он танҳо ҳастем ва ё не.” Албатта, ин фарзияи олим на чунонест, ки филмҳои фантастикӣ дар бораи мавҷудоти одамшакли кайҳонӣ пешниҳод мекунанд. “Мо на дар бораи одамони хурду сабзранг, балки дар бораи микробҳои заррашакл суҳбат мекунем.” – шарҳ медиҳад ин олим, то ки нофаҳмӣ эҷод нашавад.

**Кашфи молекулаҳои мураккаби органикӣ берун аз сайёраи Замин**

Дар Кайҳон мо танҳо нестем. Танҳо мо молекулаҳои мураккаби органикӣ надорем. Ин муждаест дар бораи зиндагии экстратеррестриалӣ (берун аз системаи офтобии мо).

Ситорашиносон дар яке аз шумораҳои охири маҷаллаи илмии “Nature”, аввалин нишонаҳои молекулаҳои мураккаби карбон-бунёд, ки асоси зиндагиро дар Замин ташкил медиҳанд, дар ҳошияи як диски сайёрашакл, дар минтақаи ташаккули кометаҳо пайдо карданд (ниг. сурати зер). Ин диск ба системаи ситораии MWC 480 тааллуқ дорад, ки дар масофаи 455 соли рушноӣ дар минтақаи ташаккули ситораҳои Таурус ҷойгир шудааст. Карин Оеберг ва ҳамкорони ӯ молекулаҳои мураккабро дар ин сайёра ба воситаи радиотелескопи АЛМА (Atacama Large Millimeter/submillimeter Array) мушоҳида карданд. [125]

Ҳамчунин, олимон дар телескопи худ молекулаи мураккаби органикии метил сианидро мушоҳида кардаанд, ки бе он протеин ба вуҷуд намеояд. Ин таркибҳои биологӣ барои зиндагӣ бисёр муҳим мебошанд. Муаллифи ин пажӯҳиш, ситорашинос аз Донишгоҳи Ҳарвард Карин Оеберг (Karin Öberg) мегӯяд, ки мавҷудияти чунин молекулаҳои мураккаб хоси сайёраи Замин дар оғози пайдоишаш низ будааст.

---

[125] Rachel Feltman, “For the first time, scientists find complex organic molecules in an infant star system”, 8 апрели 2015 https://www.washingtonpost.com/news/speaking-of-science/wp/2015/04/08/for-the-first-time-scientists-find-complex-organic-molecules-in-an-infant-star-system/ (тарҷума ва таҳияи Ҳафиз Бобоёров)



Сурат аз B. Saxton/NRAO/AUI/NSF

Берун аз сайёраи Замин, таҷаммӯи молекулаҳои ҳаётан муҳим дар сайёраи дигар бори аввал ба мушоҳида мерасад. Аммо ин далели он аст, ки чунин шароити зиндагӣ фақат хоси мо набуда, дар дигар системаҳои офтобӣ ҳам вуҷуд дорад. Пас, имкон дорад, ки дар сайёраҳои дигар берун аз системаи офтобии мо низ зиндагӣ дар шаклҳои гуногуни он вуҷуд дорад ва ё дар оянда ба вуҷуд меояд. Новобаста ба ин, барои олимон савол боқӣ мемонад, ки оё мавҷудияти молекулаҳои мураккаби органикиро тасодуфӣ аст ва ё хоси минтақаҳои дигари Кайҳон ҳам ҳаст.

# БОЗЁФТҲОИ ҶАВОНОН



Меҳрдод
ҚУРБОНИЁН
физик

**Ҷои уран дар бозори ҷаҳонӣ ва дурнамои он ба иқтисодиёти Тоҷикистон**

Ҳаёти имрӯзаи одамонро бидуни истифодаи маҳсулотҳои энергетикӣ (нефт, газ, элементҳои радиоактивӣ (уран, плутонӣ) ангиштсанг ва ғайраҳо) тасаввур кардан амри муҳол аст. Бинобар ҳамин, шиносоӣ ва дарки моҳияти як аз намудҳои ашёи хоми энергетикӣ - уран, ки ҳам дар илму техника ва ҳам дар бозиҳои сиёсии ҷаҳонӣ аҳамияти калон дорад, муфид аст.

Дар ҷаҳони муосир истеҳсол ва коркарди ашёҳои хоми энергетикӣ яке аз самтҳои фаъоли бозори ҷаҳонӣ буда, барои соҳиби шудани бозори он имрӯзҳо байни аксари мамолик равандҳои тундӣ сиёсӣ рух дода истодаанд. Фишорҳои сиёсии абарқудратҳо ба кишварҳои рӯбатарақққӣ ва қафомонда барои ба даст овардани захираҳои энергетикии ин мамлакатҳо низ аз ҳамин ҷо сарманша мегирад. Агар ба таърихи якунимасраи охири инсоният нигарем, фишор ва зулми мамолики пуриқтидор барои соҳиб шудани захираҳои ашёи энергетикӣ ба сари мамлакатҳои захираҳои энергетикӣ дошта, хело чашмрас аст. Амалҳои разилона анҷомдодаи англисҳову франсузҳо ба кишварҳои Африқову Осиё, маҳз барои ба даст даровардани ин захираҳо мебошанд. Инчунин русҳову амрикоиҳо низ, ба монанди тору мор гардидани Ироқ аз тарафи Амрико, аз тарафи русҳо дар вилояти Суғд миқдори зиёди партовҳои зараровари радиатсионӣ ҳангоми коркарди элементҳои радиактивӣ бо технологияи номукаммал боқӣ гузошта шуд, ҷангҳои дохилӣ ва бародаркушии солҳои охири мамолики арабӣ, мисолҳои дақиқу возеҳи гуфтаҳои болоанд.

Ҳақиқатан ҳам имӯзҳо кишваре, ки ба истеҳсоли ашёи хоми энергетикӣ машғул аст ва ё дар бозори ҷаҳонии маводҳои сӯзишвориву энергетикӣ саҳм дорад, иқтисодиёташ дар сатҳи фаъол қарор дорад. Маҳсулоти авалиндараҷаи энергетикӣ нефт ба ҳисоб рафта, дар аксари соҳаҳои ҳаётии ҷомеа ба таври васеъ истифода бурда мешавад. Дар ҷойи дуюм газ қарор гирифта, ҳамчун сӯзишвории табиӣ дар истеҳсолот ва намудҳои гуногуни самтҳои хизматрасонии аҳолӣ ба монанди навъҳои гуногуни сӯзишвориҳои нефтӣ (бензин, солярка, керосин) истифода бурда мешавад.

Дар бозори ҷаҳонӣ уран ҳамчун маҳсулотҳои энергетикӣ баъд аз нефту газ қарор гирфта, ҳамчун сӯзишворӣ дар соҳаи энергетика (нуругоҳи барқии атомӣ, муҳарикҳои атомӣ), яроқҳои ядроӣ (бомба ва ракетаҳои атомӣ), барои корҳои илмӣ – тадқиқотӣ ва тиб ба фурӯш меравад.

***Паҳншавии уран дар табиат***

Уран - элементи радиоактивии рақами тартибиаш дар ҷадвали даврӣ 92, массаи атомиаш 238,029 (зичӣ – 19, 05 г/см$^3$, ҳарорати гудозиш – 1405,5 К, ҳарорати ҷӯшиш – 4018 К) буда, элементи аз ҷиҳати массаи атомӣ вазнинтарини аз ҳама зиёд дар табиат паҳншуда ба ҳисоб меравад ва бо рамзи *U* (лот. *Uranium*) ишора карда мешавад. Массаи умумии тамоми уранҳои дар табиатбуда тақрибан 0,003 % – массаи курраи заминро ташкил медиҳад. Дар шароити муқарарӣ, уран дар шакли филиз (металл) буда, изотопҳои дар табиат зиёд

паҳншудааш, уран – 238 (99,3 % - и тамоми уранҳои дар табиатбуда), уран – 235 (0,7 % аз тамоми уранҳои дар табиатбуда) мебошад. Миқдори урани дар қабати литосифераи ғафсиаш 20 км буда, 13000000000000 тонна[1], дар оби баҳрҳо 10000000000 тонна баҳодод карда шудааст. Тақрибан, миқдори уран аз миқдори тиллои дар табиат буда, 1300 ва аз мис 30 маротиба зиёд аст. Захираи ҷаҳонии конҳои уран 5,4 миллион тоннаро ташкил медиҳад[2]. Дар ҷадвали поён оиди конҳое, ки дар онҳо коркарди уран ба роҳ монда шудааст, маълумот оварда шудааст.

| № | Номи кон | Кишвар | Захира(тон) | Ширкати корбар |
|---|---|---|---|---|
| 1 | МакАртур Ривер | Канада | 200 000 | Cameco |
| 2 | Северний | Қазоқистон | 160 000 | Казатомпром |
| 3 | Сигар-Лейк | Канада | 135 000 | Cameco |
| 4 | Южний Элконскӣ | Россия | 112 600 | Атомредмет золото |
| 5 | Инкай | Қазоқистон | 75 900 | Казатомпром |
| 6 | Стрелтсовскӣ | Россия | 50 000 | Атомредмет золото |

### *Уран дар илму техника*

Барои тадқиқотҳои илмӣ, тиб ва энергетикаву техникаи ҳарбӣ уран ба таври васеъ истифода бурда мешавад.

- Сӯзишвории неругоҳҳои барқии атомӣ
- Элементи таркандаи бомбаҳои атомӣ
- Сӯзишвории киштиҳои боркаши атомӣ
- Барои тадқиқотҳои илмӣ
- Ба таври васеъ барои тайёр намудани рангҳои аълосифат истифода бурда мешавад
- Барои муайян намудани синну соли ёдгориҳои таърихӣ
- Барои табобати касалиҳои гуногун бо роҳи нурборонкунӣ

### *Энергетикаи атомӣ*

Дар натиҷаи реаксияи ҳастаии занҷирӣ энергияи зиёде - аз ҳар ядро қариб 200 МэВ энергия, хориҷ мегардад. Дар натиҷаи порра шудани ҳама ядроҳои таркиби як грам уран, 23000 кВт ст энергия хориҷ мешавад- ин баробари миқдори энергияест, ки ҳангоми сӯхтани 3 тонна нафт хориҷ мегардад[3]. Манбаи энергетикӣ ё сӯзишвории неругоҳҳои барқии атомӣ асосан урани 235 ба ҳисоб меравад. Энергияи банди ядроӣ ба энергияи ҳароратӣ табдил ёфта, бавоситаи генераторҳо ба энергияи электрикӣ табдил дода мешавад. 700 кг урани - 235 барои як сол кор кардани неругоҳи барқии атомии муқаррарӣ басанда аст, ки иқтидораш ба 7000 ГВт·соат баробар аст.

Энергетикаи ядроӣ ба монанди дигар соҳаҳои энергетика (энергетикаи обӣ, энергетикаи бод, энергетикаи нефтӣ) соҳаи фаъоли иқтисодӣ буда, дар аксари мамолики пешрафта, истеҳсоли он ба роҳ монда шудааст. Аввалин реактори ядроӣ, 2 декабри соли 1942 дар ИМА сохта шуд. Дар ҷадвали поён, рӯйхати кишварҳое, ки дар онҳо неругоҳҳои барқии атомӣ вуҷуд доранд ва ба истеҳсоли энергетикаи ядроӣ машғуланд, оварда шудааст[5].

| Кишвар | Тав. НБА, **МВт** | Истеҳ, **ГВт·соат** | Ҳисси истеҳ. энерг. ядроӣ* |
|---|---|---|---|
| Аргентина | 1 627 | 5 258,17 | 4,0 % |
| Арманистон | 375 | 2 265,64 | 30,7 % |
| Белгия | 5 927 | 32 093,74 | 47,5 % |
| Булғористон | 1 926 | 15 013,99 | 33,6% |
| Бразилия | 1 884 | 14 463,39 | 2,9 % |
| Британияи Кабир | 9 373 | 57 918,48 | 17,2 % |
| Венгрия | 1 889 | 14 777,73 | 53,6 % |
| Олмон | 12 074 | 91 783,70 | 15,8 % |
| Эрон | 915 | 3 723,60 | 1,5 % |
| Испания | 7 121 | 54 860,38 | 20,4 % |
| Канада | 13 500 | 98 588,12 | 16,8 % |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Хитой | 19 907 | 123 807,69 | 2,4 % |
| Мексика | 1 330 | 9 311,60 | 5,6 % |
| Нидерландия | 482 | 3 873,51 | 4,0 % |
| Покистон | 690 | 4 577,53 | 4,3 % |
| Россия | 24 654 | 169 064,84 | 18,6 % |
| Руминия | 1 300 | 10 753,68 | 18,5 % |
| Словакия | 1 814 | 14 420,34 | 56,8 % |
| Словения | 688 | 6 060,82 | 37,2 % |
| ИМА | 99 244 | 798 616,26 | 19,5 % |
| Тайван | 5 032 | 40 801,06 | 19,5 % |
| Украина | 13 107 | 83 122,79 | 49,4 % |
| Финляндия | 2 752 | 22 645,96 | 34,6 % |
| Франсия | 63 130 | 418 001,40 | 76,9 % |
| Чехия | 3 904 | 28 636,78 | 34,6 % |
| Шветсария | 3 333 | 26 467,90 | 37,9 % |
| Шветсия | 9 470 | 62 270,05 | 41,5 % |
| ҶАҶ | 1 860 | 14 762,70 | 6,2 % |
| Кареяи Ҷанубӣ | 20 717 | 149 199,22 | 30,4 % |
| Япония | 42 388 | 0,00 | 0,0 % |
| **Дар ҷаҳон** | **376 821** | **2 410 372,94** | **2,6 %**(5) |

* Ҳисси истеҳсоли энергетикаи ядроӣ ба истеҳсоли тамоми намудҳои энергетикӣ.

### *Яроқи ядроӣ*

Яроқи ядроӣ ба гурӯҳи яроқҳои қатли ом дохил шуда, иқтидори бузурги маҳвнамоии табиати зиндаро дорад. Вобаста ба масоили соҳибияти яроқҳои ядроӣ аз ибтидои нимаи дуюми асри 20 сар карда, то ҳол байни аксари мамолики пешрафта “ҷангҳои сард” рух дода истодааст. Махсусан, Амрико, Россия ва Хитой барои сохтани яроқҳои ядроӣ ба бисёр кишварҳои муосир имконият намедиҳанд.

Соли 1939 аввалин маротиба Фредерик Жолио – Кюрӣ нақшаи сохтани бомбаи ураниро ба қайд гирифт. Дар Амрико 6 декабири соли 1941 барои сохтани бомбаи атомӣ мутахассисон сафарбар карда шуданд. Аз ҳамин рӯз сар карда,то ҳол оид ба соҳибияти яроқҳои ядроӣ байни мамолики ҷаҳон ҷангҳои сард рух дода истодааст.

Агар танҳо Россия нисфи яроқҳои ядроиашро дар ягон вақт мавриди истифода қарор диҳад, дар он вақт зиндагӣ дар курраи Замин пурра маҳв мегардад. Захираи яроқҳои ядроӣ (сарпӯшакҳои ҷангии ядроии дурзан)-и мамлакатҳо дар гузашта ва айни ҳол дар ҷадвали зер ба таври муфассал оварда шудааст.

| **Кишвар** | **1947** | **1962** | **1982** | **2002** | **2015** |
|---|---|---|---|---|---|
| Амрико | 32 | 26000 | 23000 | 10600 | ≈7200 |
| Россия | — | 4000 | 34000 | ≈16000 | ≈7500 |
| Британияи Кабир | — | | | 512 | 215 |
| Франсия | — | | | 384 | 300 |
| Хитой | — | — | | ≈400 | 250 |
| Исроил | — | — | | ≈200 | 80 |
| Ҳиндустон | — | — | | ≈100 | ≈100 |
| Покистон | — | — | — | ≈100 | ≈110 |
| ҶХДК | — | — | — | — | <10 |
| ҶАҶ | — | — | — | — | — |
| Ҳамагӣ | 32 | ≈30000 | ≈57000 | <28300 | ≈15700 |

### *Истеҳсоли уран*

Бо роҳу тарзу воситаҳои гуногун изотопҳои элементҳои радиоактивиро аз таркиби ҷинсҳои кӯҳӣ ҷудо менамоянд. Дар зер яке аз усулҳои одии ҷудо намудани уран аз таркиби ҷинсҳои кӯҳӣ мухтасар оварда шудааст.

- Ғанисозӣ. Ҷинсҳои кӯҳии дар таркибашон уранбударо майда намуда, ба об омехта менамоянд. Минералчаҳои урандор тезтар таҳшин шуда, дар қисми поён мехобанд.
- Бо истифода аз ишқор ва кислотаҳои махсус (гидрооксиди натрий ва кислотаи сулфур) қабати таҳшиншудаи поёниро, ки консентратсияи уран калон аст, ба маҳлул табдил медиҳанд.
- Аз маҳлул бо роҳи экстраксия ва мубодилаи ионӣ, тамоми ғашҳоро тоза менамоянд.

- Уранро ба ҳолати сахтӣ мегардонанд, зеро дар истеҳсолот ва илму техника урани дар ҳолати сахтбуда истифода бурда мешав

***Бозори уран ва сиёсати ҷаҳонии он***

Дар аксари сомонаҳои интернетӣ оид ба нархи уран муболиғаҳои беасос ҷой дода шудааст. Дар нимаи соли 2007 нархи як килограмм $U_2O_3$ –и ғанинокардашуда $300 – ро ташкил медод, ҳоло бошад $70[7] – ро ташкил медиҳад.

Барои як сол кор намудани НБА ба миқдори даҳҳо ё садҳо тонна урани ғанинокардашуда захира карда мешавад. Аммо барои тайёр намудани яроқҳои ядроӣ урани ғаникардашуда лозим аст.

Уран ба монанди дигар филизҳо дар бозор ба таври озод фурӯхта намешавад. Ба ҳисоби миёна нархи 1кг урани ғаниноккардашуда $80 буда, тибқи оморҳои ояндабинии мутахассисони соҳавӣ дар даҳсолаи оянда аз ҳисоби тамомшавии захираи конҳои фаъол, нархи он ба $130 доллар мерасад.

***Дурнамои истеҳсоли уран дар Тоҷикистон***

Дар ояндаи наздик Тоҷикистон коркарди уранро ба роҳ хоҳад монд. Зеро дар даҳсолаи охир захираи урани конҳои фаъоли ҷаҳонӣ тамом мешаванд. Имрӯзҳо 0,1% дар таркиби маъдан вуҷуд доштани уран кофист, ки кон кушода шавад. Дар Африқои Ҷанубӣ конҳое ҳаст, ки 0,01 фисади маъданаш уран дорад. Тиллои дар паҳлуяш буда хароҷотро мебардорад. Дар диёри мо минтақаҳое вуҷуд доранд, ки дар таркибаш ҳам уран, ҳам тиллову волфраму симоб мавҷуд аст.

Ширкатҳои бузург барои кам шудани масраф усули ғанигардонии зеризаминиро истифода мебаранд. Ба воситаи қубурҳо ба кони уран кислотаи сулфурро равона мекунанд. Маҳлули кислота бо уран боз ба боло кашида мешавад. Ин усул аз ҷиҳати иқтисодӣ барои ширкат муфид буда, аммо партовҳои зараррасони радиоктивии зиёд боқӣ мемонад. Зарур меояд, ки лидерони сиёсии Тоҷикистон ҳангоми бастани шартномаҳо бо ширкатҳои хориҷӣ ҳушёрии сиёсиро аз даст надода, набояд ба роҳи истеҳсоли уран, ки дар боло қайд кардем, розӣ шаванд. Партовҳои дар вилояти Суғд боқимондаи русҳо, ки аз технологияи номукаммал истифода карда шуда буд, мисоли равшану возеҳи гуфтаҳои болост.

**Адабиёт**


1. http://www.pdhealth.mil/downloads/Characterisation_of_DU_projectiles.pdf
2. http://geo.1september.ru/articlef.php.ID=200602109
3. World Nuclear Association.
4. Атомная бомба // *Пономарёв Л. И.* Под знаком кванта / Леонид Иванович Пономарёв. — 1984, 1989, 2007.
5. https://ru.wikipedia.org/wiki/Атомная_энергетика_по_странам
6. «Бюллетень ядерных испытаний» и Federation of American Scientists: Status of World Nuclear Forces
7. http://pbadupws.nrc.gov/docs/ML0321/ML032180089.pdf

# ПАЖӮҲИШ ДАР АДАБ ВА ҲУНАР



Ҷамолиддин
САИДЗОДА
адабиётшинос

## Муборизаи Аҳмади Дониш бар зидди тақлиди Бедил

*Ғайри мо кист ҳарфи мо шунавад?*
*Гуфтугӯи забони лоли худем.*
Бедил

Мусаллам аст, ки сабки «ҳиндӣ» аз фарти хаёлбофӣ, ифроту тафрит дар мазмунофаринию нозукандешӣ, печида-гию тасаннӯъ, муғлақбаёниву мавҳумсароӣ, сарфу наҳвситезӣ ва резакорию санъатгариҳои дур аз ақлу зеҳн аз ҷониби тирасароёне чун Ҳусайни Саноӣ, Зулолии Хонсорӣ, Қосими Машҳадӣ, Ҷалоли Асир, Шавкати Бухороӣ, Носиралӣ Сарҳиндӣ ва ба вижа Бедили Деҳлавӣ фосид гардид ва охируламр ҷои худро ба равияи бозгашт, ки дар Эрон расман сурат гирифт, дод. Ба ҳарфи дигар, сарбастагӯию борикандешӣ ва ваҳму хаёл, ки шеъри форсии тоҷикиро ба сарҳади муаммо ва луғз расонида буд, шоиронро дар Эрон маҷбур сохт, ки даври ҳам биёянд ва роҳи наҷотро аз ин бунбасти эҷодиву адабӣ биҷӯянд, зеро, ба қавли Нусрати Таҷрубакор, «баъд аз зуҳури шоироне чун Калиму Соиб, ки нозукӣ ва печидагии мазомини шеърӣ ба ҳадди тамомиву камол расида, шоирон ба бунбасте дар шуданд, ки мутаваққиф монданд ва бинобар ин, мебояд аз ин бунбаст бозгарданд»[126].

Дар ҳақиқат, сабки ҳиндӣ бо зуҳури шоироне чун Назирӣ, Урфӣ, Толиб, Зуҳурӣ, ба таври расмӣ поягузорӣ шуд ва дар эҷодиёти Калиму Соибу Нозим ба авҷ расид ва ба дасти хирасароёне чун Ҷалоли Асир, Шавкату Носиралӣ ва алалхусус Бедил ба таназзул гароид ва ба умри худ хотима дод. Ин, албатта, як қонунмандӣ буд, ки бояд рух медод ва рух ҳам дод. Ҳамин қонунмандӣ буд, ки дар Исфаҳон анҷумани адабие ташкил ёфт, ки шоирон аз сабки печидаи ҳиндӣ дурӣ гирифта, ба пайравӣ аз устодони сухани пешин – Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Манучеҳрӣ, Хоқонӣ, Низомӣ, Анварӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ ва дигарон пардохтанд ва адабиётро аз бероҳагӣ ба роҳ оварданд ва байни сухани пешиниён ва ҳамзамонон пайванди мантиқӣ, ки дар асари каҷравиҳои намояндагони ифротии сабки ҳиндӣ, ба вижа Ҷалолӣ Асиру Шавкату Носираливу Бедил рух дода буд, барқарор ва эҷод намуданд ва ба эҳёи суннати шоирони пешин, ба вижа равшану равонгӯён пардохтанд. Сабоҳии Кошонӣ гӯяд:

*Бувад тариқати мо иқтифои*
*устодон,*
*Пиёдаро нарасад таъна бар ҳудоти*
*тариқ* [127].

Аммо дар Мовароуннаҳр ин гуна бозгашти расмӣ рух надод. Баръакс, ба омадани шеъри Бедил (аввали асри ХУIII) – яке аз ифротитарин ва тирасаротарин намояндаи ин сабк, ки дар давраи таназзули он зиндагию эҷод кардааст, шуарову удабо домани равшангӯёни ин сабк - Назирӣ, Урфӣ, Толиб, Калим, Соиб, Нозим ва дигаронро, ки таъсири мусбати худро дар ин

[126] Нусрати Таҷрубакор. Адабиёти Эрон дар асри Қоҷор. Маҷмӯаи суханрониҳои дуюмин кунгураи таҳқиқоти эронӣ, ч. 1,Машҳад, 1351, Саҳ. 271
[127] Ҳотифи Исфаҳонӣ. Девон. Теҳрон, 1345, Саҳ. 11

минтақаи шеъри форсии тоҷикӣ расонида ва боиси зуҳури шоирони пуровозае, чун Шавкату Сайидову Мулҳаму Кирому Фитрату Халилу дигарон гардида буданд, раҳо карданд ва кӯр-кӯрона ба тақлиду пайравии шеъри Бедил, ки дар ватани худ-Ҳиндустон (ба сабаби тирагӣ) шеърашро намеписандиданду фаромӯш шуда буд, пардохтанд. Касе набуд, ки эшонро раҳнамоӣ кунад, фаҳмонад, ки умри ин сабк ба сар омадааст, роҳҳои дигарро бояд пажуҳид. Натиҷаи ҳамин раҳнамоӣ нашудан буд, ки шеъри тира ва хираи ин шоири хирадгурез ва сарфу наҳвситез шеър ва адаби ин минтақаи шеъри сухани форсии тоҷикиро зиёда аз дусад сол таҳти нуфузи худ қарор дод ва аз инкишофи табиии худ бозмонд ва ягон чеҳраи маъруфу мондагор ба шеъри ҷаҳонгири форсии тоҷикӣ ҳадя накард. Ҳатто шоироне чун Шавкату Сайидову Киромро ҳам, ки дар авввали омадани ин сабк зуҳур карда буданд, надод. Хушбахтона, дар ҳамин давраи ҳукмронии шеъри Бедил, ба вижа асри XIX буд, ки Аҳмади Дониш ба майдони адабиёт омад ва равияи демократикунонии забон ва соданависиро бунёдгузорӣ намуд ва бар зидди печидагӯӣ, ба вижа шеъри печидаи Бедил, мубориза эълон кард. Агарчи ӯ худ аз овони ҷавонӣ ба осори Бедил гароиш дошт ва ба китобати девони ӯ ва ба шарҳу эзоҳи «Нукот» - у «Чорунсур» - и вай иштиғол меварзид, аммо ӯ нафақат худ, балки дигаронро низ аз тақлиди осори Бедил бозмедошт. Бад - ин маънӣ, устод Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» чунин овардааст: «Дар аҳди охир, баъд аз 1200 ҳиҷрӣ, дар Бухоро ва Мовароуннаҳр дар назму наср тақлиди Бедил шуҳрат гирифта, ҳар аҳл ва ноаҳл, ки ба дасташ қалам мегирифт, чизе дар пайравии Бедил навиштанро аз ҷумлаи татаммаи камоли худ мешумурд. Аҳмади Калла, бо вуҷуди камоли ихлос ва ақидааш дар бораи Бедил, дар тақлиди услуби Бедил мубориза эълон карда, худ осори манзум ва мансурашро дар камоли содагӣ ва равшанӣ навиштанро илтизом кард. Мусоҳибони худро низ аз тақлиди Бедил манъ мефармуд. Услуби Бедилро махсуси истеъдоди маслаки бедилӣ медонист. Ба амсоли Қозӣ Абдулвоҳиди Садри Сарир, Домуло Абулфазли Сират ва Исо-махдуми Муфтӣ, ки муосир ва мусоҳибони Аҳмад-махдум буданд, ин талқинот беасар намонд. Эшон баъд аз он ки дар авоили ҳол дар назму наср Бедилро тақлид карда буданд, дар овони охирӣ соданависиро машқ менамуданд»[128]. Албатта, қабл аз Аҳмади Дониш низ бархе адибон аз душвориву печидагии шоирони сабки ҳиндӣ, ба вижа шоирони ифротии он, мисли Шавкату Носираливу Бедил ва амсоли ин шикоят мекарданд ва аз тарафдорони равияи содаи ин сабк будани худ изҳори назар менамуданд. Масалан:

*Шукӯҳи фикри Соибрози Мулҳам гӯш агар дорад,*
*Алиро бетаваққуф ларза дар аъзо шавад пайдо..*
(Мулҳам)[129]

*Чанд созам шона чун машшота гесӯи сухан,*
*Аз Ҷунайду Шавкату Бедил маро нанг асту ор.*
*То ба назми Хусрави фаррухнишон бастам рақам,*
*Гашт мазмунҳо зи эъҷози каломам ошкор.*
(Фориғ)

Зимнан бояд гуфт, ки дар Ҳинд низ ҳамин гуна мубориза ва даст кашидан аз шеъри печидаи Бедил сурат мегирад ва шоироне, ки дар ибтидо ба роҳи ғалат рафта буданд, аз Носираливу Бедил-гӯяндагони ифротии ин сабк, фосила мегиранд ва ҳар чи бештар ба

---

[128] Садриддин Айнӣ. Мухтасари асарҳои илмӣ, Ҷ 2, Душанбе, Дониш, 2008, саҳ. 55 - 56
[129] Гулшани адаб, Ҷ. 4, Душанбе, Ирфон, 1977, .Саҳ. 346

пайравию тақлиди шоирони нисбатан содагӯи сабки ҳиндӣ - Назирӣ, Урфӣ, Толиб, Калим, Соиб, Ҳазин ва дигарон мепардозанд ва дар натиҷа ба муваффақиятҳои камназир даст мееёбанд. Яке аз онҳо классики адабиёти урду ва маъруфтарин шоири форсизабони Ҳинд - Мирзо Асадуллоҳи Ғолиб мебошад, ки дар ин сарзамин дар соданависӣ ва дурӣ аз печидагӯӣ як инқилоб барпо кардааст[130]. Ӯ, агарчи мисли шоирони Эрон, расман аз бозгашти адабӣ дарак надодааст, аммо аз гуфтору мулоҳизаву осораш бармеояд, ки ӯ иштибоҳ ва бероҳаравиҳои худро фаҳмида, ба зудӣ аз печидагӯёне, чун Ҷалолӣ Асиру Шавкат ва хусусан Бедил, дурӣ мегузинад ва ба роҳи рости эҷодӣ медарояд ва ашъори дар пайравии онон, ба вижа Бедил, гуфтаашро ба об меандозад. Ӯ худ дар ин боб чунин мегӯяд: «Қибла аз ибтидои фикри сухан ба тарзи Бедил, Асир ва Шавкат эҷод менамудам. Чунончи, мақтаи як ғазал ин тавр буд:

*Ба тарзи Бедил рехта навиштан,*
*Асадуллохон худ қиёматест.*

Аз синни 15 - солагӣ то синни 25 солагӣ мазомини зиёдеро ба қалам андохтам. Дар даҳ сол як девони бузург ба вуҷуд омад. Охир, вақте ки ақл ба камол расид, ин девонро як қалам чок намудам ва аз он фақат 10 - 15 байтро барои намуна дар девони ҳол боқӣ гузоштам»[131]. Ҳамин гуна тағйиротро дар сабку осори Ғолиб ба мушоҳида гирифта, Шиблии Нуъмонӣ онро ба инқилоби адабии Эрон, ки дар Исфаҳон аз ҷониби шоирон Миҷмару Нишоту Ошиқ ва дигарон ба вуқӯъ пайваста буд, монанд мекунад ва ҳайратмандона чунин мегӯяд: «Тааҷҷуб ин ҷост, ки Ҳиндустон, бо он ки аз инқилоби адабии Эрон дур ва бехабар буда, маозаллик, дар ин ҷо ҳам худ ба худ инқилобе падид омад, яъне завқи шоирӣ, ки аз як муддати дарозе аз давлати Носиралӣ ва ғайра хароб ва ба ҳоли инҳитот будааст, ислоҳ ва дуруст шуд. Мирзо Ғолиб инқилобе дар шеър падид овард ва қолаби онро якбора иваз кард. Дар ибтидо ӯ ҳам дар асари мутобиат аз Бедил ба роҳи ғалат афтода буд, лекин пайравӣ аз Калим, Назирӣ, Толиби Омулӣ, Урфӣ вайро ҳифз намуд. Чунонки дар хотимаи девони форсӣ бад - ин матлаб ишора кардааст»[132]. Албатта, мубориза бо печидагӣ дар Ҳинд низ қабл аз Ғолиб шурӯъ шуда буд ва шоирони бузургу баноме чун Файзии Аграӣ, Неъматхони Олӣ, Шайдои Ҳиндӣ, Мунири Лоҳурӣ ва дигарон, ки аз равияи содаи сабки ҳиндӣ намояндагӣ мекарданд, аз душворнависӣ интиқод менамуданд ва равшаннависиро на фақат пешаи худ қарор дода буданд, балки ташвиқу тарғиб ҳам мекарда

*Ба ранге соф кардам бодаи нозукхаёлиро,*
*Ки дурди соғари ман маст месозад Зулолиро.*
(Неъматхони Олӣ)[133]

*Файзӣ манам, ки бо холиди осмоннаворд,*
*Якчанд сайри олами инсоф кардаам.*
*Бо гуна - гуна мардуми олам нишастаам,*
*Сайри биҳишту дӯзаху аъроф кардаам.*
*Ҳам дар забон мутобеъи ахлоф будаам,*
*Ҳам дар сухан татаббӯи аслоф кардаам.*
*Гар дурд нест дар сухани ман, аҷаб мадор*

[130] Адабиёти тоҷик дар нимаи дуюми асри XVIII ва аввали асри XIX. Душанбе, Дониш, 1989, Саҳ. 181
[131] Мирзо Ғолиб. Уди ҳиндӣ. Душанбе, Ирфон, 1982, Саҳ. 148
[132] Шиблии Нуъмонӣ. Шеър-ул-аҷам, Теҳрон, 1368, Саҳ. 28.
[133] Неъматхони Олӣ. Чамани андеша. Душанбе, Дониш, 1979, Саҳ. 34

*К-ин бодаро ба пардаи дил соф кардаам.*
(Файзии Аграӣ)[134]

Аз ин нуқтаи назар, мо метавонем бигӯем, ки Аҳмади Дониш низ, агарчи аз инқилоби адабии Эрон бехабар буд, дар Мовароуннаҳр инқилоб ба амал овард ва бар алайҳи печидагӯӣ баромад ва ба вижа адибонро аз тақлид ва пайравӣ ба осори Бедил манъ намуд ва онҳо то ҷое ки имконпазир буд, андак - андак аз мавҳумбаёнӣ даст кашиданд ва ҳар чи бештар ба баёни воқеияти зиндагӣ пардохтанд ва каломашонро содаву оммафаҳм намуданд. Хусусан, пайравону алоқамандони ӯ, мисли Шоҳин, Савдо, Аҷзӣ, Асирӣ, Айнӣ ва дигарон, адабиётро ба андозае аз роҳи инҳироф ва бебандуборӣ наҷот доданд, аммо, бо ин ҳама, адабиёти ин минтақа натавонист худро билкул аз банди тақлиди осори ӯ раҳоӣ бубухшад ва бедилгароӣ ба ин ё он навъ то Инқилоби Октябр (1917) ва Бухоро (1920) идома ёфт ва асароти номатлуби худро дар осори адибон гузошт. Танҳо пас аз Инқилоби Октябр ба бедилгароӣ пурра хотима дода шуд ва адибони тоҷик чун устодон Айнию Лоҳутӣ, Деҳотию Пайрав, Ҳабиб Юсуфию Турсунзода, Улуғзодаву Икромӣ, Фазлиддин Муҳаммадиеву дигарон осорашонро ба фаҳми мардум наздик ва содаву равшану равон ба хонандагон пешниҳод намуданд ва аз печидагию тасаннӯъ ва муғлақбаёнӣ ҷилавгарӣ намуданд, ки албатта, дар ин ҷода хидмати Аҳмади Дониш хеле бузург буд, зеро ӯ буд , ки аввалин бор нисбатан содаву равшаннависӣ ва ба ҳаёти воқеӣ ва масъалаҳои иҷтимоӣ ва мактабу маориф ва зиндагии рӯзмара пардохтани адибонро ба миён гузошт ва худ ҳамчун яке аз пешоҳангони равияи соданигориву маорифпарварӣ чеҳранамоӣ кард ва ин ташаббусу иқдоми таърихии ӯ аз ҷониби пайравонаш, ба хусус устод Айнӣ, ривоҷу равнақ ёфт ва вай равияи соданависиро натанҳо аз нав эҳё мутадовил сохт, балки рушду нумуви беандоза бахшид. Худи устод дар ин боб чунин мегӯяд: «Шиносии ман бо «Наводир-ул-вақоеъ» дар ман танҳо инқилоби фикриро бедор карда намонд, балки ба сарам савдои насрнависиро ҳам андохт. Дар ҳамон вақтҳо ман орзу мекардам, ки бояд кас насрнавис шавад, ки воқеаҳоеро дар пеши хонанда бо забони сода муҷассам кунонда нишон дода тавонад. Ин орзуи ман танҳо баъди Револютсияи Октябр ба вуҷуд омад ва бо шинос шуданам бо асарҳои нависандагони классику рус савдои дар соданависӣ аз Аҳмад-махдум гузаштан ба сарам афтод»[135]. Дар ҳақиқат, Аҳмади Дониш нахустин мушаввиқи ӯ дар роҳи соданависӣ будааст, зеро ба қавли Муҳаммадҷон Шакурӣ, «…Забони Дониш нисбат ба муғлақбаёнии пайравони Бедил хеле сода буда, бисёр унсурҳои забони гуфторро дар бар мегирад. Чунон ки дар боло ишора шуд, дар охирҳои асри XIX ва ибтидои асри XX чанде аз нависандагони пешқадам аз Аҳмади Дониш ибрат гирифта, ба соданависӣ гузашта буданд. Яке аз онҳо Айнӣ буд, ки пеш аз револютсия ҳам, чи назм ва чи насрро, хеле сода менавишт. Лекин мубориззаи қатъии Айнӣ дар роҳи демократикунонии забони адабӣ маҳз баъд аз Револютсияи Кабири Сотсиалистии Октябр сар шуд. Айнӣ бо ин кор ҳамон мубориззаи Аҳмад - махдуми Донишро давом дод …»[136]

Инро ҳам бояд гуфт, ки агарчи Аҳмади Дониш, тибқи гуфтори муҳаққиқон, на фақат худ Бедилро тақлиду пайравӣ намекард, балки дигаронро низ манъ менамуд ва яке аз пештозони равияи соданависӣ ва сардори мубориззони зидди осори печидаи Бедил дар Мовароуннаҳр буд, аммо бо ин ҳама, мо дар

---

[134]Абулфайзи Файзӣ. Ашъори мунтахаб. Душанбе, Адиб, 2015, Саҳ. 293 - 294

[135]Муҳаммадҷон Шакурӣ. Пайванди замонҳо ва халқҳо. Душанбе, Ирфон, 1982, Саҳ. 49.

[136] Ҳамон ҷо, Саҳ. 48

осори ӯ, пинҳону пайдо, нақши афкору ашъор ва сабки Бедилро боздид менамоем, зеро ӯ, дар баробари Саъдиву Мавлавӣ, Ибни Ямину Ҳофиз, Ҷомию Соиб ва дигарон, аз ашъори Бедил низ суд меҷӯяд, то маталби хешро дар ин ё он мавзӯъ тасдиқ намояд ва тақвият бубахшад. Чунончи:

*Раҳоӣ нест равшантинатонро аз*
*сияҳбахтӣ,*
*Ки нури сояро натвон ба теғ аз ҳам*
*ҷудо кардан.*[137]

*Эй басо маънии равшан, ки зи ҳирси*
*шуаро,*
*Хоки ҷавлонгаҳи аспу хари аҳли ҷоҳ*
*аст*[138].

*Эй, ки таърифи салотин кардаӣ,*
*Машқи таълими шаётин кардаӣ*[139]
*Имрӯз, ки саъи якдигар рӯ ба ҳам аст,*
*Маълум шуд, ин қадар ки пур бемаза*
*буд*[140].

Ба ҳарфи дигар, Аҳмади Дониш, бо вуҷуди мубориза бо сабки печидаи Бедил, натавонист, ки гиребони сухани худро билкул аз чанги андешаи сухани печидаи Бедил раҳоӣ бубахшад. Аз ин рӯ, дар «Наводир-ул-вақоеъ» боби вижаеро барои шарҳи бархе аз байтҳои Бедил, таҳти унвони «Дар таҳрири маъонии баъзе абёт, ки баъзе афозили аср истидоъ намуда буданд». дар ихтиёри хонандагон гузоштааст, ки ҳоло порае аз онро нақл менамоем: «Сатр намонад, ки дар замони мо мушоараву муколама дарёфти маъонии абёти дақиқа билкулл барҳам хурда буд. Ва ҳимматҳо ҳама масруфи таҳсили обу нон шуда. Гоҳе ки мардуми маънирас ба ҳамдигар бармехуранд, имтиҳонро аз ҳамдигар чизе аз маъонии байтҳо мепурсиданд, ба фикри он ки бубинем, то чи мегӯяд. Бисёр буда, ки он чи масъулун анҳу гуфта намефаҳмиданд, аммо ба инфоқ саре меҷунбониданд ва иқбол бар дурӯғ мекарданд. Аз ин ҷинс афозил он чи бо ман расидანду пурсиданд, ман он чи дар ҷавоб навиштам, баъзеро дар ин маҷмӯа даровардам, ки мубтадиёни маъониҷӯйиро дастуре бошад. Аз ин ҷумла ин байт машҳур аст. Абулмаъонӣ:

*Дар маслахе, ки ханҷари қассоб раҳ*
*наёфт,*
*Гардад қанора дар ҷигари ҷавҳар*
*ойина.*

Мурод аз маслах машҳади ушшоқ аст, ханҷар - теғи истиғно, қассоб - шахси бениёзу мустағнӣ, қанора - сихе, ки гӯшти бисмил аз он овезанд, дар ин ҷо тири яъсу ҳирмон мурод аст ва ноқобиливу беистеъдодии ҷавҳари уқулу нуфуси муҷаррада ва ҳаюлои олами улвист. Мурод аз сина зоти он уқул аст. Дар мазмуни ин ду мисраъ як навъ имост ба мантуқи карима:» «Инно аразно ал-амоната ала-с-амовоти ва-л-арзи». Ва мазмуни ҳадиси саҳеҳ: «Мутӯ қабала ан тамутӯ». Бад - ин наҳҷ, ки чун офаридгори субҳонаҳу бори амонат, ки назди акобири сӯфия роҳи тариқату маслаки муҳаббат аст ва он равиши соликони роҳи тафрид ва пешаи равандагони ҷодаи таҷриду тавҳид аст, бар осмону замин арз кард: «Фа абайна ан ямилнаҳо ва ашфақна (минҳо)»…[141]

Барои он ки бидонем Аҳмади Дониш то чи андоза аз осори Бедил ва сабки ӯ, ки дар муҳити илмиву адабии Мовароуннаҳри замони ӯ ҳоким буд, фосила гирифтааст ва дар муборизаи нобаробару мушкил ва зидди ҷараёни об рафтанаш муваффақ шудаст, намунае аз назму насри ӯро ба тариқи қиёс бо назму насри Бедил меоварем ва қазовати онро

---

[137] Аҳмади Дониш. Осори баргузидаи бадеӣ. Душанбе, Ирфон, 1976, с. 14
[138] Ҳамон ҷо, Саҳ. 203
[139] Ҳамон ҷо, ҳамон Саҳ.270
[140] Ҳамон ҷо, Саҳ. 282

[141] Аҳмади Дониш. Фарҳанг, 1992, № 1-2, Саҳ. 32

ба ихтиёри худи хонандагон вогузор менамоем.

Аз насри Бедил:

«Чун зоиқаи таваҷҷуҳ аз улфати таллуқи шир бурид ва қуввати тасаввур ба канори имтиёзи волидайн орамид - муаммои рубубиятӣ ба исми абу ум вошикофт… саъи босира оғӯши шиносои ҳусну қубҳ муҳайё кард ва ҷаҳди сомеа нусхаи идроки ситоиш ва нафрин ба тартиб овард. Чандон ки нисбати касофатҳои ҷисмонӣ қавӣ гардид, кайфияти рӯҳонӣ ба заъф анҷомид; ба ҳукми маҷбурӣ табиат беихтиёр ҳар чи аз зангори кудурат ҷамъ кард, софии сина фаҳмид ва он чи аз асбоби ғафлат фароҳам овард, захираи огоҳӣ андешид»[142].

Аз насри Аҳмади Дониш:

«Чунин гӯяд бандаи заифулмуфтақир… Аҳмад ибн ан - Носир - ус - Сиддиқӣ ал - Бухорӣ, ки ба тақозои фитрат ва муқтазои ҷибиллат ҳам аз сиғри син, ки чашми ман ба ҷаҳони фарох боз шуд, руҷӯъ ба завоиду фазоил, ки абнои ҷинсро тирози ҷамоаву зеби аммома аст, аз татаббӯю имло ва иншо ва хома оварда, баъд аз эҳрози фазоили муктасабӣ ва резачинии моидаи арбоби дониш мавориди бисёр аз нукоту ишорот, ки хулоса ва натиҷаи масоили илмия аст, дар хазинаи мудрикаам ҷамъ омада буд. Агар моро дар қазияе шубҳае афтодӣ, ҳам он шубҳаро баъд аз таваҷҷуҳ аз замири худ ба далоил ҳал кардаме, бе он ки руҷӯе бо ғайр орам ва аз касе пурсам …»[143].

Аз назми Бедил:

*Ин қадар нақше, ки гул кард аз ниҳону фоши мо,*
*Сарфи ранге дошт беруни садаф наққоши мо.*
*Ҷамъ дор аз имтиҳони ҷайби урёнӣ дилат,*
*Дасти мо холитар аст аз қиссаи қаллоши мо.*
*З-ин Сулаймоне, ки дорад дастгоҳи эътибор,*
*Бар ҳаво яксар нафас мегустурад фарроши мо.*
*Гарди ибрат дар мазори яъс мебошад кафан,*
*Чашм пӯшидан магар аз мо барад наббоши мо*
*Бедил, ин деги хаёл аз хомҷӯшиҳо пур аст,*
*Шаш ҷиҳат оташ занӣ, то пухта гардад оши мо*[144].

Аз назми Аҳмади Дониш:

*Танҳо на нуҷум монд нодониста,*
*Бисёр улум монд нодониста.*
*«Қофия» -и мурдаранг мафҳум нашуд,*
*«Шамсия» - и шум монд нодониста.*
*Ман арчи билоди Рус дидам, лекин*
*Кайфияти Рум монд нодониста*[145].

Хулоса, Аҳмади Дониш, аз як сӯ, бар зидди тақлиди Бедил ва осори печидаи вай мубориза эълон кард ва дар ин роҳ то ҷое комёб шуд, аммо аз сӯи дигар, бо сабабҳои айнию зеҳнӣ натавонист худро билкул аз сабку услуби мураккабу муғлақи Бедил раҳоӣ бубахшад. Ҳамин буд, ки осори олияаш дар пардаи хафо монд ва то имрӯз ба таври боиставу шоиста ин симои бузурги асрҳои охири тоҷик шинохта нашудааст. Лиҳозо, ин гуфтаи Бедил ба Аҳмади Дониш ва осори ӯ низ сидқ менамояд:

*Бедил ашъори ман аз фаҳми касон пӯшида монд,*
*Чун иборат нозук афтад, ранги мазмун мешавад.*

---

[142] Садриддин Айнӣ, Куллиёт, Ҷ.11, китоби 2, Душанбе, Ирфон, 1964, Саҳ. 262
[143] Аҳмади Дониш. Осори баргузидаи бадеӣ, Саҳ. 11
[144] Абдулқодири Бедил. Осор, Ҷ.1, Душанбе, Адиб, 1990, Саҳ. 209
[145] Гулшани адаб, Ҷ. 5, Душанбе, Ирфон, 1980, Саҳ. 223

Тоҷиддин МАРДОНӢ
доктори илмҳои филологӣ

## Индийцы в произведениях Садриддина Айни

В конце XIX века в различных городах Средней Азии кроме коренного таджикского населения проживали также представители некоторых других народов Востока, волею судеб и в силу различных причин оказавшихся в этом регионе. Среди них можно было увидеть иранцев, турков, татар, арабов, афганцев индийцев и представителй ряда других наций и народностей, которые совместно с таджиками и бок о бок с ними мирно жили и трудились на этой древней и благодатной земле, добывая свой хлеб насущный.

В произведениях современных таджикских писателей и поэтов нередко встречаются упоминания об истории, верованиях, образе жизни, занятиях, обычаях и традициях этих инородцев, описываются их жизненный уклад, внешний облик, характер и даже язык или диалект, которым они пользуются в таджикоязычной среде.

Одним из выдающихся таджикских писателей, в произведениях которого сообщается немало весьма интересных сведений о представителях других народов, живших в Средней Азии, является основоположник современной таджикской литературы Садриддин Айни (15.04.1878-15.07.1954). Как человек, прошедший суровую жизненную школу, получивший традиционное классическое образование, которое он постоянно совершенствовал, Айни обладал широким мировоззрением, глубокой эрудицией, тонким и наблюдательным взором. Изображая жизнь родного таджикского народа, он, разумеется, как писатель-реалист описывает вместе с тем и жизнь представителей других наций, которые жили в тех же социально-экономических и общественно-политических условиях Бухарского эмирата XIX - начала XX века. В своих произведениях С. Айни часто с большим интересом повествует о русских, узбеках, евреях, арабах, индийцах и других. Этот аспект в произведениях писателя с литературоведческой точки зрения никем до сих пор не исследовался. Исключение составляют две работы автора настоящих строк об арабах и арабском языке [8] и об изображении индийцев [9] в его сочинениях, тематика которых весьма многогранна и в которых нашли своё отражение самые многообразные проблемы жизни таджикского народа.

В настоящей работе мы ставим своей задачей по мере возможности показать картины жизни и быта индийцев, изображенные в некоторых произведениях великого писателя. Действия в этих картинах происходят, главным образом, в древней Бухаре -политическом, научном и экономическом центре тогдашнего Бухарского эмирата.

В свой замечательной книге «Воспоминания» С. Айни пишет, что караван-сараи, в которых жили индусы, были не только в Бухаре, но и Гиждуване, Вабкенде, Карши и других крупных населенных пунктах Бухарского эмирата. В самой же Бухаре располагались три караван-сарая, в которых индусы проживали компактно большими группами числом в сто-сто пятьдесят человек.

В преимущественном большинстве эти люди занимались ростовщичеством. Первое знакомство С. Айни с этими индусами состоялось в годы его учебы в бухарских медресе. Описывая период своей учебы в медресе Аминджана в очерке «Моя краткая автобиография», он говорит, что при этом медресе был караван-сарай, в котором жили индийские ростовщики [3, I ,35] . При этом он отмечает, что собрал

материалы для двух глав - «Долг индуса» и «Индус в чалме» - своего романа «Дохунда» именно в этот период, когда познакомился с ними поближе. С. Айни довольно быстро изучил систему предоставления ростовщиками ссуд, их способы взимания долгов и, вообще, условия, предлагавшиеся ими малообеспеченным должникам. Под большой процент ростовщики ссужали деньги бедным, разорившимся и испытывавшим острую нужду жителям города и крестьянам из окрестных селений. Большую часть их должников составляли солдаты армии эмира бухарского. Тот, кто имел хоть какую-то возможность раздобыть деньги в другом месте, к ним не обращался.

Люди, нуждавшиеся в деньгах, брали понемногу - от десяти до двадцати тенег. Разделив долг на несколько недель, на полтора или два месяца, возвращали долг уже в полуторном или даже двойном размере. Например, давая двадцать тенег на два месяца, индус сразу отмечал тридцать тенег долга, которые делил на восемь частей, по числу недель. Возврат долга должен был начаться по частям сразу же со следующей недели. При этом выданные и полученные деньги нигде не фиксировались, а вся запись их производилась на палочках, заведенных на каждого должника отдельно, которые и выполняли роль долговой книги. На них индийскими знаками наносились имя должника и размер долга.

Весьма любопытно выглядит в описании Айни и процесс взыскания долгов ростовщиками. Просидев до полудня в своих худжрах, индусы затем надевали черный с мелкой стежкой халат, который был определен для них бухарским эмиром. Чтобы отличать их от бухарцев, подпоясывались простой веревкой, а на голову надевали квадратную тюбетейку. Это была одежда, установленная эмиром для иноверцев, которую должны были носить, например, индийцы или евреи.

Собрав в небольшой мешок свои долговые палочки, и взяв его под мышки, ростовщики приступали к обходу своих должников и до самого вечера ходили по улицам, по базарам, по караван-сараям Бухары, собирая деньги. Возвратившись, домой, они пили свой особый напиток, называвшийся по таджикский «зеленой водой» - «сабзаоб», приготовлявшийся из какой-то травы, напоминающей листья конопли, которую сперва замачивали, а затем толкли в ступе. Сок процеживали сквозь тряпочку, сливали в металлические индийские чашки и пили. Видимо, напиток был хмельным, ибо напившиеся ростовщики громко галдели, спорили между собой, а иногда скандалили и вступали в потасовки [1,III-IV, 50-53; 3, VII, 55-59; 4, V, 44-45]. К одному из таких ростовщиков попал в долговую кабалу главный герой романа С. Айни - «Дохунда», бедный солдат Ёдгор, злоключения которого описаны в главах «Долг индуса» и «Индус в чалме». Оказавшись в отчаянном положении, он одолжил у ростовщика-индуса по имени Баймутти деньги, но не смог вовремя расплатиться с ним полностью. Между тем Баймутти неожиданно скончался, что впоследствии, как убедился Ёдгор, не освободило его от необходимости выплаты остатка долга, но не Баймутти, а эмирским чиновникам [3,II, 191-193].

Ёдгор очень удивился, увидев однажды в караван-сарае некоего важного господина в цветистом халате и пышной чалме с мешком под мышкой, из которого торчали палочки с долговыми надписями, как у Баймутти. Ему даже показалось, что Баймутти вдруг возродился в облике такого важного и

степенного господина, чтобы взыскать свои деньги с должников. Прежде Ёдгору никогда не доводилось видеть в Бухаре, чтобы какой-нибудь индус был одет в такой халат и носил чалму. Но оказалось, что это Ибадулла-махдум таракачи - один из самых беспощадных эмирских чиновников и безжалостных взыскателей долгов и распорядителей наследства, остающегося после смерти кого-либо. Как рассказали Ёдгору соседи, этот алчный тип большую часть наследства отбирал в пользу эмирской казны, а часть прибирал к своим рукам. И никто не мог ему возразить, ибо тот мог оклеветать возражающего и упечь его в зиндан. Так жестоко он поступил и с Ёдгорм, еще раз взыскав с него полную сумму долга индуса Баймутти, несмотря на то, что он оставался должен ему всего лишь небольшую сумму [3,II, 193-199].

В связи с этими событиями С. Айни в «Воспоминаниях» даёт весьма любопытные пояснения. Над всеми индусами-ростовщиками эмир бухарский поставил чиновника, носившего звание «есаул индусов». Есаул строго наблюдал за делами индусов и возглавлял целый отряд эмирских соглядатаев и осведомителей, которые зорко следили за индусами и отлично знали, у кого из ростовщиков, сколько денег, сколько от кого получено и кто ссужен вновь.

Есаул и другие бухарские чиновники всегда помогали ростовщикам при взимание долгов. Имущество ростовщиков заранее считалось принадлежащим казне эмира: если, к примеру, индус умирал, на оставив определенного, бесспорного наследника, на его сбережения и даже на его должников тяжело опускалась дань эмира. Есаул, неусыпно следивший через своих осведомителей за делами каждого ростовщика, настолько точно знал богатство каждого заболевшего, что индус даже перед смертью не мог передать своему соотечественнику ни гроша из накопленного. Вот почему эмир был так снисходителен к ростовщикам и закрывал глаза на разорение своих собственных подданных [4,V, 46].

Индусы, жившие в Бухаре и других городах эмирата, по всей видимости, во многом сохраняли свои нравы и обычаи. Даже несмотря на то, что десятки лет жили среди таджикского населения и довольно хорошо говорили на таджикском языке, между собой они общались на своем родном наречии, влияние которого все же сказывалось на их таджикской речи. Так, говоря с Ёдгором, Баймутти во всех словах, в которых есть задненёбный звук или буква «ќаф» произносил его как «к», вместо долгого «о» произносил «а» [3,II, 191-192].

По всей вероятности, и эмирские чиновники закрывали глаза на распитие ростовщиками одурманивающих или хмельных напитков, иначе в условиях тогдашней Бухары они могли бы быть сурово наказаны.

Соблюдали индусы и некоторые свои религиозные традиции и обряды. Как рассказывает С. Айни в романе «Дохунда», услышав от своего соседа Рахима о смерти ростовщика Баймутти, Ёдгор поспешил к месту его проживания, к караван-сараю Аминджана, куда начали стекаться индусы и просто зеваки.

Ёдгору хотелось самому убедиться в истинности услышанного, и вот какую картину он увидел. У ворот караван-сарая с палками в руках бегали соседские мальчишки, выкрикивая «Рам-рам сатти, бегунњ рафти!» («Рам-рам сатти, ты безгрешным смог уйти!»). Он вошел внутрь и заметил про себя, что двери худжр всех индусов заперты, а сами они, одетые в черные бухарские халаты, опоясанные бечевками, выстроились у

дверей комнаты Баймутти. У всех на головах были новые четырехугольные шапочки, а крашеная точка – родинка на лбу каждого из них выглядела свежее и ярче, чем обычно. Но теперь ни один из них не держал под мышками мешочка, наполненного палочками с нарезанными на них индийскими знаками, которых так боялся Ёдгор.

В это время из комнаты Баймутти вышел какой-то длинноволосый индус, нижняя часть тела которого была обернута куском материи, а на голый торс через правое плечо и под левой подмышкой был перекинут еще один кусок материи. И более ни на голове, ни на теле, ни на ногах его ничего не было. Выстроившиеся в ряд индусы смотрели на длинноволосого с видимым явно уважением. Постояв молча некоторое время, он посмотрел на них и что-то негромко прочитал на индийском языке и те вместе хором произнесли: «Рам-рам, сатти!» Затем длинноволосый поднял мешочек, стоявший у двери худжры Баймутти, и. вынимая оттуда палочки, дал каждому индусу по две. Читая что-то, он вдруг, подобно дирижеру оркестра, поднял обе руки и тут все индусы словно по приказу начали мерно и в такт ударять палочками друг о друга и восклицать в один голос: «Рам-рам сатти!» Как раз в этот момент из комнаты Баймутти вышли четыре других длинноволосых индуса, несшие на руках некое подобие наспех сколоченной лестницы, на которой лежало нечто завернутое в тряпье, и направились к выходу из караван-сарая [3,II,192-194].

Как сказал Ёдгору его сосед Рахим, покойного Баймутти, понесли сжигать, а не хоронить, в соответствии с обычаем индусов.

В этом месте С. Айни поясняет, что выражение «Рам-рам сатти» в переводе означает «Ты покинул этот мир безгрешным» и, как молитва, произносится о покойнике. В действительности же, это выражение правильно звучит так: «Рам нам сатья њє» («Истину ведает лишь Господь»).

Рассказывая в своих «Воспоминаниях», романе «Дохунда» и некоторых других произведениях об индусах в Бухаре, С. Айни не говорит в какие времена они прибыли сюда, из каких регионов огромной Индии, на каком из индийских языков они общаются друг с другом, осталась ли у них еще какая-нибудь связь с их исторической родиной, и каким образом они её поддерживают и т д. Разумеется, он и не ставил своей целью дать ответы на такие вопросы. Но причину того, как и почему эти индусы оказались в Бухаре или других центрах Средней Азии, писатель излагает со слов еще одного яркого персонажа своих «Воспоминаний» - индуса Байарджи.

Байарджи жил в том же караван-сарае, где жили его соотечественники-ростовщики, но, в отличие от них, он не занимался ростовщичеством. Он одевался опрятнее своих земляков, и от него не так остро пахло, и от них, по словам Айни, шел какой-то тяжелый, своеобразный запах, не смотря на то, что каждое утро они мылись с ног до головы. Рассказывали, что после обмывания они натирались каким-то особым маслом.

Байарджи довольно долго жил в Бухаре. Он свободно говорил по-таджикски, хорошо читал и писал на таджикском языке. Садриддин Айни, будучи еще юным студентом медресе, часто беседовал с ним. В «Воспоминаниях» он с большим уважением отзывается о Байарджи. «У него было много книг - рассказывает писатель, среди них немало таджикских - «Гулистан-и масаррат» («Цветник радости»), «Хизона-и амира» («Сокровищница благоденствия»), сборники стихов. Эти книги были изданы в Индии и я впервые увидел их у него в худжре. Кроме

них, у него было очень много книг индийских-рукописных и печатных. Байарджи целые дни сидел дома, читая. Мне он тоже разрешал читать его таджикские книги. Он не был ростовщиком, а занимался продажей драгоценных камней. Правда, драгоценных камней у него не было. Продавал он простые, дешевые самоцветы, их покупали у него ювелиры и медники, чтобы отделывать ими свои изделия и посуду. Но Байарджи был знатоком камней. Все драгоценные камни, продававшиеся или покупавшиеся в Бухаре, проходили через его руки: за это он получал определенную мзду. Ему поручали оценивать даже драгоценные камни, поступавшие к эмиру» [4, V,45].

Во время своих встреч и бесед с Байарджи юный Садриддин с присущей ему любознательностью расспрашивал его об Индии, о происходящих там событиях, об условиях жизни и быта простых индийцев. Правда, по рассказам самого С. Айни, вести из Индии в Бухару нередко поступали через торговцев и путешественников или благодаря приходившей иногда по почте издававшейся в Индии фарсиязычной газете «Хабл ал-матин» [3, XIV, 30]. Эту газету изредка приносил откуда-то также друг Садриддина, молодой талантливый поэт Мухаммад Сиддик Хайрат [3, I,52].

Следует отметить, что описанные в произведениях С. Айни индийцы оказались в Средней Азии, в частности, в Бухаре, спасаясь от гнета английских колонизаторов и индийских феодалов, в надежде обрести в чужих землях благополучие и мирную жизнь. Но здесь эмир и его чиновники превратили их в средство грабежа и разорения простого народа.

Однажды Айни сказал Байарджи, что образ жизни его земляков, ростовщиков, вызывает в нем удивление и отвращение. «Таких людей в Индии миллионы, - ответил тот,- это жертвы англичан. Сотни тысяч их ежегодно умирают от голода и от грязи. Кто может, те разбегаются из родных мест, чтобы избежать смерти и найти кусок хлеба. Эти из их числа, у них одна цель – насытиться и выпить своего дурмана. Со дня рождения они не видели ни чистоты, ни заботы, они не знали настоящей человеческой жизни. В Индии нет условий, чтобы они могли даже задуматься над своим положением. А попав в Бухару, они увидели, что самое легкое дело – это мелкое ростовщичество. Вот и занялись им [4, V, 46].

Байарджи, по мнению С.Айни, сделал очень интересный и глубокомысленный вывод, который будущий писатель запомнил на всю жизнь: «Англичане виноваты; за Индию ответят они. А за Бухару бухарская власть в ответе. Если бы эмир запретил давать деньги в рост – разорять бедняков, мои земляки занялись бы честной работой, стали бы носильщиками, работали по найму» [4, V, 46].

Глубокий смысл этих слов, услышанных Садриддином Айни в далекой юности, в годы учебы в медресе, он почувствовал позже, когда в результате национально-освободительной борьбы индийского народа английские колонизаторы были изгнаны из Индии, а революционные бури в Средней Азии, в Бухаре, стерли с лица земли эмирскую власть. Именно поэтому в дальнейшем С. Айни с интересом следил за происходившими в общественно-политической жизни Индии событиями, живо откликаясь на них в своих стихах и публицистических работах (См: [7]), но этот вопрос может стать предметом отдельного, самостоятельного исследования.

В своем знаменитом произведении « Намунаи адабиёти тоджик» («Образцы таджикской литературы»), сыгравшем историческую роль в судьбе таджикского народа, Садриддин Айнӣ приводит имена и образцы творчества двух индиских поэтов,

живших некоторе время в Бухаре и сочинявших стихи на таджикском языке. Это-Наджиби Хинду ( Наджиб - индус), пользовавшийся авторитетом среди бухарских поэтов, уехавший впоследствии на свою родину - индийский город Шахджаханабад [2,251]. Другим поэтом индийского происхождения был Ага Исмаил Мунир Кашмири, изгнанный, по словам Айнї, из Бухары по неизвестной причине [2, 244-245 ].

Кроме описания жизни индийцев в Бухаре, в произведениях устода Садриддина Айни можно встретить немало сведений о прошлой и современной истории, культуре и литературе Индии, что наглядно доказывает, что он был выдающимся ученым – исследователем, талантливым поэтом и великим писателем – гуманистом, подлинным инженером человеческих душ и истинным интернационалистом.

Таджикский народ с глубоким уважением относится к народу Индии, с которым его связывают древние узы дружбы. Таджикистан на современном этапе развивает с Индией экономические и культурные отношения. Таджикские ученые, поэты и писатели, продолжая традиции, начало которых заложил родоначальник современной таджикской литературы Садриддин Айни, посвящают Индии стихи и поэмы, которые анализируются в научных работах [5;6] переводят художественные творения индийских писателей и поэтов на таджикский язык, пишут статьи и книги [10;11;12], в которых знакомят своих соотечественников с прошлой и настоящей историей, общественно-политической, научной и культурной жизнью Индии.

## Литература:


1. Айни, Садриддин. Воспоминания. На таджикском языке. Часть 3-4. – Сталинабад, 1955. – с. 50-53.
2. Айнӣ, Садриддин. Намунаи адабиёти тоҷик. Зери назари Алиасғар Шеърдуст. Чопи аввал.-Теҳрон: Созмони мероси фарҳангӣ, гардишгари ва саноеъи дастӣ, 1385-372с.
3. Айнӣ, Садриддин. Полное собрание сочинений. На таджикском языке. В 15-ти томах. – Душанбе,1958-2005.
4. Айнӣ, Садриддин. Собрание сочинений. В 6-ти томах. На русском языке. Том 5. Бухара (Воспоминания). Перевод с таджикского С. Бородина. – Москва: Художественная литература, 1974.
5. Брагинский И.С. Народ и литература (Несколько слов об «Индийской балладе» // Тоджикистони сурх, 7 февраля 1948 г.
6. Липкин С. Правда об Индии // Дружба народов, №17,1948г.
7. Маниязов А. Публицистика и поэзия Айни. – Сталинабад. 1958 (на таджикском языке).
8. Мардони Т.Н. Арабы и арабский язык в произведениях Садриддина Айни // Т. Мардони. Арабско-таджикские литературные связи. История и современность. = Душанбе; Ирфон, 2006. – с. 352-362.
9. Мардони Т.Н. Изображение индийцев в сочинениях Айни // Т. Мардони. Страницы истории арабско-таджикских литературных связей. (Прошлое и настоящее) На таджикском языке. – Душанбе: Ирфон, 2010. – с. 151-153.
10. Пулатова Шарафбану. Индия в творчестве Мирзо Турсунзаде. // Мирзо Турсунзаде и теоретические проблемы современной культуры таджиков. – Душанбе, 2011. – с.201-219.
11. Раджабов, Хабибулло. Индия глазами поэта – гуманиста // Мирзо Турсунзаде и теоретические проблемы современной культуры таджиков. – Душанбе, 2011, - с. 350-367.
12. Раджабов, Ҳабибуллоҳ. Ин аст Ҳиндустон. – Душанбе, 2008.

# НАҚЛУ НАҚДИ МЕРОСИ ХАТТӢ



Кароматулло
ОЛИМОВ
академик

### «Дастур-ул-мулук»-и Хоҷа Самандари Тирмизӣ ва аҳамияти он дар омӯхтани шеваи давлатдорӣ ва роҳбарӣ

Файласуфи бузурги Олмон Фридрих Ҳегел навишта аст, ки «фалсафа ҳамчун дарси расмӣ ба ҳаёти ҷомеа дахл дорад ва ғолибан, ё ҳатто танҳо дар хадамоти давлатӣ мавриди истифодаи худро дармеёбад»[146]

Ин гуфтаи мутафаккири мумтози аврупоӣ, пеш аз ҳама, ҷиҳатҳои амалии фалсафа, хосатан ҳуқуқ, сиёсат ва ахлоқро дар назар дорад. Зеро фалсафаи ҳуқуқи ӯ масъалаҳои ҳуқуқ, сиёсат ва давлатдориро низ дар бар гирифта, бунёди назарияаш методи диалектикӣ мебошад.

Дар осори мутафаккирони тоҷику форс баёни масъала ба тарзи дигар сурат гирифтааст ва бештар ба шеваи осонфаҳм ва насиҳат ақида иброз шудааст. Албатта, «Орои мадинаи фозила»-и Форобӣ ва «Ат-тибр-ал масбук фи насиҳат-ил мулук»-и Муҳаммади Ғаззолӣ ва баъзе асарҳои дигар аз ин услуб фарқ доранд ва масоили назарияро низ то ҳадде дар бар гирифтаанд.

Асари Хоҷа Самандари Тирмизӣ «Дастур-ул-мулук» аз лиҳози сабки нигориш ва муроҷиати бевосита ба шахси мушаххас ба «Насиҳатнома»-и Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ ва асарҳои Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Кайковуси Унсурулмаолӣ, Низомулмулк қаробат дорад, вале аз ҷиҳати дарбаргирии мавзӯъҳо ва мантиқи баён, тафсили воқеаҳо аз он асарҳо тафовуташ низ зиёд аст. Ӯ аз осори Саноӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҳоҷӣ Юсуф, «Ахлоқи Ҷалолӣ», Мавлоно фаровон истифода кардааст.

«Дастур-ул-мулук» натанҳо як асари панду насиҳатӣ барои зимомдорони сиёсӣ, балки як манбаи муҳими таърихӣ барои омӯхтани таърихи сиёсӣ ва воқеаҳои сиёсию низомии он замон мебошад.

Тавре маълум аст, муаллифи асар дар Хонақоҳи Ҳисор зода шуда, чанд муддат дар шаҳрҳои бузурги он замон – Тирмиз, Самарқанд, Бухоро, Насаф таҳсил ва зиндагӣ карда, машғули фаъолияти давлатӣ мешавад. Ӯ, чунон ки аз ин асар бармеояд, шахси соҳибзавқ, адиби соҳибистеъдод, сиёсатмадори зирак будааст.

Дар ин бора К. Т. Залеман, Абдулғанӣ Мирзоев, Салоҳидинова изҳори назар кардаанд.

Масъалаҳое, ки Хоҷа Самандар матраҳ менамояд, дар асарҳои мутафаккирон ва шоирону адибони гузашта баён шудаанд. Вале Хоҷа Самандар тавре масъалаҳои давлатдориро баён мекунад, ки бевосита аз замони худи ӯ, ба воқеаҳои мушаххасе, ки худаш шоҳиди онҳо будааст, оварда шудаанд.

Ақидаи Хоҷа Самандар дар бораи қудрати давлатӣ дар ин поя қарор дорад, ки ҳокимияти сиёсӣ махсуси хосагон аст ва бо истинод ба шариати исломӣ амиронро сояи Худотаоло медонад. Ӯ бар ин назар аст, ки сиёсат барои мулк ва таъмини зиндагии афроди ҷомеа зарур аст, бидуни он парокандагӣ ва ноором ӣ ҳукмфармо шуда, боиси бадбахтиҳо мегардад.

Ҳарчанд Хоҷа Самандар корманди ҳукумати амирони ҷонӣ буд ва бо амир Абдулазизхон ва Субҳонқулихон

---

[146] Гегель Ф. Философия права.М.2007. С.37

муносибати наздик дошт, лекин дар асараш бо риояи одоби дарбор ва эҳтироми амирон андешаҳои ҷолибро аз номи гузаштагони соҳибэътибор иброз медорад. Ва моҳияти дастурҳои Хоҷа Самандар ин аст, ки давлатдорӣ бояд бар пояи адолат қарор дошта бошад. Бесабаб нест, ки аз 21 боби «Дастур-ул-мулук» оғози он боби «Адолат» аст. Хоҷа Самандар бо камоли эҳтиром ва эҳтиёт ба шоҳ (манзураш бештар Субҳонқулихон мебошад) менависад:

«Азизи ман, агар шаҳнаи адл ба забти аҳволи раият эҳтимом нанмояд ва дасти фитна ба дастёрии ситам димор аз аҳли рӯзгор барорад, агар партави шамъи адолат кулбаи торики дардмандонро рӯшноӣ набахшад, зулмати зулм ҳавзаи мамлакатро чун дили ситамкорон тира ва мукаддар созад. Байт:

*Шаҳаншоҳро хубӣ аз доди ӯст,*
*Паноҳи худо аймано̄боди ӯст.*
*Шаҳ аз доди худ гар пушаймон шавад,*
*Вилоят зи бедод вайрон шавад.*[1]

Хоҷа Самандар аз зулми мансабдорони ҳукумати замонаш изҳори ташвиш мекунад ва онҳоро ба шоҳ ҳамчун «ҳайвонсифатон» муаррифӣ менамояд. Маълум мешавад, ки Хоҷа Самандар дар баробари ба дарбор вобаста будан шахси боҷуръат ва ҳақиқатпараст будааст, ки муроҷиати зерини ӯ гувоҳи ин фикр мебошад:

*«Азизи ман! Ин ҳайвонсифатоне, ки ба коҳе намеарзанд, ҳамеша сар дар охури зулму тааддӣ ниҳодаанд. Тавсании бевақт ва бадлигомии бемаҳал мекунанд».*

Ҷолиб ин аст, ки ӯ тавсия намедиҳад, ки шоҳ ин кормандонро ҷазои ҷисмонӣ диҳад ва ё аз кор дур намояд. Ӯ маслиҳат медиҳад, ки ба онҳо бо сухани ҷиддӣ таъсир расонад, эҳсоси тарсу масъулиятро дар онҳо қавӣ гардонад. Чунин рафтори шоҳро ӯ аз принсипҳои муҳими давлатдорӣ медонад, ки низоми сиёсиро субот мебахшад. Бинобар ин муаллиф менависад: «Ба тозиёнаи забон таъдиб намой, то зиён бар дигаре нарасонанд, чаро ки низоми сиёсат сабаби давоми давлат ва раёсат аст. Он кӣ ба тири қаҳр бунёди бедодро зеру забар насозад, ниҳоли омол дар гулшани замон натавонад нишонд». Хоҷа Самандар фикри худро дар ин бора бо суханони Саъдӣ тақвият мебахшад:

*Ойини сиёсат ар баруфтад,*
*Бунёди амон зи по даруафтад.*

Яке аз хислатҳои муҳимми сарвари давлатро Хоҷа Самандар дар баҳодурӣ, нотарсӣ ва ҷасурӣ мебинад. Дар умури давлатдорӣ соҳиби нангу номус буданро зарууртарин хислати сарвар медонад. Аз ин ҷиҳат осодагию оромии кишварро ба пурдилию ҷасурии давлатмардон вобаста медонад ва менависад:

«Азизи ман! Баҳодур бояд, ки дар рӯзи ҷанг ва ё вақти талоши ному нанг зеҳну фикри худро ба андеша нагзорад ва дар ҳангоми набард ҷону молро беқадр донад, чаро ки кулфати ҷанг беҳтар аз ному нанг аст.»

Хоҷа Самандар масъалаи ҳимояти марзу бум ва далериро шуҷоати мардонро ба таваккул вобаста намесозад. Ӯ ақида дорад, ки ҷурати шуҷоат ба ҳар инсон хос аст ва набояд андешид, ки аз ин хислат баъзеҳо маҳруманд. Ӯ талқин мекунад, ки эзид «ҳеҷ касро аз машраби ҷуръат ва аз сарчашмаи шуҷоат маҳрум накардааст.»

Масъалаи дигареро, ки Хоҷа Самандар барои зимомдори давлат зарур медонад, фаросат ва дарки мавқеъ дар муқобили душман мебошад. Ӯ тавсия мекунад, ки ҳангоми ҷанг ба фиреб ба сулҳ напардозад ва дар маҳалли сулҳ ба ҷанг майл насозад. Ва мегӯяд***:***

*Ҷангу сулҳи бемаҳал н-ояд ба кор,*
*Ҷои гул гул бошу ҷои хор хор.*

Шарҳи дигари муҳим дар низоми давлатдорӣ ба фикри Хоҷа Самандар машварат аст. Мушов族ратро ӯ «иҷтимои ақлҳо» медонад ва таъкид мекунад: «Азизи ман»! Мушоварат иҷтимои уқул аст. Ҳар ҷо, ки ахли ақл дар муҳимме шурӯъ намояд, агар шар бувад, ба хайр анҷомад ва сухани Мавлавӣ, ки маъдани ҷавоҳири маънавист, шоҳиди ин қавл аст:

*Чу ояд мушкиле пеши хирадманд,*
*Аз он мушкил фитад дар кори ӯ банд,*
*Кунад ақли дигар бо ақли худ ёр,*
*Ки то дар ҳалли он гардад мададгор»*

Дар кори давлатдорӣ машварат бо шахсони соҳибтаҷриба ва ботадбир бояд сурат бигирад. Ва муҳимтар ин аст, ки ба гуфтаи муаллиф «кори салтанат ва асрори мамлакат чун муҳиммоти урфӣ ва муомилоти расмӣ нест, ки бо ҳар кас мушоварати он тавон кард. Онҳо, ки мофиз-замири худ ба ғайр нишон додаанд, аз авҷи шаҳрёрӣ ба ҳазизи беихтиёрӣ афтодаанд».

Хоҷа Самандар дар масоили давлатдорӣ интихоби мулозимони оқил, шахсони ботадбир ва вафодорро зарур медонанд. Бобҳои сеюм ва чаҳорум, ҳаштум ва нуҳуми асараш ба ин масъалаҳо бахшида шудаанд ва бо суханони бадеъ ва алфози фасеҳ, бо зикри байтҳо аз шоирону ҳакимони бузург ва ҳикояҳо аз рӯзгори мулук ва масалҳову пандҳо оро ёфтаанд.

Ин асар барои тарбияи сиёсатмадорони ҷавон, ташаккули шуури ватандорию инсонпарварӣ, меҳнатпарастию накӯкирдорӣ, ҷасорату ҳиматбаландӣ дорои аҳамият аст. Ва таҳқиқи илмии бештар ва дастраси аҳли илму сиёсат намудани матни он барои тарбияи маънавӣ, ахлоқӣ ва сиёсӣ дорои манфиат хоҳад буд.



Ёрмаҳмад
НИЁЗОВ
номзади илмҳои
фалсафа

## Буҳрони улум ва ҳудудҳои он дар фарҳанги исломӣ

Буҳрони улум дар фарҳанги исломӣ маҳз дар таърихи таснифоти улуми он инъикос ёфтааст, ки мо дар ин мақолаи худ онро барои муҳаққиқон ва донишмандон пешкаш хоҳем кард.

Масъалаи табақабандии улум дар тамаддуни исломӣ ба дунболи нақли улуми ақлӣ ва мантиқӣ аз Юнон ба олами ислом мавриди таваҷҷуҳи донишмандони исломӣ воқеъ шуд.

Дар мантиқи суварие (шаклие), ки мероси Юнон аст, нахуст масъалаи маърифат ва ҳудуди он мавриди баҳс қарор мегирад ва сипас табақабандии масоил ва қазоё ва тасаввурот ва тасдиқот ва билохира қиёсот тақсимбандӣ сурат мегирад, ки ба таври куллӣ бо таваҷҷуҳ ба мафоҳими куллӣ навъе аз тақсимбандии улуми башарӣ ба ҳикмати амалӣ ва назарӣ воқеъ мешавад[147].

Гарчанде ки фалсафаи Юнон татбиқи амалии худро пайдо карда, аммо фалсафаи ислом ҳеҷ гоҳ натавонист афкори куллӣ ва мафҳумҳои фалсафиро ҳатто дар табииёт мавриди баҳрабардории амалӣ қарор надод ва улуми назарии фалсафаи исломӣ маҳдуд ба шинохти Худо ва табиат дар фаҳмиши метафизикӣ боқӣ монда, густариш наёфт.

Гарчанде ки дар тӯли таърихи тамаддуни исломӣ таҷаллиёти хосе ба улуми фалсафӣ дода шуд, аммо дар бисёри масоил аз масоили мазҳабӣ ва каломӣ истифода шуд. Ҳамзамон китобҳои фиқҳӣ, усулӣ ва адабии исломӣ низ аз масоили ақлӣ ва мантиқӣ истифода мешуданд, ки ин як таҳаввули бузург дар тамаддуни исломист.

Ба назари муҳақиқ Саид Муҳаммади Содиқи Саҷҷодӣ чунин омезиш пайдо кардани масоили фалсафӣ- мантиқӣ ба масоили каломӣ хидмати амалии ин фалсафа дар олами исломист. Ҳамаи ин улуми мавҷуда, мисли улуми назарӣ, риёзиёт, ҳайат, нуҷум ва ҳатто кимиё дар хидмати мазҳаб ва Қуръон қарор гирифтанд ва ҳатто аз тарафи донишмандони исломӣ баъзан саъю кӯшиш ба харҷ доданд, ки Қуръон ва ахбори исломиро маншаи ҳамаи улуми фалсафӣ ва мантиқӣ бидонанд ва ин маъно дар китобҳо ва расоили Ғазолӣ ва дигарон дида мешавад[148].

Яке аз табақабандиҳои бисёр ҷомеъ ва ҷолиб дар қарни 8х(=15м) аз тарафи Муҳаммад ибни Маҳмуди Омулӣ сурат гирифтааст, ки гуфтаҳои дар боло зикршударо тасдиқ хоҳад кард. Ӯ тамоми улуми замонаи худро табақабандӣ кардааст, ки иборат аз ду роҳ аст: яке табақабандие, ки улумро ба ҳукмӣ ва ғайриҳукмӣ тақсим мекунад ва дигаре улумро аз ҷиҳати пайдоиш, мабдаъ ва шурӯъ дар ҷавомеи исломӣ табақабандӣ мекунад.

Дар китоби «Нафоис-ал-фунун» Маҳмуд Омулӣ илмҳоро бар ду қисм- улуми ҳукмӣ ва ғайриҳукмӣ тақсим кардааст. Улуми ҳукмӣ, ин назарӣ ва амалист. Назарӣ бар мобаъд ат-табиа, риёзиёт, табииёт тақсим мешавад. Мобаъд ат-табиа бошад, бар улуми илоҳӣ ва куллӣ тақсим мешавад.

---

[147] Саид Муҳаммади Содиқи Саҷҷодӣ. Табақабандии улум дар тамаддуни исломӣ. Теҳрон. Ковиён.1360. Саҳ.182

[148] Саид Муҳаммади Содиқи Саҷҷодӣ. Табақабандии улум дар тамаддуни исломӣ. Теҳрон. Ковиён.1360 . Саҳ. 6-7

Мантиқро дар як фаҳмиши худ Маҳмуд Омулӣ ба бахши улуми илоҳӣ дохил мекунад. Дар бахши дигар дар улуми куллӣ. Ҳикмати амалӣ бар таҳзиби ахлоқ, тадбири манзил ва сиёсати мудун тақсим шудааст.

Он чи вобаста ба амали неки навъи башар аст ё ба табъ ё ба вазъ мебошад. Агар ба табъ буд, ақсоми ҳикмати амалист ва дигар ба вазъ бошад бар ду қисмат:

1. Одоб ва русум

2. Навомиси илоҳӣ (қонунҳои илоҳӣ), ки бар ду қисмат:

а) Иборат ва аҳком, ки марбут ба ҳар нафсе аст.

б) Муомилот ва мунокиҳот (издивоҷ, хонадорӣ), ки роҷеъ ба аҳли манзил аст.

в) Ҳудуд ва сиёсате (фиқҳе) ки роҷеъ ба аҳли мамлакат аст.

Улуми ғайри ҳукмӣ бар ду қисм аст: улуми ғайридинӣ ва диние, ки худ бар се қисм аст: ақлӣ, нақлӣ ва ақлию-нақлӣ.

Он чи исботи онро ба далели ақл тавон кард, ҳол ба нақл низ бишавад ё нашавад, онро илми усули дин гӯянд ва он чи исботи онро ҷуз ба нақл натавон кард, онро фурӯғи дин гӯянд.

Усули дин бар чаҳор қисм аст.

1) Маърифати зоти Худованд, 2) маърифати сифоти Ӯ, 3) маърифати афъоли Ӯ, 4) нубуват ва имомат.

Фурӯъи дин бар ду қисм аст: илми китоб, ахбор, усули фиқҳ ва фурӯъи фиқҳ.

Дуюм ақсоми табъ, ки иборат аз олот (улуми адабӣ), мумтаниҳот, муҳсанот (бақияи улуми шаръӣ ва тасаввуф) ва дар охир улуми ғайри динӣ, монанди улуми муҳовара.

Соҳиби «Нафоис-ал-фунун» улумро аз ҷиҳати пайдоиш ба ду даста тақсим кардаанд: 1) улуми авоил, 2) улуми авохир.

Улуми авохир шомили нуҳ илм дар 36 фан ва мураттаб бар 4 мақола: мақолаи аввал дар адабиёт, ки муштамил ба 9 фан; илми хат, луғат, иштиқоқ, таъриф, наҳв, маонӣ, бадеъ, арӯз, илми қавофӣ, шеър, давовин (девондорӣ) амсол, иншо ва истифоъ.

Мақолаи дуюм дар шаръиёт муштамил бар 9 фан:

1. илми калом, ки бар 4 қисм аст: илм ба зоти Худованд, илм ба сифоти Ӯ, илм ба афъоли ва маснуъоти Ӯ ва чаҳорум илм ба нубуват ва имомат.

2. илми тафсир, ки аз улуми луғати Қуръон, қироат, вуқуф, эъроб, асбоби нузул, носиху мансух, таъвил, қисас, истинбот, илми маонии баён ва илми иршод ва мавоиз.

3. илми ахбор

4. илми усули фиқҳ

5. илми фурӯъи фиқҳ, ки бар 4 қисм аст: а) илми охират б) илми аҳком в) илми васиятҳо г) илми фароиз.

6. илми хилоф

7. илми шурут

8. илми қироат

9. илми давот

Мақолаи сеюм дар улуми тасаввуф ва тавобеъ, ки иборат ба панҷ фан.

Фанни якум илми сулук, ки нуҳ қисм аст: 1) илм ба эътиқод;

1) тазкия ва тахлия;

2) шароити сулук;

3) мақомоти солик;

4) ҳолоти солик;

5) истилоҳоти арбобии сулук;

6) мустаҳсинот (талаби некуӣ кардан);

7) симоъ ва талқин;

8) зикр ва лабаси (либоси) хирқа ва ғайра;

Фанни дуюм, илми ҳақиқат, ки чаҳордаҳ қисм аст:

1) маърифати ашё

2) илм ба кайфияти эҷоди муфрадот

3) илми ҳусули адад

4) илми ҷамъутафриқ байни мухталифот

5) илми мушоҳидот

6) илми мукошифот

7) илми таҷаллалии сифот;

8) илми анвор

9) илми асвор

10) илми тасхири коинот

11) илми сурати замон ва макон

12) илми асомии ҳақ

13) илми мабдаъ ва маод;

14) илми усул;

Фанни сеюм илми муросид (тилисм, бозубанд), ки бар 12 қисм аст: илми қиёми ҳол, завоҳир, зарурат, яқин, сиёсат, ғайби ладанӣ, мувозина, илми ҳуруф, илми футут.

Мақолаи чорум дар улуми муҳовара, ки бар 8 қисм аст:

1) илми муҳовара, 2) илми таворих, 3) илми сайр, 4) илми мақолот, 5) илми аҳли олам, 6) илми инсоб, 7) илми мавоқиф, 8) илми аҳоҷӣ.

Илмҳои авоил бошад 75 илм ва иборат бар 39 ва мураттаб ба 5 мақола аст:

Мақолаи аввал дар ҳикмати амалие, бар се фан: таҳзиби ахлоқ, тадбири манзил, сиёсати мудун.

Мақолаи дуюм дар ҳикмати назарӣ, ки иборат аз 4 фан;

1) Илми мантиқ ки бар 9 қисм аст:

1) мадхали мантиқ, 2) мақулот, 3) иборат, 4) қиёс, 5) бурҳон, 6) ҷадал, 7) муғолата, 8) хитоба ва 9) шеър.

2) Илми фалсафаи уло, ки иборат аз:

а) умури омма

б) илми ҷавоҳир ва аърози вуҷудӣ ва эътиборӣ

3) илми илоҳиёт, ки иборат аз:

а) илм ба воҷибулвуҷуд

б) илми нуъути ҷалол ва кайфияти судури осор ва инояти ӯ

в) илми уқул

г) илми нуфус

4) Илми аҷсоми табиӣ ва муқаддимоти аҷсом, ки тақсим мешавад бар: симои табиӣ, симоъ ва олам, қавн ва фасод, осори улвӣ, илми ҳайвон, набот, маодин.

Мақолаи сеюм дар усули риёзиёт, ки тақисм мешавад бар ҳандаса, адад, нуҷум, ҳайат, мусиқӣ, таълиф.

Мақолаи чаҳорум дар фурӯъи табиие, ки иборат аз:

1) Илми тиб ва ақсоми он ки иборат аз илм ба умури табиӣ, илми ташреҳ, илм ба сиҳат ва мараз, илм ба аломот ва далоил, илми ҳифзи сиҳат, илми муолиҷат, илми сайдана (дорусозӣ)

2) Илми кимиё

3) Илми фаросат

4) Илми аҳкоми нуҷум

5) Илми хавос

6) Илми ҳарфи табиӣ

7) Илми дум

8) Илми ваҳм

Мақолаи панҷум дар фурӯъи илми риёзие, ки иборат аз ҳайат, манозир ва мароё, мутавасситот, ҳисоб, ки худ тақсим мешавад, бар ҳисоби ҳандасӣ ва ҳисоби ҳавоӣ.

Дигар қисматҳои илмҳои риёзӣ, ҷабру муқобала, масоҳат, сувари кавокиб, маърифати тақвим ва зиҷоту устурлоб, масолик ва мамолик, рамл ва ҳиял, ки бар се қисм аст;

Илми нақли миёҳ, ҷарри исқол ва олоти ҳарбӣ.

Бахши охири риёзиёт, илми мулоиб, ки бар се қисм аст, илми шатранҷ, нард ва шаъбада.

Ҳамзамон дар қисмати ғарбии хилофати исломӣ (Испания-Андалус) дар хонаводаи ҳокими Андалус Вилийиддин Абдураҳмон ибни Халдун таваллуд шуда, ки аз овони хурдӣ ба омӯзиш завқи баланд дошта, улуми замонаи худро фаро гирифтааст. Ибни Халдун низ яке аз нафаронест, ки улуми замонаи худро табақабандӣ кардааст.

Илмҳоро Ибни Халдун ба таври куллӣ ба улуми ақлӣ ва нақлӣ тақсим кардааст. Донишҳое, ки барои инсон табиӣ аст, ки ба ёрии андешаи худ бад-онҳо роҳбарӣ, мешавад донишҳои ақлианд, гунаи дигаре нақлӣ аст, ки онҳоро аз касоне, ки вазъ кардаанд, фаро мегирад. Гунаи нахустин иборат аз донишҳои ҳикмат ва масоили

фалсафие аст, ки инсон метавонад бар ҳасби табиати андешаи худ ба онҳо пай барад ва бо ёрии машоири башарии хеш ба мавзӯъот ва масоил ва ақсоми бароҳин ва роҳҳои (вуҷуҳи) таълими онҳоро роҳбарӣ шавад ва ӯро ба роҳи савоб аз хато дар масоил барангезад.

Дуюм, улуми нақлӣ вазъе аст, ки куллияи онҳо мустанад ба хабар аз возеи шаръӣ аст ва ақлро дар онҳо маҷоле нест, магар дар пайванд додани фурӯи (шохаи) онҳо ба усул, зеро ҷузъиёти ҳодисаи мутаоқиба ба муҷарради вазъ дар таҳти нақли куллӣ мундариҷ намешавад, балки ба ночор бояд он ҷузъиётро ба ваҷҳи қиёсии онҳо мулҳақ кард, ҷуз ин ки қиёс аз хабар мунтазиъ (зиддиятнок) мешавад аз роҳи савоб ҳукм дар асл ва он ҳам нақлӣ аст. Пас ин қиёс ба нақл боз мегардад, зеро аз он мутафарреъ (ба шоха ҷудо) мешавад ва асли куллияи ин улуми нақлӣ иборат аз умури шаръӣ ношӣ аз китоб (Қуръон) ва суннат (рафтори пайғамбар) аст, ки барои мо аз ҷониби Худо ва пайғамбари ӯ ташреъ шудааст[149].

Улуми нақлӣ он аст, ки аҳкоме бар ҳар фарди мукаллафе (ба балоғатрасида) донистани он ки маъхуз (гирифташуда) аз китоб ва суннат ба нас (матни Қуръон) ё ба иҷмоъ мебошад, ки иборат аз чунин илмҳост:

а) Илми тафсири Қуръон, ки гирифташуда аз аҳкоми мухталиф аз Қуръон ва ташреҳи алфози китоб аст.

б) Илми қироати Қуръон, ки нисбат додани нақлу ривояти Қуръон ба паёмбар аст, ки онҳо аз сӯи Худо расидааст.

в) Илми ҳадис, ки гуфтугӯ дар бораи нисбат додани суннат аст ба соҳиби он.

г) Илми фиқҳ, ки самара ва натиҷаи шиносоии аҳкоми Худои таоло аст, ки дар кирдорҳои ашхоси мукаллаф ҳосил мешавад.

ғ) усули фиқҳ, ки иборат аст, аз андешидан ва таҳқиқ дар далелҳои шаръие аз ин назар, ки аҳком ва таклиф аз онҳо гирифта мешавад ва усули адуллаи шаръӣ иборат аз китобе аст, ки Қуръон бошад ва он гоҳ суннат баёнгари Қуръон аст ва ин бар ду қисм аст:

1- Хилофиёт (мунозирот) ки иборат аз ихтилофоте, ки уламо дар дониши фиқҳ аз истинботи адуллаи шаръӣ ба ҳам расонидаанд.

2-Ҷадал, ки иборат аст аз шинохтани одоби мунозирае, ки миёни пайравони мазҳаби илоҳӣ ва ҷузи онон рӯй медиҳад.

Ё инчунин дониши фароиз, ки шинохтани бахшҳои шаръии виросат ва дуруст кардани саҳоми мерос аз каммияте аст, ки ба эътибори бахшҳои шаръии усули ирс (мерос) дуруст мешавад.

д) Илми калом, яъне он чи ки бастагӣ ва ихтисос ба имон дорад ва ба василаи адуллаи ақлӣ ба субут мерасад.

2. Улуми марбут ба забон, ки иборатанд аз: а) дониши луғат; б) дониши наҳв; в) дониши баён, ки мунқасим аст бар илми балоғат, илми баён ва илми бадеъ.

2) дониши адаб;

3) Илми таъбири хоб, ин илм аз донишҳои шаръӣ аст ва дар миёни миллати мусалмон аз ҳангоме ки улум ба сурати фан ва санъат даромад ва мардум дар бораи онҳо ба таълифот пардохтаанд, ин дониш мутадовил (риваҷ) шудааст.

Улуми ақлӣ бошад бо навъҳои гуногун тақсим мешавад. Улуми ақлӣ масоиле аст, ки барои инсон табиӣ аст. Аз ин рӯй вай дорои андеша аст. Бинобар ин, донишҳои ақлӣ ихтисос ба миллати муайяне надорад ва он иборат;

1. Дониши мантиқ, ки зеҳнро аз хато ва лағзиш дар фаро гирифтани матолиби маҷҳул аз умури ҳосил ва маълум муҳофизат мекунад ва фоидаи он бозшинохтани хато аз савоб дар умур аст ва ақсоми он иборат аз:

---

[149] Саид Муҳаммади Содиқи Саҷҷодӣ. Табақабандии улум дар тамаддуни исломӣ. Теҳрон. Ковиён.1360 . Саҳ. 142-143

а) Ҷинсҳои олие, ки таҷриди маҳсусот дар зеҳн ба онҳо интиҳо мешавад ва он ҷинсе аст, ки бартар аз он ҷинсе ёфт намешавад ва ин қисмро мақулот гӯянд.

б) Дар қазияҳои тасдиқӣ ва анвои он ва ин қисмро иборат гӯянд.

в) Дар қиёс ва сурати интоҷи (натиҷагирии) он ва онро (китоб) қиёс гӯянд.

г) Бурҳон ва он андешаҳои дар қиёс мунтаҷ ба яқин аст.

ғ) Ҷадал он қиёсе аст, ки фоидаи он қатъ кардани шӯру ғавғо ва бастани забони хасм ва он чи аз далоили машҳур аст, ки бояд дар он ба кор равад.

д) Сафсата он қиёсе аст, ки хилофи ҳақро мерасонад ва мунозиракунанда бо тарафи худ ба муғолата мепардозад.

е) Хитоба қиёсе аст, ки барои барангехтани ҷумҳур ва омма ва водоштани онҳо ба манзуре, ки доранд, ба кор меравад.

ё) шеър он қиёсе аст, ки ба хусус ифодаи тамсил ва ташбеҳ мекунад.

2. Табииёт (физика) иборат аст аз умуре, ки марбут ба маҳсусот аст, монанди аҷсом унсурӣ ва маволидӣ (он чи аз онҳо ба вуҷуд меоял) онҳо аз қабили маъданҳо, гиёҳ, ҷонвар ва аҷсоми осмонӣ ва ҳаракати табъӣ ва ҷуз инҳо, ки аз ақсоми он дониши пизишкӣ аст. Аз фурӯъи табииёт, фалоҳат (деҳқонӣ) аст ва он баҳс ва андешидан дар гиёҳ аз лиҳози баҳрабардорӣ ва парвариши он аст.

3. Дониши илоҳӣ (метафизика) он аст, ки дар умури мовароуттабиат чун рӯҳониёт меандешад.

4. Таолим он аст, ки дар миқдорҳо меандешад, ки худ муштамил ба чаҳор дониш аст:

а) улуми ҳандасӣ дар ин дониш аз мақодир гуфтугӯ мешавад, хоҳ мақодире мутассил чун хат, сатҳ, ҷисм, хоҳ мақодири мунфасил монанди ададҳо.

б) Дониши арисмотикӣ (арифметикӣ) ва он шинохти камми (миқдори) мунфасил аст, ки адад бошад ва ба даст овардани ҳавос ва аворизе, ки бад-он мепайвандад.

Аз фурӯъ (шохаҳо) шаъби (бахшҳо) илми ададӣ саноати ҳисоб аст ва он синоате аст, дар ҳисоби аъдод аз роҳи ба ҳам пайвастан ва тафриқ кардан.

Аз фурӯи илми ҳисоб:

1. Ҷабру муқобала ва он саноате аст, ки бад-он адади маҷҳул ба василаи адади маълуми мафруз истихроҷ мешавад, ба шарти он ки миёни онҳо нисбате, ки муқтазои ин амр бошад, вуҷуд дошта бошад.

2. Муомилот, яъне ба кор бурдани ҳисоб дар муомилоти шаҳрҳо аз қабили колоҳо, масоҳатҳо ва амволи закот ва дигар умури муомилотист.

3. Ҳисоби фароиз, он саноате аст дар тасҳеҳи саҳоми соҳибони фуруз ва виросатҳо ҳангоме ки ворисони мутааддид бошанд ва бархе аз онҳо бимиранд ва саҳоми онҳо низ бар бақияи вараса(меросдорон) тақсим шавад.

4. Дониши мусиқӣ, ки шинохтани нисбатҳои овозҳо ва нағмаҳои ба якдигар ва санҷиши онҳо ба адад аст ва натиҷаи он маърифати оҳангҳои ғиност.

5. Дониши ҳайат, ки муайянкунандаи ашколи афлок ва ҳасри авзоъ ва тааддуди онҳо барои ҳар як аз сайёрот ва савобит аст.

Аз фурӯъи дониши ҳайати илми зиҷ аст ва он саноате аст марбут ба ҳисоб ва мубтанӣ бар қавонини адад аст, дар он чи ба ҳар ситорае аз тариқи ҳаракаташ ихтисос дорад ва он чӣ бад-он бурҳон, ҳайат дар вазъаш мунҷар мегардад, аз қабили сурат, истиқомат ва руҷӯъ ва ҷузъи онҳо.

Дониши кимиё (шимиё, химия). Дар ин дониш аз моддае гуфтугӯ мешавад, ки бад-он зар ва сим ба равиши маснӯъӣ ба вуҷуд меояд ва амале, ки ба ин натиҷа интиҳо мегардад, ташреҳ мешавад, чунон ки куллияи маволидро пас аз шинохтани таркибот ва қувваҳои онҳо мавриди таҳқиқ қарор медиҳанд, то магар бар моддае даст ёбанд, ки барои ин манзур мустаъид бошад.

Илмҳои соҳирӣ ва тилисмот огоҳӣ ба чигунагии истеъдодҳое аст, ки нуфуси башарӣ ба василаи онҳо ба таъсир кардан дар олами аносир тавоно мешавад, хоҳ мустақим ва бевосита бошад ё ба василаи ёрие аз умури осмонӣ. Гунаи аввал соҳирӣ ва гунаи дуюм тилисм аст.

Хулоса, чи тавре ки дар боло табақабандии Ибни Халдун баррасӣ гардид, аз нуқтаи назари мавзӯъ ва тартиб бо дигар табақабандиҳо фарқ дорад. Ибни Халдун илмҳоро бинобар зарурат доштани ҷомеа, ки дар ҷомеаи исломӣ шариат мақоми болоро дорад, табақабандии худро аз он шурӯъ мекунад, зеро умури шариат бештар умури амалӣ мебошанд. Сипас, ба улуми ақлӣ мепардозад, ки хусусияти фардӣ доранд.

Ибни Халдун дар тақсимбандии улуми ақлӣ аз мактаби машшоияи шарқӣ пайравӣ мекунад, таърифҳо ва шохаҳои улумро ба тартиб дароварда, онҳоро тавзеҳи рушан медиҳад.

Аммо аз улуми амалӣ ба таври алоҳида ёд накарда, дар баъзе мавридҳо аз таҳзиби нафс, тадбири манзил ва сиёсат мудун ёдоварӣ мекунад.

«Муқаддима»-и Ибни Халдун гарчанде ба таври алоҳида улуми ақлиро баррасӣ намесозад, вале бештар аз масоили ахлоқ, навъи ҳукуматҳо ва тадбири манзил сухан мегуяд[150].

Табақабандии улум аз тарафи Аҳмад ибни Мустафо маъруф ба Тош Кабирзода дар қарни даҳуми ҳиҷрӣ (17) идома ёфта, дар китоби «Мифтоҳ ас-саодат» илмҳои замонаи худро тасниф кардааст.

1. Улуми хаттӣ, ки шомил бар илми адавоти хат, илми қавонини китобат, илми таҳсини ҳуруф, илми кайфияти эҷоди хутут ва усули он, илми тартиби ҳуруф, илми таркиби ашколи басоити ҳуруф, илми имлои хатти арабӣ, хатти мусҳаф, илми хатти арабӣ.

2. Улуми мутааллиқ ба алфоз, ки бар ду қисм аст:

а) улуме, ки фикрро аз хато дар интисоб маҳфуз медорад, мантиқ аст.

б) улуме, ки инсонро аз хато дар мунозира ва дарс боз медорад, ки тақсим ба илми одоби дарс, илми назар, илми ҷадал ва илми хилоф.

4. Илми мутааллиқ ба аъён:

а) илми илоҳие, ки иборат аст аз маърифати нуфуси инсонӣ, илми маърифати одоби маод, илми иморати нубуват, илми мақолоти фарқ ва илми тақосими улум.

б) илми табие, ки иборат аст аз: илми тиб, илми байтара, илми бизра (ақволи ҷавореҳи бадан), илми наботот, илми ҳайвон, илми фалоҳат (деҳқонӣ), илми маодин, илми ҷавоҳир, илми кавн ва фасод, илми қавсу қазаҳ (тирукамон), илми фаросат, илми таъбири руъё, илми ақсоми нуҷум, илми сеҳр, илми тилисмот, илми симиё (заҳрҳо), илми кимиё.

Фурӯи илми тиб: илми ташреҳ, илми каҳолат, илми атъима (хӯрок, хӯроб), илми сайдала (баҳс аз имтиёз байни нашототи шаклан монанд мекунанд, илми табхи (тайёр кардан) нӯшиданиҳо; илми зоил кардани рангҳо ва соири чизҳо аз либос, илми таркиби анвои мидод (рангҳо), илми ҷароҳат, илми раг задан ва маърифати анвои уруқ ва рагҳо, илми ҳиҷомат, илми мақодир ва авзони мустаъмал дар тиб, илми боҳ.

Фурӯи (шохаҳои) илми фаросат иборат аст, аз илми шомот ва хайлон (аз аҳвол ва аломате, ки далолат бар аҳволи ботинӣ ва ахлоқи инсонӣ ба ҳасби фитрат дорад, баҳс мекунад). Илми асоир (аз истидлол ба василаи хутути мавҷуд дар кафи дастҳо ва поҳо ва дигар ҷойҳо бар аҳволи инсон), илми актоб (он аст, ки устухони китфи муш ва бузро пас аз кандани гӯшти он дар зери офтоб мегузоранд, то хушк шавад ва сипас чаҳор гӯшаи онро ба чаҳор ҷиҳати олам

[150] Саид Муҳаммади Содиқи Саҷҷодӣ. Табақабандии улум дар тамаддуни исломӣ. Теҳрон. Ковиён.1360 . саҳ.141-150

баробар карда ва аз хутути дохили дар он зоҳиран ба ҳаводиси мухталиф пай мебаранд ё оянданигарӣ). Илми қиёфат ул -аср (баҳс аз осори поҳо дар роҳҳо мекунад), илми қиёфаи инсон, илми роҳёбӣ ва шинохтани ҷойҳо, илми риёфа (илми макони обҳоро пайдо кардан), илми ихтилоҷ (ҷустани аъзои бадан), илми истинботи маодин, илми нузули борон ва бод, илми урофа, ки исбот мекунад баъзе ҳаводиси ҳол бар ҳаводиси оянда аст ба муносибати шабоҳате, ки байни онҳост.

Фурӯъи илми аҳкоми нуҷум иборат аст, аз илми ихтиёрот (илмест, ки бад-он авқот ва замонҳои муборак ва маймунро барои корҳо муайян ва ихтиёр кунанд), илми рамл, илми фол, илми қуръа (он чи ба он фол зананд ва саҳму баҳра ва насиб муайян кунанд), илми тайяра ва заҷр (ин илм баракси фол аст, яъне танҳо шурур ва бадиҳоро менамоёнад ва инсонро аз он бар ҳазар медорад).

Шохаҳои илми сеҳр иборат аст, аз илми каҳонат (ҷустани муносибате аст, ки байни арвоҳи башарӣ ва арвоҳи муҷррад аз қабили ҷин ва шайтон вуҷуд дорад ва низ аҳволи ҷории ҷузъие дар олами кавну фасод аст), илми найранҷот (ин луғати муарраби найранг аст ва он аст, ки қувваи ғарибе аз имтизоҷи қувваи фоила ва мунфаила ва ба таври куллӣ қувваи таълифшуда байни олами акбар ва олами асғар барои судури осори матлуб ҳосил шавад), илми хавос (баҳс аз исмҳои Аллоҳ кунад, кутуби нозилшуда аз сӯйи Ӯ) илми рақӣ (баҳс аз ҳамроҳии афъоли махсусе, ки осори махсус бар он ба тартиб аст), илми азоим (кайфияти тасхири арвоҳ ва истихдоми онҳо дар мақсадҳои мухталиф аст), илми истиҳзор (ҳозир шудани рӯҳ аст дар қолаби ашбеҳ), илми даъвати кавокиб, илми фалқатирот (расми ҳуруф ва хутут ва ашколи мудаввир аст, ки тасаввури мадхалияти дар умури мухталиф меравад ва гурӯҳе таъсироти хосе барои он қоиланд), илми ахфо (кайфияти пинҳон шудан аст аз гурӯҳе), илми ҳияли сосония (илмест ба тариқи ҷалби сарват ва таҳсили амвол), илми шуъбада ва тахайюлот, илми таалluқи қалб ва истионат (ёрмандӣ).

в) улуми риёзӣ иборат аз улуми ҳандаса, илми ҳайат, илми адад ва илми мусиқӣ.

5. Ҳикмати амалӣ, ки иборат аст, аз илми ахлоқ, илми тадбири манзир, илми сиёсат. Аз фурӯъи илми ҳикмати амалӣ, илми одоби мулук, илми одоби вузаро, илми иктисоб, илми раҳбарии лашкар ва насби афсарон ва фармондеҳон.

6) Илми шаръия иборат аз илми қироат, илми ривояти ҳадис ва илми тафсири Қуръон[151].

Муҳаққиқи дигари таснифи улум Муҳаммад ибни Алии ат-Таҳонавӣ мебошад, ки илмҳоро аз рӯи тараф, мартаба ва манзалати онҳо дар ҷомеа тақсимбандӣ кардааст. Яъне, мартабаи илм ё ба шарафи мавзӯи илм аст ва ё ба шарафи ғараз ва ҳадафи он ва ё ба шарафи ҳоҷат ба он баррасӣ мешавад.

Ӯ улумро ба мудаввин ва ғайри мудаввин тақсим мекунад.

1. Улуми арабия, шомили илми сарф, илми наҳв, илми маонӣ, илми баён, илми бадеъ, илми арӯз, илми қиёфа.
2. Улуми шаръия шомил аст, бар илми калом, илми тафсир, илми қироат, илми истинод, илми ҳадис, илми усули фиқҳ, илми фароиз ва илми ҳисоб.
3. Улуми ҳақиқия: яъне улуме, ки ба тағйири милал ва адён тағйир намешаванд ва иборат аз:

а) Илми мантиқ, ки усули он аз ин қарор аст: куллиёти хамса, таърифот, тасдиқоти қиёс, бурҳон, хитоба, ҷадал, муғолата ва шеър.

б) Ҳикмат, ки мунқасим аст бар назарӣ ва амалӣ. Ҳикмати амалӣ ё ба масолеҳи фард аст, ки таҳзиби ахлоқ ном дорад ва ё илм ба

[151] Саид Муҳаммади Содиқи Саҷҷодӣ. Табақабандии улум дар тамаддуни исломӣ. Теҳрон. Ковиён.1360 . Саҳ. 156-159

масолеҳи ҷамоати муштарак дар манзил аст, ки тадбири манзил ном дорад ва ё илм ба масолеҳи ҷамоати муташорик дар мадина аст, ки сиёсати мадина ном дорад.

Ҳикмати назарӣ тақсим бар:

1) Илм ба аҳволи он чизе ки ҷудоии байни вуҷуди зеҳнӣ ва моддааш нест ва ба номи мобаъдаттабиа машҳур аст, ки баъзе онро дар ду гурӯҳ, илми куллӣ ва илми илоҳӣ тақсим кардаанд. Ақсоми илми мобаъаттабиа иборат аз умури омма, исботи воҷибулвуҷуд, исботи ҷавҳарҳои рӯҳонӣ, баёни иртиботи умури арзӣ (заминӣ) бо қувваҳои самовӣ (осмонӣ) ва низоми мумкинот.

Фурӯъи он иборат аз кайфияти ваҳй ва он ки маъқул низ маҳсуса гардад. Дуюм илм ба моъодини руҳонӣ.

2. Илми риёзӣ, ки усули он аз ин қарор аст; илми адад, илми ҳандаса, илми ҳайат, илми таълиф ё мусиқӣ.

Фурӯъи он иборат аз илми ҷамъ ва тафриқ, илми ҷабру муқобала, илми масоҳат, илми ҷарри исқол, илми зиҷот ва тақвим, илми арғунун ё тарзи гирифта доштани олоти мусиқӣ.

Фурӯъи илми ҳандаса иборат, аз илми уқуди абния, илми мунозир, илми мароё, илми исқол, илми анботи миёҳ, илми олоти ҷарбия, илми олоти рӯҳония.

3. Илми табиие, ки усули он иборат аст, аз илм ба умури аиммаи аҷсом.

Илм ба аркони олам ва ҳаракоти он, яъне илми само ва олам, илм ба вуҷуди аркон ва фасоди он, илм ба мураккаботи ғайри томма, мисли коинот, илм ба аҳволи маодин, илм ба нафси наботия, илм ба нафси ҳайвония ва илм ба нафси нотиқа.

Фурӯи илми табиӣ иборат аз, илми тиб, илми нуҷум, илми фаросат, илми таъбир, илми тилисмот, илми найранҷот ва илми кимиё.

Табақабандии дигаре, ки дар таърихи фалсафаи форсу тоҷик муҳим ва вижагии фарққунанда дорад, таснифи улум аз тарафи Қутбуддини Шерозист.

Дар табақабандии Қутбиддини Шерозӣ тартиби хосе риоят шудааст. Аввал мантиқиёт қарор дорад, ки ба ҳафт бахш тақсим мешавад.

Баъд аз мантиқиёт фалсафаи уло ҷойгир аст, ки шомили ду бахш аст ва ҳар бахш шомили чанд ҷузъ аст, ки ҳама аз аҷзо ва ҷузъиёти масоили марбут ба фалсафаи уло аст. Сипас, илми асфал ё табииёт қарор дорад.

Чи хеле ки медонем дар табақабандии арастуӣ ва пайравонаш табииёт поин аз илоҳиёт ҷойгир буд.

Қутбиддини Шерозӣ бо пайравӣ аз фалсафаи машшоъ дар зимни баррасии улуми табиӣ масоили маъданшиносӣ, гиёҳшиносӣ, ҳайвоншиносиро низ овардем ва ҳатто улуми фалакиёт, осори ҷаввӣ (ҳавоӣ)-ро дар улуми табиӣ зикр кардааст.

Илми нафс ва он чи марбут ба ҳаёти ҳайвонӣ ва инсонӣ дар ҳадди ҳайвон, ҳис, ҳаракат аст, ҷузъи улуми табиӣ омадааст ва он чи марбут ба ақл ва камолати инсонист, ҷузъи илми илоҳиёт.

Аммо илми нафс ё равоншиносӣ дар мартабаи адно (поин) ҷузъи илми табиист ва инчунин илми таъбири хоб, ваҳй, илҳом, муъҷизот, кароомот, мақомоти риёзот ҷузъи улуми табиӣ қарор доранд.

Бахши чаҳорум илми авсат ё риёзиёт аст, ки шомили бахшҳо ва аҷзои онҳост.

Бахши панҷум илми аълост, ки илми илоҳист, бояд таваҷҷуҳ дошт, ки фалсафаи уло илми аъло нест, гарчанде бисёр аз файласуфони исломӣ ин дуро яке медонад. Ҳамаи масоили ғайримоддӣ ё муҷаррадро ба маънои хоси он таҳти унвони илоҳиёт овардаанд. Ба ҳар ҳол ба таври куллӣ Қутбуддини Шерозӣ низомоти фалсафаи машшоӣ ва Ибни Синоро риоят кардааст.

Қутбиддуни Шерозӣ улуми шеърро аз лиҳози фаслбандӣ дар хотима қарор додаст, ки шомил илми калом, фиқҳ, ибодат,

ахлоқиёт, ирфониёт аст ва барои адабиёт мавқеияти ҷудогона надодааст, зеро адабиёт аз назари уламо ва ҳукамои исломӣ муқаддима барои таълим ва омӯзандагии улум ва фанҳои дигар аст.

Чи тавре ки ба ин табақабандӣ назар мекунем, аввалан равиши табақабандии фалсафаи юнонӣ риоя шудааст ва то ҳадде хостаанд, ҳама улумро таҳти фалсафа қарор диҳанд ва сониян ҷанбаҳои амалии онҳо камтар мавриди таваҷҷуҳ аст, ба ҷуз аз ибодат ва ахлоқиёт, аммо бештари таваҷҷуҳ ба ҷанбаҳои назарӣ шудааст, ки илм барои камол ва фазилат равона мешавад, яъне ба донистан ва надонистани ҳудуди илм маҳдуд мешавад, ки аз ҷанбаҳои заифи илмҳои фалсафаи асримиёнагист, ки илмро тобеи схоластикаи динӣ месозад ва то ба ҳол чунин назарро баъзе аз муҳаққиқон ҷонибдорӣ мекунанд.

Ҳатто мулоҳиза мешавад, ки тиб ҳамчун илми амалӣ ҷойгоҳи ҷудогона дар таснифи улуми асримиёнагӣ надорад.

Гарчанде Абӯнаср Форобӣ, Ибни Сино, Закариёи Розӣ ва Абӯрайҳон Берунӣ "пойро аз ин ҳад берун ниҳодаанд" ва бисёре аз фанҳоро ба таври мустақил мавриди баррасӣ қарор доданд, мисли сиёсат, ахлоқ ва дигар улумро, лекин ин ҷойгоҳи хосе дар таснифи улум то асри ХХ дар кишварҳои исломӣ, аз ҷумла Осиёи Марказӣ надоштааст.

Абӯрайҳони Берунӣ, ҳамчун риёзидон ҷомеашинос ва ҷуғрофидон таснифи улумро нисбат ба файласуфони машшоии шарқи исломӣ ба тарзи дигар пешниҳод месозад.

Ӯ донишманде аст, ки қонуни илми ҷуғрофияро биниҳод, усули мантиқи риёзиро ба даст овард ва дар роҳи улуми таҷрибӣ гом гузошта, саъй кардааст, илмро дар хидмати башар қарор диҳад. Гарчанде мунаҷҷими моҳире буд ба илми нуҷум ва тақвим эътиқоде надоштааст ва ин амр аз тафаккури амиқи илмии ӯ бозгӯст.

Тафаккури мантиқии ӯ дар табақабандии улум аз феҳрасте, ки барои «кутуби Розӣ» ва баъд кутуби худ навиштааст ба хуби рушан аст.

Вай пас аз ин ки «Кутуби Розӣ»-ро бар ҳасби мавзуъот табақабандӣ кардааст, табақабандии худро ба чунин тарз пешниҳод месозад.

Нахуст он чиро марбут ба илми ҳисоб ва риёзиёт аст меоварад ва сипас улуми марбут ба физика, манозир ва мароё ва ончӣ марбут ба олот ва амал, замон ва вақтшиносӣ, нуҷум ва ҳайат ва калом ва ақоид аст меоварад.

Вай дар феҳрасти кутуби Розӣ навъе аз силсиламаротибро риоя мекунад, ки улуми табиӣ ва тиббиро якҷо ном мебарад ва улуми фалсафӣ ва каломро таҳти унвони ҷудогона баррасӣ мекунад.

Дар боби маърифат низ назариёти хосе дорад ва мантиқи арастуиро усулан муфид намедонад ва бо таъна аз он ном мебарад ва тафаккури риёзиро муқаддам медорад ва онро ягона роҳ барои расидан ба ҳақиқат медонад. Вай бар ин ақида аст, ки аз роҳи мантиқи арастуӣ, на ба дин метавон расид ва на ба дунё. Роҳи расидан ба дунё улуми риёзӣ ва таҷрибист ва роҳи расидан ба уқбо (охират) кашф ва шуҳуди ишроқист. Фалсафаи уло на инсонҳоро ба ҳақиқати мутлақ мерасонад ва на ба ҳақиқати нисбӣ.

Мантиқи арастуӣ аз назари Берунӣ як буъде (гиреҳе) аст, ки инсонро дар долони торик ва борик ба суи зулмот роҳнамоӣ мекунад. Ин зулмот на ибтидо дорад ва на интиҳо. Закариёи Розиро Берунӣ танқид карда гӯяд, ки тибби ӯ мардумро хароб ва зоеъ кардааст ва ҳам дини мардумро. Агар Розӣ танҳо ба тиб машғул мешуд, хидмати беҳтаре метавонист ба ҷомеа намояд. Фалсафаи Розӣ ақоиди монавиён аст, ки сардаргум ва печидааст[152].

Тақсимбандии дигаре, ки таснифоти улумро дар таърихи улуми мо бо

[152] Саид Муҳаммади Содиқи Саҷҷодӣ. Табақабандии улум дар тамаддуни исломӣ. Теҳрон. Ковиён.1360 . саҳ. 174-176

китобшиносӣ рабт медиҳад, ин таснифи улуми Исҳоқ ибни Надим донишманд ва китобшиноси қарни чорум мебошад. Ӯ дар шоҳкории хуб «Китоб ал-феҳраст» аввалин нафарест, ки дар таърихи тамаддуни исломӣ таснифи улумро ба роҳ мондааст. Шуғли ӯ варроқӣ буда, ба тамоми мавзӯъоти улуми замон ошноӣ доштааст ва кутуб ва расоиле, ки дар ҳар фанне вуҷуд доштааст ва ҳатто ба китобҳо ва рисолаҳо ва фанҳое, ки марбут ба милал ва адёни мухталифи бостонист, ҷамъоварӣ кардааст.

Вай китоби худро таҳти унвони даҳ мақола танзим кардааст ва ҳар мақоларо ба чанд фан ихтисос додааст.

Мақолаи аввалро ихтисос ба китобҳои динӣ, луғат ва забонҳои мухталиф ва билохира бо улуми қуръонӣ додааст.

Мақолаи дуюм ихтисос ба улуми адабӣ, арабӣ, наҳв ва луғат дорад.

Мақолаи сеюм дар таърихҳо ва одаб ва сират аст.

Мақолаи чаҳорум ба маънии хос, яъне шеър ва шоирӣ аст.

Мақолаи панҷум калом ва таърихи мутакаллимон аст.

Мақолаи шашум дар боби фиқҳ ва кутуби фақеҳӣ ва фақеҳон аст.

Мақолаи ҳафтум ихтисос ба улуми фалсафӣ дорад.

Мақолаи ҳаштум дар улуми ғариба аст.

Мақолаи нуҳум дар милал ва ниҳал ва эътиқодоти таърихист.

Мақолаи даҳум ихтисос ба кимёгарон, аҳли санъат ва ҳирфат дорад.

Ин тасниф бештар тартиби таърихӣ дошта, аҳёнан тартиби таълимиро низ дорад, яъне аз забон ва адабиёт шурӯъ мешавад ва ба ҳирфаву санъатҳо поён мепазирад.

Баъд аз забон ва адаб улуми қуръонӣ қарор дорад ва ин равиши маъмулии ҳамон замон аст.

Усулан ҳадафи аслии донишмандони асрҳои миёна аз омӯзиши улум расидан ба саодати ухравист, аз ин сабаб ҳаст, ки табақабандии онҳо аз улуми мазҳабӣ ва шаръӣ, ки муҷиби расидан ба саодати ухравист, сарчашма мегирад.

Улуми моддӣ ва он чӣ марбут ба ақли маош будааст, дар мартабаи дуюм қарор доштааст ва камтар ба он таваҷҷуҳ мешавад[153].

Чунин тақсимоти улум то барпо шудани Иттиҳоди Шӯравӣ дар тамоми мадрасаҳои Осиёи Миёна аз он ҷумла Бухоро, Самарқанд, Хоразм, Водии Фарғона, Хуҷанд, Қуқанд, Тошканд ва дигар минтақаҳои Осиёи миёна роиҷ буд.

Хулосаи таснифи улум аз ибтидо ҳамеша дар таърихи улум ҳамчун методология барои ҷудо сохтани мавзӯъҳо, масъалаҳо, назарияҳо ва қонунмандии ҳар як илм муҳим буд ва имрӯз низ он ин муҳимияти худро аз даст надодааст.

Агар ба таври куллӣ бар табақабандиҳои улуми мухталиф дар тӯлии тамаддун ва фарҳанги исломӣ таваҷҷуҳ кунем, риояти силсиламаротиби лозим ва мантиқӣ дар ин табақабандӣ нашудааст. Он тавре ки дар имрӯз улумро ба сурати хос, яъне барқарории навъе силсиламаротиб дар ҷиҳати куллияти тадриҷан шакл гирифтан ва ё ба таври ҷузиёти мавзӯӣ аз боло табақабандӣ шуда, ба поин омадааст, тасниф нашудааст.

Аммо мактаби машшоии шарқӣ таснифи улумро бо эҷодкорӣ бар асоси ҳамон мантиқи арастуӣ, навъе табақабандии мантиқиеро риоя карданд, ки то ба имрӯз арзиши худро гум накардааст ва ҳамчун яке аз сарчашмаҳои муҳим дар омӯзиши таърихи табақабандии илмҳои асрҳои миёнаи тоҷик мавриди омӯзиш қарор дорад. Чунин тақсимбандӣ сабаб гашт, ки чандин илм аз батни илмҳои мавҷудаи ҳар марҳила берун ояд.

---

153 Саид Муҳаммади Содиқи Саҷҷодӣ. Табақабандии улум дар тамаддуни исломӣ. Теҳрон. Ковиён.1360 . Саҳ. 176-178

Ин навъ табақабандиҳо ҳам ҷанбаи мантиқӣ дорад ва ҳам ҷанбаи таърихӣ, гарчанде дар табақабандиҳои даврони исломӣ ба назар гирифта нашудааст. Аммо навъе аз силсиламаротиб, ки созгор бо тарзи тафаккури хоси донишмандони исломӣ аст, дар дохили ин таснифот риоя шудааст.

Дар табақабандиҳои исломӣ ҳамаи улум ва ҳатто адабиёт ва ҳуқуқ ҷузъи улум ба ҳисоб меояд, аммо ҷанбаи таърихи ҳар улум ва тарзи ташаккули он ба ҳисоб гирифта намешавад, танҳо баъди асри ҳашти ҳиҷрӣ Ибни Халдун таърихро ҳамчун илм медонад. Қонуният низ дар табақабандии даврони исломӣ ба ҳисоб гирифта намешуд.

Дар табақабандии асри ҳозир таърихи улум ҳамчун илм ба ҳисоб рафта, усул ва методологияи илмҳоро баррасӣ месозад.

# ПЕШНИҲОДҲО ВА ЭЪЛОНҲО

## Рушди илму маорифи Тоҷикистон

Рушди соҳаҳои илму маориф яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатиро дар Тоҷикистон ташкил медиҳад. Муҳимтарин нуктаҳои идеологӣ ва стратегии рушди соҳаи илму маориф дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (23 апрели соли 2014; http://www.president.tj/node/6598), Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба Рӯзи Дониш (1 сентябри соли 2014; http://president.tj/node/7366) ва қарору қонунҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ ифода гардидаанд. Барои ба ин мақсади воло ноил шудан корҳои бисёре анҷом дода мешаванд. Ташаббуси навбатии Президенти Тоҷикистон барои дар 7 соли оянда сафарбар кардани 27 миллиард сомонӣ дар ин соҳа далели ин гуфтаҳост. Дар Паёми худ, Президент ин ташаббусро чунин шарҳ медиҳад: “Маҳз ба ҳамин хотир, ки маориф соҳаиояндасози ҳаёти кишвар мебошад, мо ба нақша гирифтаем, ки бо мақсади ҳалли масъалаҳои таълиму тарбияи насли навраси халқамон ва умуман ҷиҳати таъмин намудани рушди соҳаи маориф ва беҳтар гардонидани таъминоти иҷтимоии аҳли маориф дар 7 соли оянда 27 миллиард сомонӣ ҷудо намоем”.

Дар ин ҷо тавсияҳои иловагиеро пешниҳод мекунем, ки ин ташаббусро тақвият дода, сарчашмаҳои иловагии маблағгузории соҳаро мушаххас мекунанд. Бояд таъкид намоем, ки усулан ин тавсияҳо аз пешниҳодҳои худи Президент бармеоянд, ки дар ин ду баромадаш изҳор кардааст. Чуноне ки худи Президент дар суханронияш дар Рӯзи Дониш қайд кард, дар шароити кунунии афзоиши хатарҳои воқеии ҷаҳонӣ “Бетарафӣ хиёнат аст ва ҳар як нафар шаҳрванд масъулияти баланди шаҳрвандияшро дар бобати ба роҳи дуруст ҳидоят намудани насли наврас ва ҷавонон бояд зоҳир намояд”.

Танҳо мамлакатҳое давраи гузаришро бомуваффақ аз сар мегузаронанд, ки ба соҳаҳои илму маориф маблағи бештар ҷудо мекунанд. Мисолҳои бебаҳс Япония ва Олмони баъди Ҷанги Дуюми Ҷаҳон мебошанд, ки имрӯз аз ҷиҳати индекси рушди инсон, таъминоти кадрӣ ва технология ва иқтисоди донишбунёд дар ҷаҳон дар ҷойи намоён қарор доранд. Сабаби комёбии чунин сиёсат ба чанд омил бастагӣ дорад. Аз як тараф, дар давраи гузариш аксарияти аҳолӣ ба кӯмак ва дастгирии маънавӣ, тағйир ва такмили дониши касбию ихтисосӣ ва бознигарии тасаввуроту ҷаҳонбинӣ ниёз доранд. Аз тарафи дигар, бо сабаби буҳрони иқтисодӣ ва нобасомониҳои сиёсию иҷтимоии давраи гузариш бисёри мардум бекор мемонанд ва ё ҳолати равонию иҷтимоии онҳо имкон намедиҳад, ки ба ҳаёти осоишта баргарданд. Ин хоси ҷомеаҳои алоҳида нест, балки вижагии асосии давраи гузариш дар ҳама кишварҳо ба шумор меравад. Дар тӯли даҳсолаҳои охир Тоҷикистон на як, балки ду давраи ногувор ва ноҳамвори гузаришро аз сар гузаронд. Нахуст, Иттиҳоди Шӯравӣ пош хурд ва пасон, ҷанги шаҳрвандӣ ба вукуъ пайваст, ки оқибатҳои равонӣ ва иҷтимоии он то ҳанӯз эҳсос мешаванд. Яке аз оқибатҳое, ки ҳоло ҳам дар рӯҳияи бархе аз аҳолӣ мушоҳида мекунем, ҷустуҷӯи роҳи ҳалли ғайриосоиштаи мушкилиҳои мавҷудаи ҷомеа мебошад.

Чораҳои зарурӣ барои рушди соҳаҳои илму маориф, махсусан фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби кадрҳои болаёқат, пешгирии падидаи фирори мағзҳо, сохтани заминаи мусоиди таҳқиқоти илмӣ, муттаҳид кардани илму маориф ва ба марказҳои истеҳсолӣ табдил додани муассисаҳои таълимию таҳқиқотӣ кафолати

асосии пешрафт ва сулҳу субот дар Тоҷикистон мебошанд. Барои ин, ҳукумати мамлакат бояд мусоидат намояд, ки ба ғайр аз захираҳои буҷавӣ сармояҳои ғайрибуҷавӣ низ ҷалб карда шаванд. Дар охири ин матлаб мо тавсияҳои мушаххаси худро барои ҷалби сарчашмаҳои буҷавӣ ва ғайрибуҷавӣ барои рушди соҳаҳои илму маорифи кишвар пешниҳод мекунем.

Ин ҷо мехоҳем бори дигар чанд самти афзалиятноки рушди соҳаҳои илму маорифро дар Тоҷикистон ба таври зер муайян карда, роҳҳои расидан ба онҳоро пешниҳод намоем:

- бартараф кардани нобаробарии дастрасӣ ба илму маориф ва касбомӯзӣ махсусан дар байни писарону духтарон;
- таъсиси марказҳои озмоишӣ ва истеҳсолӣ дар назди муассисаҳои таълимӣ ва касбомӯзӣ;
- ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ ва ҳувияти миллӣ;
- тақвияти забони давлатӣ чун забони илму маориф;
- омӯзиши забонҳо ва технологияҳои илм;
- рушд ва татбиқи технологияҳои нав;
- бозомӯзии фарогири калонсолон;
- таъсиси марказҳои модар ва кӯдак;
- бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси омӯзгорон;
- баландбардории мақоми омӯзгорон дар ҷомеа;
- таъсиси Бунёди рушди илму маориф;

Яке аз самтҳои афзалиятнок барои рушди илму маориф тадриҷан аз байн бардоштани нобаробарии дастрасӣ ба илму маориф дар байни писарону духтарон мебошад. Ин масъаларо Президенти кишвар низ дар суханронии худ дар Рӯзи Дониш зимни ҷамъбасти натиҷаҳои имтиҳонҳои марказонидашудаи довталабон дар Маркази тестии миллӣ баён намуд. Бо ин мақсад, зарур аст, ки ҳукуматҳои маҳаллӣ, ҷамоатҳо ва маҳаллаҳо чи дар деҳот ва чи дар шаҳрҳо иштироки писарону духтаронро дар ҷараёни таълим назорат кунанд. Таҳсилоти миёнаи пурра бояд ҳатмӣ карда шавад ва танҳо баъди хатми синфи 11 шиноснома дода шавад. Дар сурати иҷро накардани ин муқаррарот, пеш аз ҳама, падару модар ҷавобгар мебошанд. Омӯзгороне, ки ҳукумати маҳаллиро аз чунин ҳодисаҳо огоҳ намекунанд, дар баробари падару модар ҷавобгар мешаванд. Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд амнияти ҳаррӯзаи духтаронеро, ки дар мактабҳои олӣ, касбӣ ва такмили ихтисос дар шаҳру ноҳияҳо таҳсил мекунанд, таъмин намоянд. Ин духтарон бояд имтиёзи дастрасӣ ба хобгоҳ, идрор, шуғлҳои муваққатӣ ва дигар намуди дастгириҳои иҷтимоии давлатӣ ва ғайридавлатӣ дошта бошанд. Вазоратҳои маориф ва шуғли аҳолӣ бояд дар ҳамдастӣ роҳҳоеро ҷустуҷӯ кунанд, ки ҷалби ҷавондухтарон ба муассисаҳои таълимӣ ва касбомӯзӣ ба маънои таъмини бардавоми онҳо ба ҷойи кор бошад. Бо ин мақсад, таҳсилоти миёнаи тиббӣ, хизматрасонии ҷамъиятӣ ва коргузории идорӣ барои ҷавондухтарон омӯзонда мешаванд. Бо ин роҳ, онҳо соҳиби дониши илмӣ ва касбӣ гардида, ба меҳнати созанда машғул мешаванд.

Яке аз вазифаҳои марказии соҳаҳои илму маориф ташкил кардани ҷойи кор мебошад. Он махсусан қишри пешбарандаи ҷомеаро ба кори доимӣ ва шоиста таъмин карда, қисмати бузурги аҳолиро ба таҳсили мактабӣ, касбомӯзӣ ва такмили ихтисоси баъдимактабӣ ҷалб мекунад. Бо ин мақсад муассисаҳои таълимӣ, такмили ихтисос ва касбомӯзӣ дар деҳот ва шаҳрҳо афзоиш дода мешаванд. Ин самти сиёсати давлатӣ дар соҳаи илму маориф на фақат аҳолиро босавод ва соҳибкасб мекунад, балки онҳоро ба шуғли донишандӯзӣ ва касбомӯзӣ таъмин карда, пеши роҳи пайвастшавии онҳоро ба ҳаракатҳои иртиҷоии сиёсӣ ва динӣ мегирад.

Бо мақсади тақвияти ин самт зарур аст, ки дар назди муассисаҳои таълимӣ ва касбомӯзӣ марказҳои таҷрибаомӯзӣ, озмоишӣ ва истеҳсолӣ таъсис ва машғулиятҳои амалӣ афзоиш дода шаванд. Ин нуктаро Президенти Ҷумҳурӣ дар суханронияш дар Рӯзи Дониш махсус таъкид карда буд. Аз ин роҳ ба ҳам овардани илму маориф ва истеҳсолот боиси ҷалби бештари ҷавонон ба ин муассисаҳо гардида, шароити таъмини онҳо бо кори доимӣ ва барномаҳои дастгирии иҷтимоӣ фароҳам оварда мешавад. Дар ин самт маҳдудият гузоштан ба шумораи донишҷӯён ва ба барномаҳои иҷтимоӣ барои дастгирии онҳо дар дарозмуддат мусоид нахоҳад буд. Чунин маҳдудкунӣ боис мешавад, ки бисёри ҷавонони лаёқатманд барои таҳсил ва касбомӯзӣ ба хориҷи кишвар мераванд ва ин аст, ки мо имрӯз падидаи ба истилоҳ "фирори мағзҳо"-ро мушоҳида мекунем. Хатари ба гурӯҳҳои тундгаро пайвастани ҷавононе меафзояд, ки дар нимароҳ мемонанд: ё бекор ҳастанд ва ё аз идомаи таҳсил дар мактабҳои олӣ маҳрум мегарданд. Ба шуғли доимӣ ва даромаднок табдил додани муассисаҳои касбомӯзии кишвар роҳи асосии мубориза бо падидаҳои номатлуби замони муосир, аз он ҷумла тундгароии динӣ ба шумор меравад. Дигар роҳҳо ё самаранок нестанд ва ё хароҷоти зиёдро талаб карда, вале дар дарозмуддат таъсиргузор нестанд.

Як кори муҳиме, ки махсусан муассиаҳои касбомӯзӣ дар ин самт карда метавонанд, ҷалби шаҳрвандоне мебошад, ки ба истеҳсолот машғуланд. Махсусан, соҳибкорон ва тоҷироне бояд ҷалб карда шаванд, ки таҷрибаи ҳамкорӣ бо истеҳсолкунандагони хориҷӣ (чинӣ, эронӣ ва ғайра) доранд. Ҳукумати Тоҷикистон бояд дар пеши онҳо вазифа гузорад ва дар айни ҳол барномаҳо ва озмунҳои дастгирии грантӣ таъсис диҳад, ки онҳо дар назди муассисаҳои касбомӯзӣ сеху корхонаҳои хурд созанд. Онҳо истеҳсоли ҳама намуд ашё ва маҳсулоти мавриди ниёзи мардумро, ки аз хориҷа ворид мекунанд, дар ин муассисаҳо бо истифода аз қувваи корӣ ва эҷодии таҳсилкунандагон ба роҳ монанд. Ҳукумати Тоҷикистон бояд ба бозор роҳ ёфтан ва рақобатпазир шудани ин маҳсулот мусоидат намояд. Баъзеҳо шояд хурда гиранд, ки рақобатпазирӣ вобаста ба сифат аст. Аммо таҷрибаи тиҷоратии Чин нишон медиҳад, ки дар бозори ҷаҳонӣ сифат аҳамияти дуюмдараҷа дорад. Аз ин ҷиҳат ҳам, ҳукумати кишвар вазифадор аст, ки бозорҳоро танзим кунад ва стандарти муайяни нарх ва сифат барои маҳсулоти воридшаванда ҷорӣ намояд.

Ҷалби соҳибкорону тоҷирон ба барномаҳои таҷрибаомӯзӣ ва истеҳсолии муассисаҳои касбомӯзӣ метавонад барои ба самти мақсаднок равона кардан ва дар муҳлати кӯтоҳ ба иҷро расидани Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи "Барномаи давлатии таъмини муассисаҳои таълимию илмии ҷумҳурӣ бо кабинетҳои фаннӣ, озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ ва илмию таҳқиқотӣ барои солҳои 2011-2015" мусоидат кунад. Президент дар суханронии худ дар Рӯзи Дониш изҳори ташвиш кард, ки барномаи мазкур ба таври лозима амалӣ намешавад: "То анҷоми барнома вақти кам мондааст ва дар сурати харидорӣ нагардидани озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ иҷрои қарор дар муҳлати муқарраргардида ғайриимкон мегардад". Ба марказҳои истеҳсолоти миллӣ табдил додани муассисаҳои касбомӯзии Вазорати шуғли аҳолӣ ва дар ин ҷараён ҷалб кардани соҳибкорону тоҷирон имкониятҳои маблағгузории озмоишгоҳҳо ва ё дастгоҳҳои таҷрибавӣ ва истеҳсолиро афзоиш медиҳад. Озмоишгоҳҳо ва дастгоҳҳое харидорӣ мешаванд, ки ба талаботи истеҳсолӣ мувофиқ ҳастанд ва истифодабарандагону истеҳсолкунандагон ба онҳо ошноии пешакӣ доранд. Албатта, ин як самти амалисозии

Барнома мебошад. Самти дигари Барнома ба ҳадафи ташаккули ҷаҳонбинии илмии мактаббачагон марбут аст. Мактабҳои таҳсилоти умумӣ бо озмоишгоҳҳо, дастгоҳҳо ва асбобҳои аёние таъмин мешаванд, ки барои амиқ кардани дониши онҳо аз рӯи фанҳои дақиқ, кишваршиносӣ, таърих, фалсафа ва ғайра кӯмак мекунанд.

Шумора муҳим аст, вале он худ аз худ сифатро муайян намекунад. Барои ҳамин, самти аз ҷиҳати сифатӣ афзалиятноки рушди илму маориф ба *ташаккули ҷаҳонбинии илмии* шаҳрвандони кишвар, бахусус кӯдакон, наврасон ва ҷавонон, ки ба муассисаҳои гуногуни таълимӣ ҷалб мешаванд, равона мегардад. Ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ, афзалият додан ба илму дониш ва аз худ кардани касбу ҳунарҳои замонавӣ вазифаи марказии муассисаҳои таълимӣ ва таҳқиқотӣ ба шумор меравад. Он ба таъмини амнияти миллӣ дар ҷаҳоне, ки хатарҳои терроризм ва экстремизм рӯ ба афзоишанд, мусоидат мекунад. Президент ҳам дар Паёмаш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам дар суханрониаш дар Рӯзи Дониш баён карда буд, ки мактабу маориф омили муҳимтарини таъмини амнияти миллӣ ба шумор меравад.

Барои ба ин мақсад ноил шудан зарур аст, ки соҳаи маориф, пеш аз ҳама, барои *фарогирии ҳамагонии таҳсилоти миёнаи умумӣ ва касбӣ* таваҷҷуҳ намояд, то ки аз ин роҳ ҷаҳонбинӣ ва дастовардҳои илмӣ ҳар чӣ бештар тавсеа ёбанд. Ин то андозаи назаррас боиси коҳиш ёфтани хурофотпарастӣ, дингарой ва аз байн рафтани гаравиши онҳо ба гурӯҳҳои тундрав мегардад, ки ба сатҳи баланди бесаводӣ ва бекорӣ вобастаанд. Сармоягузорон ва соҳибкоронро зарур аст, ки ба ҷойи сохтани масҷиду мадрасаҳои динӣ ва қасрҳои пурҳашамати хусусӣ ба таъсиси марказҳои касбомӯзии ҷавонон, такмили ихтисосҳои омӯзгорон ва бозомӯзии фарогири калонсолон машғул шаванд.

Муҳит ва фазосозии илмӣ-маърифатӣ дар хонавода ва муассисаҳои томактабӣ тавассути ҷалби коршиносону мутахассисони варзида ба корҳои тарғиботӣ-ташвиқотӣ дар маҳдудаҳои таълимӣ-таҳсилотӣ ба роҳ монда мешавад. Барои ба таври касбӣ ба роҳ мондани чунин фаъолиятҳо афзоиш додани *Марказҳои модару кӯдак* дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат ва барномаҳои ҳамсони телевизионӣ ва расонаӣ зарур аст. Онҳо ба таври ройгон ва ё имтиёзнок хизматрасониҳои касбии варзишӣ, фароғатӣ, омӯзишӣ ва машваратӣ барои кӯдакон ва волидони онҳо пешкаш мекунанд.

Заминаи дигари ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ ва аз ин роҳ, таъмини ваҳдату амнияти миллӣ *афзоиш додани силсилаи фанҳои гуманитарӣ* ва устодони дорои ҷаҳонбинии илмӣ дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, касбӣ ва олӣ мебошад. Ба барномаи таълимии мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, касбӣ, такмили ихтисос ва марказҳои бозомӯзӣ фанҳои мантиқ, фалсафа, зебоишиносӣ ва равоншиносӣ ба таври ҳатмӣ ворид карда мешаванд. Ин фанҳоро метавон аз ҳисоби соатҳои дарсии дигар фанҳо ҷорӣ кард. Масалан, Ибни Ровандӣ, Закариёи Розӣ, Ибни Сино, Носири Хусрав, Умари Хайём ва дигарон на дар фанни адабиёт, балки дар фанни фалсафа омӯхта мешаванд. Омӯзиши фанҳои гуманитарӣ аз синфҳои болоии мактаби миёна оғоз мегардад.

Яке аз масъалаҳои бисёр муҳими соҳаи маориф, ки Президент дар Рӯзи Дониш таъкид кард, марбут ба барномаҳои таълимии курсҳои бозомӯзии касбӣ ва такмили ихтисоси омӯзгорон мебошад. Аз як тараф, бояд шумораи ҳарчӣ бештари муаллимон ба ин курсҳо фаро гирифта шавад. Аз дигар тараф, зарур аст, ки худи ин барномаҳо таҷдиди назар шаванд.

Яке аз самтҳои фаъолияти марказҳо ва барномаҳои таълимии *курсҳои бозомӯзии*

*касбӣ ва такмили ихтисоси омӯзгорон* метавонад семинар-машваратҳои илмӣ ва методӣ бошад. Барои ҳарчӣ бештар фаро гирифтани омӯзгорон ташкили семинару вохӯриҳо дар муассисаҳои таълимӣ доир ба масъалаҳои умдаи ҷаҳонбинии илмӣ ва равандҳои ҷаҳони муосир ба мақсад мувофиқ мебошанд. Ин гуна семинару вохӯриҳо бояд ба ташаккули биниши илмии омӯзгорони синну соли гуногун саҳм гузоранд.

Марказҳо ва коммиссияҳои босалоҳияти методӣ ва илмӣ ва ҳамчунин мақомоти амниятии кишвар дар бартараф кардани камбудиҳо ва каҷравиҳо дар ҷараёни таълиму тарбия ва таҳқиқоти илмӣ, ки хилофи талаботи илмӣ, методӣ ва идеологӣ мебошанд, фаъолияти пайваста ва густарда мебаранд. Яке аз чунин тамоюлҳои зидди талаботи илмӣ, методӣ ва идеологӣ *динишавӣ (теологизатсия)-и илмҳои дақиқ, табиӣ ва махсусан, гуманитарӣ* мебошад.

Барои тақвият ва густариши ҷаҳонбинии илмӣ дар доираи васеи аҳолӣ марказҳои таълимӣ ва илмию таҳқиқотии кишвар фаъолияти *марказҳои равоншиносӣ,* такмили ихтисоси омӯзгорон, бозомӯзии калонсолон ва ҷамъияту иттиҳодияҳои тарғиботи дунявият ва ҷаҳонбинии илмӣ (ҳамсони Ҷамъияти “Дониш”-и даврони шӯравӣ) ба роҳ монда мешавад. Махсусан, афзоиш додани марказҳои маслиҳати равоншиносӣ ва ҳуқуқӣ тадриҷан хизматрасониҳои динӣ ва ҷодугариро аз байн мебарад. Таҳқиқоти равоншиносии ҳодисаҳои экстремалӣ (худкушӣ, тақдирпарастӣ, фанатизм, ҷиноятҳои муташаккил ва вазнин) ва ҳамзамон, чораандешиҳои умумиҷамъиятӣ дар асоси чунин омӯзишҳо боиси маҳдуд гардидани дингароӣ, хурофотпарастӣ ва каҷфаҳмиҳо дар ҷомеа мегардад.

Барои густариши ҷаҳонбинии илмӣ *ҷамъиятҳо ва иттиҳодияҳои тарғиботи дунявият ва ҷаҳонбинии илмӣ* ташкил карда мешаванд. Тавассути онҳо омӯзгорон ва олимон ба ноҳияҳо рафта, аҳолиро бо дастовардҳои навтарини илму техника шинос намуда, ҳодисаҳо ва воқеаҳои ҷаҳони муосирро ба мардуми дурдасти деҳот мефаҳмонанд. Ҳамчунин, аз қудрат ва имкониятҳои иттиҳодияҳои ҷамъиятие, ки ба масъалаҳои технологияҳои нав, мушкилоти экологӣ, ҳамкории иҷтимоӣ, ташаббуси шаҳрвандӣ ва машварати равоншиносию ҳуқуқӣ сарукор доранд, истифода бурда мешавад. Ба онҳо иҷозат дода мешавад, ки дар байни мардуми минтақаҳои гуногуни кишвар, тавассути расонаҳо (аз он ҷумла интернет) ва ҳатман ба забони давлатӣ ва дигар забонҳои маҳаллӣ фаъолияти васеъ ба роҳ монанд.

Мактабу омӯзишгоҳҳо ва марказҳои дигари таълимию касбомӯзӣ ва фарҳангӣ бояд дар *ташаккули сулҳу субот, ваҳдат ва ҳувияти умумимиллӣ* саҳмгузорӣ кунанд. Бо ин мақсад, дар мактабҳои миёна ва касбӣ фанни “Кишваршиносии Тоҷикистон ва Осиёи Марказӣ” ва дар мактабҳои олӣ курсҳои омӯзиши забонҳои зиндаи эронӣ ва дигар забонҳои мардумони минтақа ҷорӣ карда мешавад. Фанни Кишваршиносӣ дар заминаи География барои синфҳои болоӣ таҳия ва ҷорӣ карда мешавад. Дар таркиби фанни Забони модарӣ дохил кардани машғулиятҳои алоҳидаи луғатшиносӣ ва типологияи муқоисавӣ доир ба забонҳои эронӣ ба мақсад мувофиқ аст. Дар айни замон, фанҳои кишваршиносӣ ва забономӯзӣ бояд сомонаҳои интернетӣ дошта бошанд ва тавассути расонаҳо тарғибу ташвиқ шаванд. Ин гуна чорабиниҳо боиси он мегарданд, ки аллакай дар хурдсолӣ шаҳрвандони Тоҷикистон дар бораи маҳаллу минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон, расму ойинҳо ва забону гӯишҳои онҳо маълумот пайдо кунанд. Бар замми машғулиятҳои дарсии минтақашиносӣ ва забономӯзӣ, ташкил кардани сафарҳои виртуалӣ ва туризми таълимию фарҳангӣ дар минтақаҳои

гуногуни кишвар ба афзоиши худогоҳии миллӣ ва дар зимн, аз зеҳн дур кардани таассуботи маҳалгароӣ ва мазҳабӣ мусоидат мекунад.

Дар баробари омӯзиши забони тоҷикӣ ҳамчунин давлатро зарур аст, то аз омӯзиш ва ҳифзи забонҳои бадахшонӣ ва яғнобӣ ҳимоят кунад, зеро забонҳои мазкур бозгӯкунандаи собиқаи таърихии миллати тоҷик дар сарзамини Осиёи Миёнаанд ва ин яке аз далелҳоест бар алайҳи пантуркизм ва ҷараёнҳои дигаре, ки тоҷиконро туркҳои форсигӯй меҳисобанд. Ҳамчунин, зинда нигоҳ доштани забонҳои мазкур имконият фароҳам меоварад, то минбаъд низ сарчашмаҳои таърихии тоисломӣ (форсии қадиму миёна) ба осонӣ мавриди омӯзиш қарор гиранд. Баръакси ҳол, қудратҳои ҷаҳонӣ манфиатдоранд, то онҳоро ҳамчун ақаллият эътироф кунанд ва куллан бегона аз тоҷикият муаррифӣ намоянд. Гоҳо муғризона мардуми Бадахшонро ҳамчун ақаллият ва ҳувияти бадахшониро бегона аз тоҷикият талқин менамоянд. Дар асл, мардуми Бадахшон ва Яғноб тоҷикони асилеанд, ки дар гирудорҳои таърихи дароз забонҳои қадимии моро нигоҳ доштаанд ва ҳеч гоҳ онҳо ақаллият ё мардуми ғайритоҷик набуданду нестанд. Тақсимоти сунъӣ ва ғаразнок барои ноамниву бесуботии кишвар аз тарафи гурӯҳҳои манфиатхоҳ мавриди истифода қарор мегирад.

Самти дигари афзалиятноки рушди соҳаҳои илму маорифи Тоҷикистон *ба забони давлатӣ ба роҳ мондани таълиму таҳқиқ* мебошад. Фанҳои таълимӣ ба забони давлатӣ таълим дода мешаванд ва дастовардҳои илмии олимони тоҷик ба ин забон таълиф ва нашр мешаванд. Дар айни замон, тарҷума ва чопи асарҳои муҳимми илмӣ ба забони тоҷикӣ барои ба вуҷуд овардани ҷаҳонбинии илмӣ ва заминаи рушди ҷомеаи тоҷик муассир аст.

Барои он ки забони тоҷикӣ равону фаҳмо ва осонфаҳм бошад, он аз майлонҳои афзояндаи арабишавӣ, туркишавӣ ва жаргонҳои маҳаллӣ нигоҳ дошта мешавад. Сарчашмаҳои полудан ва софу пок намудани ин забон Шоҳномаи Фирдавсӣ ва шеваву гӯишҳои маҳаллии эронӣ мебошанд. Дар ҷодаи истилоҳсозӣ ҳамаи ниҳодҳои илмию таълимӣ ва олимони мутахассиси соҳаҳои алоҳида иштирок карда метавонанд. Вазифаи марказҳои забону истилоҳот аз он иборат аст, ки раванди истилоҳсозӣ ва тасдиқи онро барои доираи васеи корбурд назорат намояд. Истилоҳоти илмию техникӣ дар заминаи сарчашмаҳои забони тоҷикӣ, луғатномаҳои забонҳои қадима ва зиндаи эронӣ ва ҳамчунин фонди луғавии байналмилалӣ тартиб дода мешаванд. Мафҳуму истилоҳоти байналмилалии илму техникае, ки аз тарафи соҳибони забонҳои дахлдор (русӣ, англисӣ, олмонӣ, лотинӣ ва монанди инҳо) кашф ва номгузорӣ шудаанд, нигоҳ дошта мешаванд.

Яке аз роҳҳои таҳкими ҷаҳонбинии илмӣ ва таъмини рушди илму маориф ва истеҳсолот дар сатҳи ҷаҳонӣ омӯзиши *забонҳо ва технологияҳои илм* мебошанд. Омӯзиши забонҳо ва технологияҳои илм, аз қабили русӣ, англисӣ, олмонӣ ва фаронсавӣ аз синфҳои ибтидоӣ дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ ба роҳ монда мешавад. Ташкили машғулиятҳои иловагии забономӯзӣ ва марказҳои компютерию интернетӣ ба самти афзалиятноки сиёсат дар соҳаи илму маориф ва фарҳанг табдил меёбад. Сомонаҳои интернетии илмию таълимӣ ба забони тоҷикӣ ва ташвиқу тарғиби фарҳанги миллӣ ва ҷаҳонбинии илмӣ ба забонҳои тоҷикию русӣ, англисӣ ва ғайра ба роҳ монда мешавад. Дар солҳои наздик татбиқ кардани забони тоҷикӣ дар компютер, интернет ва дигар технологияҳои коммуникатсионӣ боиси ба маҷрои умумиҷаҳонии ихтироъкорӣ ва кашфиёти илму техника дохил шудани миллати тоҷик мегардад. Барои ба забони давлатӣ ба роҳ мондани таълиму пажӯҳиш мусоидат карда мешавад;

Давлат нисбат ба мактабу донишгоҳҳои хориҷӣ, бештар ба муассисаҳои илмию таълимии ватанӣ афзалият медиҳад. Сармояҳои дохилӣ ва хориҷӣ барои сохтан ва такмил додани ин муассисаҳо равона мегарданд, чун мактабу донишгоҳҳои хориҷӣ на ҳамеша метавонанд афзалиятҳои идеологӣ ва дурнамои рушди Тоҷикистонро дар соҳаҳои илму маориф риоя ва амалӣ кунанд. Коллеҷу донишгоҳҳои миллӣ ба марказҳои муттаҳид кардани таълиму таҳқиқот ва ихтирооту истеҳсолот ва хизматрасонии соҳавӣ ва байнисоҳавӣ табдил меёбанд. Барои ин, онҳо таҷрибаи донишгоҳҳои пешқадами ҷаҳониро омӯхта ва татбиқ мекунанд.

Ҳамкориҳо дар соҳаҳои илму маориф бо тамоми кишварҳои пешрафта, ки тавонмандии (потенсиали) илмиашон баланд аст ва метавонанд барои пешрафти Тоҷикистон мусоидат кунанд, ба роҳ монда мешавад. Барои он ки ин гуна ҳамкориҳо тамоюли зидди манфиатҳои миллии Тоҷикистон нагиранд ва ба амнияти кишвар халал ворид насозанд, ҳамкориҳо дар мувофиқа бо ниҳодҳои илмӣ-таълимӣ ва мақомоти дахлдори кишвар сурат мегиранд. Ин ҳамкориҳо фақат ба шахсони алоҳида маҳдуд намешаванд, балки дар тақвияти муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ ва таълимии ватанӣ низ саҳм мегузоранд.

Дар самти илмҳои бунёдӣ, махсусан генетикаи ҳуҷайраҳои бунёдӣ (stem-cell genetics), генетикаи зиддипиршавӣ (anti-age genetics), кайҳоншиносӣ ва монанди инҳо, ки барои дарозумрӣ ва абадзиндагии инсон заруранд, ривоҷ дода мешаванд. Таҳқиқот дар ин соҳаҳо ба самти стратегии илму маориф табдил меёбанд. Минбаъд, дар натиҷаи омӯзиш ва инкишофи ин илмҳо зиндагии инсон ба замин маҳдуд намешавад, балки дар ҳамкорӣ бо дигар марказҳои илмию таҳқиқотии ҷаҳонӣ имкониятҳои наве барои зиндагии шоиста дар дигар сайёраҳо ба вуҷуд оварда мешаванд. Дар муқоиса ба дин, дунявият ҳамчун сохти иҷтимоию сиёсӣ бе ин гуна перспектива (дурнамо) маъное надорад. Ин перспектива барои ҳамбастагии мардуми ҷаҳон ва қатъ шудани мухолифату ҷангҳои байниқавмӣ, байнимазҳабӣ ва байнидавлатӣ мусоидат мекунад. Илман собит шудааст, ки дер ё зуд сайёраи Замин барои зиндагӣ кардан ғайриимкон мешавад ва заруратe пеш меояд, ки одамон зиндагиро дар дигар гӯшаҳои Кайҳон густариш диҳанд. Заминаҳои фалсафии ин самти фарҳанги миллӣ дар заминаи устураи Ҷамшед ва таълимоти космизми файласуфи рус – Николай Фёдоров бо номи “фалсафаи кори ҳамагонӣ” ба шумор меравад.

Тоҷикистон ба рушду тараққии технологияҳои нав афзалият медиҳад. Технологияҳои нав зиндагии одамонро осон ва сатҳи некуаҳволии онҳоро баланд мебардоранд. Онҳо барои дастрасии ҳамагонӣ ба хизматрасониҳо дар соҳаҳои гуногун (махсусан, илму маориф ва тандурустӣ) саҳмгузорӣ мекунанд. Технологияҳои нав барои куллан беҳбуд бахшидани зиндагии инсон дар Тоҷикистон ва ҷаҳон истифода бурда мешаванд. Давлат бо истифода аз ин технологияҳои инноватсионӣ, пеш аз ҳама, масъалаҳои илму маориф, тиб, истироҳат, экология ва ғизои солимро ҳал мекунад. Технологияҳои нав зиндагии одамонро аз офатҳои табиӣ (заминҷунбӣ, сел, хатарҳои кайҳонӣ) ва бемориҳои сироятӣ муҳофизат менамоянд. Онҳо дар таъмини сарчашмаҳои алтернативии энергия, махсусан энергияи геотермалӣ, офтобӣ, бодӣ, обӣ ва ғайра, ки дар муқоиса ба нефту газ ва дигар сарчашмаҳои анъанавии энергия бехатар ва тоза ҳастанд, нақши асосӣ доранд. Тоҷикистон ба рушду тараққии технологияҳои нав дар ташкил кардани зиндагӣ дар минтақаҳои обии сайёраи Замин (шаҳрҳои укёнусӣ) ва ҷустуҷӯи шароити зиндагӣ дар Кайҳон афзалият медиҳад.

Барои илму маорифро ба омили пешбарандаи ҷомеаи тоҷик табдил додан, аз он ҷумла барои пешгирӣ кардани “фирори мағзҳо”, ташаккул додани ҷаҳонбинии илмӣ, маҳдуд кардани таъсири ҳаракатҳои номатлуби ифротгароӣ ва тундгароии сиёсӣ ва динӣ, ба истеҳсолот пайвастани илму маориф ва аз ин роҳ, ташкил кардани ҷойҳои нави корӣ, пеш аз ҳама зарур аст, ки модели маорифи миллӣ ҷойи моделу мактабҳои хориҷиро ишғол кунад. Чуноне ки Президент дар суханрониаш қайд кард, аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон барои дарёфт ва тарбияи хонандагони лаёқатманд дар шаҳру ноҳияҳои гуногуни кишвар 8 мактаби Президентӣ таъсис дода шудааст. Соли ҷорӣ ҳамчунин Ҳукумат “Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2015-2020” қабул намуд, ки имкон медиҳад дар шаҳру ноҳияҳо марказҳои таълимию илмии махсусгардонидашуда ва марказҳои эҷодиёти техникӣ барои хонандагони лаёқатманд таъсис дода шаванд.

Дар ин робита яке аз самтҳои афзалиятнок баланд бардоштани мақоми муаллим дар ҷомеа ба ҳисоб меравад. Барои ин зарур аст, ки таъминоти иҷтимоӣ ва тиббии онҳо дар сатҳи баланд ва барои ин имтиёзҳои махсуси давлатӣ фароҳам оварда шавад. Президент зарурати инро дарк карда, дар Паёми имсолааш ба Маҷлиси Олӣ омӯзгорро дар меҳвари соҳаи маориф қарор дод. Бо ҳамин мақсад, соли 2013 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” дар таҳрири нав қабул гардид, ки боби алоҳида дар мавриди мақоми омӯзгор дорад. Президент аз масъулони Ҳукумат ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ талаб намуд, ки имтиёзҳои дар Қонун дарҷгардидаро амалӣ созанд.

Амалан баланд бардоштани мақоми омӯзгор бояд ба яке аз самтҳои афзалиятноки Ҳукумат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ табдил ёбад. Вагарна мо наметавонем дар дарозмуддат муассисаҳои таълимӣ ва касбомӯзиро бо шумораи даркории муаллимон таъмин намоем. Президент дар суханронияш дар Рӯзи Дониш қайд намуд, ки дар соли ҷорӣ 3824 нафар хатмкунандаи коллеҷу донишкадаҳо ва донишгоҳҳои омӯзгорӣ ба мактабҳо ҷалб нашудаанд. Барои ҳамин, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳоро вазифадор кард, ки барои фароҳам овардани шароити зист ва дигар навъҳои дастгирии муаллимони ҷавон мунтазам чораҷӯӣ намоянд.

Барои ба ин ҳадаф расидан ҷустуҷӯ ва пайдо кардани сарчашмаҳои иловагии таъминоти иҷтимоӣ ва дастгирии амалии муаллимон зарур мебошад. Ба мақсад мувофиқ мебуд, агар Бунёд (фонд)-и рушди илму маорифи Тоҷикистон (барои солҳои 2015-2020) таъсис дода шавад, то ки дар доираи он маблағҳои буҷавӣ ва ғайрибуҷавӣ ва махсусан танзим ва тақсими онҳо самаранок сафарбар шаванд Барои аҳамияти якумдараҷа пайдо кардани ин Бунёд ва шаффофияти он, зарур аст то Президенти кишвар раёсати онро ба уҳда гирад. Мудирияти Бунёдро Шӯрои ҳамоҳангсозӣ ба роҳ мемонад, ки аз ҳисоби ҳамаи ҷонибҳои сармоягузор, аз он ҷумла Ҳукумати ҶТ, донишгоҳҳои олии кишвар, муассисаҳои хайриявии динӣ, соҳибкорони хусусӣ ва ҳуқуқӣ, муҳоҷирони кории тоҷик дар Русия ва дигар кишварҳо, созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ғайра ташкил меёбад. Мудирияти Шӯрои ҳамоҳангсозӣ бо хароҷоти камтарини маъмурӣ аз ҳисоби Бунёд фаъолият мебарад ва ба нақшагирӣ ва тақсимоти маблағҳо машғул мешаванд. Албатта, зарурат вуҷуд дорад, ки барои ба роҳ мондани фаъолияти Бунёд як ҳайати техникии маҳдуд ба кори доимӣ ва бо пардохти маош ва таъминоти иҷтимоӣ аз ҳисоби Бунёд ҷалб карда шаванд.

Бунёди рушди соҳаи илму маориф маблағҳои гуногунро аз сарчашмаҳои буҷавӣ ва ғайрибуҷавӣ ҷалб карда, сипас, бо тасмими Шӯрои ҳамоҳангсозӣ ба самтҳои

афзалиятноки соҳа равона мекунад. Чунин ҳамоҳангсозии мутамарказ амри зарурӣ дар роҳи амалӣ кардани барномаҳои соҳаи илму маорифи кишвар мебошад. Бо вуҷуди камбудиҳои ҷойдошта дар муддати камтар аз як соли мавҷудияти худ, Маркази миллии тестӣ дар самти ҳамоҳангсозии мутамаркази имтиҳонҳои дохилшавӣ ба мактабҳои олии кишвар натиҷаҳои назаррас ба даст овардааст. Идома додани чунин ислоҳоти ниҳодӣ бо таъсиси Бунёди рушди илму маориф ин дастовардҳоро тақвият бахшида, мушкилоте чун фасод ва тақсимоти нобаробари имкониятҳо ва захираҳоро дар соҳаи илму маориф коҳиш хоҳад дод.

Бунёди рушди илму маориф маблағҳои буҷавии давлати Тоҷикистон дар соҳаи илму маориф (ба ғайр аз хароҷоти штатӣ), фоизи муайяни маблағҳои шартномавии мактабу донишгоҳҳои кишвар, хайрияҳои динӣ, сармояҳо ва хайрияҳои муҳоҷирон ва соҳибкорони хусусӣ ва ҳуқуқӣ, грантҳои созмонҳои байналмилалӣ ва давлатҳои хориҷиро ҷалб карда, барои рушди самтҳои афзалиятноки соҳаи илму маориф равона месозад.

Зарур аст, ки муассисаҳои дахлдори давлатӣ, доираҳои илмӣ, собиқадорони соҳаи илму маориф, ҷомеаи шаҳрвандӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва албатта, ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон тавсияҳои худро барои муайян кардани *самтҳои афзалиятноки илму маориф* пешниҳод намоянд. Дар асоси ин тавсияҳо, Ҳукумати ҶТ консепсияеро таҳия менамояд, ки ин самтҳоро муайян карда, маблағҳои муайянро барои он пешбинӣ менамояд. Шӯрои ҳамоҳангсози Бунёд ҷараёни амалишавии ин консепсияро идора ва назорат мекунад. Ҳамчунин, дар консепсия, ки бо қарору фармонҳои алоҳидаи Ҳукумати ҷумҳурӣ тасдиқ мешаванд, ҳаҷми маблағҳои воридшуда аз сарчашмаҳои буҷавӣ ва ғайрибуҷавӣ бо фоиз нишон дода мешаванд. Дар схемаи поён ҳаҷм (фоиз)-и пешниҳодгардидаи мо аз ҳар як сарчашмаи маблағгузорӣ тахминӣ мебошад ва қобили бознигарӣ ва тағйиру ислоҳ ҳаст.



# НИЗОМНОМАИ

мақаллаи академии илмию оммавии “Илм ва Ҷомеа” дар назди Раёсати Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

Табъу нашри мақолаҳо ва рисолаҳои илмӣ ва илмӣ-оммавӣ яке аз самтҳои асосии фаъолияти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва субъектҳои зертобеи он ба шумор меравад. Маҷаллаи академии илмию оммавии “Илм ва Ҷомеа” ба хотири ташаккул ва рушду такомули ҷаҳонбинии илмӣ аз роҳи ба доираи васеи хонандагони ҷумҳурӣ расондани дастовардҳои илмии олимони Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар муассисаҳои таҳқиқотию таълимии кишвар ва ҳамчунин охирин дастовардҳои илмию техникӣ дар ҷаҳони муосир таъсис дода мешавад.

Маҷаллаи “Илм ва Ҷомеа” мақолаҳо ва маводи илмии аҳамияти рӯзмарра дошта ва алалхусус илмӣ-оммавӣ ба табъ мерасонад, то ки ба ин восита барои доираи васеи хонандагон дастрас, ҷолиб ва фаҳмо бошанд.

Дар маҷалла мақолаҳои илмие ҷо меёбанд, ки ба як соҳаи таҳқиқотӣ маҳдуд набуда, балки характери байнисоҳавӣ доранд. Аз ин рӯ, яке аз ҳадафҳои ҳайати таҳририяи маҷаллаи “Илм ва Ҷомеа” коркарди консепсияҳои ягона барои таҳқиқоти байнисоҳавӣ дар заминаи илмҳои дақиқ ва гуманитарӣ мебошад.

Бо назардошти консепсияҳои ягонаи таҳқиқоти байнисоҳавӣ, мақолаҳо ва маводи маҷалла аз рӯи мавзӯъҳои мубрами илм ва ҷомеаи муосири тоҷик ба тавri зер гурӯҳбандӣ мешавад:

Бахши 1-уми маҷалла дар мавриди **“Ҷаҳони муосир”** ва **“Ояндашиносии равандҳо ва хатарҳои ҷаҳони муосир”** мебошанд. Онҳо мақолаҳои илмӣ-таҳқиқотиеро фаро мегиранд, ки масъалаҳо ва мушкилиҳои мавҷудаи табиӣ, экологӣ ва инсонии ҷомеаи инсониро мавриди омӯзиш қарор медиҳанд. Ин масъалаҳо ва мушкилиҳо на фақат хоси як ҷомеа ва ё минтақаи алоҳида, балки тамоми инсоният мебошанд. Ин хатарҳо заминҷунбӣ, гармшавии иқлим, обхезӣ, обшавии пиряхҳо, биёбоншавӣ, барҳам хӯрдани танаввуи биологӣ, партови оксиди карбон ва дигар газҳои хатарнок ба атмосфера, таҳдидҳои кайҳонӣ, ҷангу хунрезиҳои мазҳабӣ ва қавмию нажодӣ, ифротгароӣ, бемориҳо ва гуруснагии саросарӣ ва монанди инҳо мебошанд.

Миллатҳо ва давлатҳои алоҳида наметавонанд дар алоҳидагӣ ин гуна хатарҳоро рафъ кунанд, ҳатто агар ба ҷуғрофияи онҳо маҳдуд бошанд ҳам. Инро мо дар мисоли ифротгароии динӣ ва тағйироти глобалии иқлим ва оқибатҳои он дида метавонем. Бинобар ин, ҳадафи ин бахши маҷалла на фақат шарҳу тавзеҳи ин гуна хатарҳо, балки ҷустуҷӯи консепсияҳо ва моделҳои ягонаи фалсафӣ ва байнисоҳавии шинохт ва ҳаллу фасли онҳо мебошад.

Ҳадафи дигари мақолаҳо баҳсу баррасӣ ва таҳияи роҳҳо ва моделҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва технологии пешгирӣ ва рафъи хатарҳо низ мебошад. Мақолаҳо чораҳо ва моделҳои мавҷуда ва алтернативӣ, аз қабили Протоколи Кйото, Лоиҳаи Венера, технологияҳои “сабз” барои таҷзияи энергия, энергияи таҷдидпазир, системаҳои огоҳкунии пешакӣ, технологияҳои муосири обёрӣ, дахолатҳои сиёсию ҳарбии абарқудратҳо ва моделҳои суннатӣ ва динии рафъи муноқишаҳоро баҳсу баррасӣ мекунанд. Яке аз мақсадҳои ниҳоии маҷалла коркарди моделҳои хоси Тоҷикистон барои огоҳсозӣ, пешгирӣ ва рафъи хатарҳои табиию экологӣ ва инсонии Тоҷикистон ва минтақа ва тавсияҳо барои чораҳои умумисайёравӣ ба шумор мераванд. Таҳқиқоти эмпирикии ин бахш ва хулосаҳои назариявии он метавонад бо баҳсу баррасиҳои назариявии бахши дуюми маҷалла дар иртибот қарор гиранд. Аз он ҷумла муътамадии назарияҳои мавҷудаи

илмӣ ва фалсафӣ (чунончи, синергетика, неомарксизм, назарияи экологияи сиёсӣ ва ғ.) дар робита ба хатарҳои мавҷудаи ҷомеа ва ҷаҳон санҷида мешаванд.

Бахши 2-юми маҷаллаи “Илм ва Ҷомеа” ба мавзӯи “**Фалсафа ва назарияҳои байнисоҳавӣ**” бахшида мешавад. Мақолаҳои ин бахш ба коркарди методология ва консепсияҳои байнисоҳавӣ аз дидгоҳи илмҳои дақиқ ва гуманитарӣ, чун фалсафа, физика ва ғайра бахшида мешаванд. Баҳсҳои назариявӣ ва методологие, ки дар доираҳои илмӣ барои дарки воқеияти иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва таърихии ҷомеаи тоҷик, минтақа ва ҷаҳон вуҷуд доранд, дар ин бахши маҷалла ҷойгир мегарданд. Масалан, дар Тоҷикистон ва умуман дар фазои илмии кишварҳои собиқ Шӯравӣ синергетика ба яке аз назарияҳо ва методологияҳои ҷамъбастӣ ва байнисоҳавӣ барои дарки воқеияти таърихӣ аз дидгоҳи илмҳои дақиқ табдил ёфтааст. Ҳамин гуна мавқеъро дар таҳқиқотҳои гуманитарии олимони Ғарб назарияи неоинститутсионализм ишғол кардааст, дар ҳоле ки неомарксизм ва дигар назарияҳои постмодернистӣ низ мақоми устувори худро нигоҳ медоранд. Кӯшишҳои охир аз тарафи баъзе олимон сурат мегирад, ки мехоҳанд дар байни илмҳои дақиқ ва гуманитарӣ ва алалхусус дар байни чорчӯбаҳои методологӣ ва консептуалӣ пули иртиботӣ ва ҳамкорӣ на ба хотири тасвири ягонаи манзараи олами ҳастӣ, балки барои шинохт, моделсозӣ ва ҳаллу фасли хатарҳои мавҷудаи табиат ва ҷомеа ба вуҷуд оранд.

Бахши 3-юми маҷалла силсиламусоҳибаҳои **“Ҷаҳон аз нигоҳи дигар”** бо олимон, донишмандон ва ҳунармандони ватанӣ ва хориҷиро фаро мегирад. Мусоҳиба бо шахсиятҳое анҷом дода мешавад, ки дар ҷараёни равшанфикрӣ, маорифпарварӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ дар Тоҷикистон ва умуман дар доираи сарҳадҳои фарҳангии тоҷикони минтақа ва ҷаҳон саҳми арзанда гузоштаанд. Ин силсиламусоҳибаҳо хусусияти автобиографӣ доранд, яъне мусоҳиби маҷалла дар бораи шахсияти худ, ҷаҳонбинӣ ва дастовардҳои илмию фалсафии худ ва ҳамчунин муносибати худ ба ин ё он падидаи таърихӣ, фарҳангӣ, интеллектуалӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ё иқтисодии Тоҷикистон, минтақа ва ҷаҳон маълумот медиҳад. Бо ин роҳ маҷаллаи “Илм ва Ҷомеа” дар ҷараёни маорифпарварии тоҷик фаъолона саҳм мегузорад, унсурҳои муайяни онро бозтоб ва нақду баррасӣ мекунад.

Бахши 4-уми маҷалллаи “Илм ва Ҷомеа” **“Маорифпарварӣ ва ҷаҳонбинии алтернативӣ”** ҷараёни маорифпарварии тоҷикро дар садсолаҳои охир мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Сар карда аз охири асри 19 хурофазудоӣ яке аз муҳимтарин мавзӯъҳои зиёиёни тоҷик будааст. Он дар тӯли асри 20 идома ёфта, дар оғози асри 21 низ аз тарафи як зумра олимон ва донишмандони тоҷик тақвият бахшида мешавад. Дар солҳои охир мо метавонем густариши ин ҳаракати дар оғоз ба минтақаи Осиёи Марказӣ ва суннату мазҳаби динии он маҳдудро ба ҳавзаи таърихӣ ва фарҳангии Эрон мушоҳида кунем. Акнун равшанфикрони тоҷик аз дастовардҳои ҳамзабонони эронии худ дар самти хурофазудоӣ ва нақди расму ойинҳои нобихрадона фаровон истифода мебаранд. Сарҳадҳои зеҳнӣ ва фарҳангии маорифпарварӣ васеъ мегардад ва имконияти эҳёи Аҷам ба маънои аслии он бештар мегардад. Ҳадафи ин бахши маҷалла бозтоб ва ҳамчунин бознигарии маорифпарварӣ ва тарғибу ташвиқи унсурҳои ҷаҳонбинии илмии ин ҷараён мебошад.

Бахши 5-уми маҷалла ба мавзӯи **“Дастовардҳои илму техникаи муосир”** бахшида мешавад. Таҳиягарони ин бахш охирин дастовардҳои илмӣ ва техникии ниҳодҳои илмӣ-таҳқиқотии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар муассисаҳои илмию таълимии кишвар ва

доираҳои илмии ҷаҳонро барои хонандагон пешкаш мекунанд. Ин мавод аз сарчашмаҳои муътамади илмӣ дастрас гардида, ба забони тоҷикӣ тарҷума мешаванд. Онҳо ба таври муъҷаз ва бо баёни фаҳмо ба хонандагони тоҷик расонда мешавад. Ҳадафи ин бахш низ ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ бо роҳи маърифати илмӣ додан дар мавриди масъалаҳое мебошад, ки хонандагони одӣ онҳоро ба таври ғайриилмӣ ва хурофотӣ тасаввур ва тасвир мекунанд. Маводи таҳиягардида ба таври системавӣ манзараи илмии оламро тасвир мекунанд ва тадриҷан мавқеи хурофотро дар тасаввуроти одамон маҳдуд менамоянд. Ба ҳамин хотир, ҷойгир кардани расму тасвирҳо ҷузъи таркибии мавод мебошанд. Дигар талаботи таҳияи мавод дар ин бахш мутобиқат ва мувофиқати он бо бахшҳои қаблӣ ва баъдии маҷалла ба шумор меравад. Бояд он маводҳое таҳия гарданд, ки аз ин ё он ҷиҳат назарияҳои илмӣ ва фалсафиро тақвият ва ё танқид кунанд, хатарҳои мавҷудаи ҷомеа ва ҷаҳонро таъкид ва ошкор кунанд ва аз ин ҷиҳат, огоҳии илмии хонандагонро тақвият диҳанд.

Бахши 6-уми маҷалла **"Маориф ва рушди инсон"** номида шуда, он ба таҳқиқотҳои анҷомдодашуда дар соҳаи илмҳои педагогӣ ва равоншиносӣ дар Тоҷикистон бахшида мешавад. Мантиқан ин бахш низ давоми бахшҳои пешина мебошад, ки ба маорифпарварии тоҷик бахшида шудаанд. Мақолаҳо ва маводҳо масъалаҳои методикаи интерактивии таълим, ташаккули шахсият ва ҷанбаҳои равоншиносии он, истифодаи технологияи иттилоотӣ -коммуникатсионӣ дар рафти таълим, гузариш аз таълими фаннӣ ба таълими мавзӯӣ, мутобиқати барномаҳо, китобҳо ва маводи таълимӣ ба талаботи илмӣ, педагогӣ ва равоншиносӣ ва дигар масъалаҳои ислоҳоти соҳаро мавриди омӯзиш қарор медиҳанд. Ҳамчунин, онҳо ба масъалаҳои рушди кӯдакону наврасон бо истифода аз маводи илмӣ ва равоншиносии рушд дахл карда, характери машваратӣ барои падарону модарон, омӯзгорон, донишҷӯён ва хонандагон низ доранд.

Бахши 7-уми маҷалла **"Бозёфтҳои ҷавонон"** номида шуда, дастовардҳои илмии олимони ҷавони тоҷикро фаро мегирад. Ин иқдом ба хотири дастраси олимону донишмандон ва оммаи васеи мардум кардани кору фаъолияти ҷавонон ва намунаи ибрат кардани онҳо барои насли наврас ва ҷавони кишвар мебошад.

Бахши 8-уми маҷалла ба мавзӯи **"Пажӯҳиш дар адаб ва ҳунар"** бахшида шуда, масъалаҳои ташаккули ҷаҳонбинӣ, ҳувияти миллӣ ва дарки эстетикии оламро тавассути адабиёту ҳунари ватанӣ ва хориҷӣ фаро мегирад.

Бахши 9-уми маҷалла **"Пешниҳодҳо ва эълонҳо"** буда, фарогири пешниҳодҳои барномавӣ ва консептуалии олимон барои ҳаллу фасли мушкилоти мавҷудаи ҷомеаи Тоҷикистон, эълони семинару конфронс ва дигар чорабиниҳои илмию амалӣ мебошад. Ҳамчунин, дар ин бахш як нафар зиёии тоҷик, ки бо сабабҳои гуногун аз мадди назари аҳли ҷомеа афтодааст, муаррифӣ мегардад.

## Талабот барои пешниҳоди мақолаҳои илмӣ ба маҷаллаи "Илм ва Ҷомеа"

Мақолаҳои илмии барои чоп пешниҳодгардида метавонанд ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ бошанд.

Фишурдаи мақолаҳои илмӣ бояд ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ низ пешниҳод гарданд.

Дар назар дошта мешавад, ки дарояндаи наздик ҳайати таҳририяи маҷаллаи "Илм ва Ҷомеа" тақризро ба яке аз шартҳои асосии чопи мақолаҳои пешниҳодгардида табдил медиҳад. Ҳайати таҳририя муқарризонро аз ҳисоби олимони ватанӣ ва хориҷӣ муқаррар мекунад.

Дар оғоз маҷаллаи “Илм ва Ҷомеа” дар се моҳ як маротиба ва минбаъд вобаста ба афзоиши имконият ва тавоноӣ моҳона чоп мегардад.

Стандартҳои техникии мақолаҳо ба таври алоҳида муқаррар ва пешниҳод карда мешаванд.

## ОБУНА БА МАҶАЛЛАИ «ИЛМ ВА ҶОМЕА»

Инак, дар соли нави 2016 бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати Академияи илмҳои Тоҷикистон як маҷаллаи дигари илмию оммавӣ бо номи “Илм ва Ҷомеа” арзи ҳастӣ кард. Ҳадаф аз он нашри мақолаю маводҳои илмии олимону донишмандони тоҷик, боздтоби дастовардҳои илмии ҷаҳониён, ошкор кардани мушкилоти ҷаҳони муосир ва аз ин роҳ, ба донишомӯзӣ ҷалб намудани ҷавонон ва мусоидат кардан ба ҳалли мушкилоти мубрами Тоҷикистон, минтақа ва ҷаҳон ба шумор меравад.

Бо ин мақсад, ҳайати таҳририяи маҷаллаи “Илм ва Ҷомеа” Шумо – хонандагони гиромии ин маҷалларо даъват мекунад, ки ба он обуна шавед. Шумо метавонед ба маҷалла фардӣ, гурӯҳӣ ва ё аз ҳисоби ташкилоту муассисаи худ обуна шавед. Нархи солонаи маҷалла **60 сомонӣ** мебошад.

**Индекси обуна**: 734025

**Нишонӣ**: ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33

**Телефон**: 221-53-97, 98-558-47-10

**E-mail**: firdavs_79@mail.ru

**Суратҳисоби Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

РМА (ИНН): 010009529

Суратҳисоб (р\сч): 20204972712010100002
БИК (МФО): 350101800
Ҳисоби бонкӣ (к\сч) 22402972000002

Сарраёсати хазинадории марказии
Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон